# Бо Абадият Ҳаракаткунандагон

Нашри Тасҳеҳшуда
Ва Муфассали
10-уми Ҷашнӣ




Ҷон Бивер

Дӯсти азиз!

Дар китоби Забур 89:12 Мӯсо ба Худованд муроҷиат карда мегӯяд: “Моро биомӯз, ки рӯзҳои худро шуморида тавонем”. Аз нуқтаи назари абадият умри мо дар рӯи замин бисёр кам аст, ба ҳар ҳол аз идора кардани вақти дар ин ҷо ба мо додашуда мукофоти абадии мо вобаста аст.

Пайёме, ки дар китоби “Бо абадият ҳаракаткунандагон” омадаанд, яке аз номаҳои пурқувват ва таъсирбахше мебошад, ки ман боре аз ҷониби Рӯҳи Худо гирифта будам. Калисоҳо, пешвоён ва шахсони алоҳидае, ки ин ҳақиқатро ошкор сохтанд, барои хидмат кардан дар Подшоҳӣ ҳадаф, назар ва хоҳиши сахти навро пайдо намуданд. Барои ман шараф аст, ки ин маводро бо шумо низ тақсим кунам.

Ман ин китобро ба шумо ва ба пешвоён сар то сари дунё ҳамчун нишонаи муҳаббат ва дастгирии худ мефиристам. Илтимос ин мавзӯъро мутолиа кунед ва дигаронро низ аз рӯи ин маводҳо таълим диҳед. Вақте ки шумо ҳақиқатҳоеро, ки дар ин саҳифаҳо омадааст, чуқуртар меомӯзед, бигзор ба шумо ҳадафҳо ва нақшаҳои Худо барои ҳаёти шумо ошкор гарданд.

Дӯстам, ман дуо мекунам, ки шумо низ ҳамон гуна дигаргуншавиро аз сар гузаронед, ки ман аз сар гузаронидам, вақте ки ин пайёмро гирифтам. Азбаски шумо бо саъю кӯшиш дар бораи абадият фаҳмидан мехоҳед, ман бовар дорам, ки ҳаёти шумо, оила ва хизмати шумо мисли пештара намемонанд. Ман бисёр хушнуд мешавам аз шунидани он ки ин нома чӣ гуна ба шумо ва атрофиёнатон таъсир расонидааст.

Бародари Шумо дар Масеҳ,



Ҷон Бивер
JohnBevere@ymail.com

MESSENGER
INTERNATIONAL
MessengerInternational.org

# Бо Абадият Ҳаракаткунандагон



*Ҳаёте, ки имрӯз*
*ва дар тамоми абадият*
*аҳамият дорад*

## Ҷон Бивер

“Дар байни ташвишҳои замони муосир ба стресс афтодан ва барои аз ҳама чизи муҳим зиндагӣ карданро бас кардан бисёр осон аст. Китоби пурқуввати Ҷон Бивер *“Бо абадият ҳаракаткунандагон”* ба шумо ҳавасмандӣ медиҳад, шуморо барои ҳаёт дар замин, ки дар абадият аҳамият хоҳад дошт, рӯҳбаланд ва мусаллаҳ мегардонад”.

— Крейг Гречел, усқуфи калони калисои “LifeChurch.tv” ва муаллифи китобҳо

“Китоби *“Бо абадият ҳаракаткунандагон”* – ин ҷавоб ба ҷустуҷӯи ҳаёте, ки пур аз мазмун аст, он номаи муҳимро дар бораи роҳи олиҷаноб дар бар мегирад. Ин китобро ҳатман бояд хонд”.

— Ҷон Максвелл, муаллифи китобҳои машҳур ва воиз

“Нашри ҷашнии китоби *“Бо абадият ҳаракаткунандагон”*, ки аз тарафи дӯсти ман Ҷон Бивер навишта шудааст,– ин ба ёдоварии бисёр хуб оиди он ки ҳаёт ин на ҳамту шумораи якчанд рӯзҳо. Вақте ки шумо ин китобро мехонед, шумо осоиштагӣ ва умедро ба даст меоваред, чунки ба хотир меоваред, ки бояд мутобиқи даъвати баланд зиндагӣ кардан лозим аст”.

— Стивен Фертик, усқуфи калисои “Elevation Church”ва муаллифи китобҳои машҳур ба ақидаи “Нью-Йорк-Таймс”

“Дар китоби *“Бо абадият ҳаракаткунандагон”* Ҷон Навиштаҷотро мегирад, то ки ба мо фаҳмонад, ки оиди абадият фикр кардан чӣ қадар муҳим аст. Ман боварӣ дорам, ки таълимоти вай ба имондорон дар Масеҳ кӯмак мекунад, ки бештар ҳикмат ва фаҳмишро дар бораи он ки чӣ тавр онҳо метавонанд имрӯз, дар бораи абадият фикр карда истода, зиндагӣ кунанд, ба даст оваранд”.

— Ҷойс Майер, муаллифи китобҳои машҳур ва муаллими Китоби Муқаддас

“Дар китоби *“Бо абадият ҳаракаткунандагон”* яке аз “асрорҳои” мавҷудияти одам-абадият далерона дахл карда шудааст. Ҷон Бивер чун ҳарвақта аниқ ва бо ҷидду ҷаҳд ҳикмати библиявиро оиди масъалаи мазкур тадқиқ кардааст, хонандагони худро илҳом бахшида истода, ки бо фикр оиди абадият зиндагӣ кунанд, сарҳадҳои худро васеъ гардонида”.

— Брайан Хюстон, усқуфи калони калисои “Хиллсонг”

“Китоби *“Бо абадият ҳаракаткунандагон”*-ро бояд ки ҳатман ҳар касе, ки мехоҳад мероси абадӣ бисозад ва Малакути Худоро паҳн гардонад, бихонад. Ба Китоби Муқаддас такя карда, Ҷон хонандагони худро ҳавасманд ва рӯҳбаланд мекунад, ки захираи аз ҳама қиматбаҳо дар замин-вақтро ба таври максималӣ истифода баранд, то ки онҳо тавонанд таъсири бузург дар абадият расонанд. Ин китоб-классикаи муосир!”

— Крис Хоҷес, усқуфи калони калисои “Church of the Highlands”, муаллифи китобҳои “Ҳавои тоза” ва “Чор пиёла”

“Дар китоби *“Бо абадият ҳаракаткунандагон”* Ҷон Бивер асрори абадиятро ошкор менамояд ва исботҳои эътимоднокро оиди он, ки чӣ тавр қарорҳои мо имрӯз дар он тарафи нафаси охирини мо инъикос меёбанд, медиҳад. Ба худ набояд иҷозат дод, ки ин китобро аз даст диҳем”.

— Марк Баттерсон, муаллифи китоби машҳури “The Circle Maker” ба ақидаи “Нью-Йорк-Таймс”, усқуфи калони калисои “National Community Church”

“Дар китоби *“Бо абадият ҳаракаткунандагон”* Ҷон Бивер ба хонандагон даъват мепартояд, ки ҳамеша ба абадият нигаронида шавем. Ҷон-дӯсти хуби ман, ва барои ман шарафи бузург аст, ки китоби ӯро тавсия диҳам”.

— Ҷентезин Франклин, усқуфи калони калисои “Free Chapel” дар Гейнесвилла, иоллоти Ҷорҷия, ва муаллифи китобҳои машҳур ба ақидаи “Нью-Йорк-Таймс”

# Бо Абадият

Нашри Тасҳеҳшуда
Ва Муфассали
10-уми Ҷашнӣ

# Ҳаракаткунандагон



*Ҳаёте, ки имрӯз*
*ва дар тамоми абадият*
*аҳамият дорад*

## Ҷон Бивер

Driven by Eternity by John Bevere, Tajik
© 2017 Messenger International
www.MessengerInternational.org
Originally published in English as Driven by Eternity
Additional resources in Tajik by John Bevere are available for free download at: www.CloudLibrary.org
To contact the author: JohnBevere@ymail.com

“Бо абадият ҳаракаткунандагон” Ҷон Бивер, ба забони тоҷикӣ
© 2017 Messenger International
www.MessengerInternational.org
Бори аввал ба забони инглисӣ таҳти унвони “Driven by Eternity” ба нашр баромадааст.
Маводҳои иловагии Ҷон Биверро ба забони тоҷикӣ
шумо ба таври ройгон дар сайти:
www.CloudLibrary.org дастрас карда метавонед.
Суроғаи электронӣ барои тамос гирифтан: JohnBevere@ymail.com

*Ман ин китобро мебахшам...*
*Ба ҳамаи онҳое, ки барои абадият заҳмат мекашанд.*
*Дар ҷустуҷӯҳои худ рӯҳбаланд бошед.*
*Баргаштани Ӯ маълум аст, ва мукофоти*
*Ӯ дар дасташ аст. “Ва ҳаёти абадӣ ин аст, ки Туро,*
*Худои ягонаи ҳақиқӣ ва Исои Масеҳро,*
*ки фиристодаӣ, шиносанд”.*
Юҳанно 17:3

# Мундарича

Дар бораи китоб ........ 11

Пешгуфтор ........ 13

Сарсухан ........ 15

## ҚИСМИ 1

Боби 1. Абадӣ ........ 21

Боби 2. *Подшоҳии Аффабел: ҳаёт дар Эндел* ........ 39

Боби 3. *Подшоҳии Аффабел: рӯзи аввали доварӣ* ........ 63

## ҚИСМИ 2

Боби 4. Хонаи абадӣ бар мурдагон ........ 89

Боби 5. Доварӣ бар фиреб ........ 109

## ҚИСМИ 3

Боби 6. Афтодани бузург ........ 143

Боби 7. Таҳкурсӣ ........ 173

## ҚИСМИ 4

Боби 8. *Подшоҳии Аффабел: рӯзи дуюми доварӣ* ........ 187

Боби 9. Осмон ........ 215

Боби 10. Доварии Масеҳ ........ 235

## ҚИСМИ 5

Боби 11. Хонаи Худо ........................................................ 253

Боби 12. Даъватшудагони Худо ........................................ 269

## ҚИСМИ 6

Боби 13. Афзоиш ............................................................. 297

Боби 14. Нуфузи шахсӣ ................................................... 329

Замима. Чӣ тавр наҷотро қабул кунем ........................ 349

# Дар Бораи Китоб

“Бо *абадият ҳаракаткунандагон*”-ро мисли китобҳои дигар аз саҳифаи аввал то саҳифаи охир хондан мумкин аст. Барои онҳое, ки ин китобро ҳамчун дастурамал барои омӯзиши шахсӣ ва ё гурӯҳӣ истифода бурдан мехоҳанд, ин китоб ба шаш қисм тақсим карда шудааст, дар охири ҳар қисми он саволҳо барои муҳокима оварда шудаанд. Ин курси омӯзишӣ дар давоми шаш ҳафта гузаронида мешавад, лекин шумо метавонед онро дар вақти ба шумо қулай гузаред.

Қисмҳо ва бобҳо ба таври зерин гузошта шудаанд:

| | |
|---|---|
| **Қисми 1.** | Бобҳои 1-3. |
| **Қисми 2.** | Бобҳои 4,5. |
| **Қисми 3.** | Бобҳои 6,7. |
| **Қисми 4.** | Бобҳои 8-10. |
| **Қисми 5.** | Бобҳои 11,12. |
| **Қисми 6.** | Бобҳои 13,14. |

Агар шумо ин китобро ҳамчун қисми курси омӯзишии “Бо абадият ҳаракаткунандагон” мутолиа карда истода бошед, мо ба шумо тавсия медиҳем, ки якҷоя дар гурӯҳ дар як ҳафта як дарси омӯзиширо тамошо кунед ё маводҳои сабтиро гӯш кунед ва ба саволҳои барои муҳокима дар охири ҳар як қисм омада ҷавоб гардонед. Баъдан то вохӯрии дигар ҳар як узви гурӯҳ бояд ки бобҳои навбатиро аз китоб хонда бароянд. Барои ҳар ҳафта як дарси омӯзишӣ пешбинӣ шудааст.

Ҳаловат баред!

# Пешгуфтор

Рӯзе фаро хоҳад расид, ки ҳар яки мо пеши Худо меистем. Оё мо омода мешавем?

Навиштаҷот моро огоҳ мекунад: “Эй бародарон ва хоҳарон, саъю кӯшиш намоед, ки ба даъват ва интихоби худ устувор ва боварии комил дошта бошед” (2 Петрус 1:10, тарҷ. аз ингл.). Калимаи муҳим дар ин ҷо-боварии комил.

Шумо ягон вақт ба чизе боварии комил дошта будед, ва баъдан фаҳмидед, ки шумо хато кардед? Ҳамчун як марди оддӣ, ман бисёр вақт ба равиш, дастурҳо, ҷараён, формула ва тарзу усулҳо боварии том дорам, ва сонияи мефаҳмам, ки ман ба дигар тараф рафтам ва ё лоиҳа, маҷлис ва формуларо дар аввал бояд сар кард, ин дафъа бо риояи дастурҳо. Ин маро парешон мекунад. Ман бензин, вақт ва пул сарф кардам, хароҷот кардам. Ман боварии том доштам, ки медонам, лек маълум мешавад, ки дар асл намедонистаам.

Ман намехостам чунин хатогиро бо абадият содир кунам.

Кор аз болои эҷоди ин китоб худи маро аз ҳама бештар ғанӣ гардонд. Он даҳ сол қабл интишор шуда буд, аз ҳамон замон ман ва дастаи ман фикру мулоҳизаҳои бешуморро оиди он, ки чӣ гуна ин нома ҳаёти одамонро тағйир медиҳад, мегирем. Вақте ки мо супориши пурзаҳматро оиди нашри нави дидабаромадашуда ва азнавкардашудаи ин китоб муҳокима кардем, ман медонистам, ки ба мо лозим аст ки инро кунем. Ман ҳиссиёти сахт доштам, ки номае, ки ин саҳифаҳо дар худ доранд, фаврӣ ва муҳим аст. Барои мо, ҳифзкунандагони Инҷил, даъвати зиёдтаре нест, назар ба он ки дигаронро бо файз ва ростӣ ба абадият тайёр намоем.

Ман мехоҳам, ки шумоён тамоми абадият боварии том дошта бошед.

Афсӯс, вақте ки мо назди Офаридгори худ меистем, барои чизеро тағйир додан бисёр дер мешавад. Ман умедворам ва дуо мекунам, то ки шумо, ин китобро хонда истода ва ё бори дигар хонда истода, барои амали Рӯҳи Муқаддас кушода бошед, то ки Ӯ тавонад шуморо ба нерӯи бузургтарин барои абадият биёрад-шуморо абадан бо файз ва марҳамати Худ тағйир диҳад.

Бо самимият,
Ҷон Бивери шумо,
Майи, 2017

# Сарсухан

Барои чӣ калимаи абадият диққати моро ҷалб мекунад, бо кадом тарз вай метавонад ба тамоми миллат таъсир расонад? Дар ин бора қиссаи марди австралиягӣ бо номи Артур Стейс хабар медиҳад, ки дар асри гузашта дар замони ноумедиҳо ба дунё омада буд. Ҳаёти вай дар байни бадмастиҳо ва ҷиноятҳо, дар вақти Ҷанги якуми ҷаҳон ва вақтҳои қашшоқӣ мегузашт. Аммо баъд аз он ки 6 августи соли 1930 Артур бо Исо вохӯрд, ҳаёти вай пурра тағйир ёфт. Ва баъд аз имон овардани худ Артур садо ва нолаи усқуфи худро шунида буд, ки мегуфт: “Ман хоҳиш дорам, ки абадият дар ҳар гӯшаи шаҳри Сидней мавъиза карда шавад!” Артур дар дили худ эҳсос кард, ки ин дуои усқуфи худро ба ҳақиқат табдил диҳад.

Артур ҳар рӯз саҳарии барвақт аз хоб бедор шуда, як соат дуо мекард ва байни соатҳои 5:00 ва 5:30 аз хона берун баромада, ҳар ҷое, ки Худо ҳидоят мекард, равон мешуд. Дар давоми якчанд соат баъд аз ҳар сад қадам ӯ дар роҳҳои пиёдагарди Сидней танҳо як калима абадият-ро менавист. Зиёда аз бист сол ин кори вай барои дигарон ҳамчун як чизи аҷоиб ва сеҳрнок буд. Кӣ ин калимаи “абадият”-ро навишта буд, ки ҳазорҳо одамонро водор мекард, ки биистанд ва дар бораи маънои ин калима фикр кунанд? Оё ин одам таъсир ва андозаи қуввати ин калимаро дарк мекард? Танҳо дар соли 1956-ум ин сирр ошкор шуд.

Баъд аз ду соли марги Артур як шоири сиднейӣ бо номи Дуглас Стюарт калимаҳои мазкурро нашр кард ва суханони воизро ба таври навиштаҳои деворӣ ҷовидона сохт:

Ин шоири шармгин ва махфӣ Артур Стейс,
Ки тамоми кори зиндагиаш як калимаи ягонаи тавоно буд,
Ки аз қаъри вақт ва макон меомад,
Ки он гуфта шуда буд ва ӯ онро шунид:
АБАДИЯТ, АБАДИЯТ.
Он ҷаррангос мезад, мисли садои зангӯла,
Ки аз осмон дода мешавад ва аз дӯзах пас гирифта мешавад.

Мавъизае, ки аз як калима иборат буд, ба тамоми миллат таъсир кард. Паёми Артур барои наслҳои оянда аз тарафи меъмор Ридли Смит ҳифз карда шуда буд, ки дар майдони марказии Сидней санги хотиравии биринҷиро, бо калимаи "абадият", ки дар он тарошида шуда буд, гузошта буд. Ва баъдтар дар арафаи кушодашавии Бозиҳои Олимпӣ, дар шаҳри Сидней миллиардҳо одамон сар то сари дунё, ки ба воситаи телевизион пахши мустақими онро тамошо мекарданд, ин санги хотиравиро низ диданд, ва пасон дар дар ҷашни солинавии ҳазорсолаи нав дар кӯпруки бузурги Сидней ин навиштаҷотро дар намуди фейерверк тамошо карданд.

Абадият диққати тамоми одамизодро ҷалб мекунад. Ҳеҷ як миллате, халқе ё одаме нест, ки ба ҷозибияти он муқобилият карда тавонад. Мо бо абадият дар дилҳои худ офарида шудаем ва дарк мекунем, ки идомаи номаълуме баъд аз ин ҳаёт низ вуҷуд дорад. Барои ҳамин муҳим аст ки Каломи Холиқи худро дар бораи адабият чуқуртар биомӯзем: ҳамчунон дар каломи Ӯ гуфта шудааст: "Аз абад ва то абад Ман ҳамонам... Ман амал хоҳам кард ва кист, ки инро ботил намояд" (Ишаъё 43:13). Айнан бо ҳамин сабаб шумо ин китобро интихоб намудед. Ман боварӣ дорам, ки интихоби шумо дуруст аст.

Биёед аввал якҷоя дуо мекунем. Ман бо овози баланд дуо кардам, мунтазир шуда истода, ки шумо якҷоя бо ман дуо мекунед:

Худои Меҳрубони Абадият, Офарандаи ҳама чиз, Худованди тамоми замин, ман назди Ту меоям ба номи Писари Ту Исои Масеҳ. Ва ҳамроҳи хизматгори ту Ҷон Бивер розӣ шуда, дуо мекунам, чашмони маро бикушо, то ки бубинам, гӯшҳои маро воз кун, то ки шунавам, ва ба ман диле ато фармо, то он чиро ки Ту ба воситаи ин нома мегӯӣ дарк ва қабул карда тавонам. Ман мӯҳтоҷии худро ба кӯмаки Рӯҳи Муқаддас эътироф мекунам, то ки ирода ва роҳҳои Туро дар ҳаёти худ бидонам. Ман хоҳиш дорам, дар тамоми рӯзҳои зиндагиям дар ин ҷо ва дар абадият низ ба Ту писанд оям. Ба ман на танҳо роҳҳои Худро, балки дили Худро воз кун, то ки ман Туро шиносам, чунки ин дар шинохтани Ту ҳамчун падари Осмонии ман ҳаёти абадӣ аст. Барои вафодорӣ, файз ва марҳамати тааҷҷубовари Ту шукр мегӯям.

Биёед оғоз мекунем, дониста истода, ки Рӯҳи Муқаддас ба шумо чунон дурандешӣ ва фаҳмишро медиҳад, ки онро шумо худатон ҳеҷ гоҳ ба даст оварда наметавонистед. Чӣ гуна ин аҷоиб аст!

# ҚИСМИ 1

БОБИ 1

# АБАДӢ

Шумурдани айёми моро дурустакак таълим деҳ...
ва амали дастҳои моро бар мо тақвият намо;
ва амали дастҳои моро тақвият намо.
— Забур 89:12,17

Хости аксарияти одамон дар он аст ки ҳаёти худро беҳуда аз сар нагузаронанд. Ин кӯшиш дуруст аст ва ин ақида аз ҷониби Худованд меояд. Дар ин бора Мӯсо дар дуои худ, ки мо ин дуоро дар боло оварда будем, мепурсад. Бисёр чизҳое, ки мо дар зиндагиамон аз даст додем, барқарор карда мешавад, аммо вақти беҳуда сарфкардаро пайдо кардан номумкин аст. Ҳамон лаҳзае, ки офтоб ба уфуқ ғуруб мекунад, рӯз ба абадият ғарқ мешавад.

Мӯсо дуо мекунад, ки Худо заҳматҳои моро муваффақ кунад. Ин суханон ду маротиба такрор мешаванд. Барои чӣ? Мӯсо аз хотираи заиф ё нутқи бесаводона ранҷ намебурд. Баръакс, ӯ дар ин ҷо як тарзи муайянеро намоиш медиҳад, ки дар забони яҳудӣ қабул шуда буд. Мо мехоҳем, ки ягон чизро ҷудо кунем дар забони русӣ ё англисӣ, мо якчанд тарзро истифода мебарем, мисол, ҳарфҳои сиёҳро истифода мекунем, ҳарфҳои каме хамшуда ё ҳарфҳои калонро истифода мекунем, ё аломати хитоб мегузорем. Ҳамаи ин барои он карда мешавад, ки диққати хонандаро ба як чизи бисёр муҳим ҷалб намоем. Аммо дар забони яҳудӣ калима ё ибораро ду дафъа навишта мекарданд, то ки ба он зада гузоранд. Ва ҳол он ки муаллифони яҳудӣ ҳамеша эҳсосоти худро би-

сёр эҳтиёткорона ифода мекарданд. Он ки дар Навиштаҷот суханон ду дафъа такрор мешаванд, дар бораи он мегӯяд, ки иродаи Худо на танҳо дар он аст ки мо муваффақият дошта бошем, инчунин Ӯ бисёр инро барои мо мехоҳад. Ана барои чӣ Ӯ ин задаро дар ин суханҳо гузошта буд.

Мо офарида шудаем, ки муваффақ бошем. Худо мехоҳад, ки ҳаёти мо маъно дошта бошад! Аз ибтидо ин хоҳиши Худо буд, на аз мо. Ӯ инро ба воситаи Навиштаҷот ба мо ошкор мекунад. Ба ман иҷозат диҳед, ки ду ҷойро нишон диҳам: “Ва Худованд Худоят ба ту дар ҳар амали дастат комёбии зиёде хоҳад бахшид” (Такрори Шариат 30:9). Диққат кунед, гуфта шудааст, дар ҳар кор, на ин ки дар баъзеаш! Ва боз мо мехонем: “Бигзор ин китоби шариат аз даҳони ту дур нашавад, ва онро ту рӯзу шаб биомӯз, то бо риояти ҳар он чи дар он навишта шудааст, амал намоӣ, зеро ки он гоҳ дар роҳҳои худ комёб гардида, муваффақият ба даст хоҳӣ овард” (Еҳушаъ Ибни Нун 1:8).

Барои он ки аз комёбӣ ҳаловат барем, ҳикмати илоҳӣ зарур аст. Навиштаҷот тасдиқ мекунад: “Касе, ки ҳикмат пайдо кунад, ҷони худро дӯст медорад; касе, ки хирадро нигоҳ дорад, файз меёбад” (Масалҳо 19:8). Ҳикмат ба мо дониш ва қобилияти қабул кардани қарори дурустро дар вақти муносиб медиҳад. Ҳикмат на ба одамони истеъдоди махсусдошта дода мешавад; он барои ҳама касоне ки аз Худо метарсанд, дастрас аст ва дар Масеҳ кушода мешавад. Барои он ки ҳаёте ба сар барем, ки аҳамияти абадӣ дошта бошад, ҳикмати худоӣ зарур аст, ва тамоми ин китоб дар ҳамин бора аст.

Аз ҳикмат комёбӣ тавлид мешавад, ки он қаноатмандӣ ва мукофот меорад: “Агар хирадманд бошӣ, хирадмандиат ба ту мукофот медиҳад” (Масалҳо 9:12). Худо ба ту на танҳо комёбиро хоҳон аст, балки Ӯ мехоҳад ба ту мукофот диҳад. Боз мо мехонем: “Рӯз ба рӯз Худо корҳои неки беайбонро мушоҳида мекунад ва ба онҳо мукофоти абадӣ медиҳад” (Забур 37:18, тарҷ. ингл.).

Дар солҳои охир бисёрии калисоҳо ба он далел, ки Худо мехоҳад, то ки мо комёб бошем, диққати худро дуруст гузоштанд. Лекин комёбиро бисёр вақт зиёдтар бо он маъно дида мебароянд, чи хеле ки онро ҷамъият муайян мекунад, нисбат ба он ки Худо онро чӣ тавр мебинад. Комёбиро бо дараҷаи вақтӣ андоза мекунанд, на бо абадӣ. Ин фаҳмиши номуайянро дар мо пайдо мекунад, ки он дар навбати худ ба мақсадҳои нодуруст ва кӯшишҳои нодуруст оварда мерасонад. Як рӯз мо дар назди Довари тамоми замин, Исои Масеҳ, меистем ва агар мо ҳаёти дар асоси ҳикмати худоӣ асосёфтаро аз сар гузаронда бошем, он гоҳ мукофоти абадӣ мегирем.

Ва агар ки мо бо саъю кӯшишҳои нодуруст равона будем, он гоҳ ҷазо мебинем ё талафоти абадиро аз сар мегузаронем. Барои ҳамин ҳам муҳим аст вақти худро ба он сарф кунем, то маълум намоем, ки чиро Ӯ меҷӯяд.

Мақсад ва маънои ин китоб – кӯмак кардан барои сипарӣ кардани он ҳаёте, ки на фақат имрӯз маъно дорад, балки дар абадият низ. Дар Китоби Муқаддас равшан гуфта шудааст, ки чӣ тавр инро кунем. Ва агар мо хоҳем, ки ба абадият диққати худро равона кунем, биёед кӯшиш барои дарки он намоем, ки ин чӣ аст.

## Абадият

Ду порчаро аз Навиштаҷот бодиққат бихонед:

"Ҳеҷ кас наметавонад абадиятро бифаҳмад" (Айюб 36:26, тарҷума аз ингл.)

" Ӯ абадиятро дар дилҳои онҳо гузоштааст" (Воиз 3:11).

Абадият. Ин чӣ аст? Чӣ хел таърифро ба он дода мумкин аст? Онро чӣ тавр фаҳмем? Дар як луғати тафсирӣ он мисли *вақти беохир* ва дар дигараш-*ҳамчун ҳолати берун аз вақт* гуфта шудааст. Барои чӣ як сарчашма абадиятро ҳамчун

мавҷудият дар вақт ва дигараш берун аз вақт таъриф додааст. Ва барои чӣ ин таърифҳо бе шарҳдиҳӣ мемонанд? Оё аз ду якеи ин китобҳои илмӣ дар мо шубҳаро пайдо намекард, агар ки онҳо дар бораи як чизи дар олами мо мавҷудбуда тамоман таърифҳои мухолифро медоданд? Фарз мекунем, дар яке аз китобҳо таърифи моҳӣ ҳамчун мавҷудоте, ки дар об зиндагӣ мекунад дода шуда бошад, ва дар дигар китоб тасдиқ шуда бошад, ки моҳӣ дар хушкӣ зиндагӣ мекунад. Мо фавран ба чунин хулоса меомадем, ки дар яке аз китобҳо гумроҳӣ аст ва онро мепартофтем. Пас барои чӣ мо яке аз таърифҳои абадиятро зери шубҳа намегузорем ва аз сари худ дур намекунем?

Ростӣ дар он аст ки абадиятро бо ақли худ дарк кардан номумкин аст. Ақли мо барои фаҳмидани нуқтаи назарҳо ва асосҳои абадият маҳдуд аст. Иҷозат диҳед, ки чунин як мисол биёрам. Кӯшиш кунед, ки охири дунёро тасаввур намоед. Тасаввур намоед сарҳади берунии онро. Агар шумо таволед, шумо ин сарҳадро ба худ чӣ хел тасаввур мекунед? Ин чӣ аст? Девор? Аз чӣ аст он? Ғафсии он чӣ қадар аст? Оё тарафи берунии ин девор нуқтаи охири тамоми кураи замин мебошад? Агар ҳа бошад, пас дар пушти девор чӣ аст? Боз фазо? Оё он давоми замин намебошад? Охираш дар куҷост? Оё ақли шумо метавонад беохирии заминро пурра дар худ ҷо бидиҳад? Дар ин бора фикр кунед.

Чуқурии бетаг бошад-чӣ, масалан? Оё шумо афтодани беохирро ба худ тасаввур карда метавонед? Шумо ҳеҷ гоҳ намерасед ва ҳатто тагро дида наметавонед; танҳо меафтед ва меафтед. Ду чиз, на як, ба ақли солими мо ҳуҷум мекунад: аввал – бетагӣ, дуввум – афтодани беохир. Инро фаҳмидан ғайриимкон аст, ва ин ҳамчун гапи бофтаи илмӣ ба назар мерасад, ҳоло ин ки чунин ҷо дар Навиштаҷот ҳафт маротиба хотиррасон карда шудааст.

Ва дар бораи Худи Худо-чӣ, Офарандаи одамизод? Як дақиқа дар бораи ибтидои Ӯ фикр кунед, ё аниқтараш оиди

он ки Ӯ “бе ибтидо”. Навиштаҷот тасдиқ мекунад, ки Ӯ “аз абадият то абадият”. Агар Ӯ таваллуд нашуда буд, агар ҳеҷ кас Ӯро наофарида буд, он гоҳ чӣ хел Ӯ он Касе шуданро сар кард, ки ҳоло ҳаст? Чӣ хел Ӯ инкишоф ёфт? Ҳақиқат дар он аст ки Ӯ Худо нашуд, чи хеле ки сарояндаи забур эътироф мекунад: “Пеш аз он ки кӯҳҳо таваллуд ёбад, ва замин ва дунё самар оваранд, аз азал то абад Ту вуҷуд дорӣ, эй Худо” (Забур 89:2). Дар ин бора фикр кунед. Фикррониро сар карда, шумо мефаҳмед, ки ин дар ақл ҷой намешавад, чи хеле ки Айюб навишта буд: “Ҳеҷ кас наметавонад абадиятро дарк кунад”.

## Абадият дар қалбҳо

Ростие, ки дар ақли мо ҷой намешавад, аз тарафи Офарандаи мо дар қалбҳои мо ҷой дода шудааст. Он дар ҳар одам тавлид меёбад. Барои ҳамин ҳам гуфта шудааааст: “Нокас *дар дили* худ гуфт: “Худо нест”” (Забур 14:1). Диққат кунед, Навиштаҷот намегӯяд: “Нокас дар ақли худ гуфт”. Бисёри атеистҳое, ки ниҳоят сахт мавҷудияти Худоро рад мекунанд, дар дили худ медонанд, ки Ӯ ҳаст, барои он ки ин дониш дар дил ҷой карда шудааст. Ва дили онҳо ҳанӯз то ба дараҷаи таҳқири мукаммал сахт нашудааст.

Ман як дӯст дорам, ки ӯ якчанд сол пеш худро атеисти маҳкамэътиқод меҳисобид. Ӯ иҷозат намедод, ки касе дар бораи Худо гапро сар кунад, боре ӯ ҳатто Китоби Муқаддасро аз дасти ҳамкораш кашида гирифта, онро ба рӯи фарш ҳавола дод ва бо пойҳояш кӯфтан гирифта, ҳамкораш ва Китоби Муқаддасро лаънат кард. Ӯ ин масеҳиро ба заифӣ ва камақлӣ айбдор кард.

Баъд аз якчанд сол атеисти маҳкамэътиқод бисёр дарди даҳшатнокро дар синаи худ эҳсос кард. Духтурон синаи ӯро воз карданд, то ки сабабашро маълум намоянд, ва онро зуд

пас бастанд ва хабар доданд, ки ҳаёти ӯ аз бисту чор соат зиёдтар давом намекунад.

Шабона, дар тахти хоби беморхона хобида, ӯ фаҳмид, ки ба манзилгоҳи абадӣ меравад, ба он ҷое, ки ӯ тамоман намехост равад. Аз куҷо ӯ фаҳмида метавонист, агар ба ҳеҷ кас иҷозат намедод, ки дар бораи он гӯянд, ки дар Навиштаҷот чӣ гуфта шудааст? Мумкин абадият дар дили ӯ буд, барои он ки Навиштаҷот дар бораи ҳамаи одамизод мегӯяд: "Зеро ки он чи дар бораи Худо донистан мумкин аст, ба онҳо маълум аст, чунки Худо ба онҳо маълум кардааст" (Румиён 1:19).

Он шаб қалби дӯсти ман аз задан монд. Ӯ аз ҷисми худ берун шуд ва ба торикии чуқур ғӯтиданро сар кард. Торикӣ бисёр сахт буд, ки ба назари ӯ чунин намуд, ки ӯ гӯё дар он ғарқ шудааст; як зарра ҳам ҷилои рӯшноӣ дида намешуд. Дар ин торикӣ муддати дурудароз афтода, ӯ фиғонҳои ҷонҳои азобкашандагонро шунид. Қувваи бузурге ӯро мустақим ба дарвозаҳои дӯзах кашола мекард, вақте ки ӯ ногаҳон ба тани худ баргашт. Вай ба ҳаёт баргашт.

Субҳи дигар ӯ ба ягона имондоре, ки мешинохт, занг зад. Дӯсти ӯ омад ва дар бораи наҷот ба воситаи Исои Масеҳ мавъиза кард. Ҳамон вақте ки ӯ Исои Масеҳро ҳамчун Худованд ва Наҷотдиҳандаи худ қабул кард, шиноси ӯ барои шифоӣ дуо кард. Баъд аз се ҳафта ин одам аз беморхона баромад, ва ҳозир ки ин китобро менависам, ӯ ҳанӯз ҳам зинда ва солим аст. Ин мӯъҷизаи аслӣ аст.

Дар гузашта атеист буда, ӯ эътироф мекард, ки Худо нест, аммо абадият дар қалби ӯ зиндагӣ мекард. Нокас он одамест, ки Худовандро на танҳо дар ақли худ рад мекунад, балки дар дили худ бар Ӯ, дар сатҳи виҷдон, зиддият мекунад. Ба чунин одам фаҳмондан имконнопазир аст. Як масъала, ин дар бораи ягон чиз дар сатҳи ақл боварӣ доштан, аммо тамоман масъалаи дигар вақте ки одам дили худро

сахт мекунад. Луғати нави Китоби Муқаддас, ки Юнгер навиштааст, чунин таърифро медиҳад: “Дар Навиштаҷот нокас – дар навбати аввал одаме, ки тарси Худоро рад мекунад, чунин фикр ва рафтор мекунад, гўё ки ў метавонад ба принсипҳои абадии Худо оиди одилӣ беэътиноӣ карда, беҷазо мемонад”.

Дар ҳақиқат нокас метавонад дар фикраш Худоро эътироф кунад, лекин мавҷудияти Ўро дар дили худ рад кунад, ки ин дар тарзи ҳаёташ ифода меёбад. Тарси Худо – ана ин чиз аст, ки дили моро барои дастраси ба Рўҳи Муқаддас нигоҳ медорад, дар вақти гум шудани он дар мо ягон умед ҳам намемонад. Павлус гуфтааст: “Эй бародарон, эй фарзандони насли Иброҳим ва касоне ки аз байни шумо *худотарс* ҳастанд! Каломи ин наҷот ба шумо фиристода шудааст” (Аъмол 13:26). Танҳо касоне, ки тарси Худоро доранд, қодиранд Каломи ҳаёти абадиро шунаванд.

## Таърифи абадият

Ба он нигоҳ накарда ки абадиятро бо ақли худ дарк кардан номумкин аст, он дар қалбҳои мо ҷой дода шуда буд. Таърифи абадиятро дода, ман аз шумо хоҳиш мекунам, бо дили худ гўш кунед, ин зарур аст, то ки аз тамоми ин китоб фоида бигирем. Пеш аз ҳама мўҳтоҷии худро ба Рўҳи Муқаддас бояд баён кунем ва аз Ў инро хоҳиш кунем, ки мо аллакай дар пешгуфтор кардем. Ў ба шахси дохилии шумо гап мезанад, на ба ақли шумо. Дуввум, барои фикр кардан бозистед, вақте ки ба дили шумо ҳақиқат таъсир мерасонад. Ин китобро хонда саросема нашавед. Аз хондан фоидааш зиёд намешавад, агар ки бо саросемагӣ хонем. Барои он ки таъсири пурраи Каломи абадии Худоро дарк кунем, ин ду қоидаро татбиқ кунед ва то абад тағйир меёбед. Довуд мегўяд: “Суханони Туро дар дили худ ниҳон доштаам, то ки пеши Ту хато

накунам” (Забур 118:11). На танҳо бо ақл хонед, барои он ки дар ин ҳолат чизҳои хондаамон зуд аз ёдамон меравад ё гум мешавад, лекин ба каломи Ӯ иҷозат диҳед, то ки ба дилҳои шумо ба воситаи дуо ва омӯзиш ҷойгир шавад.

Абадият беохир аст. Аммо гап дар бораи вақт намеравад, барои он ки абадият ба он тобеъ нест. Абадият аз вақт боло меистад. Дар бораи абадият бо дараҷаи танҳо давомнокии беохир муҳокима кардан – ин маънои аҳамияти онро пурра аз даст доданро медиҳад. Барои он ки абадиятро беҳтар фаҳмем, мо бояд ба Худи Худо нигоҳ кунем. Ӯ на дар қувва, на дар дониш, на дар ҳикмат, на дар фаҳмиш, на дар ҷалол маҳдуд аст. Ӯ Ҳаст, абадан Худо буд ва абадан мебошад. Ӯро “Падари абадӣ” (Ишаъё 9:6) меноманд. Дар тарҷумаи аслии Юнг мо мехонем: “Падари Абадӣ”. Номи Ӯ “Подшоҳи ҷовид” (1 Тимотиюс 1:17). Тамоми абадият дар Ӯ аст. Ҳама он чизе ки берун аз Ӯ,– муваққатист ва гирифтори тағйирот аст.

Аҳамият надорад, то чӣ андоза ягон чиз хуб, муҳим, тавоно ё давомдор ба назар мерасад, дар охири охир ҳама чиз нобуд мешавад. Замин ва ҳатто коҳинот тағйир меёбад, аммо Ӯ не:

> “Дар замони қадим Ту, эй Худованд, заминро бунёд кардаӣ, ва осмон амали дастҳои Туст. Онҳо фано хоҳанд шуд, валекин Ту қоим хоҳӣ буд; ва ҳамаашон мисли ҷомае ҷиғдаҷиғда хоҳанд шуд. Мисли пироҳане онҳоро хоҳӣ печонид, ва онҳо мубаддал хоҳанд шуд. Валекин Ту айни ҳамон ҳастӣ, ва солҳои Ту тамом нахоҳад шуд” (Ибриён 1:10-12).

Ӯ на фақат мавҷуд буданро бас намекунад, балки то абад тағйир намеёбад. Навиштаҷот эътироф мекунад:

> “Зеро ки ҳар ҷисм мисли алаф аст, ва ҳар ҷалоли одамӣ-мисли гули алаф; алаф хушк мешавад, ва гули он мерезад; Аммо каломи Худованд то абад боқист. Ва ин аст он каломе ки ба шумо мавъиза шудааст” (1 Петрус 1: 24,25).

Ӯ абадӣ ва аз барои ҳамин суханони Ӯ абадист. Худо дурӯғ намегӯяд ва каломи Ӯ вайроннашаванда аст. Агар ки ин чунин намебуд, ҳама чиз дар торикии берунӣ барбод мешуд, барои он ки Ӯ рӯшноӣ аст ва ҳама чизро бо қувваи Каломи Худ нигоҳ медорад. Суханони Ӯ тағйир намеёбанд, дар акси ҳол Ӯ абадӣ намебуд. Ин он таҳкурсии мустаҳкам, ки дар он мо метавонем ҳаёти худро бисозем.

## Довариҳои абадӣ

Имрӯз бисёриҳо ба ҷои он ки ҳаёти худро дар таҳкурсии абадӣ дар Каломи Худо созанд, онро дар маданияти анъанавӣ месозанд, дар хулосаҳои шахсӣ оиди он ки Худо Кӣ аст ё дар таассуротҳои эҳсосотӣ. Ин на фақат ба беимонон дахл дорад, лекин ба бисёр имондорони масеҳӣ низ. Ба як чизи муваққатӣ онро ҳақиқати абадӣ ҳисоб карда, имон овардан даҳшатнок аст. Дар ин ҳолат таҳкурсии шумо ноустувор аст ва ба афтодан маҳкумшуда аст. Дар гумроҳӣ буда, шумо ба дурӯғ бовар мекунед.

Ман бисёр дар ҳайрат мемонам, чӣ қадар ба ман одамон вомехӯранд, ки онҳо ба он чизе бовар мекунанд, ки абадӣ нест. Баъзе аз онҳо ба мо дар бораи имони худ ба Худо ва Писари Ӯ нақл мекунанд, лекин он касеро ки эътироф мекунанд тамоман Он Касе нест, ки Навиштаҷот ба мо ошкор мекунад. Ин гумроҳӣ бисёр чуқур меравад. Чӣ тавр одам дар асл ба тасаввуроти оддии ақли худ, ки он аз тарафи ҷамъият шакл дода шудааст ва ба табиати Худо муқобил мебошад, бовар мекунад?

Исо гуфтааст:

> “Ҳар кӣ Маро рад карда, суханонамро қабул накунад, доваре бар худ дорад: *каломе, ки гуфтам, дар рӯзи вопасин бар вай доварӣ хоҳад кард*. Зеро ки Ман аз Худ нагуфтам, балки Падаре, ки Маро фиристод, ба Ман ҳукм дод, ки чӣ бигӯям ва чӣ гуна сухан ронам” (Юҳанно 12:48,49).

Рӯзи Доварӣ аз рӯзи офариниши олам таъин шуда буд (ниг. Аъмол 17:31). Ин рӯз ошкоршавии нави ростиро намебиёрад, баръакс, ҳама чиз аз рӯи суханони собиқ гуфташуда андоза карда мешавад. Дар ин рӯзи охир моро Каломи Ӯ доварӣ мекунад, ки мо ҳоло онро дорем. Абадӣ. Охирин. Ҳеҷ хел истисно, баҳона ва тағйирот нест. Ин беҳтар нест, ки аз донистани каломи Ӯ фоида ба даст оварем ва бо он зиндагӣ кунем, ки Ӯ гуфтааст, аз он ки дар гумроҳӣ бошем, тахмин карда, ки Худо чӣ гуфтааст?

Довариҳое, ки дар он рӯз мешаванд, *абадӣ* номида шудаанд (ниг. Ибриён 6:2). Бо дигар суханон, қарорҳое, ки мутобиқи он қабул шудаанд, ки мо ҳаёти худро аз рӯи Каломи Ӯ сохтем ё не, муайян мекунанд, ки мо абадияти худро чӣ хел мегузаронем! Ин қарорҳо наметавонанд тағйир ёбанд, барои ҳамин ҳам онҳо *доварии абадӣ* номида шудаанд.

Бисёрии имондорон, мисли беимонон, ба доварии таъиншуда, ки наздик меояд, бепарвоӣ нишон медиҳанд. Онҳо ба нуқтаи назарҳои бардурӯғ, ки аз Китоби Муқаддас дур мебошанд, такя мекунанд. Баъзеҳо фикр мекунанд, ки Худо онҳоро тарафдорӣ мекунад, вақте ки миқдори корҳои неки онҳоро мебинад, ки аз корҳои бадашон зиёдтар аст. Дигар аз боло таваллудшудагон аз ҳама ҳам зиёдтар ҳайрон мешаванд: онҳоро таълим дода буданд, ки онҳо дар назди Довар Исо намеистанд, барои он ки Ӯ Наҷотдиҳандаи онҳо мебошад. Ва ҳамчунон онҳое низ ҳастанд, ки фикр мекунанд ҳама чиз худ ба худ ҳаллу фасл мешавад. Онҳо ба марҳамати ғайри Китоби Муқаддасӣ умед мебанданд.

Аҳди Ҷадид ягонтои ин консепсияҳоро таълим намедиҳад. Ин ва бисёрии дигар назарияҳо, ки дар ақли одамон тавлид шудаанд, муваққатӣ ҳастанд, абадӣ намебошанд ва наметавонанд дар Рӯзи Доварӣ тоб оваранд. Бисёрии мардон ва занон – ман шахсан бовар мекунам, ки аксарияти онҳо имондорон мебошанд, ки худро масеҳӣ меҳисобанд,– Дар Рӯзи Доварӣ зарбаи рӯҳӣ мегиранд, такон мехӯранд.

## Боварии қатъӣ дар доварӣ

Мо набояд дар доварӣ бо тарс биёем, аммо метавонем бо боварии қатъӣ биёем.

> “Вақте ки мо дар Худо зиндагӣ мекунем, муҳаббати мо нисбатан комил мешавад. Мо аз Рӯзи Доварӣ наметарсем, лекин метавонем онро бо хотирҷамъӣ пешвоз гирем, барои он ки ба монанди Масеҳ дар ин ҷаҳон ҳастем” (1 Юҳанно 4:17, тарҷума аз ингл.).

Диққат диҳед ба суханони “вақте ки мо дар Худо зиндагӣ мекунем, муҳаббати мо нисбатан комил мегардад”. Калиди хотирҷамъии мо дар Рӯзи Доварӣ ин муҳаббати Худо, ки дар мо комил шудааст (ё ба камол расидааст), мебошад. Ва маҳз дар ҳамин ҷо бисёриҳо хато мекунанд. Онҳо муҳаббати Худоро на ба таври дараҷаи абадият, балки муваққатӣ меҳисобанд. Бештар вақтҳо муҳаббат ва некӣ, ки дар ҷамъият боло бардошта мешавад, ва баъзе вақт дар калисо, бо андозаҳои инсонӣ чен карда мешавад, ба муҳаббати Худо зид мебошад. Ба ман иҷозат диҳед, якчандто мисолҳои маъмулро биёрам:

“Мо якдигарро дӯст медорем ва мехоҳем издивоҷ кунем”. Чунин тасдиқотро бештар вақтҳо аз одамоне, ки бе никоҳ муносибати ҷинсӣ доранд, шунидан мумкин аст. Ба он нигоҳ накарда ки онҳо баъдтар никоҳ мекунанд, ин гуноҳ аст. Аммо ман якчанд бор шоҳиди он будам, касоне ки чунин изҳорот мекунанд, кор то никоҳ намеравад. Онҳо фармоиши фаҳморо фаромӯш карданд: “Бигзор никоҳ аз ҳар ҷиҳат ҳалол бошад, ва ҷойхоби он беайб; зеро ки зинокорон ва фосиқонро Худо доварӣ хоҳад кард” (Ибриён 13:4). Диққат кунед, ин ҷо на танҳо оиди зинокорон ва фосиқон берун аз калисо гуфта мешавад, балки гап дар бораи ҳамаи онҳое меравад, ки чунин тарзи ҳаётро пеш мебаранд.

“Ман медонам, ки на ҳамаи ростиро мегӯям, лекин ин кӯмак мекунад, ки шартнома баста шавад”. Чунин мегӯянд шахсони тоҷир, ки мехоҳанд як чизи, ба назарашон, хубро фурӯшанд, то ки харидорро ба даст оваранд, ва зарур медонанд, ки ҳақиқатро камтар рангубор диҳанд. Ин на танҳо гуноҳи дурӯғ гуфтан аст: маълум аст, ки қариб ҳама вақт шартнома бисёр ба фоидаи он касе ки чунин иброзро мекунад, мебошад. Наход ки онҳо ин огоҳиро фаромӯш карданд: “Ва ҳамаи дурӯғгӯёнро (онҳое, ки дидаву дониста дурӯғ мегӯянд ва ё корҳои бардурӯғ мекунанд) – насибашон дар кӯлест, ки бо оташ ва кибрит месӯзад” (Ваҳӣ 21:8, Тарҷумаи васеъ)?

“Он чизе ки ман дар бораи ин одам мегӯям,– ҳақиқат аст”,– чунин мегӯянд одамоне ки ягон касро аз ҳамкоронашон, дӯстон, ё ҳамсояҳоро сиёҳ мекунанд. Тамоми маркази таваҷҷӯҳ дар он аст ки мумкин аст сад фоиз ҳақ будан ва боз ҳам мувофиқи стандарти абадӣ ноҳақ будан. Дар ёд доред Ҳомро, писари хурдии Нӯҳро, ки ба бародаронаш дар бораи падари маст ва бараҳнаи худ хабар дод, ки ин ҳақиқат буд. Аммо натиҷаи ин рафтор лаънат шуд, ки он худи ӯ ва тамоми насли ӯро барбод дод. Наход ки ғайбатчиён ва шикояткунандагон фармоиши барои ҳамаи имондоронро фаромӯш карданд: “Эй бародарон, аз якдигар шиква накунед, то ки маҳкум нагардед: инак, Довар назди дар истодааст” (Яъқуб 5:9).

Миқдори беҳисоби мисолҳоро овардан мумкин аст, ки ҳамаи онҳо як хусусияти умумӣ доранд – ҳамаи онҳо ба иродаи умумии Худо мухолифанд. Он чиз метарсонад, шахсоне ки чунин корҳои дар нигоҳи аввал беайбонаро мекунанд, ба калисо мераванд. Онҳо метавонанд бисёр хушсӯҳбат бошанд ва аз тарафи атрофиён ҳамчун шаҳрвандони намунавӣ баҳо дода шаванд. Лекин абадият онҳоро чӣ хел баҳо медиҳад? Юҳанно дар номаи худ шарҳ медиҳад, ки муҳаббати Худоро чӣ тавр афзунтар кунем.

> “Касе ки мегӯяд: “Ман ӯро мешиносам” (Ӯро-Исои Масеҳро фаҳмидам, шинохтам, дарк кардам), аммо аҳкоми Ӯро риоят накунад, вай дурӯғгӯй аст, ва дар вай ростӣ (Хушхабар) нест; валекин касе ки каломи Ӯро (ҳар касе ки дар ақли худ амри Ӯро нигоҳ медорад ва номаи Ӯро бо маънои абадиаш баррасӣ мекунад) риоят мекунад (мисли ҷавоҳирот нигоҳ медорад), дар вай ба ростӣ муҳаббати Худо ба камол расидааст: аз ин медонем, ки мо дар Ӯ ҳастем” (1 Юҳанно 2:4,5, Тарҷумаи васеъ).

Ба хотир биёред, ки маҳз муҳаббати комили (ба камолрасидаи) Худо ба мо ҷуръат медиҳад, ки дар пеши Довар биистем. Юҳанно равшан фаҳмонидааст, ки муҳаббати Худо дар иҷро кардани аҳкоми Ӯ комил мегардад, на бо рафторе, ки аз тарафи ҷамъият қобили қабул аст. Фаромӯш накунед, ки Ҳавворо на тарафи бади дарахти маърифати неку бад ҷалб кард, балки хубаш! “Ва зан дид, ки он дарахт барои хӯрок хуб аст, ва назаррабост” (Ҳастӣ 3:6). Ақли инсон метавонад зебоӣ ва некиро офарад, ки ба иродаи Худо мухолифанд.

Навиштаҷот тасдиқ мекунад, ки аҳкоми Худоро қисман иҷро карда, мо метавонем худро бовар кунонем, ки гӯё бо хотирҷамъӣ дар назди Худованд дар Рӯзи Доварӣ истода метавонем. Танҳо дар ҳолати бисёр бодиққат ва муназзам риоя кардани каломи Ӯ дар пуррагӣ муҳаббати Худо ба камолот мерасад. Аз барои ҳамин Худо ба мо файзро медиҳад, ки он дар навбати худ, ба мо қувват медиҳад, ки пурра ба Каломи Ӯ итоат кунем, чи тавре ки Ӯ инро мехоҳад. “Пас мо малакутеро, ки ба ларза намеафтад, қабул намуда, файзро маҳфуз хоҳем дошт ва бо он Худоро ба таври писандида... ибодат хоҳем кард” (Ибриён 12:28).

Маънояш дар он аст, то бидонем, ки Подшоҳ чӣ мехоҳад ва чиро меҷӯяд, на дар он ки чӣ дар чашмони ҷамъият ё бо фаҳмиши одамӣ хуб намудор мешавад. Худо ба мо мегӯяд: “Худро ба ин ҷаҳон ҳамшакл насозед, балки ба воситаи таҷ-

диди ақлатон шакли тозае ба худ бигиред, то дарк кунед, ки иродаи нек, писандида ва комили Худо чист" (Румиён 12:2). Он чизе ки дар маданияти мо хуб ба назар мерасад, метавонад бо хоҳиши Худо мувофиқ набошад – бо хоҳишҳои абадӣ.

Ба ман иҷозат диҳед мисол биёрам. Дар ҳамин лаҳза ман дар меҳмонхонаи Сингапур нишастаам, ки дар рӯзҳои рухсатӣ ман қариб ба бист ҳазор нафар дар ин мамлакати аҷоиб, ки ман аллакай якчанд бор будам, мавъиза мекунам. Ман ҳамчунин якчанд маротиба дар Нидерландия мавъиза кардам, ки масъалан ҳеҷ кори ғайриқонунӣ нест, ки агар ҳамроҳи худ марихуана дошта бошем ё онро кашем. Аз ҷазо натарсида, одамон инро озодона мекунанд. Агар ки дар Сингапур одамро дастгир кунанд бо миқдори муайян (ҳатто бисёр кам)-и маводи мухаддир, ӯ ҳабс мешавад ва ҷазои сахт мебинад. Агар маводи мухаддирро ба миқдори муайяншуда ёбанд, ҷазо – қатл ба воситаи ба дор овехтан! Дар вақти гузаштани сарҳад ба ҳар кас варақ бо навиштаҷоти: "Тибқи қонуни Сингапур ба нашъафурӯшон ҳукми қатл пешбинӣ шудааст" дода мешавад.

Акнун ба худ тасаввур кунед, чӣ хел як ҷавон аз Нидерландия, ки мунтазам дар хонаи худ марихуана мекашид, ба Сингапур меояд ва бо як миқдор истиқоматкунандагони маҳаллиро меҳмон мекунад. Ӯ бо дилхушӣ ба дӯстони нави худ мегӯяд:

– Э, бачаҳо, ин як чизи аҷоиб. Он ором мекунад, ҳатто ҳаловат мебахшад, ва ҳамаи ташвишҳоро дур месозад. Мехоҳед бичашед? Ман бо майли том шуморо меҳмон мекунам!

Ӯро зуд ҳабс мекунанд. Ӯ ба ҳолати садамот мефарояд.

– Барои чӣ маро ҳабс карданд? – саволи аввали ӯ ба афсари полис мешавад?

Рӯзи Доварӣ фаро мерасад. Ҳолландӣ пеши қозӣ меистад, бо тамоми дили худ бовар дорад, ки ҳамаи он чизе ки шуда истодааст – танҳо як ғалатфаҳмӣ аст.

Аммо қозӣ ӯро гунаҳкор меҳисобад ва ҷазоро эълон мекунад.

Одами ҳайратзада мегӯяд:

– Қозии мӯҳтарам, дар он мамлакате, ки аз он ҷо ман омадам, иҷозат ҳаст, ки озодона марихуна кашам.

Он вақт қозӣ ҷавоб медиҳад:

– Шумо на дар Ҳолландия мебошед, балки дар Сингапур, ва дар ин мамлакат қонун манъ мекунад, ки ин корро кунед!

Боварии ҳолландӣ гум шуд, ӯ дигар ҳеҷ хел далел барои сафедшавӣ назди қозии олӣ надорад, ӯ маҳкум шудааст.

Якчанд сол пеш вақте ки ман дар Сингапур будам, барои шикастани қулфи дари мошин як амрикоиро ҳабс карданд. Ӯро суд карданд, ва дар ҷазояш якчанд зарба бо ротанг таъин карданд. Чунин ҷазо ба одам зарари ҷисмонӣ мерасонад, барои он ки порка аз шохаи най истеҳсол мешавад, ки аз моддаҳои кимёвӣ пур мебошад. Ҳатто президент Клинтон кӯшиш кард, ки дар бораи сабук кардани ҷазои ин амрикоӣ гапзанон кунад. Аммо тамоми кӯшишҳо бемуваффақият буданд. Ин ҷавон қонунҳои Сингапурро вайрон кард ва бояд ҷазои худро медид.

Мо ҳама як рӯз назди суди олии ҷаҳонӣ меистем. Қарори ин суд то абад охирин мебошад. Бисёриҳо зарбаи рӯҳонӣ мебинанд, вале роҳаш ҳаст. Шумо тайёр ҳастед? Мувофиқи Каломи Худо мо метавонем бо хотирҷамъӣ назди Довари тамоми ҷаҳон истем. Ин китоб барои он навишта шудааст, ки ба шумо ёрдам кунад, ки тайёрии худро бинед. Агар ки он ҳолландӣ вақти худро сарф карда, ба сафари Сингапур тайёрӣ медид, ӯ ҷазо намеёфт. То чӣ андоза ин бар мо ҳоло муҳим аст, барои ин ки қароре, ки дар Рӯзи Доварӣ қабул мешавад, абадӣ аст.

## Мукофотҳо

Довариҳо якчандто мешаванд: яке барои беимонон, яке барои имондорон, ва ҳатто барои фариштагон. Қарорҳои қабулшуда ҳам гуногун мешаванд. Ҷазоҳо ва талафот мешаванд, мукофотҳо ҳам мешаванд. Мо дар ин бора батафсил дар бобҳои оянда гап мезанем, лекин ба ман иҷозат диҳед, ки боз ҳам такрор кунам, ки қарорҳои қабулшуда охирин мебошанд. Инро аз нав баҳо додан имконнопазир аст, боз ҳам дар фикри худ беохириро тасаввур кунед. Иродаи Худо дар он аст, то ки мо пешакӣ дар ин бора донем ва ба мукофот ҳаракат кунем. Павлус мегӯяд:

> "Оё намедонед, ки давандагони мусобиқа ҳама медаванд, аммо (фақат) як нафар мукофот мегирад? Ҳамин тавр бидавед (давиши худро), то ки соҳиби он гардед (мукофот). Ҳамаи риёзаткашон аз ҳар чиз худдорӣ мекунанд: онҳо барои гирифтани тоҷи фонӣ, лекин мо (барои гирифтани тоҷи баракати абадӣ) тоҷи ғайрифонӣ. Бинобар ин ман медавам, на он тавре ки бар абас бошад, ва мушт мезанам на он тавре ки фақат барои задани ҳаво бошад; балки ҷисми худро азоб медиҳам ва ғулом мегардонам (бо он сахт муносибат мекунам, бо мушкилот онро ба низом медарорам)" (1 Қӯринтиён 9:24-27, Тарҷумаи васеъ).

Ӯ равшан мегӯяд: "Ман намедавам, бидуни мақсади дақиқ". Дар дигар тарҷума гуфта шудааст: "Ман мустақим ба мукофот медавам, барои ҳар қадам мақсад дошта" (ояти 26, тарҷ. ингл.). Ҳар як одам маҳз бояд чунин рафтор кунад –бидавад бо мақсади ғалаба кардан. Мо на бо якдигар мусобиқа мекунем, балки танҳо бо худ.

## Бо абадият ҳаракаткунандагон

Фикр кардан, ки дар Доварӣ ҳама чиз худ ба худ ҳал мешавад, беаҳамиятӣ аст. Мо узр надорем, барои он ки Худо ба

мо фаҳмидани иродаи Худро дастрас кардааст. Дар доварӣ бисёр одамон меистанд, боварӣ карда ки, онҳо ҳама корро назар ба дигар одамон дуруст карданд, лек ба ҳар ҳол ба абадият иҷозат надоданд, ки ҳаёти онҳоро ба самти дуруст равона кунад ва онро муайян кунад. Барои ҳамин номи ин китоб– "Бо абадият ҳаракаткунандагон". Ҳаракаткунандагон маънояш он ки онҳоро чизе ба ҳаракат меорад, равона ва назорат мекунад. Боз ин калима маънои онро дорад, ки чизе қувваи мақсаднокро медиҳад. Ҳаёти заминии мо ба чӣ мақсад гузоштааст ва бо чӣ равона аст? Бо чизҳои муваққатӣ ё абадӣ? Оё ҳикмати худоӣ асоси он мебошад? Оё мо худро бо дигарон муқоиса мекунем, оё ба муболиғаҳо гӯш мекунем, оё анъанаҳо ва афсонаҳоро пайравӣ мекунем, ки дар баъзе таълимотҳо садо медиҳанд. Оё назди Ӯ дар Рӯзи Доварӣ тоб оварда метавонад, он чизе ки мо дар он ҳаёти худро сохтем, ё тамоми ҷидду ҷаҳди мо бар ҳамеша бекора мешаванд? Мо аллакай медонем, ки дар доварӣ чӣ меъёр шуда метавонад: "Каломе, ки гуфтам, дар рӯзи вопасин ба вай доварӣ хоҳад кард" (Юҳанно 12:48).

Бисёри одамон, ки худро масеҳӣ меноманд, дар доварӣ дар назди Исо истода, зарбаи рӯҳонӣ мебинанд. Чунин одамон низ мешаванд, ки худро дар амният эҳсос карданд, танҳо қисми он чизҳоеро, ки Аҳди Ҷадид таълим медод, қабул карда, ва бодиққат омӯхтани ростиро беътиноӣ карда истода. Ана саволи ман: оё шумо мехоҳед ростиро бисёр дер бифаҳмед –он вақте ки аллакай қарори абадӣ қабул шудааст, ё ҳозир, вақте ки шумо стандартҳоро фаҳмида метавонед, ки аз рӯи он доварӣ мешавед?

Дар боби оянда як қиссаи достонӣ шурӯъ мешавад, ки он якчанд бобҳоро дар бар мегирад. Бодиққат бихонед ва ҷузъиёташро дар хотир бигиред, барои он ки мо дар давоми тамоми ин китоб зуд-зуд ба он бармегардем. Тамоми китоб дар достон сохта шудааст, барои ҳамин ҳам онро бодиққат

бихонед. Имкон дорад, ки дар вақти хондан шумо бихоҳед, ки пас баргардед ва ҷузъиёташро дақиқ намоед.

Қисми зиёди он чизҳое, ки ман дар ин китоб мегӯям,– ин таҷрибаи шахсии ҳаёти ман аст, ки Худо онҳоро бисёр ҷиддӣ ва дақиқ дида баромад. Ман дар бораи хатогиҳои зиёди худ мегӯям, ки Рӯҳи Муқаддас онҳоро батафсил санҷид, мисли зери микроскопи ҳақиқати Худ. Умедворам, ки ин ба шумо хоҳиши чуқур омӯхтани Навиштаҷотро пайдо мекунад, то ки асоси мустаҳкам дар Рӯзи Доварӣ ба даст биоваред. Ман дар бораи гумроҳиҳои бузурги ҷамъияти мо мегӯям, ки он бисёрии мардон ва занонро маҷбур месозад аз Он Касе, ки онҳо Ӯро Наҷотдиҳандаи худ меҳисобанд, дур шаванд. Дар баъзан ҷойҳо шумо моту мабҳут мешавед, лекин аз паси ҳамаи ин ваъда, умед ва оромиш меояд.

Агар шумо нотарс бошед, агар ташнаи ҳақиқат бошед ва агар дили шумо ба Худо тааллуқ дошта бошад, биёед шурӯъ мекунем. Шумо пушаймон намешавед! Бо дили худ каломи мазкурро қабул кунед:

> “Бахшоиши Худо муносибати моро бо Ӯ барқарор кард ва ба мо ҳаётро баргардонид. Боз ҳам ҳаёти бузург моро дар оянда мунтазир аст-ҳаёти абадӣ! Шумо метавонед ба ин умед дошта бошед. Ман мехоҳам, ки шумо дар ин сахт истед, то онҳое, ки ба Худо такя мекунанд, диққати худро барои аз ҳама чизи муҳим ва ба ҳар кас муфид равона кунанд” (Титус 3:7,8).

БОБИ 2

# Подшоҳии Аффабел: Ҳаёт Дар Эндел

*Ва бо масалҳо (тасвир кардан ё муқоиса барои шарҳ додани ҳақиқат) онҳоро чизҳои бисёр меомӯхт ва дар таълими Худ ба онҳо мегуфт...*
— Марқӯс 4:2 (Тарҷумаи васеъ)

Боре як олам вуҷуд дошт, ки ба олами мо монанд буд, лекин ба ҳар ҳол аз бисёр ҷиҳат фарқ дошт. Дар ин олам дигар миллатҳои аз якдигар мустақил набуд, подшоҳӣ ба номи Аффабел ягона буд. Ба он нигоҳ накарда ки он тамоми олами маълумро ишғол карда буд, дар он танҳо як пойтахт буд, ки аз он ҷо ба тамоми мамлакат роҳбарӣ карда мешуд. Пойтахт Шаҳри бузурги Аффабел ном дошт, ки мо дар оянда онро танҳо Аффабел меномем.

Дар сарварии ин олами аҷоиб шоҳи барҷаста бо номи Ҷалин меистод. Шоҳ Ҷалинро шаҳрвандонаш бисёр ҳурмату эҳтиром мекарданд. Ӯ ба онҳо бисёр муҳаббати худро нишон медод, ки он гӯё ҳеҷ ҳудуд надошт. Ӯ қавӣ ва боҳикмат буд, ва дар айни замон аз рӯи табиаташ нек ва хушҳол. Ба ҳамаи донишҳояш нигоҳ накарда Ҷалин бисёр наздик ва дастрас буд. Дар наздикии ӯ буда ҳар кас дар муҳити некӣ меғӯтид. Ҳузури Ӯ ҳар як тарафи ҳаёти шаҳрвандро ба сатҳи болотар мебардошт. Ҷалин қобилияти фавқуллода дошт, ӯ аз рафтори одамон ҳам зиёдтарро дида метавонист, ӯ метавонист ангезаҳои дили онҳоро бубинад.

Падари Ҷалин, ки Аффабелро асосгузорӣ карда буд, ҳамчун Шоҳ-Асосгузор машҳур буд. Тартиботро муқаррар карда, Ӯ роҳбариро ба писари худ супорид. Истиқоматкунандагони шаҳри бузург кӯмак мекарданд, ки ҳокимияти Ҷалинро дар дигар ҳудудҳои подшоҳӣ дастгирӣ кунанд. Ҳукмронӣ аз пойтахт ба тариқи системаи яккароҳбарӣ (иерархия) ба амал бароварда мешуд.

Шаҳр ҳудуди бузургеро ишғол карда буд (тақрибан дусад километри мураббаъ) ва чунон боҳикматона сохта шуда буд, ки ба аҳолии сершумор нигоҳ накарда аҳолӣ баризофагӣ набуд. Он бо қасрҳо ва деҳаҳо иҳота шуда буд. Ин деҳаҳо аз хонаҳои хоксоронаи меҳнаткашон (чунин хонаҳои хоксорона дар олами мо бисёр боҳашамат ва беҳамто ба ҳисоб мерафтанд) иборат буданд. Ба он нигоҳ накарда ки истиқоматкунандагони ин деҳот бисёр меҳнат мекарданд, онҳо хурсанд буданд, ки дар наздикии пойтахти шоҳ зиндагӣ кунанд. Нишебиҳои теппаҳои ҷанубӣ ва шимолиро хонаҳои одамони ҳунарманд – одамоне, ки дар мусиқӣ, рассомӣ, ороишдиҳӣ маҳорат доштанд, оро медоданд. Хонаҳои онҳо боҳашамат ба назар мерасиданд, ва қиматтар нисбат ба хонаҳои меҳнаткашони оддӣ буданд.

Аз ҳама қисмати зеботарини шаҳр ноҳияи шарқӣ буд, ки бо қасрҳои олиҷаноб сохта шуда буд. Ин ноҳия маркази Подшоҳӣ номида мешуд. Подшоҳ ва ёрдамчиёни наздики ӯ вақти зиёди худро дар ин ҷо мегузарониданд. Маҳз ҳамин ҷо роҳбарият ва дигар кормандони иҷтимоӣ кор мекарданд. Маркази шаҳр ороиши сахраҳои назди соҳили Баҳри бузург буд. Аз тарафи уқёнус ҳамеша шамоли форам мевазид, ки ба шаҳр тозагӣ меовард. Соҳили уқёнусро ҷойҳои оббозии пурқимати регдор ташкил медоданд, ки танҳо боғҳои шоҳона аз онҳо зеботар буданд. Тамоми маркази шаҳр боғи калон буд. Бидуни шак, ин ҷо аз ҳама ҷои ҷаззоб ва дилпазир барои зиндагӣ буд. Танҳо қасри подшоҳ аз хонаҳое, ки дар марказ буданд, зеботар буд.

Дар байни Аффабел дарахти ҳаёт сабзида буд. Меваҳои аҷоиби онро танҳо шаҳрвандони подшоҳӣ ҳаққи хӯрдан доштанд. Меваҳои он на фақат мазза ва шакли зеботарин доштанд, балки дар худ қувваи мӯъҷизаро доштанд.

## Истиқоматкунандагони шаҳри Эндел

Аз пойтахти Аффабел ба тарафи ғарб дар масофаи шаст километр то Дарёи бузурги Эдонга Биёбони берунӣ ҷой гирифта буд. Пушти Эдонга дигар қисми подшоҳӣ ҷойгир шуда буд, ки номаш Эндел буд. Ҳамаи бачаҳоеро, ки дар Аффабел ба дунё меомаданд, фавран баъд аз таваллуд шудан ба ноҳияи Эндел меоварданд. Пеш аз он ки аз таваллудашон як ҳафта гузарад, онҳоро ба дояи подшоҳӣ медоданд. Баъде ки панҷсола мешуданд, ин шаҳрвандони ҷавони подшоҳӣ, ё энделитҳо, ба мактаби Энделӣ мерафтанд, ки дар он ҷо то даҳсолагӣ тарбия меёфтанд. Дар он ҷо онҳо қонунҳои Аффабелро таълим мегирифтанд ва дар бораи шоҳ Ҷалин маълумот мегирифтанд. Имконияти дидан бо шоҳ Ҷалинро танҳо дояҳои дарбори шоҳ ва омӯзгорони мактаб доштанд. Тахминан ҳар як панҷ сол ӯ пинҳонӣ ба Эндел меомад, то ки ғамхории худро ба мактаб ва ба бачаҳо исбот кунад. Ба он нигоҳ накарда ки баъзеҳо ӯро дида буданд, некии шоҳ ба назар намоён буд ва дар ҳар соҳаи ҳаёти ноҳияи Эндел зоҳир мешуд.

Даҳ соле, ки шогирдон дар мактаб сипарӣ мекарданд, мебоист онҳоро барои ҳаёти дарпешистода тайёр мекард. Дар понздаҳсолагӣ ба онҳо имконияти кӯтоҳ дода мешуд, то ки он чизҳоеро, ки омӯхтанд, дар таҷриба татбиқ намоянд. Дар ин муддати вақт ба онҳо баъзе чизҳои арзишнокро бовар мекарданд, ва масъулияташро ба ӯҳдаи онҳо мегузоштанд. Он ки онҳо чӣ тавр бо ҳаёти ҷавони худ ва бо захираҳои боварикардашуда ихтиёрдорӣ мекарданд, муайян менамуд,

ки дар куҷо ва чӣ тарз онҳо тамоми ҳаёти боқимондаи худро мегузаронанд, ки дар олами онҳо аз панҷоҳ то сад сол давом мекард. Ба мӯҳлати озмоишӣ расо панҷ сол ҷудо карда мешуд, лекин ҳеҷ кас аз донишҷӯён намедонист, ки он чӣ қадар давом мекунад. Ба онҳо танҳо хабар медоданд, ки вақти озмоишӣ аз даҳ сол зиёдро дар бар намегирад. Бо тамом шудани ин мӯҳлат ҳар кас мебоист пеши шоҳ биёяд ва барои интихоби кардааш дар зиндагӣ ҳисобот диҳад.

Вақти озмоиш маълум ва муайян мекард, ки ин шахсони ҷавон ба чӣ бахшида шудаанд. Онҳое, ки насиҳати Ҷалинро риоя мекарданд, бо суханон ва бо корҳо роҳбарии ӯро эътироф мекарданд. Чунин одамон шаҳрвандони подшоҳии Аффабел дониста мешуданд. Онҳое, ки дар вақти мӯҳлати озмоишӣ шӯриш мекарданд, ва танҳо барои худ бо ҳавасҳои худ зиндагӣ мекарданд, ба замини Лон ронда мешуданд. Лон замини биёбони торик буд, ки дар он танҳоӣ ва ноумедӣ ҳукмронӣ мекард. Истиқоматкунандагони ин ҷой аз озодӣ маҳрум буданд ва дар тӯли тамоми зиндагии худ азобу уқубатро аз сар мегузарониданд.

Аввалин касе, ки ба ин биёбон рафт, Дагон буд, ки ӯ хӯҷаини торикӣ дар замини Лон шуд. Ба он нигоҳ накарда ки якчанд сол пеш Дагон бар зидди Ҷалин исён кард, таъсири вай дар замини Эндел ҳанӯз ҳам монда буд. Сокинони Эндел, ки ҳукмронии Ҷалинро эътироф мекарданд, тавонистанд, ки аз қувваи торики Дагон озод шаванд. Аммо онҳое, ки хидмат кардан ба Ҷалинро рад карданд, дар зери таъсири Дагони фурӯафтида монданд.

Шоҳи Бузург Ҷалин аз сабаби дар оянда боздоштани дохилшавии торикӣ ба подшоҳии худ дастур дар бораи ҳимояи ягонагӣ ва сохтори ҷамъиятии Аффабел тасдиқ кард. Ҳар касе ки бо роҳи Дагон меравад ва қудрати салтанати Ҷалинро рад мекунад то охири умри худ ба замини Лон ронда мешавад.

Ана саргузашти мо ҳам шурӯъ шуд. Мо ҳаёти панҷ шогирдони Энделро дида мебароем. Номҳои онҳо: Мустақил, Фиребхӯрда, Беҷуръат, Худпараст ва Хайрия. Ба ман иҷозат диҳед ҳар яки онҳоро муаррифӣ бикунам.

## Мустақил

Мустақил доимо ба мавҷудияти Аффабел шубҳа мекунад. Ӯ бовар карда наметавонад, ки касе бо номи Ҷалин, ки ӯро вай ҳеҷ вакт надидааст, аз ӯ на танҳо тақдисшавиро, балки иҷрои қатъии қонунҳои худро талаб мекунад. Дар ӯ гумон пайдо мешавад, ки ин танҳо як ҳила аст, ки бо мадади он омӯзгорон мехоҳанд ӯро ва дигар шогирдонро назорат кунанд. Ба болои ҳамаи ин ӯ дар дарсҳо иштирок намекунад ва омӯхтани қонунҳои ин салтанати хаёлиро рад мекунад.

Мустақил ба атрофиён механдад, ки ба ин ахмақӣ бовар карданд. Ӯ тасмим дорад бо ихтиёри худ зиндагӣ кунад, аз қонунҳои Ҷалин озод бошад. Истиснои ягона он нуқтаҳо ҳастанд, ки онҳо ба мақсадҳои вай мухолифат намекунанд, ба онҳо ӯ тобеъ мешавад, аммо фақат агар худи ӯ инро лозим шуморад. Ӯ дар он ихтироъкор аст, то ба ҳама намоиш диҳад, ки ӯ ҳаёти худро ба иродаи каси дигар тобеъ карданӣ нест.

## Фиребхӯрда

Фиребхӯрда дар мавҷудияти Аффабел шак надорад. Ӯ ба шоҳ Ҷалин бовар дорад, ва ба ӯ ҳатто ваъдаҳояш маъқул аст. Дар фикр ва дар сухан ӯ бо таълимот ва бо асосҳои роҳбарикунанда розӣ мебошад, аммо зиёдтар тарзи зиндагии ӯ ба ин таълимот муқобил аст. Ӯ тақдисшавии худро ба шоҳ ва таълимоти ӯ нишон медиҳад, бо иштирок кардан дар корҳои мактаб, ки онҳоро ба худ қабул кардааст, лекин

ҳама чиз зуд тағйир меёбад, вақте ки ӯ дар ягон чиз фоидаи шахсиро пайдо накунад. Тарзи ҳаёти ӯ ба ҳаёти пайравони ҳақиқии Ҷалин монанд нест, вале аз сабаби хислати қавӣ доштанаш бисёр вақт одамонро аз паси худ мебарад. Фиребхӯрда ҳеҷ гоҳ дар асл дар бораи мӯҳлати озмоишии худ ва доварӣ фикр намекунад.

Онҳо бо Мустақил якдигарро бисёр хуб дарк мекунанд, ба он нигоҳ накарда ки онҳо нисбати мавҷудияти Ҷалин назари гуногун доранд. Фиребхӯрда – ҷавони хушҳол, онҳо шавқҳои умумӣ доранд, барои ҳамин ҳам Мустақил аз ҳамроҳи ӯ будан лаззат мебарад.

## Бечуръат

Бечуръат – аз ҳама шогирди намунавӣ. Ӯ бештар вақт дар дарсҳо ҷавоб медиҳад ва ҳамеша баҳоҳои баланд мегирад. Ӯ бисёр фаъол аст, ба ғайр аз дарсҳо ӯ бисёр чорабиниҳоро фикр карда мебарояд, бо ин кӯмак мекунад, ки дигар шогирдон ба ҳаёти ҷамъиятӣ иштирок кунанд. Ҳар касе, ки бо толибилмон шинос аст, мегӯяд, ки ӯ аз ҳама тарафдори иштиёқманди тақдисшавӣ ба Ҷалин аст.

## Худпараст

Худпараст низ ба Ҷалин ва таълимоти ӯ бовар мекунад. Ӯ ба мавҷудияти Аффабел шубҳа надорад ва бовар дорад, ки Ҷалин – шоҳи аҷиб ва нек, довари пурмарҳамат барои ҳама касоне, ки тақдисшавии худро эътироф мекунанд. Худпараст тамоми диққати худро ба фаҳмиши маҳдуди худ дар бораи таълимот ва хислати Ҷалин медиҳад. Ӯ дар бораи он фаромӯш мекунад, ки Ҷалин боадолат ва муқаддас аст, ва айни замон роҳбари пурмарҳамат ва дӯстдоранда. Яъне Худпараст дар худ тасаввуроти фиребкоронаро оиди мавҷудияти Ҷалин офаридааст. Ӯ бовар дорад, ки Фиребхӯрда,

Беҷуръат ва Хайрия бе ҳеҷ шакку шубҳа қисми подшоҳии пурҷалоли ӯ мешаванд, аммо ӯро зиддияти Мустақил камтар ба ташвиш мегузорад.

Худпараст ба он бовар дорад, ҳар касе, ки Ҷалинро дар суханон эътироф мекунад ва қонунҳои асосии ӯро вайрон намекунад, иҷозати истиқомат ба Аффабелро мегирад. Лекин, мутобиқи номи худ, ӯ асосан дар ташвиши корҳои шахсиаш аст. Бештар вақт ангезаи корҳои неки ӯ фоидаи шахсӣ мебошад. Баъзе мавридҳо дар дили ӯ раҳм пайдо мешавад, аммо вақте ки ягон фишорро эҳсос мекунад, Худпараст онро меҷӯяд, ки бо завқаш мутобиқ бошад.

## Хайрия

Қаҳрамони охирини мо – Хайрия, ки бо тамоми дил шоҳ Ҷалинро қабул дорад ва ҳамаи қонунҳои ӯро иҷро мекунад. Бисёр вақтро дар омӯхтани иродаи Ҷалин гузаронида, ӯ на фақат ҳамаи принсипҳои ӯро ёд гирифт, лекин дар ҳар яки он дили шоҳро мехоҳад дарк кунад. Ӯ соатҳои зиёдро ба омӯхтан ва ба бахшидани ихтиёрии худ барои беҳбудии мактаб ва ҷамъияти Эндел медиҳад. Ӯ мефаҳмад, ки ҳамон замоне, ки ӯ понздаҳсола шуд, ба ӯ имконияти кӯтоҳ барои амалӣ кардани хоҳиши шоҳи бузурги Эндел дода мешавад. Мақсади ӯ – пурра барои ҷалоли Ҷалин зиндагӣ кардан, барои ҳамин ӯ иҷозат намедиҳад, ки ҳеҷ чиз ӯро аз ин роҳе бизанад, ки ба мақсади асосӣ меорад.

Хайрия Ҷалинро дӯст медорад ва дар бораи он рӯзе орзу мекунад, ки кай онҳо вомехӯранд. Итоаткорӣ ба ӯ барояш ҳаловат мебахшад. Ӯ бештар вақт ба дигарон дар бораи некии ӯ гап мезанад, ва барои ин чиз тамасхури одамонро тоқат мекунад, ва аз ин сабаб ӯ танҳо мемонад. Ҳатто азобу уқубатҳо аз барои бовафоии устуворонаи ӯ ба қонунҳои Ҷалин наметавонанд барои ба шоҳ бовафо будан халал расонанд.

## Хатмкунандагон

Ҳамаи ин панҷ нафар энделитҳо понздаҳсола шуданд. Дар рӯзи таъиншуда онҳо бо якҷоягии ду ҳазор шогирдони дигар хатмкунанда шуданд. Ба ҳар кас вазифаи махсус ва як миқдор пули муайяни ибтидоии аз тарафи Ҷалин таъингардида дода шуда буд, ки он аз тарафи роҳбари калон дар рӯзи хатми мактаб супорида шуда буд.

Дар байни қаҳрамонони мо тақсимоти пул бо чунин тариқ сурат гирифт: Мустақил панҷоҳу панҷ ҳазор таланти боварикардашударо гирифт, Фиребхӯрда ва Бечҷуръат чилҳазорӣ ҳар яке, Худпараст аз ҳама зиёд гирифт – ҳафтоду панҷ ҳазор, ва, ниҳоят, Хайрия бисту панҷ ҳазор таланти боварикардашударо гирифт. Насиҳати охиринро шунида ин шахсони ҷавон, бо пулҳо дар кисаи худ, аз мактаб хатм шуданд.

## Фурӯшанда

Гарчанде Мустақил кам вақт ба мактаб мерафт, ӯ ҳанӯз ҳам эҳсос мекард, ки гӯё дарсҳо дар ҷони ӯ бор ҳастанд. Баъзан вақт ба назари ӯ чунин мерасид, ки баъзе аз чизҳои шунидааш рост буданаш мумкин. Ӯ умедвор буд, ки агар ин чунин бошад, пас рафтори бади ӯ ба маблағи ба ӯ пас аз хатми мактаб таъинмешуда сахт таъсир намекунад.

Дастони Мустақил меларзиданд, вақте ки вай лифофаро бо талантҳои ба ӯ боварикардашуда мегирифт. Вақте ки вай лифофаро кушод, маблағи ба ӯ додашударо дида, бо душворӣ тааҷҷуб ва сабукиро дар худ пахш кард. Ӯ боз зиёдтар хурсанд шуд, вақте фаҳмид, ки понздаҳ ҳазор зиёдтар, назар ба Бечҷуръат, ва аз ду баробар ҳам зиёд, нисбат ба Хайрия, гирифт. Ӯ фикр кард: “Чӣ беҳуда вақт сарф кардан! Хайрия ва Бечҷуръат чӣ қадар вақти худро дар ин дарсҳои бекора сарф карданд, ки аз онҳо ҳеҷ фоида нагирифтанд”. Дар натиҷаи ҳамаи ин танҳо гумони ӯ тасдиқ шуд, ки Ҷа-

лин умуман вуҷуд надорад. Ӯ фикр кард, ки ин пулҳоро бояд ки падару модарони онҳо, ки якчанд сол пеш гум шудаанд, мондаанд. Акнун ӯ ба он боварии қатъӣ ҳосил кард, ки ҳама чиз аз тарафи роҳбарияти мактаб фикр карда шуда буд, то ки ақлҳои ҷавонро назорат кунанд.

Баъд аз ду ҳафтаи ҷашнгирӣ Мустақил дарк кард, ки бояд кори худро шурӯъ намояд. Ӯ аллакай бисёр пул сарф карда буд, аз он ки ба нақша гирифта буд. Бо фурӯши мошин машғул шуда Мустақил фаҳмид, ки ӯ фурӯшандаи модарзодӣ аст. Кор ғайричашмдошт хуб пеш мерафт. Бештари хатмкунандагон қисми маблағи ибтидоии худро барои харидани мошинҳои истифодашуда ва нав аз салони Мустақил масраф карданд. Маблағи худро зиёд сохта, ӯ пулҳоро дар дигар корҳо саҳмия кард, ва дар он ҷо ҳам ӯро боз муваффақият мунтазир буд. Бо афзоиши пулҳо тамоми ҳаёти ӯ тағйир ёфт. Ӯ зуд пай бурд, ки пулҳо олоти аҷоиби таъсиррасонӣ мебошанд, ва ба назар чунин мерасид, ки қувваи ба даст овардани хушбахтиро доранд. Имкониятҳои нав, боигарӣ ва нозу неъмат ба ӯ занонро ҷалб карданд, ки он зиндагиро боз ҳам ҷолиб намуд.

Мустақил ҳеҷ гоҳ ба ҷамъомадҳои ҳарҳафтаинаи мактаб намерафт, вале аксарияти одамон ӯро як шаҳрванди обрӯманд меҳисобиданд, азбаски онҳо дастгирии молиявии ӯро дар лоиҳаҳои шаҳрӣ қадр мекарданд. Чунин вонамуд мешуд, ки ҳаёт аз ин зиёдтар хушбахт шуда наметавонад барои ин заҳматкаш аз Эндел.

## Сохтумончӣ ва фурӯшандаи замин

Фиребхӯрда низ дар тӯли якчанд ҳафта бисёр айшу ишрат кард. Ба он нигоҳ накарда ки ӯ нисбат ба дигарон на он қадар пули зиёд гирифта буд, ӯ хурсандӣ мекард, ки пули ӯ аз пули Хайрия зиёдтар аст. Аз чунин тақсимот ӯ фикр кард, ки Ҷалин бисёр пурмарҳамат аст – ва ин марҳамат метавонад

аз баъзе чизҳо чашмпӯшӣ кунад. Мисол, дар мактаб ӯ бо ду нафар духтар алоқаи ҷинсӣ дошт, дониста истода, ки чунин рафтор бар зидди қонунҳои мактаб аст. Худи ӯ ҳеҷ хел мушкилиро намедид, барои он ки ӯ ба Ҷалин ва салтанати ӯ боварӣ дошт. Ӯ ба зиндагӣ бархӯрди худро пайдо кард: "То он даме ки ман тақдисшавии худро ба Ҷалин тасдиқ мекунам ва ба ҳеҷ кас зарари ҷиддӣ намерасонам, ман метавонам ихтиёри шоҳро ба даст биёрам". Ӯ чунин меҳисобид: Ҷалин мефаҳмад, ки ҳар кас ягон хел мӯҳтоҷӣ дорад, барои он ки одами комил нест. Ҷалин дар доварӣ ҳамаи хатогиҳо ва нокомиҳои ӯро рӯйпӯш менамояд, барои он ки Фиребхӯрда бо тамоми дили худ ба ӯ боварӣ дорад.

Баъд аз як-ду ҳафта ӯ ҳам мисли Мустақил кори худро шурӯъ кард. Ӯ сохтумончӣ шуд. Дар аввал пайдо карданӣ мизоҷон осон набуд. Лоиҳаҳои хонаҳои ӯ аз ҳар нигоҳ олиҷаноб буданд, аммо ӯ наметавонист харидоронро пайдо кунад. Баъзе кас чунин меҳисобид, ки нархҳои он бисёр баланд, дигар кас харидани чунин хонаи қиматро ба худ иҷозат дода наметавонист. Аз ноумедӣ ӯ нархҳоро поён кард, ва ба мизоҷон лоиҳаҳои аҷоиби худро пешниҳод карданро давом медод. Ӯ мисли пештара айни ҳамон ваъдаҳоро медод, вале дар асл маводҳои сифаташ поёнтарро истифода мекард. Баъзе маводҳо тамоман ба стандарт мувофиқат намекарданд. Фиребхӯрда қарор кард, ин одамоне, ки ин стандартҳоро тасдиқ кардаанд, осон худро муҳофизат карданд. Ӯ эътимоди қавӣ дошт, ки маводҳои ӯ интихобкарда ҳар қуввати зиёд ва ҳар боду ҳаворо тоб оварда метавонанд. Акнун тиҷорат бисёр ҷаззоб ба назар мерасид, ва сокинони алоқаманди Эндел аз ҳад зиёд шартномаҳоро имзо мекарданд, ки ӯ барои сохтани хонаҳо расидагӣ карда наметавонист. Ниҳоят, корҳо хуб пеш рафтанд.

Баъд аз ду сол Фиребхӯрда қарор кард, ки бо фурӯши заминҳои қитъавӣ машғул шавад. Аз шунидани шикоятҳои

беохири мизоҷоне, ки хона харида буданд, монда шуда, ӯ хост, ки заминфурӯшӣ кунад ва бо фурӯши хонаҳо ҳеҷ сарукор надошта бошад. Чунки дигар зарур намешавад, ки бо корҳои хидмати кафолатӣ ё таъмирӣ машғул шавад. Фиребхӯрда заминеро бо нархи як сотиқаш ҳазор талант пайдо кард. Барои ҳақиқат будан ин аз ҳад зиёд хуб буд. Дар вақти тадқиқоти бисёр дақиқ маълум шуд, ки ин замин ҳангоми обхезӣ имкон дорад зери об монад. Аммо ин маълумотро танҳо якчанд нафар доштанд, ки ҳамаи онҳо дӯстонаш буданд. Ӯ роҳбари шаҳрӣ, дӯсти Мустақилро, ба гап даровард, ки ба фурӯши ин қитъаҳо бидуни озмоиши геологӣ иҷозат диҳад. Дар охири охир ба ёди ӯ ҳеҷ як обхезӣ намеояд, пас мушкилӣ умуман дар чист? Муомила бе ягон мушкилӣ иҷро шуд. Чунин вонамуд мешуд, ки баъд аз ин ҳаёт барои соҳибкори ҷавон аз ин беҳтар шуда наметавонад.

## Ёрдамчии омӯзгор

Фавран баъд аз маҳфили хатмкунандагон Беҷуръат ҳамроҳи дугонаҳои худ ба мағозаҳо барои харидорӣ рафт. Ӯ ду мақсад дошт: якум, вақти худро бо дугонаҳояш гузаронад, хатми мактабро ҷашн кунад, дуввум, ба ӯ зарур буд, ки либоси нав ва дигар чизҳои заруриро барои ҳаёти нав бихарад. Аз ҳама хоҳиши пинҳонии ӯ ин Ёрдамчии Омӯзгор дар мактаби Эндел шудан буд. Мусоҳиба барои ин вазифа мебоист дар рӯзи ҷумъаи оянда шавад.

Дар рӯзи дуввуми дар мағозаҳо гаштан Ғайбатчӣ, дугонаи Беҷуръат, нақл кард, ки дугонаи умумии онҳо Тӯҳмат ба мудири мактаб хабар дод, ки гӯё Беҷуръат бо яке аз донишҷӯён муносибати наздик дорад, ки ин барои гирифтани вазифаи дилхоҳаш таъсири ҷиддӣ расонида метавонист. Аммо ин мутлақ гапи аҳмақона аст! Ӯ худро дар тамоми муддати дар мактаб дарс хондан пок нигоҳ дошта

буд. Беҷуръат фаҳмид, ки Тӯҳмат инро аз бахилӣ ё ҳатто аз нафрат ба ӯ кардааст.

Беҷуръат ба ғазаб омад. Бисёр таҳқир шуда, ӯ дар рӯзҳои рухсатӣ дар фикри хиёнати ба ном дугонааш фурӯ рафта буд. Ӯ ба худ қасам хӯрд, ки Тӯҳматро маҷбур месозад, ки ин дурӯғи худро ҷуброн кунад.

Рӯзи мусоҳиба расид. Ба тааҷҷуби Беҷуръат ӯро ба ин вазифа гирифтанд. Мудир тасдиқ кард, ки баъзе овозаҳо то гӯши ӯ ҳам расиданд, аммо баъд аз тафтишот ба беасос будани он боварӣ ҳосил кард. Ӯ на фақат вазифа гирифт, балки ба муаллими дӯстдоштааш, ки номаш Ҳаёти Дуҷониба буд, ёрдамчӣ таъин шуд. Ӯ аз ҳама омӯзгорони боистеъдоди Ҷалин буд. Беҷуръат дар ҳаяҷон буд, ки ба ӯ бовар карданд, ки бо чунин як роҳбари фаъол кор кунад. Машғулиятҳо шурӯъ шуданд. Ҳама чиз бисёр олиҷаноб пеш мерафт, лекин ӯ мисли пештара хафагиро дар дили худ нисбати Тӯҳмат гирифта мегашт. Муҳим набуд, ки чӣ тавр корҳо хуб пеш мерафтанд, ба назар чунин мерасид, ки ӯ наметавонад, хиёнати дугонаи собиқаи худро бубахшад.

Ба он нигоҳ накарда ки аз зоҳир ҳаёти ӯ бисёр хуб маълум мешуд, аммо дар зери ин зоҳир нохушиҳо пинҳон буданд. Номи омӯзгор Ҳаёти Дуҷониба пурра моҳияти ӯро инъикос мекард. Ӯ дар кор як одам буд ва тамоман дигар дар ҳаёти шахсӣ. Доварии ӯ аз ҳама сахт буд, барои он ки ӯ омӯзгор буда, афзалият дошт, ки шахсан бо Ҷалин вохӯрад.

Боре бегоҳӣ, вақте ки Беҷуръат ва Ҳаёти Дуҷониба танҳо монданд, ӯ дасти зӯрӣ карданро шурӯъ кард. Ҳайратзада ва таҳқиршуда, ӯ фавран он ҷоро тарк кард. Ӯ таслим намешуд, дар давоми якчанд ҳафта ба ӯ ҳамла карданро давом медод. Беҷуръат ҳатто аксуламали худро ба рафтори устоди олиҷанобаш тағйир дод, ва ба гапдарориҳои ӯ гӯш карданро сар кард: охир ӯ чунин як одами аҷоиб ва моту мабҳуткунанда буд. Аз он ки устодаш ба ӯ диққат мекард, бисёр

хурсанд мешуд. Ӯ боадаб ва боназокат буд, бар замми ин аз ҳама марди ҷаззоб дар ҷамъият ба ҳисоб мерафт. Ниҳоят, ӯ ба фишору ҳамлаи устодаш таслим шуд, ва дар байни онҳо робитаи ошиқонаи аҷибу ғариб шурӯъ шуд. Беҷуръат ҳеҷ гоҳ дар зиндагӣ чунин ишқи аҷибу ғарибро, ки ақлро аз сар дур мекунад, эҳсос накарда буд. Ҳар дафъае, ки ӯ ин одамро медид, нафасаш дар гулӯяш банд мешуд. Фикрҳои мулоқот бо дӯстдоштааш дар рӯзи таъиншуда ӯро ба андозае фурӯ бурда буданд, ки ӯ муваққатан аз хафагии пинҳонии худ, ки якравона нисбати Тӯҳмат нигоҳ дошта буд, дур шуд.

Дар ҳар ҳол, баъд аз чор моҳ муносибати Ҳаёти Дуҷониба нисбати ӯ ногаҳон сард шуд. Комилан нобуд шуда, духтар мехост сабабашро бифаҳмад. Ва ӯ гуфт, ки дар бораи робитаҳои ошиқонаи гузаштааш аз Тӯҳмат шунидааст. Ин, албатта, сабаби аслии ҷудошавӣ набуд, барои он ки фақат алоқамандиаш нисбати Беҷуръат гум шуд. Ҳаёти Дуҷонибаро аллакай ҳаваси як духтари дигар дар шаҳр фурӯ бурда буд. Охир духтарон наметавонистанд назди ҳамлаи қатъии ин марди машҳур ва васвасаангез истода тавонанд.

Беҷуръат шикаста шуда буд. Чӣ тавр ӯ метавонад он мардро ҳар рӯз дар мактаб бинад? Ҳамон лаҳза ариза оиди аз кор рафтанро дода, баъд аз якчанд рӯзи ғамгинӣ ӯ дар боқимонда чил ҳазор кошонаи ҳусн кушод. Беҷуръат дар ҷамъомадҳои ҳарҳафтаинаи мактаб рафтанро бас кард, ба он нигоҳ накарда ки қонунҳои Ҷалин муқаррар карда буд, ки ин ҷамъомадҳоро тарк накунанд. Ӯ намехост бо дурӯягон кор дошта бошад, ва аксарияти онҳо, аниқтараш, чунин буданд.

Рӯз ба рӯз ӯ зиёдтар сангдил шуда, ӯ бисёр кам мактаб ё Ҷалинро ба ёд меовард. Шавқе, ки пештар вай ин қадар ошкоро зоҳир менамуд, ба дилхунукӣ ва беорӣ иваз шуд. Агар аз ӯ пурсанд, ӯ тақдисшавии худро ба Ҷалин эътироф мекард, гарчанде дар таги дили худ ӯро гунаҳкор меҳисобид, ки ба чунин одамони бадахлоқ иҷозат додааст, ки вазифаи муаллимро дар мактаб ишғол кунад.

Дар вақти тамомшавии мӯҳлати озмоишӣ Бечӯръат ба як зани кинадил ва нешзабон табдил ёфт, агарчи устуворона инро эътироф намекард. Боқимонда рӯзҳои озмоишро ӯ дар кӯшиши дур сохтани хафагиҳое, ки одамон расонида буданд, гузаронд.

## Ҳокими Эндел

Акнун мо ба Худпараст бармегардем, ки ӯ аз маблағи гирифтааш фақат дар ҳайрат монда буд. Таълимоти Ҷалинро дониста, ӯ хатми мактабро таҷлил намуд ва аз шаробхӯрӣ худдорӣ кард. Якчанд рӯз истироҳат карда, ӯ ба сармоягузории пулҳои худ машғул шуд. Тиҷорат фоидаовар буд, ва ӯ пулҳои ибтидоии худро зиёд кард. Дар пулҳо комёбӣ пайдо карда, ӯ дар байни ҳамсолонаш шӯҳрат ёфт.

Худпараст дар ҷои аз ҳама хушрӯи шаҳр хона харида, одамони қудратманд ва бонуфузро ба меҳмонӣ даъват намуд. Аъзои ҳукумат, варзишгарони касбӣ, соҳибкорон ва дигар одамони машҳур аз меҳмоннавозии саховатмандонаи ӯ ҳаловат бурданд. Ҳамин тариқ, ӯ зуд ба яке аз одамони муҳими ҷамъият табдил ёфт.

Пас аз се сол ба шарофати вазъи иқтисодии худ ва шиносонаш номзадии худро ба мақоми ҳокими Эндел гузошта, ӯ ба осонӣ ғалабаро ба даст овард. Дар нақши нав омада, ӯ дарк кард, ки ба ӯ зарур мешавад, бисёр қарорҳои ҷиддӣ қабул намояд, ки яке аз онҳо ба мактаб дахл дошт. Бо сабаби он ки миқдори шогирдон афзоиш меёфт, зарурати сахт ба як бинои изофагӣ пайдо шуд. Ин дар бар мегирифт: харидани замин, ҷустуҷӯи паймонкорон, хароҷот барои сохтумон, ва ҳамчунин ҳама чизҳои лозимӣ барои ҷиҳозонидани мактаб. Қадами аввал барои ҳалли ин мушкилот ин ҷамъ кардани пул аз сокинони шаҳр буд. Бо тамом шудани пулҷамъкунӣ дар ҷамъомади ҳарҳафтаинаи шаҳрван-

дон Худпараст шунид, ки маблағ барои васеъкунии мактаб кофӣ нест, шахсан аз худаш ҳазор талант илова кард.

Баъдан вақти қабул кардани қарори на он қадар осон расид. Мактаб ниҳоятан маблағ барои харидани қитъаи замини муайян пайдо кард; нархи пешниҳодшуда фақат тааҷҷубоварона ба буҷа дохил мешуд. Аммо он қитъаи заминро соҳибони шабакаҳои мағозаҳои олии калон мехостанд бихаранд. Шӯрои шаҳрӣ ба як қарор омада натавонист. Мактаб ташкилоти ғайритиҷоратӣ буд, барои ҳамин ҳам андоз намедод. Аз тарафи дигар, мағоза метавонист даромади калон биёрад ва шаҳрро бо ҷойҳои кории иловагӣ таъмин намояд. Азбаски фикрҳо дар шӯрои шаҳрӣ гуногун буданд, раъй ҳалкунанда бояд раъйи ҳокими шаҳр мешуд. Худпарастро фикрҳои мухолиф азоб медоданд. Соҳибони шабакаҳои тиҷоратӣ барои кампанияи пешазинтихоботии ӯ пули калон масраф карданд, ва қудрати худро барои манфиати ӯ истифода карда буданд. Онҳо меҳмонҳои ҳамешагии ӯ буданд.

Барои ҳамин Худпараст ба фоидаи шабакаҳои тиҷоратӣ райъ дод. Дар назди ҷамъият ӯ интихоби худро бо он сафед карда гуфт, ки ин ба ҳамаи сокинони Эндел танҳо беҳбудӣ меорад. Ӯ бовар мекунонд, ки дар шаҳр ҷойҳои кор зиёд мешаванд ва ин ба таври ҷиддӣ буҷаи шаҳриро дар намуди андоз пур мекунад. Дониста истода, ки ин амали иҷронашаванда аст, ӯ ба ҳар ҳол ба мактаб маслиҳат дод, ки имкониятҳои дохилиро барои васеъ кардани бинои мавҷудбуда пайдо намоянд. Қарори ӯ ҳамаи пайравони ҳақиқии Ҷалинро бисёр ҷиддӣ хафа сохт, ҳоло он ки қисми зиёди ҷамъият хушҳолӣ мекарданд.

Мӯҳлати дусолаи дар мақоми ҳоким будан ба охир мерасид, мӯҳлати нави интихобот фаро мерасид. Як каме азоби виҷдонро ҳис карда, ӯ ҳадяи шахсӣ ба мактаб ба маблағи панҷ ҳазор талант кард. Пулҳоро дода, ӯ ваъда кард, ки ди-

гар қитъаи заминро пайдо мекунад, ки дар он сохтумон карда шавад. Ва ин рафтораш ба ӯ ёрдам кард, ки боз бовари пайравони зиёди Ҷалинро ба даст орад. Чунин ба назар мерасид, ки ин роҳбари ҷавон метавонад ба осонӣ интихоботро дар дафъаи дуввум ҳам ғалаба кунад.

## Соҳиби тарабхона

Бо хатми мактаб Хайрия аз бисту панҷ ҳазори гирифтааш се ҳазор талант ба сохтумони бинои нави мактаб ҳадя намуд. Дили ӯ пур аз миннатдорӣ барои ҳамаи он чизҳое буд, ки омӯзгорон ӯро ёд дода буданд, ва ӯ мехост инро бо чунин тариқ баён кунад. Бо боқимонда бисту ду ҳазор Хайрия тавонист, ки як тарабхона кушояд.

Ӯ бисёр мехост бо ҳама он чизе, ки бо ҳунари пухтупазӣ алоқа дорад, машғул шавад. Бар замми ҳамаи ин, ӯ як хонуми тоҷири бофаҳм баромад. Тарабхона аз ҳама як олоти беҳтарин буд барои нишон додани истеъдодҳои худ ва барои хидмат кардан ба ҷамъият. Ӯ тавонист, ки аз ҳама ошпазҳои беҳтаринро аз ҳар ноҳияҳо ба кор даъват кунад ва кӯшишҳои онҳоро якҷоя намуда, ғизоҳои барҷаста тартиб диҳад. Тарабхона зуд муваффақият пайдо кард.

Баҳои баланд ва мукофотҳо барои тарабхонаи худ гирифта, Хайрия ҳамеша ба ҳикмати Ҷалин ишора мекард. Дар мусоҳибаҳои худ ӯ ҳамеша аз муаллимони худ сипосгузорӣ мекард ва коргарони аҷоиби тарабхонаро таъриф менамуд. Хайрия медонист, ки ҳамаи ин ба шарофати Ҷалин имконпазир шуд.

Хайрия комёбии худро истифода мекард, бо ёрдам кардан ба ҷамъият ва мактаби Эндел. Ба ошпазхонаи мактаб ӯ хӯрок барои мӯҳтоҷон меовард. Зиёдтар вақт ӯ бегоҳиҳои холии худро дар ин кор сарф мекард, яъне ӯ худаш шахсан дар тақсими ин хӯрокҳо кор мекард. Ба ӯ маъқул буд, ки

ғизои гармро ба камбағалон тақсим кунад. Ва боз ин духтар қарор кард, ки бисту панҷ фоизи тамоми даромадашро ба эҳтиёҷоти мактаб медиҳад. Дар панҷ соли озмоишӣ ӯ ба мактаб дусад ҳазор доллар ҳадя кард.

Хайрия ба онҳое, ки зиёд меҳнат мекарданд, аммо ба бисёр душворӣ пулҳои худро нӯг ба нӯг мерасониданд, аз таҳти дил ёрдам мекард. Ба ғайр аз кӯмаки молиявӣ ӯ бо хурсандии зиёд ба онҳо дар бораи ҳикмати Ҷалин мегуфт ва ба онҳое, ки ёрдам мекард, ҳамеша такрор ба такрор мегуфт, ки ӯ ҳеҷ гоҳ ба чунин комёбӣ ноил намешуд, агар ки Ҷалин намебуд.

Ба муваффақияти тарабхона нигоҳ накарда Хайрия ҳеҷ гоҳ дар қатори меҳмонони даъватшуда дар хонаи Худпараст набуд. Як бор ҳам ба ӯ пешниҳод накарданд, ки ягон мансаби роҳбариро дар ҷамъият ишғол намояд. Ӯ номи пайрави аслии Ҷалинро дошт, ва ҳамчунон ӯ зан буд. Он ки ӯ ба ҷумлаи шахсони қудратманди шаҳр намедаромад, Хайрияро ҳеҷ озурдахотир намесохт ва наметарсонд. Фикри ӯ сӯи он касоне буд, ки комёбии кам доранд. Ба ӯ маъқул буд, ки ба ҷамъомадҳои ҳарҳафтаинаи мактаб равад, дар он ҷо ӯ ба одамон ҳам ёрдами молиявӣ мерасонд ва ҳам бо ҳар тарзи дигар. Хайрия зани ҷавони хушбахт буд.

## Рӯзи таъиншудаи Доварӣ

Рӯзи охири озмоиш фаро расид. Онҳое, ки мебоист ба доварӣ меомаданд, дарк мекарданд, ки ин чиз метавонад дар ҳар кадом рӯз дар давоми панҷ соли оянда шуданаш мумкин аст, чунки панҷ соли аввал аллакай ба охир мерасид. Лекин ҳеҷ кас ҳатто тасаввур ҳам намекард, ки ин бисёр зуд рӯй медиҳад. Рӯз мисли ҳамеша оғоз ёфт, аммо тамоман ғайричашмдошт тамом шуд. Дар бевақтии шаб ду ҳазор нигаҳбонони подшоҳии Аффабел хатмкунандагонро гирифта

бурданд. Хуруҷи пинҳонии онҳо дар он вақте шуд, ки ҳамаи боқимонда сокинони Эндел хоб буданд.

Ду ҳазор ҷавонон бо ҳамроҳии нигаҳбонон аз шаҳр бо роҳи пинҳонӣ берун карда шуданд. Ин ағбаи чуқур буд, ки дар зери дарёи Эдонга қарор гирифта буд. Аз зери ағба гузашта, онҳо боз ду рӯз дар биёбони беҳаёт қадам заданд. Дар тӯли тамоми сафар сардори нигаҳбонон ба онҳо ғамхорӣ мекард, аз захираи худ хӯрок, об ва ҳама чизи заруриро медод. Нигаҳбонон бисёр боадаб буданд, аммо ҳар чизро намегуфтанд. Диққати онҳо ба вазифаи дар наздашон гузошташуда равон буд. Ва танҳо ба баъзе саволҳо ҷавоб медоданд, ва энделитҳо мефаҳмиданд, ки ба дигараш ба онҳо ҷавоб додан манъ аст. Ҷавоби якхела ба саволҳои манъшуда чунин садо медод: “Ба зудӣ ҳама чизро мефаҳмед”, ки боз ҳам шавқмандии ҳамсафаронро тафсон мекард. Ба шаҳри бузурги деринтизор равона шуда, онҳо қариб ки ноҳинҷорӣ ё гармиро дар биёбон пай намебурданд. Дар субҳи рӯзи севвум онҳо ба теппагӣ боло шуданд, ки аз он ҷо шаҳри бузурге, ки бо нурҳои офтоби саҳарӣ ғарқ шуда буд, намоён мешуд. Аффабел аз тасаввуроти ҳар касе, ки ҷуръати ба худ тасаввур карданро дошт, аз он ҳам бузургтар буд.

Ҳар чи қадаре ки ба шаҳр наздик мешудӣ, бузургии он зиёдтар ва зиёдтар кушода мешуд. Ҳатто аз дур дида мешуд, ки мисли ин шаҳр дигаре нест. Ба ноҳияи марказии Аффабел ворид шуда, онҳо пай бурданд, ки ҳама чиз дар он бо ҳаёт пур аст. Дар ин ҷои аҷоиб паррандагон на танҳо месуруданд, балки гап зада метавонистанд. Сурудҳои аҷоиб ва оҳангҳои онҳо зебой ва ҷалоли шаҳри бузургро боло мебардоштанд. Барои энделитҳо ин пурра як чизи ғайричашмдошт набуд, чунки онҳо шунида буданд, ки аспи нигаҳбонон чӣ хел гап мезанад. Ин ҳайвонҳои наҷиб на фақат байни худ гап мезаданд, балки бо суханон ба савораҳои худ муроҷиат мекарданд. Воқеияти ошкоро ин муносибати таъ-

сирбахш байни одамон ва аспҳои онҳо буд. Ҳамчунин дида мешуд, ки ҳамаи ҳайвоноте, ки дар Аффабел буданд, гап зада метавонистанд ва қобилияти дӯст доштан ва хурсандӣ карданро доштанд.

Ба ҳар ҷое, ки энделитҳои ҷавон менигаристанд, дар ҳар ҷо онҳо ягон чизи ҷолиброро медиданд. Онҳо бо сари худ ба эҳтироми зиёди Аффабел ғӯтиданд. Дар ин ҳатто ҳаво рӯҳбаландкунанда буд, ба ақл рӯшноӣ медод ва ба танҳоии мондашуда қувват мебахшид. Обҳое, ки аз байни тамоми шаҳр ҷорӣ мешуданд, диққати мусофиронро ҷалб мекарданд. Чунин вонамуд мешуд, ки ҷараёни об аз зиндагӣ медурахшид. Торҳои мусиқии афсунгар тамоми муҳитро фаро гирифта буданд ва ҷонҳои хушҳоли онҳоро бо оромӣ пур карданд. Ҳама чиз дар гирду атроф аз растаниҳои хурд сар карда то ҳаво, аз зинда ҳам зиндатар ба назар мерасид – ҳама чиз дар худ қобилияти ҳаёт бахшиданро дошт. Ҳар як ҳиссачаҳои ин замини аҷоиб аз ҳаёт лабрез буд.

Худро дошта натавониста, ҷавонон даст дароз карданд, то ки ба ҳама он чизе, ки дар ин шаҳри дар ҳақиқат бузург диданд, даст бизананд. Онҳо мехостанд, бидаванд ва ҳама чизро худашон бубинанд, лекин онҳо бисёр хуб мефаҳмиданд, ки ба онҳо ҳеҷ кас иҷозат намедиҳад, ки инро кунанд. Онҳоро ба қабулгоҳи калон оварданд. Дар он ҷо мардону занонро ҷудо карданд ва иҷозат доданд, ки аз ҳаммомҳои мушкбӯй истифода намоянд, ва либосҳои махсус доданд, то ки барои мулоқот бо шоҳ омода шаванд. Мусофирон бисёр хурсанд буданд, ки либоси дар роҳ аз хок пуршудаи худро бикашанд, ки он дар ин шаҳр бисёр ғайриоддӣ ва дағал ба чашм мерасид.

Хоҳиши бузурги дар ин шаҳр зиндагӣ кардан ҳар энделитро фаро гирифт. Онҳо як ҳиссиёти аҷоиброро эҳсос карданд, гӯё ки ба хонаи худ баргашта бошанд. Ҳаммом карда ва либосҳои навро пӯшида, онҳо боз ба як гурӯҳ барои хӯро-

ки наҳорӣ ҷамъ шуданд. Дар ҳавлии бинои боҳашамат, ки ба онҳо камтар иҷозати сӯҳбат карданро доданд, онҳоро мизи оростаи аҷоиб мунтазир буд.

Биное, ки онҳоро оварданд, ба назар чунин мерасид, ки ғунҷоиши бемаҳдуд дорад, азбаски то ба андозае он калон буд. Бе шакку шубҳа, камаш сад ҳазор нафар дар байни деворҳои мармарии он озодона ҷойгир мешуданд. Баъд аз чойи субҳ гурӯҳро боз тақсим карданд, ин дафъа аз рӯи номҳояшон. Хайрия, Худпараст ва панҷсад нафар ҷавонони дигарро ба толори дар ҳамсоягӣ буда дар тарафи рост оварданд. Беҷуръат, Фиребхӯрда ва Мустақилро бо боқимонда якуним ҳазор ба толори дигар дар тарафи чап оварданд. Ба толор дохил шуда, онҳо боз номҳои худро дида монданд, ки дар остона навишта шуда буд. Номҳо ба тариқи ғайриоддӣ навишта шуда буданд – ба забоне, ки ба энделитҳо ношинос буд. Як толор номаш “Толори ҳаёт” буд, дигараш – “Толори адолат”.

## Толори ҳаёт ва Толори адолат

Аз остонаи толор гузашта, Мустақил хавотирии ғайриоддиро эҳсос намуд, ки он то ба даҳшат омада мерасид. Ӯ дар фикр ба дарсҳои мактаб баргашт, бо кӯшиши он ки ақаллан ягон чизро дар бораи Ҷалин ба ёд биёрад. Дар сараш бисёр чизҳо чаппаву роста буд. Ӯ бисёр сахт пушаймон шуд, ки ба бисёр дарсҳо намеомад. Чӣ хел ӯ ноҳақ буд, чӣ хел иштибоҳ кард, охир шаҳр ва подшоҳ бар ҳар сурат мавҷуд аст! Тарси бештаршавандаашро кӯшиши доштан намуда, ӯ бо ларза муҳаббат ва хислати пурмарҳамати Ҷалинро ба ёд овард. Дар ҳамин лаҳза ӯ тамоман намехост дар бораи беайбӣ ва муқаддасии подшоҳ фикр кунад, ки ин фикрҳо дар сараш шилқинона тасвир мешуданд. Ӯ худро бо он таскин медод, ки одами хуб буд ва дар корҳои ҷамъиятӣ иштирок мекард.

Чуқур нафас гирифта ва ба гирду атроф нигоҳ карда, Мустақил пай бурд, ки ӯ дар гурӯҳи аз ҳама шаҳрвандони бадтарини Эндел қарор дорад. Дар ҷумлаи онҳо ӯ фиребгарон, қаллобон ва шаробхӯронро шинохт. Дар байни онҳо муфтхӯрон низ буданд. Мавҷи нави тарс ӯро рӯйпӯш намуд, ва дар он лаҳзае ӯро воҳима гирифт, ӯ Беҷуръатро дида монд. Чашмони худро пӯшида, ӯ нафаси сабук кашид. Ӯ ҳамон дақиқа ба хотир овард, ки Беҷуръат дар синф аз ҳама пайрави барҷаста ва саргарми Ҷалин буд. Магар ӯ нашунида буд, ки Беҷуръат ҳатто дар мактаб кор мекард? Агар ҳатто ӯ дар ин толор ҳамроҳаш бошад, шояд ҳама чиз хуб тамом шавад.

Ба тарафи ӯ ҳаракат карда, вай ба Фиребхӯрда бархӯрд. Боз як нишонаи нек! Агар ӯ бо Беҷуръат қариб ҳеҷ гап назада бошад, ӯ медонист, ки Фиребхӯрда имондори қавӣ буд. Барои онҳо ҳатто оддӣ буд, ки бештар вақт дар бораи Ҷалин баҳс намоянд. Ҳолаташ пурра тағйир ёфт, дар он вақте ки ӯ дӯсти собиқаашро дар оғӯш гирифт. Аксуламали Фиребхӯрда бисёр оташин ва мусбӣ буд. Ҳамон замоне, ки тарсҳо дур шуданд, дӯстон сӯҳбатро шурӯъ намуданд. Шояд ки марҳамати Ҷалин аз ҳамаи интизории онҳо боло омад. Танҳо бубин, чӣ хел осон ӯ он касонеро бахшид, ки Мустақил бахшидани онҳоро имконнопазир меҳисобид. Оё ҳамин хел нест? Наход ки устоди бузург Ҳаёти Дуҷониба талаботи худро нисбати онҳо баланд гузошта буд. Акнун ӯ қариб боварӣ дошт, ки ҳама чиз хуб мешавад.

Аммо набудани Хайрия ва Худпараст онҳоро хавотир мекард. Дигар воқеияти нохуш, ки ба он чашм пӯшида намешуд, ин одамоне буданд, ки дар гӯшаҳо истода, гиря мекарданд. Лекин мумкин аст дили онҳо аз миннатдорӣ аз некии Ҷалин пур шуда бошад?

Дар толори дигар низ одамон аз эҳсосот пур буданд. Дӯстоне, ки якдигарро баъд аз мактаб гум карда буданд, аз вохӯрии якдигар бисёр хурсанд буданд. Ба наздикӣ дар ҳар

сӯҳбат танҳо як мавзӯе, ки ҳамаро ба ҳаяҷон оварда буд, ҳукмронӣ мекард, яъне онҳо ба зудӣ Ҷалинро мебинанд! Вақт расида буд, ки онҳо даъвати аслии худ ва тақдири ваъдашударо биозмоянд. Онҳо ҳамаашон аз шаҳри бузург фарёд мезаданд. Онҳо ҳамеша медонистанд, ки ин ҷо нисбати Эндел бисёр хуб аст, аммо ҳатто таассуроти аввал аз нақшаҳои хаёлии онҳо боло буд. Ҳама чиз бисёр калон буд, аз он ки дар фаҳмиши онҳо ҷой мешуд.

Наход ин рост бошад, ки онҳо метавонанд тамоми ҳаёти худро дар чунин ҷои аҷоиб гузаронанд? Барои чунин шараф ҳар кадоми онҳо розӣ буд, ки ҳатто фаршҳоро бишӯяд! Ҳамаи онҳое, ки дар ин толор буданд, медонистанд, ки ҳамроҳи Ҷалин мешаванд, аммо намефаҳмиданд, ки чӣ тавр метавонанд назди довари боадолати ӯ биистанд. Бо гузаштани якчанд вақт дар толор муҳити тантанавӣ ҳукмрон шуд. Оё онҳо бовафо буданд? Вақт ба зудӣ инро нишон медиҳад. Ҳаяҷоне, ки бо эҳсосоти тарс омехта шуда буд, ин хидматгорони фурӯтанро, ки мунтазири вохӯрӣ бо шоҳи худ буданд, пур карда буд.

Дар аввал бояд онҳоеро доварӣ мекарданд, ки довариро дар Толори ҳаёт мунтазир буданд. Лекин ба онҳо мо баъдтар бармегардем. Ҳоло бошад ҳикояти мо моро ба Толори адолат мебарад.

## Даъват ба Толори доварӣ

Нисфирӯзӣ буд. Мунтазирон дар Толори адолат ором шуданд, ба онҳо боварӣ омад, ки ҳеҷ чиз онҳоро таҳдид намекунад. Ҳар чизе, ки онҳоро ба шубҳа меандохт ё номаълум буд, онҳо ба марҳамати Ҷалин ё роҳҳои пурасрори ӯ бор мекарданд. Чунин фикр кардан онҳоро ором месохт.

Мустақил аввалин касе буд, ки аз байни якуним ҳазор нафар энделитҳои ҷавон ба толори доварӣ даъват карда

шуд. Чор нафар нигаҳбонони дарборӣ омаданд, ки ӯро то Толори бузурги адолат роҳнамоӣ кунанд. Бо кӯшиши дур кардани вазъияти шадид ӯ табассум намуд ва ба яке аз онҳо, ки тасодуфан нигоҳаш вохӯрд, чашмакӣ зад. Ба тааҷҷуби бузурги ӯ аксуламал нашуд.

Ҳамон замоне, ки аз пасаш дарвозаҳои толор баста шуданд, ҳама саволҳои собиқ ӯро азобмедода боз пеши чашмонаш омаданд. Қалбаш дар синааш мисли чӯби нағора мезад. Ба назараш чунин мерасид, ки ин садоро ҳатто нигаҳбонон мешунаванд, ҳоло он ки онҳо зоҳир нашуданд. Чӣ хел ӯ мехост, ки Фиребхӯрда дар паҳлӯяш бошад! Ҳозир ӯ дар назди Довар меистад, аммо ӯ танҳо намонданро бартар медонист. Дилпурии Мустақил босуръат кам мешуд.

Пеш аз дохил шудан ба Толори бузург яке аз нигаҳбонон ёддоштро ба таври кӯтоҳ хонд. Мустақил ҳама вақт сарашро меҷунбонд, аз тарси он ки ҳама чизи хондашударо дар хотир дошта наметавонад. Дар гӯшҳояш чунон тапиш буданд, ки ӯ тарсид, ки шунавоиашро аз даст надиҳад. Нигаҳбон дар ҷавоб сари худро ҷунбонд, яъне боварӣ ҳосил карда, ки Мустақил тартиботи тарзи амал карданро мефаҳмад, ва дарвозаҳои толор калон кушода шуданд.

Ба Толори бузург якчанд қадам монда, Мустақил дарк кард, ки тамоми баданаш меларзад. Қатраҳои арақ дар пешонии одатан сардаш пайдо заданд. Ӯ бохти мутлақро эҳсос кард, бо дидани он ки ӯро тамоман такон дод!

БОБИ 3

# Подшоҳии Аффабел: Рӯзи Аввали Доварӣ

*Ҳамаи инҳоро Исо ба мардум бо масалҳо баён мекард, ва бе масал ба онҳо сухан намегуфт, то ба амал ояд каломе, ки бо забони набӣ гуфта шудааст: "Даҳони Худро ба масалҳо мекушоям; чизҳоеро, ки аз офариниши олам пинҳон мондааст, баён менамоям".*

— Матто 13:34,35

Пеш аз он ки достони худро давом диҳем, ман мехостам боз суханони Исоро, ки дар бораи доварии оянда гуфта шудааст, гуфта гузарам. Дар Инҷили Юҳанно (12:48) мо мехонем: "Каломе ки гуфтам, дар рӯзи вопасин бар вай доварӣ хоҳад кард". Мо аллакай стандартеро, ки аз рӯи он дар назди тахти Ӯ доварӣ карда мешавем, медонем,– Навиштаҷоти Муқаддас.

Барои ҳамин дар назди бисёри гуфтаҳои Ҷалин, ки дар Толори адолат гуфта шуда буданд, истинодҳо бо рақамҳо дода мешаванд. Ин рақамҳо ба ҷойҳои Навиштаҷот аз тарҷумаҳои гуногун дахл доранд, ҳамаи онҳо дар охири китоб оварда шудаанд. Қисми зиёди суханони Ҷалин аз ҷойҳои Навиштаҷот иборатанд, ки ба қаҳрамонони ҳикояти мо мувофиқ карда шудаанд.

Ана акнун ба Аффабел бармегардем.

## Доварӣ бар Мустақил

Толори бузург ҷолибтар буд, аз он ки Мустақил ба худ тасаввур карда метавонист. Агар ба ӯ имконият медоданд,

ки дар бораи он ба боқимонда якуним ҳазор одамон нақл кунад, ӯ сухане ё муқоисае пайдо карда наметавонист, то бузургӣ ва шукӯҳу ҷалоли онро тасвир намояд. Ҳар кадом бинои Эндел дар муқоиса бо санъати меъмории ин толор бисёр кӯҳна ба назар мерасид. Дар толор тахминан сад ҳазор нафар ҷой мешуд. Ӯ ҳеҷ гоҳ ин қадар мардуми зиёдро дар як толор надида буд.

Наздик омада, Мустақил дар минбар чеҳраҳои шаҳрвандони Аффабелро дид, ки онҳо фарқ мекарданд. Аввалин чизе, ки ӯ дид ин ҷилоро, ки аз онҳо мебаромад. Ӯ аз зебогии афсонавии онҳо тасхир шуда буд: онҳо мисли сокинони дигар дунё намудор мешуданд. Чунин дигаргуншавӣ бо он шарҳ дода мешуд, ки ба ҳамаи онҳо иҷозат дода шуда буд, ки аз меваи дарахти ҳаёт бихӯранд.

Мустақил дар дили худ фикр кард: “Наход ки ҳамаи онҳо сокинони пештараи Эндел бошанд?” Баъдан ӯ як духтареро дид, ки бо ӯ шинос буд. Номи ӯ Накӯкор буд. Ӯ ҳамагӣ якчанд сол аз ӯ калон буд, ва ӯ дар ёд дорад, ки чӣ хел ба ӯ аз сабаби хоксории зоҳириаш ханда мекарданд. Ҳоло ӯ бисёр мафтункунанда вонамуд мешуд. Нишонаҳои ӯ мисли пештара монда буданд, ки ӯро ба осонӣ шинохта мешуд, лекин ба чӣ тариқ ӯ бештар хушрӯй шуда буд, ки аз сокини зеботарини Эндел ҳам зеботар. Дар ҳақиқат, ҳар касе ки ин ҷо ҳузур дошт, ҳатто мисли дигарон на он қадар зебо ҳам бошад, бисёр ҷаззоб буд, нисбат ба онҳое, ки ӯ мешинохт.

Аз зарбаи рӯҳонии якуми худ ба ҳуш омада, ӯ пай бурд, ки тамоми нигоҳҳо ба он тарафе равона ҳастанд, ки он ҷо нигаҳбонон ӯро мебаранд. Чунин чизро ӯ ҳеҷ вақт надида буд. Ин тахт буд. Ҳеҷ як муқоиса наметавонад инро тасвир намояд, ки дар асл ин тахти пурҷалол чӣ гуна буд. Вақте ӯ ба он касе, ки дар тахт нишаста буд, нигарист, он вақт ӯ фавран дарк кард, ки сарчашмаи бузургии тамоми шаҳр кӣ мебошад. Он аз шоҳ бармеомад. “Бояд ки ин худи Ҷалин бошад”,– фикр кард Мустақил. Ногаҳон ӯ аниқ бовар кард.

Рӯи Ҷалин бисёр зебо буд, лекин дар ин лаҳза сахтгир менамуд. Бисёр хушрӯй, аммо ваҳмовар, чунин тасвир дақиқтар мебошад. Тамоми намуди ӯ асиркунанда буд, аммо бо ҳар як қадам дар дили Мустақил даҳшат зиёд мешуд. Боқимондаи боварӣ гум шуд. Бо ӯ чӣ мешавад? Бо кӯшиши он ки худро аз даст надиҳад, Мустақил дар дили худ такрор мекард, ки ба назди шоҳи бомарҳамат наздик мешавад. Ӯро аллакай шакку шубҳа азоб медод, оиди он ки оқибаташ хуб мешавад ё не.

Ногаҳон ба ӯ амр доданд, ки дар ними роҳи тахт дар майдончаи на он қадар калон бозистад. Дар болои сари ӯ Ҷалин боло шуд, ки ба одамони ҷамъшуда муроҷиат намуд:

– ...Ва ҳама хоҳанд донист, ки Ман Имтиҳонкунандаи дилҳо ва ботинҳо (фикрҳо, ҳиссиёт ва мақсадҳо) ҳастам; ва ба ҳар яке аз шумо мувофиқи аъмолаш подош хоҳам дод.

Мустақил якҷоя бо дигарон шунид, ки чӣ хел ногаҳон Ҷалин рост ба чашмони ӯ нигоҳ кард ва аз ӯ талаб намуд:

– Оиди идоракунии худ, ҳисобот бидеҳ.

Пеш аз он Мустақил ягон калимаро ба даҳон оварад, дар экрани калон дар болои тахт тамоми ҳаёти ӯ аз рӯзи аввали мактаб то дирӯз намоён шуд. Ҳар рафтор, ҳар калима, ҳар ният дар пеши чашми шоҳидон воз шуда буд. Ростии ошкоршуда дар бораи Ҷалин ӯро ба ваҳм овард: “Ва ҳеҷ махлуқе нест, ки аз Ӯ ниҳон бошад, балки ҳама чиз пеши чашмони Ӯ бараҳна ва ошкор аст: ба Ӯ ҳисобот хоҳем дод”.

Мустақил аз дидани роҳҳои ахмақона, золимона ва худпарастонаи худ коҳиш ёфт. Он воқеият, ки ҳамаи ин ба чашми ин қадар одамон кушода шуда буд, шармандагӣ ва зарбаи рӯҳонии ғайричашмдошт буд. Он чизҳое, ки дар Эндел беаҳамият ва ҳатто безиён буд, акнун назди ин довари бошараф ва шаҳрвандони барӯманди Аффабел бисёр нафратовар буд. Ӯ аз рафтори худаш ба даҳшат омад. Чӣ хел ӯ тавонист чунин беэҳсос, ахмақ ва гумроҳ бошад? Ӯро умеди

хаёлӣ чангол шуд, ки миқдори корҳои хуб аз корҳои бад зиёд мебарояд.

Ба он нигоҳ накарда ки ӯро сарзаниш ва ҷазои даҳшатнок мунтазир буд, ӯ баъд аз тамом шудани намоиш сабукӣ эҳсос кард. Ӯ худро хушбахт меҳисобид, агар ки аз ҳама одами хурд дар ин ҷамъият шавад, ва умед дошт, ки корҳои хуб аз корҳои бад зиёд мешаванд.

Пас аз он Ҷалин аз сардори котибон пурсид:

– Оё номи ӯ дар Китоби Ҳаёт ёфт шуд?

Ӯ дер накарда ҷавоб дод:

– Не, ҷаноби ман.

Онгоҳ Ҷалин гуфт:

– Мустақил, ту аз барои он гунаҳкор ҳастӣ, ки табиати золимонаро интихоб кардӣ, ва ба замини Лон ронда мешавӣ, то ки дар он ҷо тамоми ҳаёти худро дар азобу уқубати торикии берунӣ, ноумедӣ ва танҳоӣ сипарӣ намоӣ.

Мустақил дар ҳайрат монда, дод зад:

– Барои чӣ ҷаноб?

– Ту ба ман бовар накардӣ,– ҷавоб дод Ҷалин. – Устодони ту таълим медоданд: “Зеро агар имон наоваред, ки ин Ман ҳастам, дар гуноҳҳои худ хоҳед мурд”, ва боз “Дар зери осмон ҳеҷ исми дигаре ба одамон ато нашудааст, то ки ба василаи он наҷот ёбем”.

– Аммо, ҷаноби Ҷалин, корҳои хуби ман чӣ мешаванд? Оё онҳо аз корҳои бадам зиёдтар нестанд?

Шоҳ Ҷалин ҷавоб дод:

– Гап дар он нест, ки ту чӣ қадар кам ё чӣ қадар зиёд қонунро вайрон кардӣ, барои он ки “Касе, ки тамоми шариатро риоя намуда, валекин дар як чиз гуноҳ кунад, нисбат ба ҳама чиз айбдор мешавад”.

Мустақил худро ба даст гирифт ва эътироз кард:

– Одам чӣ хел метавонад наҷот ёбад?

Ба ин савол Ҷалин худаш ҷавоб надод. Ӯ ба сокини обрӯманди Аффабел нигарист, маълум мешуд, ки ёрдамчиаш

аст, барои он ки ӯ дар тахт нишаста буд, мисли тахти шоҳ, аммо андозааш хурдтар. Зан гуфт:

– Оё устодон ба ту нагуфта буданд, ки Ҷалин туро бо марҳамати махсуси худ наҷот дод, аммо ту ба ин бояд бовар мекардӣ. Наҷотро кор карда намешавад, ин атои Ҷалин аст. Наҷот ин на мукофот барои корҳои нек, то ҳеҷ кас бо онҳо фахр накунад. Ҷалин илова кард:

– Чандин асрҳо пештар ман барои қонуншиканиҳои шаҳрвандон ҳам дар гузашта ва ҳам дар оянда нарх супоридам. Ягон одам наметавонист назди ман бегуноҳ монад ё ба пуррагӣ қонунро риоя кунад, лекин аз барои муҳаббат ба одамон, ман худам ба ҷои онҳо ҷазо дидам. Барои ҳамин ҳам наҷоти ман – ин тӯҳфа аст, ки ба он сазовор будан номумкин аст; ту наметавонистӣ ба андозаи кофӣ корҳои нек бикунӣ, то ки шаҳрвандиро дар Аффабел сазовор шавӣ. Он ба воситаи имон овардан ба ман дода мешавад. Ту бошӣ он чизеро, ки ман барои наҷотат кардам, рад кардӣ.

Якчанд сония дар комилан беҳолӣ хомӯш монда, Мустақил гуфт:

– Фаҳмо.– Ӯ эҳсос кард, ки дар баҳри ноумедӣ ғарқ мешавад. Ламс карда ки чиро чангол бигирад, ӯ пурсид: -Пас, ҳама он чизе, ки ман кардам, барабас буд?

Ҷалин ҷавоб дод:

– Навишта шудааст: “...мурдаҳо чизеро намедонанд, ва барои онҳо дигар подоше нест, ҳатто зикрашон фаромӯш шудааст; ҳам муҳаббаташон, ҳам нафраташон ва ҳам рашкашон барбод рафтааст, ва дигар то абад барои онҳо аз ҳар коре, ки таҳти офтоб карда мешавад, насибе нахоҳад буд” ва боз: “Чунки шахси бад оянда надорад: чароғи шарирон хомӯш мешавад”.

Суханони Ҷалин Мустақилро ҳайрон карданд, ки ӯ хомӯш монд. Ӯ дар бораи дарсҳои аз даст додааш афсӯс хӯрд. Имкон дорад, ки агар ӯ ҳақиқатро мешунавид, ин хатогии ҳалокатоварро дар ҳаёти худ намекард.

Баъд аз чанд сонияи хомӯшӣ ба сари ӯ фикри дигар омад. Ин ҳамон фикре буд, ки бо он ӯ худро дар тамоми рӯз таскин медод, ва он ба ӯ умеди нав мебахшид:

– Ҳа, ҳар он чизе, ки ту гуфтӣ,– ростӣ. Аммо, Ҷалин ту шоҳи бомарҳамат ҳастӣ! Агар ин чунин бошад, ту чӣ тавр метавонӣ маро биронӣ?

Ҷалин ҷавоб дод:

– Ман шоҳи бомарҳамат ҳастам, маҳз аз ҳамин сабаб ман туро дур мекунам. Ту он зиндагиеро, ки дар Эндел доштӣ, худат қарор кардӣ, ту бо ин қарорат бар худ табиати торики ҷаноби Дагонро интихоб кардӣ. Чӣ хел ман метавонам подшоҳи бомарҳамат, ҳақиқӣ ва дӯстдоранда монам, агар ба бадахлоқии ту иҷозат диҳам, ки ин шаҳри бузургро олуда бисозад? Ман ба покии Аффабел зарар мерасонам. Табиате, ки ту интихоб кардӣ, ба зудӣ зоҳир шуданро шурӯъ мекунад, ва ин ҳазорҳо ҳаёти покро барбод медиҳад. Ту худат роҳи худро интихоб кардӣ. Барои ин ба ту айни ҳамон подош дода мешавад, мисли ба он касе, ки ту ӯро пайравӣ кардӣ, яъне Дагон. Агар ман ба ту ҳукми кам таъин намоям, нисбат ба ӯ, ман ҷаноби беадолат мешавам. Аммо ман боадолат ҳастам!

Пас аз он Ҷалин ба ҳамаи ҳозирин гуфтаҳои қадимии падари худро иқтибос овард: “Касе, ки ба калом беэътиноӣ кунад, ба худаш осеб мерасонад; вале касе, ки аз аҳком тарсон бошад, мукофот меёбад”.

Сипас шоҳ ба хизматгорони худ гуфт: “Дасту пои вайро баста, ба зулмоти берун баровларда партоед; дар он ҷо гиря ва ғиҷирроси дандон хоҳад буд; зеро даъватшудагон бисёранд, аммо баргузидагон –кам”.

Мустақил аз ҳарос фиғон зад, ҷонкании даҳшатнок ӯро фаро гирифт, вақте ки сардори нигаҳбонон дасту пои ӯро баст ва ба дарвозаи паҳлӯии толор бурд. Дар байни ҳазорҳо ҷамъомадагон ҳеҷ садое шунида намешуд. Онҳо ғамгинона ба одаме нигоҳ мекарданд, ки бо ҳаёти худ чунон аҳмақона

ихтиёрдорӣ карда ва барои тамоми боқимонда ҳаёташ ҷазо гирифта буд.

Мустақилро ба дигар толори интизорӣ бурданд. Дар ин ҷо ҳазорҳо зиндонҳои хурд буданд, ки барои маҳкумшудагон тайёр карда шуда буданд. Дар даромадгоҳи ин толор чунин суханон навишта шуда буданд:

> "Хушо онҳое, ки аҳкоми Ӯро риоят мекунанд, то ки ба дарахти ҳаёт ҳуқуқдор шаванд ва ба дарвозаи шаҳр дароянд. Вале сагон, ва ҷодугарон, ва зинокорон, ва қотилон, ва бутпарастон, ва ҳар касе, ки дурӯғро дӯст медорад ва ба амал меоварад,– берун аз он хоҳанд буд".

Мустақил ба ин навиштаҷот нигоҳ карда монд, ва дар дохили ӯ ғазаб ҷӯш зад. Акнун ӯ пурра бо таъсири табиати бади худ иҳота шуда буд. Он комилан ҳамаи некияшро, ки дар хислаташ дошт, фурӯ бурда буд. Рафтори ӯ бо ҷидду ҷаҳд ба рафтори саги ваҳшӣ табдил ёфт. Бе таъсири подшоҳ ӯ асири ақли гунаҳкори худ шуд.

## Фиребхӯрда назди Ҷалин

Боз якчанд соат гузашт. Бисёриҳоро аллакай дар Толори адолат даъват карданд, вале Фиребхӯрда, Беҷуръат ва Ҳаёти Дуҷониба ҳанӯз ҳам дар ҷумлаи касоне буданд, ки навбати худро мунтазир буданд. Фиребхӯрда дар ҳолати хуб буд, ки ин ба дигарон умед медод.

Дарвозаҳои толор воз шуда, чор нафар нигаҳбонони подшоҳӣ ҳозир шуданд, ин дафъа Фиребхӯрдаро даъват карданд. Аз ҳолати ҷиддие, ки ӯро фаро гирифта буд, ӯ ба ларза омад: вақти ӯ расид. То ки ҳаяҷони худро пинҳон намояд, ки дар ин кор ӯ моҳир буд, ӯ ба дигарон гуфт: "Ҳоло, бачаҳо, рақами ман бурднок аст!"

Фиребхӯрда бо дастур шинос шуд, ва аз дарвозаҳои кушодаи Толори адолат гузашт. Ӯ айни ҳамон эҳсосотеро аз сар

мегузаронид, ки Мустақил дошт. Ӯ низ аз зебоӣ ва бузургии толор дар ҳайрат монд, ва ҳамчунин аз оромии шаҳрвандони ҷамъомада. Аз толор гузашта истода ӯ якчанд шиносҳояшро вохӯрд: ҳамаи онҳо дар мактаби Эндел таҳсил карда буданд, ва онро як-ду сол пеш аз ӯ хатм карда буданд, дар баробари ин ӯ нисбати Мустақил зиёдтар шиносҳояшро дид, барои он ки қариб ҳеҷ вақт вохӯриҳои мактабро аз даст намедод.

Якеи аз онҳо, ки ӯро Фиребхӯрда шинохт, шахсе буд, ки ба мактаб намерафт, номаш Сангдил буд. Ӯ ҳамчун аз ҳама золими ашаддӣ машҳур буд. Бо тааҷҷуб Фиребхӯрда дар муқобилаш истод.

– Ӯ ин ҷо чӣ кор мекунад?

Сардори нигаҳбонон сари худро ба Фиребхӯрда ҷунбонда маълум кард, ки ба ӯ бо ин одам гап задан мумкин аст.

Ӯ наздиктар омад ва пурсид:

– Ин ту астӣ Сангдил?

Ин шахс ҷавоб дод:

– Як вақте ман Сангдил будам, лекин ҷаноби Ҷалин номи манро тағйир дода, ба ман номи Осоиштаро дод.

Фиребхӯрда ҳайрон шуд:

– Ту умуман чӣ тавр ба ин ҷо омада тавонистӣ? Туро аз ҳама одами золим дар ҷамъияти мо меҳисобиданд. Ту ба мактаб намерафтӣ ва аз ҳамаи онҳое, ки ман мешиносам бештар ба Ҷалин мухолифат мекардӣ.

– Ҳа, комилан дуруст, аммо ман аз он ки чӣ хел будам ва чӣ кор мекардам нафрат пайдо кардам,– ҷавоб дод Осоишта.– Азбаски ман ба мактаб намерафтам, ман ҳеҷ гоҳ суханони Ҷалинро, ки ҳаёти маро тағйир дода метавонанд, нашунида будам. Як ҳафта пеш аз рӯзи Доварии худ ман дар тарабхонаи Хайрия ғизо мехӯрдам. Ӯ медонист, ки ҳаёти ман шикаста аст, ва ба кадом тариқ ӯ тавонист дарди маро ҳис кунад. Ӯ пули ғизои маро бо он шарт дод, ки баъд аз ғизо хӯрдан ман ҳамроҳи ӯ барои гап задан мемонам. Ӯ ду соат вақташро

масраф кард, то ки ба ман дар бораи Ҷалин, некии ӯ, наҷоти ӯ ва дар бораи ҷои аҷоиб бо номи Аффабел бигӯяд.

Ӯ ба ман фаҳмонд, ки ҳанӯз ҳам дер нашудааст, барои бахшидани ҳаёти худ ба шоҳи бузург. Ман ҳанӯз ҳам имконият доштам, ки бахшиши бешартро бигирам ва дар подшоҳии ӯ қабул шавам. Муҳаббати Ҷалин маро пур кард, ва ман то охир худро ба ҳукмронии ӯ бахшидам. Ба он нигоҳ накарда ки ман ҳамагӣ як ҳафта доштам, то ки ба ӯ дар Эндел хизмат кунам, ман инро аз таҳти дил кардам. Ман назди он касоне рафтам, ки онҳоро ранҷонида будам, ва моли касеро дуздида будам, ва аз онҳо бахшиш хостам. Ман ба онҳо зиёдтар баргардонидам, аз он ки гирифта будам.

Фиребхӯрда хомӯш буд. Ба пушт нигоҳ карда дид, ки нигаҳбон сари худро меҷунбонад, ба маънои тасдиқи гуфтаҳои ӯ. Пас аз он Осоишта ба ҷои худ қадам монд, Фиребхӯрда бошад роҳи худро сӯи тахт идома дод.

Ӯ наметавонист фикр накунад дар бораи қиссаи ҳамин лаҳза шунидааш. Ба ӯ дар бораи марҳамати бузурги Ҷалин гуфта буданд, ва ҳоло ӯ шоҳиди он шуд, ки то чӣ андоза он моту мабҳуткунанда аст. Ин шахс аз ҳама одамоне, ки ӯ мешинохт бадтарин буд, ин ҷо бошад ӯ чунон бузург шуда буд, мисли дигарон. Фиребхӯрда аз ҳар вақта ҳам зиёд итминон дошт, ки дар пеши чашмони Ҷалин марҳамат пайдо мекунад, барои он ки ӯ ҳамеша ба Ҷалин боварӣ дошт.

Дар назди тахт истода, Фиребхӯрда айни ҳамон фармонро шунид, ки Мустақил шунида буд:

– Барои идоракунии худ ҳисобот бидеҳ.

Мисли Мустақил ӯ ҳам дар экран тамоми ҳаёти худро дид, аз рӯзи аввали мактаб то дирӯз. Чӣ хел ин таскинкунанда буд, дидани он ки чӣ хел ӯ ба дарсҳо бо ҷидду ҷаҳд мерафт ва дастгирии Ҷалинро дар назди ҳамаи ҷамъомадагон. Аммо ба зудӣ ӯро воҳима гирифт. Тарзи ҳаёти ӯ ӯро айбдор мекард. Ӯ ҳамеша корҳои худро сафед мекард, аммо

вақте ки онҳо дар назди чашми довари бузургвор ва виҷдони поки шоҳидон намоён шуданд, ӯ шарм ва хиҷолатро эҳсос кард. Вақте ки алоқаҳои ҷинсии нофаҳмояш ба тамоми ҷамъияти бонуфуз маълум шуданд, ӯ хост, ки дар ягон сӯрохӣ даромада ва он ҷо пинҳон шавад.

Ба назари ҷомеа на фақат рафтори ӯ, балки фикр ва ниятҳояш низ баромаданд. Аз куҷо Ҷалин метавонист аз ҳамаи ин хабардор шавад? Ӯ чӣ тавр метавонист Фиребхӯрдаро аз барои он корҳое доварӣ кунад, ки дар бораи онҳо ҳеҷ кас ҳеҷ гоҳ намедонист? Розҳои чуқуртарини ӯ дигар махфӣ набуданд. Ҳамаи ҷамъшудагон дида метавонистанд, ки чӣ хел ӯ дар корҳояш ташнаи фоида буд, дар фурӯши хонаҳо ва қитъаҳои замин. Онҳо мушоҳида мекарданд, ки чӣ тавр ӯ ба тарзи ба худ хос ғайбат ва тӯҳмат мекард, то ки чизи хостаашро бигирад. Ӯ ҳама чизро мехост бо хоҳиши дили худ кунад ва барои худ. Бо воқеият баҳс кардан имконнопазир буд. Агарчи ӯ худро бо он тасаллӣ медод, ки ҳамаи ин аҳамияти калон надорад, барои он ки ӯ ба Ҷалин бовар мекард ва ҳамеша тақдисшавии худро ба ӯ эътироф мекард.

Ҳамон вақте ки тамоми зиндагии ӯ дида шуд, Ҷалин ба котиби подшоҳӣ рӯ оварда, пурсид:

– Номи Фиребхӯрда дар Китоби Ҳаёт навишта шудааст?

– Не, ҷаноби ман,– ҷавоб дод ӯ.

Ҷалин эътироф кард:

– Фиребхӯрда, ту дар дар он гунаҳкор астӣ, ки аз ман рӯй гардондӣ, ва аз ин сабаб ту ба замини Лон ронда мешавӣ, то ки боқимонда ҳаётатро дар азоби зулмоти берунӣ, дар ноумедӣ ва танҳоӣ гузаронӣ.

Фиребхӯрда карахт шуда буд. Фикрҳои ӯ ба ҳар сӯ равона мешуданд: “Не, ин иштибоҳ аст. Чунин шуданаш мумкин нест! Ман ба Ҷалин бовар дорам. Ӯ чиро дар назар дошт, вақте ки гуфт: “Аз ман рӯй гардондӣ?””

Ӯ аз тааҷҷуб фарёд зад:

– Кай ман аз ту рӯй гардонидам?!

– Ту шунидӣ чӣ хел устодон дар бораи он касоне огоҳ мекарданд, ки онҳо мегӯяд, ки Ҷалинро мешиносанд, лекин бо аъмолашон ӯро инкор менамоянд, дар ҳолате, ки зишткор ва беитоат буда, ба ҳеҷ амали нек қобил нестанд?Ва боз Фиребхӯрда кӯшиш намуд, ки эътироз кунад:

– Аммо, шоҳи бузург, ман ба мактаби ту мерафтам. Ман дар дарсҳо ва дар бисёр корҳои мактаб иштирок кардам. Ман туро ҳатто хӯҷаин номидам!

Ҷалин дарҳол ҷавоб дод:

– Чаро маро “Худовандо! Худовандо!” мегӯед, вале он чиро ки Ман мегӯям, ба ҷо намеоваред? Ман аллакай шуморо огоҳ карда будам, вақте гуфтам, ки на ҳамаи онҳое, ки намуди диндорӣ доранд, дар асл парҳезгоранд. Ман гуфтам: на ҳар касе, ки ба Ман: “Худовандо! Худовандо!” мегӯяд, ба Малакути Аффабел дохил хоҳад шуд, аз ҳама асосиаш он аст, ки оё иродаи Падари Маро, ки дар осмон аст, ба ҷо оваред. Бисёр касон дар он рӯз ба Ман хоҳанд гуфт: Худовандо! Худовандо! Ба бисёр касон дар бораи номи Ту гуфтем... Он гоҳ дар ҷавоби онҳо хоҳам гуфт: Ман ҳаргиз шуморо намешинохтам; аз Ман дур шавед, эй бадкорон!

Фиребхӯрда ба хашм омад:

– Аммо ман бовар мекардам... Ман ба ту мутобиқи каломи худат бовар кардам, ман бояд наҷот ёфта бошам!

Ҷалин пуртоқат буд, аммо устувор. Ӯ ба шаҳрвандони ҷамъомада нигоҳ кард, ба муаллими собиқаи мактаб, ки дар тахти хурдтар нишаста буд:

– Ба Фиребхӯрда бихон, ки дар мактаб чиро дарс медоданд.

Ин одам аз навиштаҷоти муқаддас хонд: “Эй бародарони ман, чӣ фоидае ҳаст, агар касе гӯяд, ки имон дорад, дар сурате, ки амал надорад? Оё чунин имон метавонад ӯро наҷот диҳад?” Ҳамчунин имон низ, агар аъмол надошта бошад, ба худии худ мурда аст. Балки касе хоҳад гуфт: “Ту имон дорӣ,

вале ман аъмол дорам,– имони худро бе аъмол ба ман нишон бидеҳ, вале ман ба ту имони худро аз аъмоли худ нишон медиҳам". Ту имон дорӣ, ки Ҷалин ҳаст? хуб мекунӣ; девҳо низ имон доранд ва меларзанд. Аммо, эй одами бемағз, оё мехоҳӣ бидонӣ, ки имон бе аъмол мурда аст?Ҷалин боз як маротиба такрор кард:

– Ту мегӯӣ, ки имон доштӣ, аммо имон имон нест, агар ки он бо рафторҳои итоаткорона мувофиқ набошад. Кофӣ нест, ки ту бигӯӣ ман имон дорам, барои он ки девҳо низ имон доранд, аммо наҷот ёфта наметавонанд. Он касоне, ки дар ҳақиқат имон доранд, табиати тағйирёфтаи худро зоҳир мекунанд, ва самараҳои табиати золимро ба амал намебароранд. Ту ҳамеша самараҳои ҷаноби золим Дагонро овардӣ, ки ин тасдиқ мекунад, ки ту дар асл ба ман аз таҳти дил имон намеовардӣ.

Фиребхӯрда бо мушкилӣ чизҳои шунидаашро дарк мекард:

– Он золим Сангдил-чӣ? Ман аз ӯ беҳтар будам! Ту чӣ хел метавонӣ ӯро қабул кунӣ ва маро биронӣ? Ту беадолат ҳастӣ!

Ҷалин ҷавоб дод:

– ...Шумо мегӯед: "Роҳҳои Худованд боинсоф нест! "...Бишнавед! Оё роҳҳои Ман боинсоф нест? Роҳҳои шумо, охир, боинсоф нест? Ва агар шарире аз шароратe, ки ба амал овардааст, тавба кунад, ва адлу инсофро ба ҷо оварад, ӯ ҷони худро зинда нигоҳ хоҳад дошт. Ӯ, ки назар андохта, аз ҳамаи ҷиноятҳои худ, ки ба амал оварда буд, тавба кардааст, ҳатман зинда хоҳад монд, ӯ нахоҳад мурд.

Фиребхӯрдаи ноумедшуда ва золим фарёд заданро давом дод:

– Аммо ман дар бораи ту ва каломи ту ба дигарон гуфтам. Ман ҳатто бо ихтиёри худ дарсҳоро дар мактаби ту ҷонишинӣ кардам!

Акнун Ҷалин қатъӣ ҷавоб дод:

– Ту чӣ ҳақ дорӣ, ки фароизи Маро ривоят намоӣ, ва аҳди Маро ба забони худ оварӣ, дар сурате, ки худат аз хулқу одоб нафрат дорӣ, ва суханони Маро пушти по мезанӣ? чун дуздро дидӣ, ҳамроҳи вай медавӣ, ва бо зинокорон шарик мешавӣ; даҳони худро барои бадгӯй мекушоӣ, ва забонат макр мебофад; нишаста дар ҳаққи бародари худ сухан меронӣ, ба писари модари худ бӯҳтон мезанӣ; чунин рафтор кардӣ, ва Ман хомӯш мондам; гумон кардӣ, ки Ман мисли ту ҳастам; бинобар ин туро мазаммат хоҳам кард, ва доварии туро пеши назари ту ба амал хоҳам овард (гуноҳҳои туро).

Фиребхӯрда хомӯш буд. Фикрҳо мисли гирдбод дар сараш мегаштанд, вале ӯ дигар гуфтание надошт, барои сафед кардани худаш.

Якчанд сония гузашт. “Он гоҳ шоҳ ба хизматгоронаш гуфт: дасту пои вайро баста, ба зулмоти берун бароварда партоед: дар он ҷо гиря ва ғиҷирроси дандон хоҳад буд”.

Ҳамон вақте ки сардори нигаҳбонон ба ӯ наздик мешуд, ӯ таҳқирро ба рӯи Ҷалин, нигаҳбонон ва ҳатто шаҳрвандони Аффабел пош дод. Ӯ мисли дарранда шуд. Ҳар чизи хубаш акнун фурӯ бурда шуда буд бо фошшавии табиати аслиаш.

Ӯро бо дасту пойи баста аз толор бароварданд, ӯ бошад ба ҳама бадгӯиро давом медод. Мисли Мустақил ӯро ба зиндони алоҳида то тамом шудани доварӣ ҷой карданд.

Ҳамон лаҳзае, ки Фиребхӯрдаро аз толор бароварданд, Ҷалин ба ҷамъомад рӯ овард:

– Насле ҳастанд, ки дар назари худ пок мебошанд, ҳол он ки аз наҷосати худ шуста нашудаанд.

## Беҷуръат назди Ҷалин

Дар қабулгоҳи Толори адолат на бештар аз сад нафар монда буданд, ки дар ҷумлаи онҳо Беҷуръат ва Ҳаёти Дуҷониба низ буданд. Беҷуръат то қадри имкон аз ӯ дуртар ме-

истод, ҳанӯз ҳам талхии хафагӣ дар дилаш буд. Ӯ ҳам аз Беҷуръат мегурехт.

Чор нафар нигаҳбонон даромаданд, то ки Беҷуръатро баранд. Ӯ асабонӣ шуд, намефаҳмид, ки ӯро куҷо мебаранд, аммо ҳанӯз ҳам як сабукиро эҳсос мекард, барои он ки Ҳаёти Дуҷониба дар пушт монд. Мисле, ки ба дигарон, ба ӯ ҳам дастур дар назди дари Толори бузург хонда шуд, ва баъд аз он ӯро ба дохил бурданд.

Аз назди шаҳрвандони Аффабел гузашта истода ӯ бисёр нафаронро шинохт, ки дар мактаб онҳо пештар буданд. Аксарияти онҳо дар имони худ аз ӯ дида бовафо ва барҷаста набуданд. Беҷуръат бо ҳайрат якчанд нафарро дида монд ки чи хеле ки ӯ итминон дошт, ин ҷой барои онҳо набуд.

Ба назди тахт наздик омада, Беҷуръат якчанд тахтҳои нисбатан хурдро дид, ки назди тахти калон гузошта шуда буданд. Ӯ якчанд муаллимонро шинохт, ки ба назари ӯ, бояд ки дар ин подшоҳӣ роҳбарон мебуданд. Аммо ӯ аз дидани бештари дар тахт нишастагон дар ҳайрат монд. Онҳо аз ҳама сокинони нонамоёни Эндел буданд. Якчанд нафари дар тахт нишастагон дар ҳақиқат одамони бой буданд. “Чӣ тавр бойҳо дар ин тахтҳои бонуфуз омаданд?”– фикр кард ӯ дар дили худ.

Пеш аз он ки ӯ ба ин савол ба худ ҷавоб диҳад, ӯ овози Ҷалинро шунид:

– Ҳисобот бидеҳ барои идоракунии худ.

Дар экрани калон тамоми ҳаёти ӯ намоён шуд. Беҷуръат бо ҳавас ба сабти солҳои мактабияш нигоҳ мекард. Кӯмакҳое, ки ба дӯстонаш бо ихтиёри худ мекард, дарсҳои иловагӣ ва сардори синф буданаш барои чизҳои беҳтар умед медод. Ӯ бо далерӣ ва ғайрати худ ифтихор мекард. Валекин ҳолаташ тағйир ёфтанро сар кард, вақте ки дар экран аксуламали ӯ ба дурӯғи Тӯҳмат пайдо шуд. Комилан ба чашм намоён буд, ки ӯ хафагии худро дур накарда буд. Фикрҳои дилаш ошкор шуданд, ки бисёр бад намудор ме-

шуданд. Худро қурбонишуда ҳисоб карда, ӯ тамоми гуноҳро ба сари Тӯҳмат ва Ҳаёти Дучониба бор мекард, ки ин ба ӯ халал мерасонд, ки масъулиятро барои интихоби худ бигирад. Ӯ дид, ки бо гузашти айём дард, ғазаб ва ташнагии қасос афзоиш меёфтанд. Ба он нигоҳ карда ки ӯ тавонист эҳсосоти худро хомӯш кунад, аммо мушкилоташро аз решааш ҳал накарда буд. Ин на танҳо дар хафагии беохир аз Ҳаёти Дучониба ва Тӯҳмат зоҳир мешуд, балки дар он ки ӯ дар ҳақиқат дар тамоми душвориҳояш Ҷалинро айбдор мекард. Чӣ тавр ӯ ба чунин одам иҷозат дод, ки дар мактаб дарс диҳад. Хашм ва қобилияти бахшида натавонистани ӯ дар назди ҳама сахт ва қатъан ошкор шуда буданд.

Вақте ки намоиш ба охир расид, возеҳ шуд, ки ӯ зане ҳаст, ки пур аз талхӣ ва маҳрум аз некӣ нисбати дигар одамон. Аммо ба он нигоҳ накарда ки ҳамаи ин дар чашми ҷамъомади бузург ошкор шуда буд, ӯ итминон дошт, ки тақдисшавии пештарааш ба ӯ марҳамати шоҳро таъмин мекунад. Ӯро сарзаниши ногузир метарсонд, лекин ӯ ҳатто тасаввур ҳам карда наметавонист, ки дар пеш ӯро чӣ интизор аст.

Ҷалин ба котиби подшоҳӣ рӯ овард:

– Оё номи Бечуръат дар Китоби Ҳаёт ҳаст ?

– Не, ҷаноби ман.

Ҷалин ҳукми худро баровард:

– Бечуръат, ту барои аз даст додани одилӣ ва рӯйгардонӣ аз ман ба воситаи хиёнат гунаҳкор ҳастӣ, аз ҳамин сабаб ту ба замини Лон ронда мешавӣ, то ки дар он ҷо боқимонда ҳаёти худро гузаронӣ дар азоби зулмоти берунӣ, ноумедӣ ва танҳоӣ.

Даҳшати тасвирношуданӣ Бечуръатро фаро гирифт. Ӯ зарбаи рӯҳии бештар гирифт, нисбати ҳамаи онҳое, ки пеш аз ӯ дар ин ҷо истода буданд. Чунин ҳеҷ имкон надорад! Ин хоби ғамафзо аст, не, хоби даҳшатнок, ва ӯ бояд танҳо бихезад! Шояд, ӯ чизеро нафаҳмид.

Ба чизҳои шунидааш бовар накарда, ӯ пурсид:

– Ҷалин, ту гуфтӣ, ки ман бояд ба замини даҳшатноки Лон равам?

– Ҳа, Беҷуръат, ту ҳамаашро дуруст фаҳмидӣ – ҷавоб дод ба ӯ шоҳ.

– Чӣ хел чунин шуда метавонад, шоҳ Ҷалин? Ман ба ту имон дорам. Ин дар экрани ҳаёти ман возеҳ дида мешуд. Ҳаёти ман далели хуби имони ман мебошад. Ман эътироф мекунам, ки дили ман сахт шуда буд, ва муҳаббат дар он мурда буд, аммо на бо гуноҳи ман. Дар ин Тӯҳмат ва Ҳаёти Дуҷониба гунаҳкор ҳастанд. Ин аз барои онҳо ман сангдил гаштам.

– Оё ту дар бораи огоҳии ман ба воситаи муаллимон фаромӯш кардӣ?– пурсид Ҷалин-“Ба сабаби афзудани шарорат, муҳаббати бисёр касон сард хоҳад шуд; лекин ҳар кӣ то охир сабр кунад, наҷот ҳохад ёфт”. Ту то охир сабр накардӣ.

Беҷуръат эътироз кард:

– Аммо, ҷаноби Ҷалин, ман беайб ҳастам, барои он ки ба ту имон дорам. Имкон дорад, ки ман оташи шаҳодатдоданро гум кардам, аммо ман ҳамеша ба ту имон доштам, ки агар одам наҷотро қабул кунад, ӯ наметавонад онро аз даст диҳад. Ҳатто баъзе муаллимон инро тасдиқ карда буданд. Аз рӯи гапи онҳо ҳеҷ кас наметавонад маро аз дасти ту ба зӯрӣ бигирад.

Ҷалин ба ӯ ҷавоб дод:

– Ҳа, ин ростӣ аст. Ҳеҷ кас наметавонад туро аз дасти ман ба зӯрӣ бигирад, лекин ман ҳеҷ гоҳ нагуфтаам, ки ту худат рафта наметавонӣ. Танҳо ту чунин қувватро дорӣ. Оё ту Навиштаҷотро нахондаӣ: “Зеро, агар ба василаи шинохтани Худованд ва Наҷотдиҳандаи мо Исои Масеҳ аз қабоҳатҳои дунё халосӣ ёфта, аз нав ба доми онҳо афтода мағлуб мешуда бошанд, анҷоми онҳо бадтар аз аввалаашон мешавад. Барои онҳо надонистани роҳи адолат беҳтар мебуд, аз он ки баъд аз донистани он аз ҳукми муқаддасе, ки ба онҳо супурда шудааст, рӯй гардонданд”. Агар ман гуфта бошам, ки беҳтар аст, ки роҳҳои адолатро надонанд, барои он ки онҳо аз аввалаашон бадтар мешаванд, ту чӣ хел фикр

кардӣ, ки наҷоти худро аз даст додан имкон надорад? Агар ин имкон намедошт, чӣ хел одам метавонист бадтар шавад, нисбати он ки то наҷоти худ буд?

Барои чӣ ту он муаллимонро гӯш кардӣ, ки бар зидди каломи ман гап мезаданд? Ман ҳама чизро муфассал навиштам, то ки ҳар кас роҳи адолатро бифаҳмад. Барои чӣ ту иҷозат додӣ, ки туро фиреб диҳанд. Агар ту имон доштӣ ба он чизе, ки ман гуфтам, ту бояд талхиеро, ки дар дил доштӣ, ғалаба мекардӣ. Аммо ту, дар ҳолати тасаввуроти бардурӯғ оиди амнияти бешарти худ буда, ба он иҷозат додӣ, ки то андозаҳои назоратнашаванда калон шавад ва акнун ҳукме гирифтӣ, ки онро нагирифтан мумкин буд.

– Корҳои хуби ман-чӣ?– Беҷуръат ба илтиҷо даромад.

Ҷаноби Ҷалин ҷавоб дод:

– Ва боз мепурсам, оё ту каломи маро хондӣ, ки ба воситаи пайғамбар гуфта будам: “Ва агар одиле аз адолати худ даст кашида, ноинсофӣ кунад, яъне мисли ҳамаи корҳои зиште, ки шарир мекунад, амал намояд, оё ӯ зинда хоҳад монд? Тамоми аъмоли одилонае, ки ӯ ба ҷо овардааст, ба ёд оварда нахоҳад шуд; ӯ дар хиёнати худ, ки ба амал овардааст, ва дар гуноҳи худ, ки кардааст, хоҳад мурд. Вале шумо мегӯед: “Роҳҳои Худованд боинсоф нест!”. Бишнавед…! Оё роҳҳои ман боинсоф нест? Роҳҳои шумо, охир, боинсоф нест. Агар одил аз адолати худ даст кашида, ноинсофӣ кунад ва бимирад, онгоҳ ӯ аз боиси ноинсофии худ хоҳад мурд”. Ҳамааш, чи хеле ки навишта шудааст; корҳои неки ту фаромӯш шудааст ва ҳисоб карда намешавад.

Фурсати охиринро маҳкам дошта, Беҷуръат гуфт:

– Аммо, ҷаноб, ту худат гуфтӣ, ки агар ман туро Наҷотдиҳандаи худ эътироф кунам, номи ман дар Китоби Ҳаёт навишта мешавад. Барои чӣ номам дар он ҷо нест? Чаро хизматгорат онро ёфта наметавонад? Чӣ тарз он гум шуд?

Босаброна, лекин қатъан ҷаноби Ҷалин гуфт:

– Ту нашунидӣ, ки пештар чӣ гуфта шуда буд? “Лекин ҳар кӣ то охир сабр кунад, наҷот ҳохад ёфт”. Онҳое, ки то охир бовафо монданд, то Рӯзи Доварӣ, ғалаба карданд. Ман фаҳмо гуфтам: “Касе, ки ғолиб ояд, либоси сафед дар бар хоҳад кард; ва Ман номи вайро аз дафтари ҳаёт пок нахоҳам кард”. Агар ман гуфтам, ки номро аз Дафтари Ҳаёт пок нахоҳам кард, пас он пок карда ҳам мешавад. Вагарна ман чунин мегуфтам: “Агар маро хӯҷаин номед, номҳои шумо то абад дар Дафтари Ҳаёт навишта мешаванд”.

– Чӣ тавр ту метавонӣ маро ба замини Лон биронӣ, ҷое, ки дар он мурдагони зинда ронда шудаанд?– зора мекард Беҷуръат.

– Навиштаҷоти қадимаро бихон, ки аз онҳо сокинони Эндел хабар доранд,– гуфт Ҷалин, ба яке аз шахсони дар тахти хурдтар нишаста рӯй оварда.

Ҳоким бихонд:

– Одаме, ки аз роҳи хирад дур шуда бошад, дар ҷамоати мурдагон сокин мешавад.

Беҷуръат дар хомӯшӣ монд. Он гоҳ шоҳ ба хизматгоронаш гуфт:

– Дасту пои вайро баста, ба зулмоти берун бароварда партоед: дар он ҷо гиря ва ғиҷирроси дандон хоҳад буд, зеро даъватшудагон зиёданд, вале баргузидагон кам.

Вақте ки сардори дидбонон ба ӯ наздик омад, ӯ Ҷалинро лаънат кард. Ӯро талхии ваҳшиёна саросар гирифта буд ва табиати ду карат афтодааш дар ӯ бо тамоми пуррагӣ зоҳир шуд (Яҳудо 12). Ӯ мисли дарахти тирамоҳӣ шуд, ки бо шамоли тирамоҳӣ аз реша канда мешавад.

Бо дасту пои баста, ӯро ба дарвозаи паҳлӯӣ бароварданд. Мисли дигарон ӯро дар зиндони алоҳида шинонданд. Ҳамон замоне, ки ӯ аз толор берун шуд, калони котибон эълон кард:

“Зеро агар мо, дониши ростиро дошта истода, худсарона гуноҳ кунем,– дигар қурбоние барои кафорати гуноҳҳо боқӣ намемонад, балки интизории пурдаҳшати доварии Ҷалин

ва ғазаби оташе, ки хасмҳоро ба коми худ хоҳад кашид... Зеро мо мешиносем, Касеро, ки гуфтааст: интиқом аз ҷониби Ман аст, Ман сазо хоҳам дод, мегӯяд Худованд. Ва боз: Худованд қавми Худро доварӣ хоҳад кард. Ба дасти Ҷалин афтодан даҳшатангез аст".

## Доварӣ бар Ҳаёти Дуҷониба

Ҳаёти Дуҷонибаро охирон даъват карданд. Ӯ қонунҳои Ҷалинро медонист, ва ба хубӣ мефаҳмид, ки ҳукми ӯ сабук намешавад. Ба наздикӣ ӯ мефаҳмад, ки ҷиноятҳояш барояш чӣ қадар ба нархи гарон меафтанд.

Ӯ афсурдагиро дар Толори адолат, ки нигаҳбонон ӯро ҳамроҳӣ мекарданд, аз сар мегузаронд. Ҳаёти ӯ дар экран нишон дода шуд ва ӯ суханони талхро дар бораи он шунид, ки номи ӯ дар Китоби Ҳаёт нест.

Ҷалин қатъан гуфт:

– Ҳаёти Дуҷониба, ту барои хиёнат, гум кардани одилӣ, ва аз барои он ки барои бисёр одамон санги пешпо шудӣ, маҳкум ҳастӣ, ва ба замини Лон ронда мешавӣ, ки туро ҷазои бузургтарин ва азобу уқубат мунтазир аст.

Ҳаёти Дуҷониба, бо даҳшат ҳукмро шунида, илтиҷо намуд:

– Ҷаноб, аммо ман дар мактаби ту муаллим будам. Ман ҳаёти худро барои кори ту додам.

Ҷалин ҷавоб дод:

– Ту муаллим буда, китоберо, ки аз он дарс медодӣ, нахондӣ:

"Эй бародарони ман! Бисёре аз шумо муаллим нашавед, чун медонед, ки мо ба маҳкумияти бештари Ҷалин дучор хоҳем шуд".

– Ба кадом тариқ ман санги пешпо шудам?– пурсид Ҳаёти Дуҷониба.

Садои Ҷалин сахттар шуд:

– Ту барои бисёр нафарони хурди ман монеа шудӣ, онҳое, ки бархӯрданд, то абад афтоданд. Беҷуръат яке аз онҳо. Ӯ барои ғамхорӣ кардан ба ту бовар карда шуда буд.

Ман ба ту қудрат дода будам, ки ӯро ҳимоя кунӣ, на ин ки барои манфиатҳои шахсият истифода барӣ. Қудрати худро истифода карда, ту ба шаҳвати худ мухолифат накардӣ, бо таҷовуз кардани ӯ ва дигарон. Ба ӯ аз тарафи дугонааш захм расонида шуда буд, ва ту, ки бояд ба ӯ шифоӣ меовардӣ, ӯро истифода кардӣ. Ту имони ӯро барбод додӣ. Ӯ ҷазои ронда шудан ба Лонро гирифт. Ту, албатта ки, огоҳии маро дар ёд дорӣ: "Ва ҳар кӣ яке аз ин тифлонро, ки ба Ман имон меоваранд, ба васваса андозад, барои вай беҳтар аст, ки санги осиёе бар гарданаш овехта, вайро дар баҳр афкананд".

– Аммо, Ҷалин, ман медонам, ки бояд ба Лон ронда шавам,– илтимос мекард Ҳаёти Дуҷониба,– лекин барои чӣ ман ба ҷазои сахттарин маҳкум шудам? Чаро ту бо ман ин қадар сангдил ҳастӣ? Ман хидматгори ту будам, на ин ки ягон каси бевафо. Ман мисли Мустақил набудам, ки намехост бо ту ҳеҷ чизи умумӣ дошта бошад. Чаро?

Ҷалин сахтгир ва устувор буд.

– Ту навиштаҳои муқаддасро медонистӣ. Барои чӣ ту ба ман ҳамаи ин саволҳоро медиҳӣ? Ман навиштаро ба ёдат меорам, агар ту фаромӯш кардӣ. Навиштаҳои муқаддас возеҳ ҳастанд: "Лекин агар он ғулом дар дили худ гӯяд, ки "оғои ман ба зудӣ намеояд", ва ба задани ғуломону канизон... шурӯъ кунад, оғои он ғулом дар он рӯзе, ки ӯ мунтазир нест, ва дар он соате, ки гумон надорад, хоҳад омад ва ӯро ду пора карда, қисматашро ба хоинон баробар хоҳад кард. Ва он ғулом, ки иродаи оғои худро медонист, вале тайёр нашуд ва мувофиқи иродаи вай амал накард, шаттаи бисёре хоҳад хӯрд".

Мустақил аз дарк кардани ҷиноятҳои худ дур буд. Ту ҳам дониш доштӣ, ҳам фаҳмиш. Ҷазои сахти ӯ ба ҳар ҳол нисбати ҷазои ту сабуктар мешавад. Барои ту ман ҷой дар... торикии зулмот то абад тайёр кардам.

Пас аз он Ҷалин ба сардори нигаҳбонон амр дод:

– Дасту пои вайро баста, ба зулмоти берун бароварда партоед: дар он ҷо гиря ва ғиҷирроси дандон хоҳад буд. Зеро ки даъватшудагон бисёранд, аммо баргузидагон-кам.

Наздик омадани нигаҳбононро интизор шуда, Ҳаёти Дуҷониба Ҷалин, нигаҳбон ва шаҳрвандони Аффабелро лаънат кард. Ба онҳо муқобилият нишон дода, ӯ боғазаб кӯшиш кард, ки озод шавад ва ба Ҷалин ҳамла оварад. Табиати аслии ӯ худро пурра зоҳир кард. Ҳама чизи хуберо, ки то ҳоло дар ӯ буд, дурӯягӣ фурӯ бурд.

Дар тамоми роҳи толор лаънат карда, бо дасту пои баста, ӯ ба дарвозаи паҳлӯӣ бароварда шуд ва бо боқимонда якуним ҳазор маҳкумшудагон якҷоя шуд, ки онҳо ҳамон лаҳза ба замини Лон фиристода шуданд.

Ҳамон лаҳзае, ки Ҳаёти Дуҷонибаро аз толор бароварданд, сардори дабирон ба ҷамъомад эълон кард:

– Довариҳои ту боадолатанд; онҳо он чиро ки сазовор ҳастанд, мегиранд.

Ва аз қурбонгоҳ овозе шунида шуд, ки мегуфт:

– ...Довариҳои Ту ҳақ асту рост.

## Замини радшудаи Лон

Якуним ҳазор нафар энделитҳои маҳкумшуда, ки дар қафасҳо бандӣ шуда буданд, бо ҳамроҳагии нигаҳбонони подшоҳӣ ба сафари дуҳафтаина ба замини Лон рафтанд. Роҳи онҳо ба воситаи Биёбони бузурги оташ паймуда мешуд, ҷое ки дар он гармӣ, ки аз замини сӯзон боло мебаромад, тоқатнашаванда буд. Баногоҳ дар байни биёбон, дар он ҷое, ки маркази гармӣ буд, як сохтумони калони шаклаш номаълум ба назар намоён шуд. Наздик омада, онҳо лавҳаашро хонда тавонистанд: “Замини радшудаи Лон”.

Бодиққаттар нигоҳ карда, онҳо диданд, ки дар бино тиреза нест, танҳо як дари калон ҳаст. Ба он даромада, ҳар як маҳкумшудагон овозҳои аз дохил мебаромадаро шуниданд, ки фиғони даҳшати ҳазорҳо одамонро ба ёд меовард. Онҳо ҳамон лаҳза сардори нигаҳбононро узру зора карданд: “Оё

мо бисёр пеш нарафтем? Аз барои мо марҳамат бипурсед, ҷазои мо бисёр сахт аст!”

– Дар ин ҷой одамон чанд сол мемонанд?– Мустақил аз нигаҳбон пурсид.

– Аз як то яксаду бисту нӯҳ сол.

Фиребхӯрда зарбаи рӯҳонӣ дида буд: ҳоло он ки ӯ дар қаъри дили худ ҳама вақт умед дошт, ки ҳама чизи рӯйдода дар давоми ду ҳафтаи охир фақат хоби даҳшатнок аст ё танҳо як тарзи тарсонидан. Саволи дигарро ӯ ба ҳамон нигаҳбон дод:

– Ин рост аст, ки ман маҷбур ҳастам тамоми ҳаёти боқимондаамро дар ин ҷо гузаронам?

– Ҳа, маҳз дар бораи ин туро ҳама вақт дар Эндел огоҳ карда буданд.

Маҳкумшудагон ба ҷазои сахттар дар ошёнаҳои болоии бинои металлӣ ҷойгир карда шуда буданд, дар он ҷое, ки ҳарорат бештар зиёд буд. Онҳое, ки аъмолашон сазовори ҷазо буд, вале ростиро намедонистанд, дар ошёнаҳои поёни ин сохтумони калон ҷойгир шуда буданд. Аммо дар он ҷо ҳатто як рӯз ҳам будан тоқатнопазир буд, дар бораи садҳо сол ҳеҷ нагуфта!

Азобҳои Ҳаёти Дуҷониба бисёр ҳам даҳшатангез буданд, бадтар аз тақдири онҳое, ки дар ошёнаҳои болоии бино буданд. Ӯро ба зиндони серизаминӣ фиристода буданд, дар паҳлӯи олтингӯгирди сӯзон. Танҳо як бӯи бадаш тоқатнопазир буд, ва ҳарорат дар ин ҷо аз тамоми ҷойҳо сахттар буд. Зиндон ҳатто на дар бино буд, балки дар қаъри замин. Бидуни шак ин ҷои азоби сахттарин буд. Дар ин ҷо ӯ бояд ки дар танҳоии пурра азоб мекашид. Бино бисёр калон буд, то онҳое, ки барояшон ҷазои якхела дода шуда буд, ҷой шаванд. Ҷудо аз якдигар, онҳо метавонистанд танҳо овози худро шунаванд.

Ҳамон замоне ки маҳкумшудагон сахт қулф карда шуданд, нигаҳбонони подшоҳӣ ба сӯи баромадгоҳ равона шуданд. Дарвозаи металлии калон бо тараққос аз паси онҳо

баста шуд, ва акнун ҳеҷ як нури рӯшноӣ наметавонист ба дохили бино дарояд. Ин одамони бечора беш аз яксаду бисту панҷ солро дар торикии мутлақ ва танҳоӣ мебоист сипарӣ мекарданд. Имконияти ягона барои дидани рӯшноӣ дар як сол як дафъа дода мешуд, вақте ки гурӯҳи нави маҳкумшудагонро меоварданд. Аммо инро он касоне дида метавонистанд, ки дар наздикии дарвозаи калон ҷойгир буданд. Дигарон, ба монанди Ҳаёти Дуҷониба, наметавонанд ҳеҷ гоҳ рӯшноии рӯзро бубинанд. Барои онҳо сиёҳии торикӣ ҷазои таъиншуда буд.

## Андеша

Тамоми боқимонда вақти мавҷудияти худ ин чор нафар дар бораи он афсӯс хӯрданд, ки як вақте онҳо қарор карданд, ки ростиро гӯш накунанд. Онҳо ҳамеша дар бораи ахмақии худ андеша мекарданд, ки аз барои он ба суханони Ҷалин, ки ба онҳо дар замини Эндел дастрас буд, бедиққатона муносибат карданд. Онҳо тайёр буданд ҳар чизро бикунанд, фақат ки як имконияти дигар барои баргаштан ба гузашта дошта бошанд ва тақдири худро тағйир диҳанд. Оҳ, чӣ хел онҳо мехостанд, ки ба ақидаи машҳури аксарияти ҳамсолони худ гӯш накунанд, фикрҳои шахсии ахмақонаи худро партоянд ва Навиштаҷоти вайроннашавандаи тағйирнаёбандаи қадимаро маҳкам бигиранд.

Онҳоро хотирот дар бораи подшоҳии аз ҳама аҷоиб, ки танҳо онҳо медонистанд, шиканҷа медод. Дар азоби доимӣ онҳо хаёл карданро дар бораи зебоии шаҳри бузург давом медоданд, ба он нигоҳ накарда ки онҳо шаҳрро танҳо якчанд лаҳза дида буданд. Муқоисакунӣ шиканҷаи онҳоро сахттар мекард: ҳарорати оташӣ, бӯи бади тез ва торикӣ ростиро танҳо таъкид мекарданд. Чизи зебое ба онҳо таъин шуда буд, аммо онҳо онро бо интихоби ахмақонаи худ рад карданд.

# Саволҳо Барои Муҳокима

## ҚИСМИ 1: БОБҲОИ 1-3

1. Пеш аз оғози хондани ин китоб шумо ба муваффақият чӣ гуна таъриф медодед? Бо кадом тарз мақсадҳо, афзалиятҳо ва одатҳои шумо дар ин таъриф инъикос мегардиданд? То чӣ андоза саҳифаҳои хондаатон ба нигоҳу назари шумо таъсир расониданд ва онҳоро тағйир доданд?

2. Аз болои моҳияти мафҳуми абадият андеша карда истода, фикри он ки инсон дар доварие буда метавонад, ки дар он тақдири абадии вай муайян карда мешавад, ба назар қариб сафсата менамояд. Ба ҳар ҳол маҳз дар бораи ин дар Номаи якуми Юҳанно (4:17) навишта шудааст. Дар қисми боқимондаи китоб мо моҳияти ин ваъдаро ошкор месозем, лекин шумо, ба донишҳои худ асос ёфта, кӯшиш намоед фаҳмонида диҳед, ки ин боварӣ аз куҷо бармеояд?

3. Дар ин қисм шумо дар бораи подшоҳии Аффабел фаҳмидед, ки ин ҳамчун тасвири муносибати байни ҳаёти заминии мо бо таъиноти абадии мо мебошад. Барои шумо дар ин подшоҳӣ ва идоракунии он аз ҳама чизи ҷолиб чӣ буд? Оё ягон чиз шуморо ба ҳаяҷон овард, хурсанд кард? Чӣ тавр Навиштаҷот ба ин ҳикоя равшанӣ меандозад?

4. Биёед дар бораи шаҳрвандони Эндел сухан меронем. Аксуламали шумо ба чор доварии аввал чӣ гуна буд? Шумо интизор будед, ки онҳо ба таври дигар мегузаранд? Агар ҳа бошад, пас интизориҳои шумо чӣ гуна буданд?

5. Кадом саволҳо ё тарсҳо дар вақти омӯзиши ин курс шуморо бештар хавотир месозанд?

# ҚИСМИ 2

БОБИ 4

# Хонаи Абадӣ Бар Мурдагон

*Ва шогирдонаш аз Ӯ пурсиданд: маънои ин масал чист? Гуфт: ба шумо донистани асрори Малакути Худо ато нашудааст, лекин ба дигарон бо масалҳо сухан мегӯям, ба тавре ки онҳо нигоҳ мекунанд, вале намебинанд, ва гӯш медиҳанд, вале намефаҳманд.*
— Луқо 8:9,10 (Тарҷумаи васеъ)

Мо ҳикояти худро қатъ мекунем ва дар чор боби оянда муфассал он ростиро дида мебароем, ки дар қиссаи доварии Мустақил, Фиребхӯрда, Беҷуръат ва Ҳаёти Дуҷониба кушода шуд, баъд аз он ба поёни қисса мерасем. Мо муҳокима мекунем, ки бо Хайрия ва Худпараст чӣ рӯй дод, ва дар бобҳои боқимонда ба он ростиҳо нигоҳ мекунем, ки дар саргузашти ҳаёти онҳо ошкор шуданд. Қисми беҳтарини ин китоб дар бораи мукофотҳои абадӣ мегӯяд, ки барои пайравони Исои Масеҳ тайёр карда шудаанд.

## Ростии асосӣ

Дар масали мо Ҷалин симои Исои Масеҳ аст, ва шоҳ Падар – ин Худо Падари Тавоно. Дагон ин шайтон мебошад, ҳаёт дар Эндел – ин ҳаёти одамизод дар замин, Аффабел ин шаҳри осмонии Худо мебошад. Замини радшудаи Лон – рамзи кӯли оташ, ки дар он ҷо ҳар як шахсият, ки наҷоти бофайзи Исои Масеҳро надорад, абадиятро сипарӣ мекунад. Қаҳрамонони достон, ки дар бораи онҳо дар бобҳои пешина гап мерафт, саҳнаҳои гуногуни ҳаёти он касонеро, ки то

абад маҳкум мешаванд, зоҳир мекунанд. Худо равшан моро дар бораи ин огоҳ мекунад.

Ҳа, шумо дуруст хондед, то абад маҳкум шудаанд. Барои навиштани ин китоб омодагӣ гирифта, ман бисёр оиди он фикр кардам, ки чӣ тавр то хонанда расонам, ки Навиштаҷот дар бораи “довариҳои абадӣ” чӣ мегӯяд:

> “Бинобар ин, таълимоти ибтидоии Масеҳро монда, сӯи камол шитоб кунем ва аз нав асос нагузорем ба тавба аз аъмоли беҷон ва ба имон ба Худо, ба таълимоти... оид ба доварии ҷовидонӣ (ва ҷазо). (Дар бораи ин шумо бояд ки дар замонҳои пеш мефаҳмидед) (Ибриён 6:1,2, Тарҷумаи васеъ).

Чи тавре ки мебинед, ман панҷ таълимоти асосӣ ба монанди тавба аз корҳои беҷон ва имон ба Худоро гузошта рафта, бо ин задаро дар он гузоштам, ки довариҳои абадӣ ва ҷазо таълимоти оддии Масеҳ мебошанд.

Яке аз луғатҳо ба калимаи оддӣ чунин таърифро медиҳад: “асосро таркиб медиҳад, қисми асосӣ ё ибтидоӣ”. Ин асоси аслиро мо бояд аз аввали аввал дошта бошем; ин таҳкурсӣ. Барои беҳтар фаҳмидан сохтори маорифи худамонро мисол меорем. Дар мактаби ибтидоӣ мо донишҳои асосиро мегирем, ба монанди хондан, навиштан ва ҳисобу китоб, ки бо истифода кардани онҳо мо метавонем таълимоти ояндаи худро давом диҳем. Асосро надошта, мо ҳеҷ гоҳ дар зиндагӣ наметавонем маълумоти заруририро бигирем. Айни ҳамон чизро нисбати имондорон гуфтан мумкин аст. Фаҳмиши устуворро оиди довариҳои абадӣ надошта, мо наметавонем ҳаёти дурустро дар Масеҳ бисозем. Ҳамаи инро бо он муқоиса кардан мумкин аст, мисле ки ҳатто хонданро ёд нагирифта, кӯшиш мекунем, ки сатҳи маълумоти худро боло бардорем.

Ва ба ҳар сурат, бист солро дар хидматгузорӣ сипарӣ карда, ва ба ҷойҳои гуногун сафар намуда, ман ошкор кардам, ки бисёрии одамон, ба ҷумлаи онҳо пайравони фидокори Исои Масеҳ ҳам медароянд, дар ин бора ҳеҷ чиз намедонанд. Диққат кунед, муаллиф менависад: “Дар бораи ин

шумо бояд замонҳои пеш медонистед". Ӯ гуфт на танҳо "шинос будан", аммо *комилан, ба пурраги* донистан. Калимаи "замонҳои пеш" танҳо таъкид мекунад, ки ин асоси имони мо аст, мисле ки хонда ва навишта тавонистан асос барои гирифтани маълумот мебошад.

Мо кӯтоҳ дида мебароем, ки чаро доварии абадӣ барои мо таълимоти ибтидоӣ аст, то ки ҳаёти масеҳии мукаммал бисозем. Давоми китобро хонда, дар бораи ин дар ёд дошта бошед, барои он ки бидуни фаҳмиши ин ба шумо шояд қабул кардани мавзӯи муҳокимашаванда мушкил мешавад. Эҳтимол, ба шумо савол пайдо мешавад: умуман гап дар бораи чӣ меравад?

## Дӯзах – ҳақиқӣ ё маҷозӣ?

Пеш аз он ки ман ба навиштани ин китоб шурӯъ кардам, ман бо як фикр мубориза мебурдам: "Чӣ тавр ман ба насли ҳозира бо шиори онҳо "имрӯз зиндагӣ бикун" воқеӣ будани қарорҳои абадиро, ки ба наздикӣ аз тарафи Довари ҷаҳон нисбати тақдири мо қабул карда мешавад, бирасонам?" Баъд аз чанд рӯзи мубориза дар дуо ба сари ман як фикр омад: Исо ҳикоятҳо, масалҳо мегуфт, то ки ба одамон ҳақиқатҳои рӯҳониро осон бирасонад. Ҳамин тавр фикри ҳикоят дар бораи Аффабел тавлид шуд.

Дар ҷараёни навиштани китоб, вақте ки ман ба тасвири доварӣ ва ҷазои абадии қаҳрамонони достон дар замини Лон наздик омадам, дохили ман ба ларза даромад. Қисми хотимавии боби пешинаро ман дар ҳавопаймо навиштам, дар яке аз бегоҳиҳои якшанбе, ки аз сафари хидматӣ бармегаштам. Дар он рӯз ман дар се ҷамъомад мавъиза кардам. Ёрдамчиёни ман ором хоб карда буданд, ман бошам натавонистам бозистам. Ба хона нисфи шаб расида, ман боз ҳам хоб карда натавонистам, аз ваҳми онҳое, ки як рӯз дар ҷои бадтарин меравад, ки номаш кӯли оташ аст. Аз рӯи суханони Исо, чунин одамон аксарият мешаванд:

> “Аз дари танг дароед; зеро фарох аст он дар ва васеъ аст он роҳе, ки сӯи ҳалокат мебарад, ва онҳое, ки ба он дохил мешаванд, бисёранд; зеро танг аст он дар ва душвор аст он роҳе, ки сӯи ҳаёт мебарад, ва ёбандагони он кам ҳастанд” (Матто 7:13,14).

Дар ҷойгаҳи худ дароз кашида, ман ба ёд овардам, ки чӣ хел ду сол пеш маро даъват карда буданд, ки Инҷилро дар маҳбасхонаи мардонаи низомаш сахт дар Африқои Ҷанубӣ мавъиза намоям. Ман ба хотир овардам, ки чӣ хел ба дохили ин ҷои даҳшатнок даромадам: бӯи бад, шароити бади нигаҳдорӣ, утоқҳои маҳбасхона, ки дар онҳо аз бист то сӣ нафар мардон дар масофаи якчанд сантиметр аз якдигар нишаста буданд, презервативҳое, ки дар деворҳо овезон буданд,– ин танҳо қисми ками даҳшатҳо, ки ман шоҳиди он шудам. Пештар ман дар якчанд маҳбасхонаҳои Амрико хидмат карда будам, аммо чунин шароитҳои тасаллинопазирро ман ҳеҷ гоҳ дар ҳаёти худ надида будам. Маҳбасхонаи мо дар муқоиса бо он мисли клуби қишлоқ аст.

Ман тасаввур карда наметавонам, чӣ хел дар чунин шароитҳои нафратовар ақаллан як ҳафта зиндагӣ кардан мумкин аст, ҳол он ки дар бораи чил-панҷоҳ сол ҳеҷ нагуфта. Аксарияти маҳбусон то охири умр маҳкум шуда буданд. Дар рӯи он касоне, ки ба Исои Масеҳ имон надоштанд, мӯҳри амиқи ноумедӣ дида мешуд. Ман қариб ки фикри онҳоро мешунидам: “Рӯзе фаро мерасад, ки ман мемирам ва ба ҳар ҳол аз ин ҷо мебароям”. Аз дигар тараф, онҳоро номаълумии марг метарсонд. Ин дар асл даҳшатовар буд. Онҳо дар ҳолати комилан ноумедӣ буданд. Агар одам дар озодӣ зиндагӣ карда бошад, ки як вақте онҳо доштанд, ва ба ин маҳбас то охири умр афтода бошад, ин азоби мутлақ мебошад.

Дар он ҷо буда, ман фикр кардам, ки ба ҳамаи даҳшати он нигоҳ накарда ин маҳбас бисёр хубтар аст, нисбат ба дӯзах. Ба ҳар сурат ин ҷо маҳбусон ҳамсоя доранд. Одамон метавонанд нури офтобро бинанд, ки аз байни панҷараҳои якчанд тирезаҳои танг намудор мешуданд. Дар дӯзах на рафиқ ҳаст,

на рӯшноӣ, ба ғайр аз рӯшноие, ки аз оташи хомӯшнашаванда мебарояд. Аз кӯли оташ то абад озодӣ нест; ҷонҳо дар азоби доимӣ мебошанд! Дар дӯзах одам фикр карда наметавонад: “Як рӯз ман аз ин ҷо мебароям”. Онҳо ҷазои абадӣ мегиранд!

Бо он сабаб, ки таълимот оид ба дӯзах яке аз таълимотҳои асосии Исо мебошад, Ӯ дар бораи он нисбатан бештар гап мезад, назар ба он ки имрӯз оиди ин аз минбарҳои калисоҳо гап мезананд. Дӯзахро бо азобҳои хотиманаёбандаи он тасвир намуда, Худо гуфтан намехост, ки ба Ӯ раҳму шафқат нисбат ба одамон намерасад. Баръакс, мисли Чӯпони Нек Ӯ дар ин заруратро медид, то ки ба мо фаҳмонад. Ҳама он чизе, ки Ӯ кард ва ҳар таълиме, ки дод, аз дил мебаромад, ки пур аз раҳм буд, пас, таълимот оиди дӯзах ҳам бо муҳаббат илҳом ёфта буд. Ман савол медиҳам: наход ки имрӯз оиди ин мавзӯъ аз саҳна хомӯш истода, мо нисбати одамон ғамхорӣ зоҳир мекунем? Наход ки ин муҳаббати ҳақиқӣ бошад?

Дар Навиштаҷот ба дӯзах якчанд ном дода шудааст. Шеол (танҳо дар Аҳди Қадим), дӯзах, қабр – якчанд номгӯи зиндонҳои фосилавии марг. Геенна ва кӯли оташ – номҳое, ки ба дӯзахи абадӣ дода шудаанд. Мо кӯтоҳ фарқро байни фосилавӣ ва абадӣ муҳокима мекунем.

Навиштаҷот мегӯяд, ки дӯзах – ин ҳақиқӣ аст, на ин ки ҷои маҷозӣ, чи тавре ки ҷамъияти мо худро бовар мекунонад. Дар Китоби Ададҳо (боби 16-ум) замин кушода шуд ва ҷисман се хонадонро дар чашми анбӯҳи шоҳидон фурӯ бурд. Дар Аҳди Ҷадид дар бораи зиддимасеҳ ва набии козиби ӯ гуфта шудааст: “Ҳар ду зинда дар кӯли оташ андохта шуданд, ки дар он кибрит месӯхт” (Ваҳӣ 19:20). Баъд аз марг на танҳо ҷонҳои онҳо ба он ҷо равон шуданд, балки тани ҷисмонӣ ва ҷонҳои онҳо дар кӯли оташ андохта шуданд.

## Лаъзор ва сарватдор

Дар Инҷили Луқо Исо ҳодисаи воқеиро мегӯяд, ки бо як шахси сарватдор рӯй дода буд, ки ӯ фақат барои худ зиндагӣ

мекард ва мискинеро, ки ҳар рӯз дар зону истода дар назди хонаи ӯ садақа мепурсид, нафрат мекард. Мо медонем, ки ин масал нест, барои он ки Исо қиссаи худро бо чунин суханон шурӯъ кард: “Шахси сарватдоре буд”. Дуввум, ӯ номи Иброҳимро ба забон меорад ва номи мушаххаси мискинро мегирад – Лаъзор. Барои Исо дар масалҳои Худ одамонро бо номҳояшон гуфтан ғайриоддӣ буд.

Пас аз марг Лаъзор аз тарафи фариштагон ба оғӯши Иброҳим бурда шуд, ки он ҷо ҷои таскин ва оромӣ барои муқаддасони Аҳди Қадим буд, то он даме ки Исо ба онҳо роҳро ба ҳузури Худо дар осмон воз накард. Сарватдор баъд аз марг дар дӯзах афтод. Мо мехонем:

> “Ва дар дӯзах ӯ, дар ҳолате ки азобу уқубат мекашид, чашм андохт, аз дур Иброҳимро бо Лаъзор, ки дар оғӯшаш буд, дид ва фарёд зада, гуфт: Эй падарам Иброҳим! Ба ман марҳамат кун ва Лаъзорро бифирист, то ки нӯги ангушташро ба об тар карда, забони маро салқин гардонад, зеро ки ман дар аланга азият мекашам” (Луқо 16:23,24).

Диққат кунед, ки сарватдор азоби тоқатнопазирро аз сар мегузаронд. Дар дигар тарҷумаҳо калимаи ҷонканӣ, шиканҷа истифода мешавад, то ки азоби тоқатфарсои ӯро ифода намояд. Дӯзах ҷои азоби ҳамешагӣ мебошад. Боз диққат кунед, ки ӯ тавонист Иброҳим ва Лаъзорро шиносад, ҳамчунон онҳо ӯро. Дар дӯзах одамон қариб ки ҳамин хел мемонанд, чи хеле ки буданд, бо эҳсосоти худ, фикрронӣ, хоҳишҳо, нишонаҳои берунӣ ва ҳиссиётҳо. Ин одам метавонист бишнавад, бубинад ва дардро ҳис кунад. Ӯ дар тан буд, ин аз хоҳиши ӯ, ки касе забони ӯро салқин гардонад, дида мешавад. Исо гуфтааст, ки ҳам ҷисм ва ҳам рӯҳ дар дӯзах нобуд мешавад (ниг. Матто 10:28). Бо дигар суханон, ҷисми одамизод ҳамеша аз оташи дӯзах ва кирмҳо азоб мекашад ва шиканҷа мебинад.

Шахси сарватдор барои марҳамат зора мекард, айнан мисли онҳое, ки дар достони мо дар зиндони Лон марҳамат хоста буданд. Аз дӯзах бозгашт нест! Ҳеҷ кас намеояд,

то ки сокинони онро тасаллӣ диҳад, ба хоҳиши бузурги таскин ёфтан нигоҳ накарда. Ба назар чунин мерасад, ки ин воқеиятро то охир фаҳмидан ё дарк кардан ғайриимкон аст. Иброҳим ба ёди сарватдор овард: "Ва илова бар ҳамаи ин, дар миёни мо ва шумо вартаи бузурге воқеъ аст, ба тавре ки онҳое, ки аз ин ҷо назди шумо гузаштан мехоҳанд (*то ки шуморо тасаллӣ диҳанд*) наметавонанд, ҳамчунин аз ин ҷо назди мо намегузаранд" (Луқо 16:26, курсиви муаллиф). Ман занеро мешиносам, ки дар худ воқеияти дӯзахро дидааст. Баъдтар ӯ қисса кард, ки ҳар касеро ки ӯ дар он ҷо дид, дод мезад аз азобҳо зиёдтар буданд, аз он ки тоб овардан мумкин аст. Айни ҳамон суханонро, ки дар ояти пешина буданд, шахси сарватдор мегӯяд. Хонданро давом медиҳем:

> "Лекин Иброҳим гуфт: Эй фарзандам! Ба хотир овар, ки дар зиндагиат чизҳои хуб насиби ту ва чизҳои бад насиби Лаъзор шуда буд; акнун вай дар ин ҷо фароғат меёбад, ва ту азоб мекашӣ... Ва ӯ гуфт: пас, эй падар, аз ту илтимос мекунам, ки вайро ба хонаи падари ман бифирист, зеро ки ман панҷ бародар дорам: бигзор онҳоро таъкид кунанд, ки онҳо ҳам ба ин макони азобу уқубат наоянд" (Луқо 16:25,27,28).

Шумо як ифодаи қадимаро шунидаед: "азоб гурӯҳро дӯст медорад". Аммо чаро он ба ин ҳолат рост намеояд? Чаро ин одам нахост, ки дигарон ба ӯ ҳамроҳ шаванд? Ҷавобаш дар он аст, ки дар дӯзах муносибат ё дӯстӣ нест. Баъзе аз одамон фикр мекунанд, ки дар дӯзах шабнишинии бузург мешавад, дигарон худро бо он фикр тасаллӣ медиҳанд, ки дар он ҷо бо дӯстонашон мешаванд. Агар ин чунин мебуд, ин одам мехост, ки ҳамроҳи худ дӯстони наздики худро бинад, аммо ӯ сахт мехост, то ки онҳо ҳеҷ гоҳ ба ин ҷои азобу уқубат наафтанд. Дӯзах – ҷои комилан танҳоӣ ва ноумедӣ. Ва боз ин ҷои хотираи абадӣ, ки аз нигоҳи ман, аз ҳама шиканҷаи калон мебошад.

Нигаред, ки Иброҳим ба илтиҷои ӯ аз барои бародаронаш чӣ ҷавоб медиҳад:

> “Иброҳим ба ӯ гуфт: Онҳо Мӯсо ва анбиё доранд; ба суханонашон гӯш кунанд. Аммо ӯ гуфт: Не, падарам Иброҳим, лекин агар яке аз мурдагон назди онҳо равад, тавба хоҳанд кард. Ба ӯ гуфт: модоме ки ба Мӯсо ва анбиё гӯш намедиҳанд, ҳатто агар яке аз мурдагон эҳё шавад ҳам, бовар нахоҳанд кард” (Луқо 16:29-31).

Ростии бузурге дар ин суханон ниҳон аст. Бисёриҳо мехостанд, ки як чизи фавқултабииро аз сар гузаронанд, то ки ба Инҷил имон биёранд. Аммо Исо ба мо нишон медиҳад, ки ҳеҷ чизи бузурге нест, нисбати Каломи Худо, ки метавонад ба мо чунин имонро бидиҳад, ки мо метавонем Худоро то охир пайравӣ намоем. Маро нодуруст нафаҳмед – таассуроти фавқултабиӣ дар одам тарсро пайдо мекунад ва тағйиротро дар як вақти кӯтоҳ меорад, вале итминони ҳамешагиро дар дилаш намеорад.

Замоне, ки ман навҷавони оламӣ будам, ки аз як шабнишинӣ ба дигараш мерафтам, боре падарам маро ба филми “Даҳ аҳком”, ки дар он Чарлтон Хестон нақш офарида буд, бурд. Ман хуб дар хотир дорам, чӣ хел чашми худро аз экрани калон канда наметавонистам, ки дар он нишон дода мешуд, чӣ тавр замин кушода шуда, одамонро ба дӯзах фурӯ бурд. Ин саҳна маро то умқи дилам сахт таъсир кард. Ман аз синамохона дигар одам шуда баромадам. Дар давоми тамоми ҳафта ман кӯшиш кардам, ки дигар хел зиндагӣ кунам, ва баъд ҳама чиз ба ҷои худ баргашт. Барои чӣ? Барои он ки ман Каломи Худоро нашунидам, дар роҳҳои худ тавба накардам, ва ҳаёти худро ба Исо набахшидам, то ки файзи Ӯ маро тағйир диҳад.

Ман ва дӯстонам дигар таассуротҳои фавқултабиӣ низ доштем, аммо ман ба воситаи ин зуҳуроти фавқултабиӣ наҷот наёфтам. Ҳаёти ман тағйир намеёфт, то он даме ки як вақт ба ҳуҷраи ман яке аз ҳамкурсонам надаромад ва маро бо Каломи Худо, Инҷили Исои Масеҳ шинос накард. Ба мо гуфта шудааст: “Пас имон аз шунидани ваъз аст ва шунидани ваъз ба воситаи Каломи Худост” (Румиён 10:17) ва “Ҳамчун касоне, ки аз нав ба

вуҷуд омадаед на аз тухми фонӣ, балки аз тухми бефано, ба василаи каломи Худо, ки зинда аст ва то абад боқист” (1 Петрус 1:23). Аз ин сабаб муҳим аст, ки мо Каломи Худоро таълим медиҳем ва мавъиза мекунем, на ин ки таассуротҳои худро.

Аз дигар тараф, гуфтаҳои болоиро аниқтар карда, ба ман иҷозат диҳед ана бар чӣ задаро гузорам: агар таҷрибаҳо Каломи Худоро қавитар гардонанд ё пурра кунанд, онҳо аҷибанд ва ҳатто зарур ҳастанд. Шаҳодат нақши бузургро дар паҳн кардани Инҷил мебозад, лекин танҳо имон ва қабул кардани Каломи Худо ба мо иҷозат медиҳад, ки абадан зиндагӣ кунем.

## “Барои чӣ ман ба ин ҷо равон ҳастам”

Акнун ман мехоҳам як шаҳодатро бигӯям, ки он чиро ки мо дар Навиштаҷот хондем, пурра мекунад. Боре мо бегоҳӣ ҳамроҳи занам дар меҳмонии як дӯстам будем, ки ӯ ба мо дар бораи он чизе, ки дар ҷавониаш, дар ҷазираҳои Кариб шуда буд, нақл кард. Боре ӯ дар фасли боронӣ дар чоҳе, ки дар он оби борон ҷамъ мешуд, афтод. Бародараш аз қафои ӯ худро ба об андохт, то ки ӯро наҷот диҳад, барои он ки дӯсти мо шино карда наметавонист. Ӯро наҷот дода натавониста, бародараш аз об ҷаҳида баромад ва барои ёрдам давид. Дар он лаҳзае, ки кӯмак омад, ҷавон аллакай мурда буд, дар давоми ним соат.

Ӯ ба мо нақл кард, ки дар натиҷа ӯ тани худро тарк кард, бидуни аз даст додани ҳиссиёти худ. Ӯ эҳсос кард, ки рост ба поён ба торикии чуқур мефарояд. Торикӣ ба андозае зиёд буд, ки ҳатто дасти худро дидан номумкин буд; ба назари ӯ чунин намуд, ки торикӣ ӯро ҷисмонан ғарқ кардааст. “Тарс ба дараҷае сахт буд, ки гӯё аз ин сахттар шуда наметавонад, аммо чи қадаре ки ман чуқур меафтодам, ҳамон қадар тарс зиёд мешуд. Ҳеҷ гоҳ ман дар замин ин қадар тарсро эҳсос накарда будам, онро бо сухан ифода кардан номумкин аст. Пасон ман каме ҷилои рӯшноиро дидам, ва фаҳмидам, ки ба дӯзах наздик мешавам. Ман дод задам: “Барои чӣ ман ба ин ҷо равон ҳастам? Ман

масеҳиам!"". Падару модари ӯ масеҳиёни бахшидашуда буданд, ӯ ҳамроҳи онҳо ба калисо мерафт, онҳоро фақат ҳамроҳӣ мекард, на бо интихоби худ. Ҳодисаи худро нақл карда, ӯ фаҳмонда наметавонист, ки чӣ хел чунин воқеа бо ӯ рӯй дод.

Баъдтар ӯ нақл кард, ки фиғонҳои даҳшат ва азобро шунид. Ман возеҳ гапҳои ӯро дар ёд дорам: "Ҷон, Лиза, фиғонҳои оддӣ ҳастанд. Аммо чунон фиғонҳое ҳастанд, ки аз онҳо кас талхакаф мешавад. Ман онҳоро шунидам. Баъдан ман бо мавҷудоти пулакчадор рӯ ба рӯ шудам, ки ӯ доимо такрор мекард: "Ба назди ман биё, ту аз они ман". Ман бо ин мавҷудот мубориза мебурдам. Аввал аз тарс ман натавонистам як калима ҳам бигӯям, вале баъд дод гуфтам: "Маро сар деҳ, маро сар деҳ".

Ногаҳон ман дар тани худ дод гуфта бедор шудам ва аз дасти духтур, ки ангушти худро ба гулӯям дарун карда буд, дар бораи ин модарам ба ман нақл кард, баъд аз он ки ман ба вай таассуроти худро гуфта додам, дур шуда истода. Дар ин лаҳза модарам дар назди ҳуҷраи ҷарроҳӣ (дар беморхона) нишаста, ба Худо нолиш мекард: "Худоё, Падар, агар Ту ба ман писарамро баргардонӣ, ман ӯро ба Ту то абад медиҳам!"" Баъдтар дӯсти мо яке аз аввалин касе шуд, ки хидматгузориро дар ҷазираҳои Кариб шурӯъ намуд.

Шумо метавонед ба таассуроти ӯ шубҳа кунед, аммо ба таври кофӣ миқдори зиёди мардон, занон ва кӯдакон ҳастанд, ки бо онҳо ба монанди ин чизҳо рӯй додааст. Азбаски духтурон бештар вақт ҳолати марги клиникиро мебинанд, бисёрии онҳо мақсад гузоштаанд, ки зуҳуроти мазкурро тадқиқ намоянд.

Яке аз онҳо – шахсе бо номи Мелвин Морс, духтур, ки бо омӯзиши кӯдаконе машғул мебошад, ки марги клиникиро аз сар гузаронидаанд. Вай ду гурӯҳи кӯдаконро омӯхт. Гурӯҳи якум аз 121 беморон иборат буд, ки дар ҳолати хатарнок буданд, вале марги клиникиро аз сар нагузаронидаанд. Ҳаёти кӯдакони аз синни се то шонздаҳсола дар шӯъбаи эҳё бо ёрии аппаратҳои нафаскашии сунъӣ нигоҳ

дошта мешуданд ва ё бо дармонҳои сахт. Ҳеҷ яке аз онҳо хабар надода буд, ки тани худро тарк карда буд.

Гурӯҳи дуюм, ки аз 12 нафар иборат буд, ҳамон синну сол, ки дилашон бозистода буд (онҳо ғарқ шуда буданд, дар садамаи нақлиётӣ афтода буданд ва ғайраҳо). Дар ин гурӯҳи каммиқдор ҳамаи дувоздаҳ нафар хабар доданд, ки аз тани худ баромада буданд. Баъзеҳо як лаҳза тани худро аз як тараф диданд ва ба духтурон ҳама он чизеро, ки бо онҳо дар ин вақт рӯй дода буд, тасвир намуданд.

Касе фикр мекунад, ки он чизе ки дӯсти мо аз сар гузаронид – галлютсинатсияи оддӣ, аммо натиҷаи тадқиқот, ки бо гурӯҳи дуюми кӯдакон гузаронида шуда буд, баръаксашро исбот менамояд. Ва бар замми ин, чӣ тавр ӯ метавонист галлютсинатсия бинад, агар ки аллакай ним соат дар ҳолати марги клиникӣ қарор дошт?

## Дӯзах дар муқоиса бо кӯли оташ

Дӯсти мо, мисли дигар нафарон, ки маргро аз сар гузаронид, ҷои азоби фосилавиро дид, ки номаш дӯзах аст. Он ҷои абадӣ барои онҳое, ки наҷот надоранд, намебошад, балки ҷои интизорӣ барои фаро расидани Доварии тахти бузури сафед мебошад. Баъд аз доварӣ ҷои доимӣ, ки абадан одамон, девҳо ва фариштагони афтода фиристода мешаванд, номаш кӯли оташ аст. Инро возеҳ дар Навиштаҷот дидан мумкин аст:

> “Ва Тахти бузурги сафед ва Нишинандаи онро дидам... Ва баҳр мурдагонеро, ки дар вай буданд, дод, ва мамот ва дӯзах мурдагонеро, ки дар вай буданд, доданд, ва ҳар яке мувофиқи аъмолаш доварӣ карда шуд. Ва мамот ва дӯзах дар кӯли оташ андохта шуданд. Ин мамоти дуюм аст. Ва ҳар кӣ дар дафтари ҳаёт навишта нашудааст, дар кӯли оташ андохта шуд” (Ваҳӣ 20:11,13-15, ихтисори муаллиф).

Аввалан ман мехостам як чизро аниқ кунам, ки ҳамаи онҳое, ки дар ҷои азоби фосилавӣ, дар дӯзах, қарор до-

штанд, ба довари оварда шуда буданд. Ҳангоме ки довари тамом мешавад, ҳама гунаҳкорон ва бидуни қонун зиндагикардагон, дар кӯли оташ андохта мешаванд, ба ин фариштагони афтода ва худи дӯзах ҳам дохил мешавад.

## Рӯъёи кӯли оташ

Ману занам дӯстон дорем, ҷуфти ҳамсарон, ки миллаташон юнонӣ аст. Номи занаш – Ҷой. Ӯ хидматгузор дар насли сеюм мебошад. Модаркалони ӯ, ки дар Юнон таваллуд ва калон шуда буд, аз хурдсолӣ ба ҷустани Худо шурӯъ карда буд. Саволҳое, ки ӯ ба одамони гирду атрофаш медод, хандаи онҳоро меовард, ё ин ки онҳоро бетараф мегузошт. Ӯ мехост ба калисо равад, лекин ба ӯ мегуфтанд: “Худо нест” ва “Бас кун ин корҳои бемантиқро”.

Боре дар вақти фестивали юнонӣ, дар байни дӯстони худ дар майдони деҳот дар давраи дӯстони худ рақси халқиро рақсида истода, ӯ як садоро, ки ба ӯ муроҷиат карда буд, шунид: “Ефросиния, оиди рақси абадӣ фикр кун”. Ӯ бисёр тарсида буд! “Кӣ ин гапро гуфт?”– ҳайрон шуд ӯ. Вай саросемавор аз майдончаи рақс ба хонааш гурехт бо умеди он ки ростиро бифаҳмад. Дар роҳ ӯ бори вазнинро, ки бо вазни зиёдаш дар китфи ӯ буд, эҳсос кард.

Ба хонаи хоби худ давида, ӯ ба зону афтод ва гиря карданро сар кард. Ӯ мехост бо Он Касе гап занад, ки ин овоз ба Ӯ тааллуқ дошт. Кӣ бо ӯ гап зад? Ин чӣ суханон аст? Ӯ чӣ гуфтан мехост? Ин саволҳо ақли ӯро шиканҷа медоданд, аммо на дер вақт. Ҳанӯз бо зонуҳои худ ба фарш нарасида, ӯ чизеро ба монанди оташ эҳсос кард, ки ба ҳуҷра даромад ва ӯро фаро гирифт. Ӯ пуштнокӣ афтод ва рӯъёе дид.

Ба ӯ мавҷудоти фариштавӣ зоҳир шуд, ки либоси сафед дошт. Вай ӯро боло бардошт ва дар ҷои рӯшноии тира оварда он ҷо монд. Бо диққат нигоҳ карда ӯ дар ҳайрати пурра фаҳмид, ки назди Ҷолҷотто истодааст. Худованд дар он ҷо

овезон буд, ва аз ҷароҳатҳои Ӯ хун мечакид. Дардҳои азобу шиканҷа дар рӯи Ӯ буданд.

Дар ин лаҳза ӯ фиғонҳои аз дур меомадаро шунид. Ба қафо нигоҳ карда, ӯ чуқурии калонро байни Салиб ва ҷое, ки аз он ҷо машъали калони оташ боло мебаромад, дид. Ин фақат ки уқёнуси оташ буд. Фиғонҳое, ки ӯ шунид, мисли фиғонҳои бисёр одамон буданд, ки Худоро лаънат мекарданд. Дар кадом лаҳзае ӯ эҳсос кард, ки як қуввае ӯро ба чуқурӣ тела мекунад, ва овозе, ки бо ӯ пештар гап зада буд, гуфт: "Ту ба ин ҷо тааллуқ дорӣ".

Дар даҳшат ӯ гиря кардан ва марҳамат хостанро сар кард. Бо худ бори вазнинро бурда, ӯ дар зери пояи Салиб афтод, ва дар он ҷо муддати дарозе монд. Баъдан садои пур аз муҳаббат ва шафқат боз ба ӯ муроҷиат кард: "Ӯ инро барои ту кард!" Ӯ барои ту мурд! Агар бахшиш пурсӣ ва қурбонии Ӯро қабул намоӣ, ба ту зарур намешавад, ки ба он ҷо равӣ (ба кӯли оташ)!"

Баъд аз ин суханон Ефросиния боз ҳам сахттар гиря кард, ва фавран ба суханони шунидааш ҷавоб дод. Вай бахшиш пурсид, баъд аз он ӯ каме сабук шуд, барои он ки боре, ки ба ӯ фишор меовард, ҳамон замон дар пеши Салиб афтод.

Ба боло нигоҳ карда, ӯ Худованд Исои Масеҳро дид, ки пеши ӯ истода буд, ва либоси пурҷалол пӯшида буд. Ӯ вайро бардошт ва ба теппагии сабзи аз ҳама зебо бурд. Акнун вай метавонист бо Ӯ дар хаёл гап занад. Вай саволҳо медод, ва Ӯ ҷавоб медод. Ин бисёр аҷоиб буд! Вай аз Ӯ пурсид, ки онҳо куҷо мераванд, ва Ӯ ҷавоб дод: "Барои вохӯрӣ бо Падари Осмонӣ!"

Ба болои теппагӣ баромада, ӯ рӯшноиро дид, ки аз дарвозаҳои шаҳр мебаромад. Мусиқии зебои фариштаёна ва сурудхонӣ аз ҳар ҷо садо медоданд, гулҳо ва дарахтон бӯи хушро интишор мекарданд. Онҳо якҷоя аз дарвоза даромаданд. Зебогии шаҳрро бо суханон тасвир кардан номумкин буд! Онҳо рост ба пеши тахт омаданд. Ефросиния рӯи Худоро дида натавонист, барои он ки он пинҳон буд, лекин вай дасти калон ва китобро, аз ҷилое, ки мебаромад ва Ӯро

пинҳон мекард, дида тавонист. Даст навиштанро оғоз кард. Ва ӯ каме пештар хам шуд, то ки калимаҳои навишташударо хубтар бубинад, ба тааҷҷуби худ, ӯ номи худашро хонд, ки дар Китоби Ҳаёт навишта шуда буд! (Ҳол он ки дар он вақт ӯ ҳеҷ чиз оиди мавҷудияти он намедонист.)

Ҳангоме ки Падари осмонӣ номи ӯро дар Китоби Ҳаёт менавишт, Ӯ гуфт: “Хуш омадӣ, ба оилаат!” Дар он лаҳза вақте ки Ӯ вайро аз пешонааш бӯса кард, ӯ дид, ки фариштагон давра кашида, бо нишоти бузург ба суруд хондан ва рақс кардан сар карданд! Ӯ возеҳ номи худро шунид, ки фариштагон дар суруди худ мегуфтанд. Ефросиния ба рақси онҳо ҳамроҳ шуд. Ва ӯ ҳамон замон ба ёд овард, ки Худованд ба ӯ гуфта буд: “Рақси абадиро ҷустуҷӯ намо!” Духтар дар аввал нафаҳмид, ки фариштагон ҷашни бошукӯҳро ба муносибати ӯ барпо карданд.

Пас аз чанде Худованд ба ӯ гуфт, ки вақти ба замин баргаштан расид, барои он ки Ӯ барояш кори бузургеро ба нақша гирифтааст. Вай бояд озмоиши оташинро аз хотири номи Ӯ гузарад, лекин Ӯ ҳамеша дар канораш мебошад, ва вақте ки ҳама чиз иҷро шавад, вай назди Ӯ абадӣ бармегардад.

Дар лаҳзаи навбатӣ ӯ дар ҳуҷраи худ бедор шуд. Ба замин баргашта, вай озурдахотирии калонро эҳсос кард, баъд аз чунин сафари осмонии аҷоиб, аммо дигар интихоб набуд.

Ҳангоме ки дар деҳа овозаҳо дар бораи таассуроти аҷиби Ефросиния паҳн шуданд, таъқибот сар шуд. Ҳама чиз аз падараш шурӯъ шуд, ки таҳдид мекард, ки ӯро бо табар мекушад, агар ӯ аз он чизи имон овардааш рӯй нагардонад. Ӯ ба падараш гуфт, ки ҳеҷ гоҳ он чизеро, ки аз сар гузаронд, рад карда наметавонад. Таъқибот бештару бештар бошиддат мешуд, то он лаҳзае, вақте ки боре шабона хоҳараш омад ва огоҳ кард, ки одамон нақша доранд, субҳ биёянд ва ӯро дастгир намуда, ба майдони деҳот баранд, дар он ҷое, ки калисои насронии юнонӣ ҷойгир шуда буд. Онҳо мехостанд, аз маъбад бути Худомодарро бароранд, ва агар ӯ пеши бут зону зада, ӯро бӯса накунад, онҳо аз сари ӯ бензин мерезанд ва месӯзонанд.

Ефросиния бовар карда наметавонист, ки ин одамон аз ҳад мегузаранд, аммо ба назар чунин мерасид, ки онҳо мехоҳанд таҳдиди худро амалӣ намоянд, барои он ки худи ҳамон шаб ба пеши Ефросиния фариштаи Худо омад ва оҳиста ба китфаш зада, ӯро бедор кард. Баъди фаҳмидани он ки ӯ бедор шуд, ӯ гуфт, ки либосашро бипӯшад ва назди дар биёяд. Ӯ гапдаро буд. Дар айвончаи дари даромад пой монда, ӯ эҳсос кард, ки касе ӯро аз замин боло мебардорад. Ӯ ба таври ҷисмӣ аз хонааш ба ҷои бехатар бурда шуд, ки он якчанд километр аз хонааш дур ҷойгир шуда буд.

## Азобу уқубати тасаввурнашаванда

Модаркалони Ҷой дӯзахро не, балки кӯли оташро, ки "мамоти дуюм" номида шудааст, дида буд. Тақдири ӯ тағйир ёфта буд, чунки ӯ интихоб кард, ки Исоро аз тахти дили худ пайравӣ кунад. Навиштаҷот мегӯяд:

> "Валекин тарсончакон, ва беимонон, ва палидон, ва қотилон, ва зинокорон, ва ҷодугарон, ва бутпарастон, ва ҳамаи дурӯғгӯёнро-насибашон дар кӯлест, ки бо оташ ва кибрит месӯзад; ин мамоти дуюм аст" (Ваҳӣ 21:8).

Таваҷҷӯҳ кунед, ин кӯлест, ки бо оташ ва кибрит месӯзад. Кибрит субстансияи металл аст, ки дар ҳарорати баландтарин месӯзад ва бӯи бад ҷудо мекунад. Бисёриҳо, ки дӯзахро тасаввур карда буданд, оиди бӯи даҳшатноки он хотиррасон карда буданд: "тоқатнопазир" – аз ҳама калимаи паҳншуда. Ҳақиқатан одамоне, ки дар ин ҷои мамот буданд, ба ман гуфтанд, ки бо гапҳои одамӣ даҳшат ва азоберо, ки дар он ҷо ҳукмронӣ мекунад, тасвир кардан номумкин аст.

Ба ифодаи мамоти дуюм ҳамчунон таваҷҷӯҳ кунед. Исо мегӯяд: "Ҳар кӣ гӯш дорад, бишнавад, ки Рӯҳ ба калисоҳо чӣ мегӯяд (яъне он чизе, ки Ӯ ба калисоҳо гуфтан мехоҳад, на ба одамони беимон) "касе, ки ғолиб ояд, аз *мамоти дуюм* зараре нахоҳад дид" (Ваҳӣ 2:11).

Ба шумо ин аҷиб нест, ки Ӯ инро ба калисоҳо мегӯяд. Диққат кунед: дар кӯли оташ се гурӯҳи асосии одамон мешаванд: якум – онҳое, ки Ӯро пайравӣ карданро бас карданд; дуюм – онҳое, ки ба ӯ бевафо буданд; сеюм – гунаҳкороне, ки ҳеҷ гоҳ бо Ӯ набуданд. Ба ду гурӯҳи аввал онҳое дохил мешаванд, ки узви калисо буданд.

Се қаҳрамони аввали достони моро ба ёд биёред: Бечуръат, Фиребхӯрда ва Мустақил. Ду нафари онҳо коргарони фаъол дар мактаби Эндел буданд, ки он намунаи калисо мебошад. Ба зудӣ мо инро бештар муфассал дида мебароем.

Мамоти дуюм – ин азоби сахт дар кӯли оташ дар тамоми абадият. Ба хотир оред, дар боби аввал мо гуфтем, ки абадият – ин абадан ва абадӣ, бе охир, ҳеҷ роҳе нест, ҳеҷ озодӣ нест! Баъзеҳо фикр мекунад, ки як вақте ҳама чиз ба ҳар ҳол тамом мешавад, аммо чунин таълимот аниқ ба он чизе, ки Каломи Худо таълим медиҳад, зиддият дорад: “Ва онҳо шабу рӯз то абад азоб хоҳанд кашид” (Ваҳӣ 20:10).

То ки нишон диҳад, ки азоб охир надорад, Исо дар бораи ҳамаи онҳое, ки ба Каломи Ӯ гапнодаро буданд, чунин гуфтааст: “Ва онҳо ба азоби ҷовидонӣ хоҳанд рафт, вале одилон – ба ҳаёти ҷовидонӣ” (Матто 25:46).

Диққат кунед ба калимаи азоби ҷовидонӣ. Бо дигар суханон, ҷазо охир надорад, он ҷовидонист! Исо ба мо мегӯяд:

> “Ва агар чашмат туро ба васваса андозад, онро бикан: барои ту беҳтар аст, ки якчашма шуда ба Малакути Худо дароӣ, аз ин ки бо ду чашм дар оташи дӯзах андохта шавӣ” (Марқӯс 9:47).

Чи хеле ки аз ин порча дида мешавад, Ӯ роҷеъ ба кӯли оташ мегӯяд, геенна. (Геенна дар Библияи тоҷикӣ дӯзах тарҷума шудааст, аммо мақсади муаллиф фаҳмонидани кӯли оташ аст, на дӯзах, ӯ мефаҳмонад, ки баъд аз дӯзах ба кӯли оташ одам андохта мешавад (Шарҳи тарҷумон)). Акнун мебинем, ки ин дар дигар тарҷума чӣ хел аст:

> “Агар чашмат сабаб бошад, ки ту имони худро аз даст медиҳӣ, онро бикан! Ба ту беҳтар аст, ки ба Малакути Худо танҳо бо як чашм дароӣ, аз он ки ҳар ду чашматро нигоҳ дорӣ ва дар дӯзах андохта шавӣ. Ки дар он ҷо “кирмҳое, ки онҳоро ҳарисона мехӯранд, намемиранд, ва оташ хомӯш намешавад” (Марқӯс 9:47,48).

Диққат кунед, ки кирмҳои ҳарисона хӯранда намемиранд, ин маънои онро дорад, ки онҳо ҳамеша чизеро барои хӯрдан доранд. Биёед инро бо табиат муқоиса намоем. Ҳангоме ки одам мемирад, кирмҳо ҷисми ӯро мехӯранд, танҳо устухонро монда, ва пасон мемуранд. Кирмҳое, ки дар дӯзах мехӯранд, ҳеҷ гоҳ намемиранд, барои он ки он чизе, ки онҳо мехӯранд, ҳеҷ гоҳ нобуд намешавад. Як зане, ки дӯзахро дида буд, гуфт, ки кирмҳои калонро дид, ки ҷисми одамонро мехӯрданд, ки дар оташи дӯзах қоқ мешуданд. Ин муҳим нест, ки чӣ қадар дер онҳо дар дӯзах мебошанд, онҳо ҳанӯз ҳам ҷисм доранд, ки онро хӯрда мешавад.

Ҳа, ҳа, комилан дуруст аст, ин ҷой тасаввурнашаванда аст! Аммо мо ҳамеша дар хотир дошта бошем, ки аз аввал Худо кӯли оташро на барои одамон офарида буд. Гӯш кунед, ки Исо чӣ мегӯяд, ба онҳое ки бояд ба ин ҷои даҳшатнок фиристода шаванд:

> “Он гоҳ ба онҳое, ки ба тарафи чапи Ӯ ҳастанд, хоҳад гуфт: эй малъунон, аз Ман дур шавед ва ба оташи ҷовидоние, ки барои иблис ва фариштагони вай муҳайё шудааст, биравед” (Матто 25:41).

Он барои иблис ва фариштагони афтодаи ӯ офарида шуда буд, на ин ки барои одам. Аммо иблис фиреб дода, бисёриҳоро аз паси худ ба ҷазои ҷовидонӣ мебарад. Айни ҳамон чизро мо дар достони худ мебинем. Таъсири Дагон барои бисёр нафарон сабаби васваса шуд, ва хашми Ҷалин, ки барои Дагон таъин шуда буд, ба сари онҳое, ки дар зери таъсири ӯ монда буданд, фаромад. Дар акси ҳол Ҷалин боадолат намебуд.

## То абад хушбахт будан

Дар бобҳои пешина мо возеҳ дидем, ки ғазаби Ҷалин чӣ тавр буд. Навиштаҷот эътироф мекунад: “Вай аз шароби хашми Худо хоҳад нӯшид... ва дар пеши фариштагони муқаддас ва дар пеши Барра дар оташ ва кибрит азоб хоҳад кашид; ва дуди азобҳои онҳо то абад баланд хоҳад шуд, ва касоне ки ба ҳайвоноти ваҳшӣ ва пайкари он саҷда менамоянд ва тамғаи номи онро қабул мекунанд, на рӯз ором хоҳанд гирифт, на шаб” (Ваҳӣ 14:10,11).

Ин чӣ аст то абад? Мулоҳизаҳои моро оиди абадият дар боби якум дар ёд доред? Кӯшиши фаҳмидани он ки беохирӣ чист? Бо ақл абадиятро дарк кардан мушкил аст, аммо бо дил – мумкин. Барои ҳамин Худо аз барои тамоми насл, ки Ӯро шунидан нахостанд, гиря кард:

> “Кошки дили онҳо чунин мебуд, ки аз Ман тарсида, тамоми аҳкоми Маро тамоми айём риоя мекарданд, то ки барои онҳо ва барои писарони онҳо ба сурати *абадӣ* некӯ бошад! (Такрори шариат 5:29).

Ба калимаи “абадӣ” диққат кунед. Кошкӣ онҳо танҳо бо абадият ҳаракат мекарданд ва ин мақсадро медоштанд! Ӯ гуфт: “Тамоми аҳкоми Маро тамоми айём риоя кунед”, на ин ки “ба як вақте”. Ӯ ҳамчунин нагуфтааст: “Ҳамеша баъзе аҳкоми Маро риоя кунед”. Не, ҳамеша ҳамаашро нигоҳ доред! Ба мо гуфта шудааст, ки тамоми иродаи Ӯро ҳама вақт иҷро намоем.

Шояд, шумо фикр мекунед: “Ман ҳамаи аҳкоми Ӯро риоя намекунам. Ман маҳкум мешавам!” Ҳа, ин комилан дуруст аст! Қонуни Худо муайян мекунад ва исбот менамояд, ки ягон одам то меъёри муайянкардаи одилии Худо намерасад, барои ҳамин ҳар кас дар назди доварии Худо гунаҳкор мешавад. Назди Худо истода, ҳеҷ кас гуфта наметавонад: “Ман зиндагиеро сипарӣ кардам, ки сазовори Подшоҳии Ту аст, ва ҷазои ҷовидониро лоиқ нестам”.

Сабаби комил набудани мо дар аввали аввал ниҳон аст: дар боғ одам дидаву дониста аз гапи Худо баромад ва ба воситаи ин табиати гуноҳро қабул кард. Ба Худо хиёнат карда, ӯ ғуломи шайтон шуд, ба ҳукмронии ӯ тобеъ шуд, ки дигар ҳеҷ имконият барои озодшавӣ ва наҷоти худ надошт. Табиати афтода ба ҳар як насли Иброҳим гузашт, ба ҳар одам, чунки мо бо табиати волидайни худ таваллуд мешавем.

Аз рӯи муҳаббати покаш нисбат ба одам рафтор карда, ба он нигоҳ накарда ки масъулияти пурраро одам барои гуноҳаш дошт, Худо ваъда дод, ки ба мо Наҷотдиҳанда мефиристад. Ин Наҷотдиҳанда – Исои Масеҳ. Садҳо сол пеш аз ба дунё омадани Вай пешгӯӣ шуда буд, ки Ӯ аз бокира таваллуд мешавад (ниг. Ишаъё 7:14). Падари Ӯ – Худо, модараш бошад – бокира бо номи Марям, ки аз насли шоҳ Довуд мебошад. Ин бояд айнан чунин мебуд, вагарна, агар ҳар ду волидайн одам мебуданд, Исо ба табиати Одам тобеъ мебуд, яъне ба ғуломии гуноҳ. Ӯ наметавонист ҳаёти комилро сипарӣ кунад ва бо ин сабаб наметавонист моро бихарад. Аммо Ӯ бояд аз тарафи зан таваллуд мешуд, чунки барои афтодан ва хиёнати одам, одам бояд нархашро мепардохт. Исо сад фоиз Худо ва сад фоиз одам буд.

Дар салиб мехкӯб шуда, Исо ҳамаи гуноҳҳои моро ба Худ гирифт, хуни Худро рехт ва мурд, нархро барои гуноҳ супорид. Аммо азбаски Ӯ ҳаёти одилона дошт, Падар Ӯро аз мурдагон эҳё кард ва ҳамроҳи Худ дар дасти росташ шинонд. Шоҳ Довуд, ки пайғамбар ва аҷдоди Исо буд, ҳазорҳо сол пеш то ин пешбинӣ карда ва навишта буд, ки баъд аз маслуб кардани Исо чӣ рӯй медиҳад. Петрус суханони ӯро дар рӯзи Пантикост иқтибос овардааст:

> “Азбаски ӯ пайғамбар буд ва медонист, ки Худо барои ӯ қасам ёд кардааст, ки аз насли ӯ Масеҳро ба миён оварад, то ки бар тахти ӯ бинишинонад, бинобар ин дар бораи Масеҳ пешбинӣ карда, гуфт, ки ҷони Ӯ дар дӯзах намонд, ва ҷисми

> Ӯ фаноро надид. Ҳамин Исоро Худо эҳё кард, ва ҳамаи мо шоҳидони он ҳастем” (Аъмол 2:30-32).

Исо аз мурдагон эҳё шуд, то ки моро озод намояд. Таваҷҷӯҳ кунед, ки Ӯ дар дӯзах монда нашуд. Ин суханон ба мо фаҳмиши равшан медиҳанд, ки Ӯ дар он буд. Кай Ӯ дар он ҷо буд? Дар ягон лаҳзаи байни салиб ва эҳёшавӣ. Исо маззаи мамот, ё дӯзахро чашидааст, барои ҳар кас, то ки мо ҷазои ҷовидонӣ нагирем. Акнун, ҳаётро барои худ рад карда ва пурра худро ба ҳукмронии Ӯ таслим карда, ки Ӯ барои мо чӣ кардааст, хуни Худро рехта ва маззаи маргро чашида, мо дар назди Худо сафедшавӣ ва кафоратро мегирем. Ҳоло мо ба одилии ӯ мутобиқ ҳастем ва бо итминон метавонем дар назди тахти доварии Ӯ биистем. Ҷалол ба Худо то абад!

Аз ҳамин сабаб ба мо бе ягон шарҳ гуфта шудааст: “Зеро ки шумо бо файз бо воситаи имон наҷот ёфтаед, ва ин на аз шумост, балки атои Худост, ва аз аъмол нест, то ки ҳеҷ кас фахр накунад” (Эфсӯсиён 2:8,9).

Агар шумо пештар ҳеҷ гоҳ ба он тавба накарда бошед, ки аз Худо мустақил зиндагӣ мекардед, аз гуноҳҳои худ рӯй нагардондед ва ҳаёти худро пурра ба ҳукмронии Исо насупоридед, акнун Замимаро дар поёни ин китоб кушоед, ки дар он ҷо шарҳу эзоҳ оиди нақшаи Худо барои наҷоти шумо ва дуо ҳаст, ки онро эътироф карда, шумо метавонед Исои Масеҳро ҳамчун Худованд ва Наҷотдиҳанда қабул намоед.

Имондорон бо он хуб шинос ҳастанд, ки дар якчанд саҳифаи охир гап дар бораи он рафт. Аммо, чуноне ки ба назар мерасад, аксарияти онҳо то охир онро намефаҳманд, ки ман дар бораш дар бобҳои навбатӣ сухан меронам. Дар асл бисёриҳо, ки худро масеҳӣ меноманд, аз ростии оддӣ, ки дар Навиштаҷот ошкор мешавад, дар ҳайрат мемонанд. Дар бобҳои оянда мо мебинем, ки барои чӣ дониши ибтидоӣ оиди ҷазои абадӣ барои афзоиши солими ҳар як масеҳӣ ҳатмӣ аст.

## БОБИ 5

# ДОВАРӢ БАР ФИРЕБ

*Лекин мо медонем, ки доварии*
*Худо мувофиқи ҳақиқат аст.*
— Румиён 2:2 (Тарҷумаи васеъ)

Исо омад, то ки моро аз ҷазои абадӣ аз барои гуноҳ наҷот диҳад, ки аз ибтидо он барои шайтон ва пайравонаш таъин шуда буд. Ҳаёти Исо, ки барои мо дода шуда буд, муҳаббати бузурги Худоро ошкор мекунад.

Оиди ин фикр кунед: Худо одам, ҳайвонот, паррандаҳо, ҳашаротҳо, ҳайвоноти обӣ ва заминро бо муҳити мукаммали он офарид. Мо мехонем: "Ва Худо ҳар он чиро, ки ба амал овард, дид, ва инак, хеле хуб аст" (Ҳастӣ 1:31). Баъдан Ӯ офаридаҳои мукаммалашро ба дасти одам дод, то ки ӯ онро муҳофизат намояд ва нигаҳбонӣ кунад. Чи тавре ки сарояндаи забур мегӯяд: "Осмон-осмони Худованд аст, валекин заминро ба банӣ-одам додааст" (Забур 113:24). Одам масъул буд, ки аз душмани асосии Худо Лютсифер на танҳо худро, балки тамоми офаринишро муҳофизат намояд.

Худо намехост дар боғ роботҳоро бинад, ки интихоби озодонаи дӯст доштани Ӯ ва гапдаро будан ба Ӯро надоранд, аз ҳамин сабаб дар байни ҳазорҳо дарахтони боғ як дарахт буд, ки дар бораи он гуфта шудааст: "Аз ҳар дарахти боғ хӯрдан гир; аммо аз дарахти маърифати неку бад зинҳор нахӯр; зеро рӯзе, ки аз он бихӯрӣ, ҳатман хоҳӣ мурд" (Ҳастӣ 2:16,17).

Марге, ки дар бораош Ӯ гуфт, марги ҷисмонӣ набуд, зеро ки Одам боз чанд соли дигар зиндагӣ кард ва натиҷаи гап-

нодароии худро ба зудӣ надид. Баръакс, Худованд ба одам нишон дод, ки ӯ аз ҳаёти Худо бурида мешавад ва табиати Лютсиферро мегирад, ки он марг аст.

Бо гузашти якчанд вақт Лютсифер Ҳавворо фиреб дод, хислати Худоро дар чашмони ӯ вайрон карда нишон дода. Ӯ бо роҳи ҳилла диққати Ҳавворо аз ҳамаи дарахтони дар боғ дастрасбуда ба ягона дарахти манъшуда ҷалб намуд. Баҳо дод, ки дарахт хуб ва дилписанд аст, ӯ аз он бихӯрд, ва акнун чунин ҳисобида, ки Худованд "ситонанда аст", на ин ки "диҳанда". Валекин дар ин давра ҳам одамизод афтодашуда набуд. Танҳо дар он лаҳза, ки ба ин шавҳари ӯ ҳамроҳ шуд, офариниши Худо табиати маргро қабул кард. Барои ҳамин ҳам гуноҳи ӯ вазнинтар буд: Ҳавво фиреб хӯрда буд, аммо Одам дидаву дониста итоат накард, бо вайрон кардани каломи Худо (ниг. 1 Тимотиюс 2:14).

Дар натиҷаи ин на танҳо Одам, балки тамоми офариниш худи ҳамон лаҳза табиати маргро гирифт. То ба гуноҳ афтодани Одам ҳайвонҳо ваҳшӣ набуданд, гӯшт намехӯрданд ва намемурданд. На заминҷунбӣ, на гирдбод, на тӯфон, на гуруснагӣ, на беморӣ вуҷуд дошт. Ҳамаи ин аз он сабаб пайдо шуд, ки одам он чизеро, ки Худо барояш бовар карда буд, нигоҳ надошт. Аз ҳамин лаҳза на фақат одамизод миранда шуд, балки ҳамаи офариниш.

Мо мехонем:

> "Чунки махлуқот на бо ихтиёри худ, балки ба хотири мутеъкунандаи худ мутеи оворагӣ шудааст, ба умеди он ки худи махлуқот ҳам аз бандагии фано халосӣ ёфта, ба озодии ҷалоли фарзандони Худо шарик хоҳад шуд. Зеро медонем, ки тамоми махлуқот бо якҷоягӣ то алҳол оҳу нола мекунад ва азоб мекашад" (Румиён 8:20-22).

Табиат лаънати маргро на бо иродаи шахсии худ, балки дар натиҷаи исёни одам бар зидди Худо қабул кард. Ӯ он

чизеро, ки барои ғамхорӣ кардан супорида шуда буд, нигоҳдорӣ накард. Одам худро ба ҷудоӣ аз Худо ва марг, ки он аз аввал лаънат танҳо барои Лютсифер буд, на танҳо табиатро, балки худро, зани худ ва ҳамаи насли худро маҳкум кард. Чӣ хел бевафоӣ, чӣ хел хиёнат! Худо гуфта метавонист: "Одаме, ки Ман дӯст доштам, ки баракатёфта ва комил офарида шуда буд, аз Ман Лютсиферро беҳтар донист; бигзор онҳо ба кӯли оташ раванд, ва Мо (Падар, Писар ва Рӯҳи Муқаддас) ҳама чизро аз нав оғоз мекунем – олами дигар меофарем, ки бо мавҷудоти бовафо пур мебошад, моро ҳамчунон дӯст медорад, чи тавре ки мо онҳоро дӯст хоҳем дошт".

Агар ки Худо чунин рафтор мекард, Ӯ дар қарори худ комилан боадолат мебуд. Аммо бо муҳаббати аҷиби Худ Ӯ ба одамизод ваъда дод, ки Наҷотдиҳандаро мефиристад, ки қодир аст ӯро аз ғуломие, ки дар он афтодааст, наҷот диҳад. Ин Наҷотдиҳанда Писари Ӯ мешавад, ки ҳамроҳи Вай Ӯ замин ва осмонро офаридааст. Бо дигар суханон, ҳеҷ чизи сазовори маргро накарда, Ӯ беандоза моро дӯст дошта, нархи даҳшатнокро супорид, то ки моро аз гуноҳ кашида барорад ва аз табиати марг озод намояд. Ин муҳаббати аҷоиб.

Ва ин мақсади Ҷолҷотто шуд. Маро ба тааҷҷуб меорад, вақте ки масеҳӣ масъалаи беимононро дар бероҳагӣ мемонад: "Чӣ тавр Худои дӯстдоранда, одамонеро, ки Хушхабарро нашунидаанд, ба дӯзах мефиристад?" Ман ҷавоби оддӣ дорам: "Ин гуноҳи Ӯ нест, балки аз мост". Исо нархи ба таври даҳшатнок болоро барои озодии одамизод супорида, ба мо, ба онҳое, ки хабари хушро қабул кардаанд, гуфт, ки ба тамоми олам биравем, ба назди онҳое, ки ҳанӯз дар бораи харида шудан аз лаънат нашунидаанд. Мо ҳама барои насли худ ҳисобот медиҳем, чунки Худо қисми кори Худро аллакай кардааст!

## Мо табиати Худоро қабул мекунем!

Нархе, ки Исо барои гуноҳҳои мо супоридааст, моро на танҳо аз доварӣ озод менамояд, балки ба мо табиати нав медиҳад, мисли табиати Худо, ки дигар ба гуноҳ ғулом намебошад. Вақте ки одам ҳаёти худро пурра ба Исо медиҳад, ӯ комилан одами нав мегардад.

> "Вақте ки одам масеҳӣ мешавад, ӯ дар дохил комилан одами нав мешавад. Ӯ дигар мисли пештара намемонад. Ҳаёти нав оғоз шуд!" (2 Қӯринтиён 5:17, тарҷ. аз ингл.)

Исои Масеҳро ҳамчун Худованди худ қабул карда, мо ба маънои аслиаш мемирем. Табиати кӯҳнаи мо нобуд шудааст, дар чашмони Худо он бо Исо маслуб карда шудааст. Одами комилан нав бо табиати Худо таваллуд мешавад. Мо аз нав таваллуд мешавем. Акнун мо аз табиате озод ҳастем, ки як вақте иродаи худро дар ҳаёти мо дикта мекард. Дар Навиштаҷот равшан гуфта шудааст: "Пас, мо дар мамоташ таъмид ёфта, бо Ӯ дафн шудаем, то ки чунон ки Масеҳ бо ҷалоли Падар аз мурдагон эҳё шуд, ончунон мо низ дар ҳаёти нав қадамгузор шавем... зеро медонем, ки инсони кӯҳнаи мо бо Ӯ маслуб шудааст, то ки ҷисми пургуноҳ ботил гардад, ва мо дигар бандагони гуноҳ набошем; чунки мурда за гуноҳ фориғ аст. Агар мо бо Масеҳ мурда бошем, боварӣ дорем, ки бо Ӯ низ хоҳем зист" (Румиён 6:4,6-8). Акнун мо метавонем мувофиқи табиати Масеҳ зиндагӣ кунем, на бо оне, ки бо ҳамон ба воситаи бевафоии Одам тобеъ шуда будем.

Барои масеҳиён беэътиноӣ кардан ба шахсе, ки Исоро Худованд барои худ ва ҳаёти худ эътироф намекунад, пурра беадабӣ мебуд. Чунки онҳо бо ДНК-и шахсии рӯҳонии гуноҳ ҳаракат мекунанд. Аммо "имондоре", ки дидаву дониста дар гуноҳи доимӣ зиндагӣ мекунад, ин зуҳуроти комилан ҷунунӣ ва ғайритабиист. Таҳти калимаи имондор дар ноху-

нак, ман одамеро дар назар дорам, ки шояд Исоро Худованд ва Наҷотдиҳандаи худ номад, аммо дар ҳақиқат Ӯ барои он шахс чунин нест. Агар ки Исо дар асл Худованди ӯ мебуд, дар ҳаёти чунин шахс табиати илоҳӣ зоҳир мегардид. Исо на як бор дар бораи ин гуфтааст:

> “Ҳамчунин ҳар дарахти нек меваи нек меоварад, лекин ҳар дарахти бад меваи бад меоварад. Наметавонад дарахти нек меваи бад оварад, ва дарахти бад – меваи нек. Ҳар дарахте, ки меваи нек намеоварад, бурида ва дар оташ андохта мешавад. Пас, онҳоро аз меваҳояшон хоҳед шинохт” (Матто 7:17-20).

Тасдиқоти Исо барои фаҳмиш душвор нест ва тағйирнаёбанда аст. Сабаб на дар меваҳо аст, балки дар табиати дарахт, ҳол он ки он маҳз дар меваҳояш зоҳир мегардад. Мисол, дар бутта меваи хубро дарёфт карда, мо медонем, ки ҳосили он барои ғизо хуб аст. Аз дигар тараф, агар мо меваҳои заҳрдорро ёфта бошем, ин буттаи хуб нест. Меваҳое, ки аз тарафи дарахт ба бор оварда мешаванд, далели равшан аст, ки он хуб аст ё хӯрда намешавад. Ҳамин тариқ Исо моро таълим медиҳад муайян намоем, ки шахс масеҳии ҳақиқӣ аст ё не, на аз рӯи гапҳои ӯ, на аз рӯи намуди диндоронаи ӯ, на бо он ки чанд вақт ӯ дар ҷамъомадҳои имондорон меояд, вале бо он ки чӣ тавр ӯ рафтор мекунад! Меваҳои ӯ чӣ хел аст, оё диққати ӯ ба Малакут аст ё ба худаш ва ин ҷаҳон? Ҳаворӣ Юҳанно инро дар номааш чунин тасвир мекунад:

> “Роҳҳои ҷаҳониро дӯст надоред. Некии ҷаҳониро дӯст надоред. Муҳаббат ба ҷаҳон муҳаббат ба Падарро поймол мекунад. Амалан ҳама чизе, ки дар ҷаҳон рӯй медиҳад, бо як чиз ҳаракат мекунад: ташнагии бо хоҳиши худ рафтор кардан, ташнагии ҳама чизро барои худ доштан, ташнагии муҳим ба назар вонамуд шудан. Тамоми ин ба Падар ҳеҷ муносибате надорад. Ин фақат шуморо аз Ӯ дур месозад. Ҷаҳон бо ҳавасҳояш гузарон аст, аммо касе, ки иродаи Худоро ба ҷо меоварад, то абад боқист” (1 Юҳанно 2:15-17, The Message).

Ба ману Лиза бисёр зиёд вақт лозим шуд, то ки ба ин фарзандони худро бовар кунонем. Онҳо ба мактаби масеҳӣ меравад ва мебинанд, ки баъзе аз ҳамсинфони онҳо, ки бо падару модари худ мунтазам ба калисо меоянд ва худро масеҳӣ меноманд, чунин рафтор мекунанд, чи хеле ки дар порчаи дар боло овардашуда тасвир гардидааст, ба ивази он ки ба Масеҳ монанд шаванд. Ин бачаҳо аз ин синф бештар барои худ зиндагӣ мекунанд, нисбати он ки бихоҳанд, биҷӯянд ва аз иҷро кардани иродаи Худо ҳаловат баранд.

Ин ҳолат дар мактаби фарзандони мо – фақат яке аз мисолҳои башумор, ки онро ман оварда метавонам. Ин мушкилӣ дар оилаҳо, дар олами кор, ҳатто дар калисоҳо ва хидматгузориҳо вомехӯрад. Одамон имрӯз худро масеҳӣ номида, мутаассифона, меваҳоеро меоранд, ки баръакси ҳолро шаҳодат медиҳанд.

## “Табдилшави”-и оддӣ

Инҷиле, ки аз тарафи мо мавъиза мешавад, вайрон шуда буд, бо гузоштани зада дар қабул кардани Исо дар дуои тавбаи гунаҳкор, вақте ки як дафъа Ӯро “Худованд” гуфта, мо то абад наҷот меёбем. Аммо Исо инро таълим намедиҳад. Ӯ мегӯяд: “На ҳар касе, ки ба Ман: “Худовандо! Худовандо!” мегӯяд, ба Малакути Осмон дохил хоҳад шуд, балки он касе, ки иродаи Падари Маро, ки дар осмон аст, ба ҷо меоварад” (Матто 7:21).

Агар ки мо суханони Ӯро мешунидем, онро аз филтри таълимоти яктарафа, ки аз мавъизаҳо, китобҳо ва сурудҳо оиди файзи Худо гирифтаем, намегузаронидем, мо пай мебурдем, ки онҳо ба Инҷили ҳозиразамони мо бархилоф аст. Суханони Ӯ аз равшан ҳам равшантар аст – на ҳар касе, ки бо дуои гунаҳкор дуо мекунад ва Исоро Худованди худ мегӯяд ба осмон меравад. Ва агар онҳо ба осмон нара-

ванд, чи хеле ки мо дар бобҳои пешин дидем, танҳо як имконият мемонад.

Биёед хидмати оддии башоратдиҳандаро бинем. Воиз дар мавзӯи: “Ба назди Исо биё ва “баракатро” бигир” мавъиза мекунад. Ӯ дар бораи он мегӯяд, ки Исо ба мо хурсандӣ, оромӣ, комёбӣ, хушбахтӣ, саломатӣ, осмон ва ғайраҳоро медиҳад. Маро дуруст дарк кунед. Худо дар асл мехоҳад моро баракат диҳад, вале Исо ҳеҷ гоҳ баракатро мисли ба дом андохтан истифода намекард, то ки одамон Ӯро пайравӣ намоянд.

Бо ба охир расидани эълони чилупанҷдақиқаина башоратдиҳанда аз ҳозирин хоҳиш мекунад, ки сарҳои худро хам кунанд ва ба онҳо савол медиҳад. Агар баногоҳ имшаб онҳо бимиранд, оё онҳо ба осмон мераванд? Ӯ ҳар касро рӯҳбаланд мекунад, ки ба гирду атрофи худ нигоҳ кунанд ва ин саволро ба онҳое, ки дар дасти рост ва чап нишастаанд, бидиҳанд, то ки ба навомӯзон кӯмак кунанд. “Агар ҳамсояи ту “ҳа” гуфта наметавонад, ӯро аз дасташ бигир ва ба пеш барор”,– чунин истилоҳ садо медиҳад.

Ҳангоме ки номзадҳо ба пеш мебароянд, суруде ба монанди “Чунон ки ҳаст” садо медиҳад. Дар дигар ҳолат онҳо дар зери кафкӯбиҳои толор ва оҳанги иҷроиши асбоби марши тантанавӣ мебароянд.

Одамони дар пеш баромадаро воиз хоҳиш мекунад, ки сарҳои худро поён кунанд ва дуои оддиро такрор намоянд, масалан: “Падар, ман эътироф мекунам, ки гунаҳкор ҳастам, гуноҳҳои маро бубахш. Имрӯз ман аз Исо хоҳиш мекунам, ки ба ҳаёти ман мисли Худованд ва Наҷотдиҳанда дарояд. Раҳмат ба Ту, ки Ту маро фарзанди Худ мекунӣ. Ба номи Исо, омин”.

Толор кафкӯбӣ мекунад, мусиқӣ бозӣ мекунад ва “навимоновардагон” ба ҷойҳои худ бармегарданд “ҳамон хеле ки буданд”. Ба истисноу он ки онҳо акнун фиреб хӯрданд.

Ягон калима ҳам сухан дар бораи тавба ба ҳаёти беитоатона, дар бораи рӯйгардонӣ аз хоҳишҳои шахсӣ, то ки иродаи Худоро маҳкам бигирем, оиди аз даст додани ҳаёти худ аз барои Исо нарафт. Онҳо Исоро "Худованд"-и худ эътироф карданд, аммо дар дилашон ҳеҷ хел тағйирот наомад. Исо танҳо қисми ҳаёти онҳо шуд. Аммо ба ман иҷозат диҳед, ки шуморо хабардор кунам, ки Шоҳи шоҳон ва Худованди худоён ба ҳаёти ягон кас дуюм ва ҳатто аз байни рақобатчиёни зиёд аввалин шуда намеояд. Ӯ танҳо мисли Шоҳи ягона меояд, барои ҷои Худ дар дили мо ва на бо одам, на бо ашё, на бо фаъолият рақобат мекунад. Ӯ бояд Худованд бошад: Худованди Олӣ ва Хӯҷаин, ки маънояш: мо дигар ба ҳаёти худ ихтиёрдорӣ намекунем.

Шумо ба худ тасаввур карда метавонед, бо одаме никоҳ мебандед, ки шуморо дар бораи он хабардор мекунад, ки ҳамроҳи шумо зиндагӣ мекунад ва маҳбубаҳои дигари худро тарк намекунад, вале шумо дар рӯйхат аввалин мешавед? Шоҳи ҷаҳон чӣ қадар бузург аст? Оё Ӯ арӯсеро қабул мекунад, ки мегӯяд: "Ту аввалин астӣ аз ҳамаи маҳбубони ман?" Дар ин ҳолат муносибати аҳд нест, ҳамроҳшавӣ ба як чиз намешавад. Чӣ хел гумроҳӣ!

Ин "навимоноварадагон" иҷозат надоданд, ки Салиб ба ҳаёти худпарастонаи онҳо дохил шавад ва ҷойро барои дар ботин башаклдарории табиати нави Исо холӣ намояд. Онҳо умеди ҳаёти беҳтаринро дар ин ҷо, дар замин гирифтанд ва ваъдаи ба осмон рафтанро. Аҷибаш он аст ки дар бисёр мамлакатҳое, ки барои масеҳиён таъқиботро ташкил мекунанд, одамон назди Исо меоянд, дарк карда, ки ҳаёти худро аз даст медиҳанд. Мо дар ҷамъияти ғарбӣ ба назди Ӯ меоем, то ки ҳаёти хуб ва осмонро бигирем. Мо бошад айнан ҳамин тавр бояд ки ҳаёти худро аз даст диҳем.

Имрӯзҳо бисёрии намояндагони ҳаракатҳои башоратдиҳӣ дар ҷамъияти мо, дар натиҷаи Инҷиле, ки мо мавъиза

менамоем, дар гумроҳӣ зиндагӣ мекунанд. Навимоновардагон, ки бо “имон"-и нав бадастоварда оташ гирифтаанд, ба фаъолияти масеҳӣ ҳамроҳ мешаванд, ба калисо мераванд, ҳатто ба башоратдиҳӣ ҷалб карда мешаванд, чунки ҳамаи ин барояшон нав ва олиҷаноб аст. Ин ба дохилшавӣ ба клуби нав монанд аст, барои санҷидани худ ба намуди нави варзиш, ба мактаби нав ё ба кори нав рафтан. Дар ин чиз тозагӣ ва навӣ ҳаст, аммо онҳо он чиро, ки Исо ба ҳамаи пайравони худ амр додааст, ки бикунанд, накарданд – харҷи пайравӣ кардани Ӯро ҳисоб кардан ва қарори охиринро қабул кардан нарх супоридан бо ҳаёти худ, ки ба хидматгузорӣ ба Ӯ дода шудааст (Луқо 14:27-33).

## Гум кардан, барои пас ба даст овардан

Ин мубодила аст: мо бояд ҳаёти худро пурра бидиҳем ва ба ҷои он ҳаёт (табиат)-и Ӯро бигирем. Исо на як бор кӯшиш кард, то ки ба мо инро расонад:

> “Ҳар кӣ хоҳад аз ақиби Ман биёяд, бояд хештанро инкор карда (фаромӯш кардан, рад кардан, нигоҳро аз худ ва манфиатҳои шахсӣ ба дигар ҷо бурдан) ва салиби худро бардошта (ба Ман ҳамчун шогирд ва пайрав ҳамроҳ шав), Маро пайравӣ намояд (доимо, Маро маҳкам гирифта) (Марқӯс 8:34, Тарҷумаи васеъ).

Мо бояд ҳамеша ба Ӯ такя кунем. Ин на танҳо як бор дуо кардан ва пасон мисли пештара зиндагиро идома додан, ба истиснои он ки акнун шумо ба клуби “аз боло таваллудшудагон” дохил шудед, ки ба онҳо осмон ваъда дода шудааст. Исо давом медиҳад: “Зеро ҳар кӣ ҷони худро раҳонидан хоҳад, онро барбод медиҳад; ва ҳар кӣ ҷони худро дар роҳи Ман ва Инҷил барбод диҳад, онро мераҳонад” (Марқӯс 8:35). Дар тарҷумаи васеъ ин ҷой чунин садо медиҳад: “Ҳар касе, ки ҳаёти худро медиҳад (онро ки ӯ дар замин ба сар меба-

рад) аз барои Ман ва Инҷил, ҳаётро нигоҳ медорад (ҳаёти олии рӯҳониро дар Малакути доимии Худо)”.

Ин мубодилаи бешарт аст; мо ҳуқуқро барои ихтиёрдории ҳаёти худ медиҳем, барои он ки хоҳишҳои Ӯро пайравӣ намоем, ва бар ивазаш ҳаёти доимии Ӯро мегирем. Инҷиле, ки имрӯз мавъиза карда мешавад, ба ин чиз эътибори зиёд намедиҳад, ба ин ҷиҳати бе ҳад муҳими пайравӣ кардан ба Исо мо танҳо оиди фоида мешунавем. Дар асл мо *ваъдаи эҳёшавиро* мавъиза мекунем, таъсири салибро мавъиза накарда.

Ҳолатро бо он муқоиса кардан мумкин аст, ҳангоме ки як шахси ҷавон аз оинаи нилгун эълонро дар бораи хидмати шартномавӣ ба аскарӣ мебинад. Ӯ ҷавони табассумкунандаро тақрибан ба синну соли худ мебинад, ки дар танаш либоси хуби ҷиддии флотӣ аст, ки дар канори киштии аҷоиб истодааст, ки он дар баҳри кушод дар зери осмони шаффофу сафо равон аст. Дар эълон бандарҳои ҳамаи шаҳрҳои ҷаҳон метобанд, ва ҳамаи ин аҷоибот чунон дастрас ба назар менамояд. Шахси ҷавон ҳамон замон меравад ва ба хизмати қарордодӣ имзо мекунад. Ӯ ҳатто заҳмат накашид, ки бо шарту шароиташ шинос шавад, чунки барои фоидаи бадастмеоварда бисёр алоқаманд буд. Ӯ акнун хеле хушбахт аст, акнун ӯ имконият пайдо кард, ки ҷаҳонро тамошо кунад, қисми артиши бошараф гардад ва бисёр дӯстони нав пайдо намояд.

Аммо ба наздикӣ ӯ дарёфт мекунад, ки дигар ҳақ надорад мисли пештара то соати нӯҳи рӯз хоб кунад, чи тавре ки одат карда буд. Ӯ ӯҳдадор аст, ки мӯйҳои дарози қиматбаҳои худро қайчӣ кунад. Ӯ наметавонад ба ҷойҳои ҷамъиятӣ барояд, барои он ки ӯҳдадор аст, ки дар пойгоҳ амалан ҳама вақт бошад, ба истиснои якчанд рӯз дар як моҳ. Аз ҳамаи ин бадтар ин ҷадвали сахте, ки ҳеҷ вақти озод намемонад. Тамоми вақт вай ба шустани ҳоҷатхонаҳо, тоза кардани сарбозхонаҳо, машқҳои варзишӣ ва дигар машқҳои на

он қадар осон меравад. Аз вақти зиёди озоди худ маҳрум шуда, ки онро ӯ бо фаровонӣ дошт, ҳар бегоҳ ӯ бо хастагӣ ба тахти хоби худ меафтад. Ӯ ҳанӯз ҳам пур аз умед аст, охир ӯ медонад, ки ба зудӣ дар киштӣ мешавад. Таълимоти асосиро гузашта, ӯ ба киштӣ равона мешавад, аммо кор ҳамон хел сахт мемонад, вале акнун ӯ дар баҳри кушод меҳнат мекунад. Ҷанг сар мешавад, ва ӯ иштирокчии амалиётҳои ҷангӣ мешавад, ки ба он имзо накардааст. Чунин ҳолатро бо мазмуни филми “Матрица” муқоиса кардан мумкин аст. Боре бегоҳӣ писари калони ман ба хона ҳамин филмро ба кироя гирифта овард, ва мо бо аҳли оила онро тамошо кардем. Ман дар ин филм як мутобиқати аҷоибро дидам.

Дар “Матрица” саволи аҷоиб гузошта шудааст: “Чӣ тавр олами аслӣ ва олами хобро фарқ кардан мумкин, агар ту аз хоб нахеста бошӣ?”

Дар ин филм ҳаёти садсолаи бистум, чи хеле ки ба назар мерасад, хуб мегузарад. Ҳодиса дар охири асри бисту якум сар мезанад. Одам ақли сунъӣ меофарад, ки номаш ҳамту Мошин буд. Ин Мошинҳо ҳокимиятро дар замин забт менамоянд, ки онро одам кӯшиш мекунад аз дигар мубориза бурда гирад. Дар натиҷаи ҷанг олам нобуд мешавад ва Мошин ғолиб мебарояд. Онҳо дарёфт мекунанд, ки бо гирифтани он қуввае, ки тани одам коркард мекунад, мавҷуд буда метавонанд, бинобар ин ҳиллаи бузург меофаранд, то ки одамизодро барои мақсадҳои худ истифода баранд. Олам ҳанӯз ҳам мисли пештара (дар садсолаи бистум) хуб “ба назар менамояд”, аммо дар асл танҳои одамизод дар утоқи як “ферма”-и калон бандӣ шудаанд, ва ақли онҳо бошад ба барномаи компютерии ҳақиқати маҷозии умумиҷаҳонӣ бо номи Матрица пайваст мебошад. Дар асл, озодӣ дар ҳаёти онҳо аслӣ нест, онҳо ғуломон мебошанд.

Дар ин лаҳза дар филм гурӯҳи интихобшудаи мардон ва занон пайдо мешаванд, ки ҷуръат пайдо мекунанд аз Ма-

трица бароянд, бо дарёфт кардани аслияти ҳақиқии худ. Дар олами ҳақиқии беҳаёт онҳо як муҳоҷирнишин ташкил карда буданд, ки номаш Сион буд. Баъзе аз онҳо боз ба Матрица баргаштанд, то ки барои озодии одамон бо Мошинҳо мубориза баранд. Мубориза шадид аст ва зиндагӣ осон нест, лекин онҳо бисёртар ба озодии аслӣ алоқаманд ҳастанд, нисбат ба зиндагӣ дар озодии бардурӯғ. Онҳо озодии ҳақиқиро бо мушкилоташ беҳтар медонанд, нисбат ба ғуломӣ дар роҳати бардурӯғ.

Дар ин ҷо мутобиқатии муайян дида мешавад. Бисёрии одамони беимон ба масеҳиён ҳамчун ба ғуломон нигоҳ мекунанд, ки озодии худро гум кардаанд, дар он вақте ки онҳо худашон гӯё озод ҳастанд. Валекин ростӣ дар он аст ки маҳз онҳое, ки дар Масеҳ нестанд, бандӣ ҳастанд, мисли ғуломони Мошин, ки дар дурӯғ зиндагӣ мекарданд. Онҳо ғуломони гуноҳ ҳастанд.

## Масеҳӣ будан душвор аст

Дар ғуломӣ на танҳо онҳое ҳастанд, ки ҳеҷ гоҳ Инҷилро нашунидаанд, ё ба он имон овarданро рад мекунанд, балки бисёрии “рӯйовардагон"-и навъии ин насл низ. Мо худамон ин вазъи душворро офаридем, бо беэътиноӣ кардан ба ӯҳдадории шиносонидани одамон бо номаи пурра дар бораи он ки Исо пайравӣ кардан ин чӣ аст. Бештари одамон чунин меҳисобанд, ки онҳо озод ҳастанд, аммо дар асл ин озодиро надоранд, ва ҳаёти онҳо тасдиқи ин чиз аст. Исо мегӯяд:

> “Ба ростӣ, ба ростӣ, ба шумо мегӯям: ҳар кӣ гуноҳ мекунад, ғуломи гуноҳ аст. Лекин ғулом ҳамеша дар хона намемонад: писар ҳамеша мемонад. Пас, агар Писар шуморо озод кунад, ҳақиқатан озод хоҳед буд” (Юҳанно 8:34-36).

Ин суханон маънои ростиро дар бораи меваҳои дарахт такрор мекунад. Агар касе ҳамеша гуноҳ кунад, ӯ ғуломи гу-

ноҳ аст. Ӯ писар нест, чунки табиати ӯ дигар нашудааст. Ӯ метавонад худро озод ҳисобад, барои он ки дуои гунаҳкорро эътироф кардааст, аммо ӯ ба Исо пурра ҳуқуқҳои худро надод. Ӯ мехоҳад озодии сохтакории худро нигоҳ дорад, ва фоидаи наҷотро бигирад. Доштани ҳам ин ва ҳам он дар як вақт ғайриимкон аст!

Чи хеле ки пештар гуфта шуд, одамон "аз боло таваллудшави"-и худро бо хурсандӣ, ҳаяҷон ва иштиёқи шадид аз сар мегузаронанд, чунки ин як чизи нав ва тоза аст. Валекин зуд ё дер табиати тағйирнаёфтаи онҳо зоҳиршавиро сар мекунад, ки он дар зери мафҳумҳои инҷилӣ ва тарзи зиндагӣ пинҳон шуда буд. Он худро аллакай дар доираҳои масеҳӣ маълум мекунад. Ана барои чӣ ин гумроҳӣ ин қадар душвор фарқшаванда аст. Ва ба ҳар сурат Аҳди Нав моро оиди ин фиреб махсусан огоҳ менамояд. Павлус менависад: "Бидон, ки дар айёми охир масеҳӣ будан бисёр мушкил мешавад" (2 Тимотиюс 3:1, тарҷ. ингл.). Мо дар айёми охир зиндагӣ мекунем. Дар ин ҳеҷ шак нест. Ҳамаи нубувватҳои Навиштаҷот оиди баргаштани Исо мегӯянд. Павлус пешбинӣ карда буд, ки айёми мо аз ҳама давраи душвор мешавад, ки ба мафҳуми "масеҳӣ будан" дахл дорад.

Дар дигар тарҷумаҳо нисбат ба айёми мо калимаҳои *хатарнок* ва *даҳшатнок* истифода мешаванд. Чаро? Айёми зиндагии Павлусро омӯхта истода, мо мебинем, ки вай муқобилати бузургро аз сар мегузаронд. Панҷ маротиба бо қамчин ва сию нӯҳ бор бо калтак зарба гирифт, се маротиба ӯро химчазанӣ карданд, як бор бо сангҳо заданд, солҳои дарозро ӯ дар маҳбас гузаронд. Ба куҷое ки наравад, дар ҳама ҷо бо таъқибот рӯ ба рӯ мешуд. Аммо Павлус мегӯяд, ки барои масеҳиён рӯзҳои мо боз ҳам душвортар мешаванд. Чаро? Ӯ Худаш ҷавоб медиҳад:

> "Зеро ки одамон худписанд хоҳанд шуд, ва зарпараст, ва пурғурур, ва ҳавобаланд, ва бадзабон, ва беитоат ба падару

> модарон, ва кӯрнамак, ва осӣ, ва ноаҳл, ва номуросо, ва тӯҳматчӣ, ва бепарҳез, ва бераҳм, ва душмани некӣ, ва хоин, ва рӯйнатан, ва бодӣ, ки айшу ишратро бештар аз Худо дӯст медоранд" (2 Тимотиюс 3:2-4).

Агар бодиққат суханони ӯро биомӯзем, шояд дар шумо савол пайдо шавад, ки бо ин ӯ чӣ гуфтан мехоҳад. Наход ки рӯйхати ин нишонаҳо ҳамин қадар зиёд аз хислати одамоне, ки дар замони Павлус зиндагӣ мекарданд, фарқ кунад? Ҳамзамонони ӯ ҳамаи ин нишонаҳои хислатҳоро доштанд. Онҳо худписанд, хасис, гунаҳкор, сангдил ва ғайраҳо буданд. Ҳатто Петрус дар рӯзи Пантикост гуфта буд: "Худро аз ин насли каҷрав раҳо кунед" (Аъмол 2:40). Пас аз чӣ сабаб Павлус насли моро махсус ҷудо мекунад, ки дар онҳо ин нишонаҳо сабаби аз ҳама айёми душвор барои масеҳӣ мешавад? Давом дода, ӯ шарҳ медиҳад: "Ва намуди диндориро (имони аслиро) доранд, вале қуввати онро инкор мекунанд (бо рафтори худ ростӣ будани эътирофи худро инкор мекунанд)" (2 Тимотиюс 3:5, Тарҷумаи васеъ).

Инак, шумо мебинед, чаро масеҳӣ будан дар замони мо душвор аст. Аксарият (мувофиқи дигар порчаҳои Аҳди Ҷадид) худро масеҳӣ меноманд, аз боло таваллудшудагон ё наҷотёфтагон, вале ба Салиб иҷозат намедиҳанд, ки худпарастии онҳоро нобуд созад. Онҳо қарор намекунанд, ки ҳамаи ҳуқуқҳои худро тарк мекунанд, то ки Исоро пайравӣ намоянд. Чунин одамон аз таҳти дил имон доранд, ки Исо Наҷотдиҳандаи онҳост, лекин бештар ба Ӯ аз барои он ҳамроҳ мешаванд, ки Ӯ барои онҳо чӣ карда метавонад, нисбат ба он ки Ӯ Кӣ аст. Ин аз он ҳолат ҳеҷ фарқе надорад, вақте ки як зан ба як мард танҳо аз барои пулаш ба шавҳар мебарояд. Имкон дорад, ки ӯ аз рӯи муҳаббат издивоҷ мекунад, лекин бо мақсадҳои нодуруст ҳаракат мекунад. Бо ин мақсадҳо одамон Ӯро меҷӯянд танҳо аз хотири наҷот ва муваффақият дар ин ҳаёт. Аз таҳти дил имон оварда, ки Ӯ

Наҷотдиҳандаи онҳост, онҳо боз ҳам ҳеҷ гоҳ ба Ӯ назоратро аз болои ҳаёти шахсиашон намедиҳанд.

## Сарҳадҳои шусташуда

Боз як мушкилӣ дар сарҳадҳои шусташуда мебошад. Биёед, шахсеро мебинем, ки нафъи худро толиб аст, лекин худро аз боло таваллудшуда меномад, бо забони имондори ҳақиқӣ гап мезанад, дӯстони порсоёна дорад, аз ҷамъомадҳои масеҳиён ба ваҷд меояд, аммо бо табиати тағйирнаёфта мемонад. Дар асл чунин одам – қаллоби беғаразона аст, ва мушкилӣ дар он аст ки худфиребии ӯ мисли касалӣ паҳн мешавад. Имондори аслӣ будан бисёр душвор аст, агар одам ҳаёти худро ба "меъёрҳо"-и маданияти масеҳӣ асос кунад, ки онҳо бо меъёрҳои осмон рост намеоянд. Дар замонҳои Павлус, агар одам имондор бошад, ҳаёти ӯ ҳар соат дар хатар буд. Ҳатто савол ба миён намеомад – оё ӯ худро ба Исо бахшидааст ё не, барои он ки одам дар ҳаёти худ хатти равшанро мегузаронд. Павлус давом медиҳад:

> "Лекин ту таълим, тарзи ҳаёт, рафтор, имон, ҳиммат, муҳаббат ва тоқати маро медонӣ, ҳамчунин таъқибот ва уқубатҳоеро, ки дар Антиёхия, Иқуния ва Лустра ба сари ман омад, ва чӣ тавр он таъқиботҳоро ман аз сар гузарондам, ва Худованд маро аз ҳамааш халосӣ дод. Ва ҳамаи онҳое, ки мехоҳанд парҳезгорона дар Исои Масеҳ зиндагӣ кунанд, ба таъқибот дучор хоҳанд шуд. Вале одамони бад ва фиребгарон боз ҳам бадтар гардида, дигаронро гумроҳ хоҳанд кард ва худашон гумроҳ хоҳанд шуд" (2 Тимотиюс 3:10-13).

Павлус кулли чизро равшан фаҳмонида додааст. Ӯ на танҳо таълим медод, балки бо мақсади ягона зиндагӣ мекард (бо абадият ҳаракат кардан, ки дар давоми китоб гап дар бораи он меравад), ки аз барои он Тимотиюс тавонист ба Павлус эътимод кунад. Сабабаш на ҷавобҳо ба дуоҳо буд,

на бахшоишҳои фавқултабиӣ, мӯъҷизаҳои мешуда, на қобилияти олии таълим додани Каломи Худо. Не, ӯ ба ин ишора намекард. Ӯ оиди тарзи ҳаёт гап мезад. Ин буд ва бояд омили ҳалкунанда монад.

Ӯ бо чунин суханон давом медиҳад – *"одамони бад ва фиребгарон"* муваффақ мешаванд. (Дар тарҷумаи русӣ "муваффақ аст" дар тоҷикӣ "боз ҳам бадтар мешаванд" (Шарҳи тарҷумон)). Мо ҳама мефаҳмем, ки аз одами бад беҳтар аст, ки дур бошем, аммо фиребгарон, ки намуди зоҳириашон бо табиати аслиашон мувофиқ нест, аз ҳама ҳам хатарнок ҳастанд. Ин одамон худро масеҳӣ меноманд, аммо дар зиндагии онҳо ҳеҷ далели ҳузур доштани қувваи файз нест. Павлус мегӯяд, ки онҳо на танҳо дигаронро фиреб медиҳанд, балки худ фиреб хӯрдаанд.

Ин дақиқ дар ҳодисаи Фиребхӯрда дар достони мо инъикос ёфтааст. Ин шахси ҷавон дар мактаби Эндел шогирди фаъол буд, худро пайрави тақдисшуда номида буд ва аз таҳти дил имон дошт, ки марҳамати шоҳро сазовор мешавад. Ӯ бисёр қувваи худро ба тасдиқи тақдисшавии худ сарф мекунад, ба ивази он ки бо зиндагии худ вафодориашро исбот намояд. На фақат ӯ гумроҳ шуда буд, балки атрофиёнаш низ дар гумроҳӣ зиндагӣ мекарданд. Меъёрҳое, ки аз рӯи онҳо Фиребхӯрда зиндагӣ мекард, сабаби афтодани бисёриҳо шуданд, аз духтароне, ки ӯ бо онҳо мехобид, сар карда, то шогирдони зиёди дигар, ки ба онҳо ӯ бо *мавъизаҳои* худ таъсир мекард.

Бо мавъиза, мепурсед шумо? Ӯ муаллим набуд-*ку*. Ҳа бале, дар зери калимаи мавъиза ман ҳаёти худамонро дар назар доштам, ки он баландтар садо медиҳад, нисбат ба суханоне, ки мо мегӯем. Барои шогирдони Эндел, ки ба Ҷалин тақдис шуда буданд, ба ҳадди охир душвор буд, ки зери таъсири хислати қавӣ ва тарзи зиндагии Фиребхӯрда наафтанд.

Дар бораи ин мубориза моро на танҳо Павлус огоҳ мекунад, балки дигар муаллифони Аҳди Ҷадид низ. Яҳудо ба мо мегӯяд:

> “Эй маҳбубон! Азбаски ҷидду ҷаҳди комил дорам ба шумо дар бораи наҷоти муштараки мо бинависам, зарур донистам ба шумо насиҳате нависам, то шумо дар роҳи имоне, ки як бор ба муқаддасон супурда шуд, ҷадал намоед” (Яҳудо 3).

Ба истодагарии ӯ диққат кунед, ки аз суханонаш маълум мешавад. Дар бораи он чизи дилписанд, ки мо ба воситаи наҷот мегирем хоҳиши гуфтан карда, ӯ ба ҳар ҳол бояд ки боз оиди чизи дигар менавишт. Ӯ маҷбур шуд, ки моро барои мубориза бурдан барои имон рӯҳбаланд намояд. Ин мубориза чӣ аст? Дар давомаш ӯ мефаҳмонад:

> “Зеро баъзе касон пинҳонӣ даромадаанд, ки аз қадим ба ин маҳкумият таъин шуда буданд, ва ин осиён файзи Худои моро ба фисқу фуҷур табдил медиҳанд ва Парвардигори ягона ва Исои Масеҳи Худованди моро инкор мекунанд” (Яҳудо 4).

Мубориза ин бар зидди таъсири одамон мебошад, ки онҳо файзи Худоро барои узри ҳаёти нопарҳезгори худ ба фисқу фуҷур табдил додаанд. Чунин ҳуҷумҳо бештар мамотовар мебошанд, нисбати ҳамаи таъқиботҳои берунӣ ба калисо. Онҳо бештар хатарнок ҳастанд, нисбати қонунҳое, ки бар хилофи принсипҳои китоби муқаддасанд, масалан, иҷозат барои исқоти ҳамл ва дар мактаб ҳатмӣ будани омӯхтани таълимоти эволютсия. Таъсироти онҳо бисёр сахт аст, нисбат аз таъсироти ҳар кадом парастиш ё дини бардурӯғ. Онҳо то абад нобудкунанда ҳастанд!

Шумо, шояд, мепурсед, ба одамони калисо ин чӣ дахл дорад, охир суханҳои Яҳудо ба он касоне, ки Исои Масеҳро рад кардаанд ё аз Ӯ рӯй гардонидаанд, дахл доранд. Имрӯз дар калисоҳои мо ҳеҷ касе, ки чунин рафтор мекард, мисли ма-

сеҳӣ қабул карда намешуд. Ва барои чӣ шумо чунин ҳисобед, ки дар он замонҳо дигар хел буд? Боз ҳам бодиққат порчаи Навиштаҷотро бихонед. Ин одамон *пинҳонӣ* ба давраи мо *даромаданд*. Ҳеҷ касе, ки имрӯз дар ҷамъомади мо ё дар вақтҳои Яҳудо дар бораи аз Исо рӯй гардониданаш рӯйрост гӯяд, наметавонад аз назар дур монад. Пас чӣ тавр онҳо Ӯро рад мекунанд? Ҷавобашро мо дар дигар китоби Аҳди Ҷадид пайдо мекунем. “Онҳо мегӯянд, ки Худоро мешиносанд, лекин бо аъмолашон Ӯро инкор менамоянд” (Титус 1:16). Онҳо Ӯро на бо суханон инкор менамоянд, балки бо ҳаёти худ. Иддао карда, ки Худоро мешиносанд, Исоро Худованди худ эътироф карда, дар асл бо корҳои худ тамоман дигар чизро нишон медиҳанд. Дар ёд дошта бошед, онҳо на танҳо худро, балки дигаронро низ фиреб медиҳанд. Чунки бо тамоми самимият гумон мекунанд, ки масеҳӣ ҳастанд.

## Файзи ҳақиқии Худо

Яҳудо тасдиқ мекунад, ки чунин одамон номаи файзи Худоро вайрон мекунанд. Дар замонҳои охири мо ин чиз бисёр паҳн шудааст, барои он ки таълимоти мо дарро ба ин чиз воз кард. Мо таълим додем, ки файзи Худо барои беитоатии мо мисли муҳофизати рӯйпӯшкунанда хизмат мекунад. Дар калисо аз аксарият шунидан мумкин аст: “Ман медонам, ки мисле ки бояд зиндагӣ кунам, намекунам, аммо ҷалол ба Худо барои файзи Ӯ”. Ин гумроҳии бисёр ҷиддист. Навиштаҷот таълим медиҳад, ки файз – ин қувваи Худоӣ, ки дар ботини мо ҷойгир шудааст, то он чиро иҷро намояд, *ки ростӣ аз мо талаб мекунад*.

Оиди файз танҳо мисли марҳамати ношоистаи Худо таълим дода буданд. Ин дар ҳақиқат марҳамати Ӯ аст, ки онро на харидан ва на кор кардан мумкин аст. Аммо он ба мо қувва барои итоат медиҳад. Далели он ки мо дар асл файз

дорем, ин ҳаёти парҳезгоронаи мо мебошад. Ба Каломи Ӯ итоат кардан мавҷуд будани файзро дар ҳаёти мо тасдиқ менамояд. Аз ин сабаб Яъқуб мегӯяд:

> “Ҳамчунин имон низ агар аъмол надошта бошад (рафтор ва корҳои итоаткорона, ки онро тасдиқ менамоянд), ба худии худ мурда аст. Балки касе хоҳад гуфт: “Ту (мегӯӣ, ки) имон дорӣ, вале ман аъмол (нек) дорам,– имони (шубҳанок) худро бе аъмол (нек) ба ман нишон бидеҳ (агар метавонӣ), вале ман ба ту имони худро аз аъмоли (неки) (боитоати) худ нишон медиҳам”. Ту имон дорӣ, ки Худо ягона аст? Хуб мекунӣ; девҳо низ имон доранд ва меларзанд” (Яъқуб 2:17-19, Тарҷумаи васеъ).

Яъқуб ба нокомии бузург дар таълимоти ҳозиразамони мо ишора мекунад. Мо чунин порчаҳоро ба монанди “ба Исои Масеҳ имон овар, ва наҷот хоҳӣ ёфт” (Аъмол 16:31) сахт маҳкам мегирем. Агар барои наҷот танҳо ба мавҷудияти Худо ва ба он ки Исо – Писари Ӯ аст имон овардан кофӣ бошад, пас мутобиқи гуфтаҳои Яъқуб девҳо низ наҷот меёбанд, чунки имон доранд. Ин-ку бемантиқӣ аст! Барои он ки фикри худро возеҳ бирасонад, Яъқуб хотиррасон менамояд, ки ҳатто девҳо меларзанд. Бо дигар суханон, девҳо аз Худо бисёртар метарсанд, нисбати онҳое, ки мегӯянд имон доранд, вале онро бо аъмоли итоаткорона тасдиқ намекунанд.

Воқеияти ошкорои он ки мо ба ростӣ бо файзи Исои Масеҳ наҷот ёфтаем, ин ҳаёти мо мебошад, ки инро тасдиқ мекунад. Ана барои чӣ ҳавворӣ Юҳанно тасдиқ мекунад:

> “*Аз ин медонем, ки Ӯро мешиносем,* ки аҳкоми Ӯро риоят мекунем. Касе, ки гӯяд: “Ман Ӯро мешиносам”, аммо аҳкоми Ӯро риоят накунад, вай дурӯғгӯй аст, ва дар вай ростӣ нест. Валекин касе, ки каломи Ӯро риоят мекунад, дар вай ба ростӣ муҳаббати Худо ба камол расидааст. Аз ин медонем, ки мо дар Ӯ ҳастем. Касе гӯяд, ки дар Ӯ собит мемонад, вай бояд тавре рафтор кунад, ки Ӯ рафтор мекард” (1 Юҳанно 2:3-6).

Юҳанно бе дудилагӣ мегӯяд, ки исботи ба ростӣ шинохтани Исои Масеҳ ин риоя кардани аҳкоми Ӯ мебошад. Касе, ки мегӯяд, Исоро мешиносад, аммо каломи Ӯро риоя намекунад,– дурӯғгӯй ва фиребгар, ки аз ростӣ дур аст, ба эътирофи худ оиди донистани Каломи Худо нигоҳ накарда. Барои ҳамин Юҳанно мегӯяд: “Эй фарзандонам! Инро ба шумо менависам, то ки шумо гуноҳ накунед; ва агар касе гуноҳ кунад, мо ба ҳузури Падар Шафоатгаре дорем, ки Исои Масеҳи Одил аст. Ва Ӯ кафорат аст барои гуноҳҳои мо, ва на танҳо барои гуноҳҳои мо, балки барои гуноҳҳои тамоми ҷаҳон низ” (1 Юҳанно 2:1,2).

Диққат кунед, ӯ ин тавр нагуфт: “Инро ба шумо менависам, то ки шумо гуноҳ карда... Шафоатгаре дошта бошед”. Не, мақсад дар он аст, ки гуноҳ накунем. Қувваи файзи Худоро гирифта, мо метавонем ба он кӯшиш намоем, то ки ба Масеҳ монанд бошем (“бигардем, чи хеле ки Ӯ мегашт – пок"), чунки мо аз назорати табиати гапнодаро озод шудаем. Аммо агар мо ба гуноҳ дода шавем, он гоҳ Шафоатгар дорем. Хурсандии имондор дар он аст, ки акнун мо метавонем ба Худои худ мисле, ки ба Ӯ писанд аст, хидмат кунем.

> “Пас мо малакутеро, ки ба ларза намеафтад, қабул намуда, файзро маҳфуз хоҳем дошт ва бо он Худоро ба маври писандида бо таъзиму такрим ва тарс ибодат хоҳем кард” (Ибриён 12:28).

Ана маънояш дар чист. Файз ба мо қувва медиҳад, ки ба Худо ба маври писандида хидмат намоем.

Чаро мо Башорати пурраро намегӯем, балки танҳо нисфашро? Ҳа, наҷот – ин бахшоиш, онро харидан ё сазовор будан номумкин аст. Ин дар ҳақиқат чунин аст. Аммо мо фаромӯш мекунем, ба одамон бигӯем, ки имконияти ягонаи гирифтани он – ҳама чизро инкор кардан, ҳаёти худро

бахшидан, бо эътироф кардани Ӯ ҳамчун Худованди худ, ва инро карда, қувват гирифтан барои зиндагӣ кардан мувофиқи табиати Ӯ. Дар ин бора Петрус навишта буд:

> “Файз ва осоиштагӣ дар шинохтани Худо ва Исои Худованди мо бар шумо фаровон бод. Азбаски қуввати илоҳии Ӯ ҳамаи чизҳои барои ҳаёт ва парҳезгорӣ зарурро ба мо бахшидааст, ба воситаи шинохтани Ӯ, ки моро бо ҷалол ва камоли Худ даъват намудааст, ки бо онҳо ба мо ваъдаҳои бузург ва гаронбаҳо дода шудааст, то ки шумо ба воситаи онҳо шарики табиати илоҳӣ гардида, аз фасоди шаҳват, ки дар ҷаҳон ҳукмфармост, дур шавед (2 Петрус 1:2-4).

Диққат кунед, ба мо файз ба воситаи шинохтани Исои Масеҳ дода шуда буд, ва ин файз ҳамон қувваи илоҳӣ, ки ба мо ҳар чизи заруриро медиҳад, то ки мувофиқи табиати илоҳии Ӯ ҳаёти парҳезгоронаро ба сар барем. Ҳамин тариқ, мо аз фано харида шуда будем, ки ба олам ба воситаи Одам даромада буд, ки он бо сабаби шаҳвати одамизод афзоиш ёфт, ки бар хилофи Худо буд. Ба ҳеҷ кас иҷозат надиҳед, ки на бо сухан, на бо амал дар шумо барои мутобиқи табиати илоҳӣ, ки дар ботинатон ҷойгир шудааст, зиндагӣ кардан беэътиноиро пайдо кунад. Павлус равшан мегӯяд:

> “Зеро файзи Худо, ки барои ҳамаи одамон наҷотбахш аст, зоҳир шудааст ва моро таълим медиҳад, ки масъият ва шаҳавоти дунёро рад намуда, дар ин дунё бо исмат, адолат ва парҳезгорӣ зиндагӣ кунем, ва мунтазири умеди муборак ва зуҳури ҷалоли Худои азим ва Наҷотдиҳандаи мо Исои Масеҳ бошем, ки Худро барои мо фидо кард, то ки моро аз ҳар шарорат халосӣ диҳад ва барои Худ ҳамчун қавми махсусе, ки дар аъмоли нек ғаюранд, татҳир намояд. Инро бигӯ ва насиҳат бидеҳ ва бо тамоми қудрат мазаммат бикун, то ки ҳеҷ кас ба ту беэътиноӣ накунад” (Титус 2:11-15).

Файзи Худованд моро таълим медиҳад, то ки нопарҳезгорӣ ва шаҳавоти дунёро инкор кунем ва бо ҳаёти боадолат

ва парҳезгорона зиндагӣ кунем. Файзи Худо дар ҳаёти мо ба монанди муаллиме аст, ки ба мо дастурамал ва қобилияти пайравӣ кардани онро медиҳад. Диққат кунед, мо бояд бо ин дигаронро низ таълим диҳем. Павлус давом медиҳад: "Дуруст аст ин сухан, ва ман мехоҳам, ки ту дар он (доимо) қоим бошӣ, то онҳое ки ба Худо имон овардаанд, саъю кӯшиш намоянд, ки дар аъмоли нек муваффақият ёбанд: ин барои одамон хуб ва фоиданок аст" (Титус 3:8).

Мо бояд корҳои хубро бо қувваи файзи Худо дар ҳаётамон бикунем. То наҷоти худ мо ҳам онро надоштем, мисли муқаддасон дар Аҳди Қадим; файз – ин бахшоиши Худо, ки ба василаи Исо омадааст. Аз ин сабаб Исо мегӯяд, ки дар замонҳои Аҳди Қадим, одаме, ки касеро кушта буд, қотил ҳисобида мешуд, ки лоиқи дӯзах буд. Вале дар зери файз туро оташи дӯзах таҳдид мекунад, ҳатто ҳангоме ки ту бародарро девона гуфтӣ, касеро маҳкум кардӣ, касеро набахшидӣ ё ҳар шакли нафратро дошта бошӣ (ниг. Матто 5:21,22) Чаро? Барои он ки акнун мо қувва дорем мутобиқи табиати Худо, дар дохил ва берун, бо қувваи файз зиндагӣ кунем.

## Ҳамеша тасдиқ кардан

Дар порчаи пешинаи Навиштаҷот ба мо бо Каломи Худо аҳком дода шудааст, ки *доимо* тасдиқ кунем ё дар бораи ин таълим диҳем. Шумо шунидаед? Ман мебинам, ки ин чиз имрӯз бисёр кам аз минбар ё дар муносибати имондорон садо медиҳад, на ин ки доимо. Аз ин сабаб мо аз муҳим будани аъмоли нек, ки бо файзи Худо иҷро мешаванд, дурӣ кардем. Дар ҳақиқат, мо ба қуввае, ки дар мо аст, иҷозат додем, ки ғайрифаъол монад аз барои камии имон ва дониш. Имоне, ки ба файз роҳро медиҳад, бояд ки фаъол монад, тавассути эътирофи он чизе, ки мо ба он имон дорем. Павлус мегӯяд: "Ки муоширати имони ту чунон таъсирбахш бошад,

ки беҳтар бидонӣ ҳар некие, ки дар мо барои Исои Масеҳ мебошад, чист” (Филемӯн 6).

Агар мо инро доимо тасдиқ накунем, он гоҳ мунтазам аз ростӣ дур мешавем. Муаллифи Нома ба Ибриён бисёр фаҳмо оиди ин навиштааст:

> “Бинобар ин мо бояд ба он чи шунидаем, махсусан бодиққат бошем, *то ки аз он дур нашавем*. Зеро, агар каломе ки ба василаи фариштагон гуфта шудааст, матин буда, барои ҳар ҷиноят ва беитоатӣ подоши одилона шуда бошад, чӣ гуна мо халос мешавем, агар ба чунин наҷоти бузург беэътиноӣ кунем...” (Ибриён 2:1-3).

Инро тасдиқ карда ва таълим дода, мо ҳамеша пеши худ ҷиҳати муҳими абадиятро мебинем, ки он моро аз афтодан нигоҳ медорад. Ман дар хотир дорам, ки бачаи хурд будам ва моҳидориро дӯст медоштам. Бо ҷараёни моҳидорӣ овора шуда, мо диққат намедодем, ки чӣ тавр қаиқро ҳамеша ҷараёни об мебурд. Баъд аз чилу панҷ дақиқа мо ба гирду атроф нигоҳ мекардем ва маҳалро намешинохтем. Ин аз он сабаб рӯй медод, ки фикрҳои мо бо дигар чизҳо банд буданд, дар ҳолати мазкур бо ҷараёни моҳидорӣ. Барои баъзе касоне, ки дар дарё моҳидорӣ мекарданд, ки онҳоро ба обшорҳои хатарноки кушанда мебурд, чунин ҳолат бисёр ғамгинона тамом мешуд. Миқдори беҳисоби одамон дар обшоронҳо ҳалок шуданд, танҳо аз барои он ки қаиқҳо онҳоро аз ҷое, ки онҳо моҳидориро сар карда буданд, бисёр дур бурда буд.

Ин ростӣ аст ҳам дар муносибати ҷиҳатҳои муҳими абадият. Агар Худо гӯяд, то ки мо ҳамеша дар бораи ин таълим диҳем, пас, мо бояд дар ин муносибат бисёр бодиққат бошем. Чаро мо қувваи файзро таъкид намекунем, ки он ба мо қобилияти бурдани ҳаёти итоаткоронаи парҳезгоронаро медиҳад? Ман мебинам, ки калисои аввалин инро мекард. Як-

чанд заҳматҳои падарони калисоҳои қадимаро омӯхта, ман дарёфтам, ки онҳо он чиро таълим медоданд, ки ба имрӯза таълимоти мо тамоман бегона ба назар мерасад, аммо ба Навиштаҷот бархилоф нест. Падарони якчанд садсолаҳои аввал бовар доштанд, ки корҳо нақши бузургро дар собит намудани наҷот мебозанд. Биёед, якчанд намунаашро мебинем.

Якум ман Поликарп (69-156), епископи калисо дар Смирно ва дӯсти ҳаввории Юҳанноро иқтибос меорам. Дар куҳансолӣ ӯ ҳабс шуд ва дар оташ сӯзонида шуд. Ӯ навишт: "Бисёриҳо мехоҳанд дар ин хурсандӣ (наҷот) дароянд, дониста, ки мо бо файз наҷот ёфтаем, на бо корҳо". Дар давраҳои башоратдиҳии ҳозиразамон ин суханон хуб пазируфта мешуданд, барои он ки мо ба ин воқеият бисёр зада мегузорем, ки мо бо файз наҷот ёфтаем, на бо корҳо. Ӯ боз ба имондорон навишта буд: "Ӯро, ки аз мурдагон эҳё карда, моро ҳам эҳё мекунад – агар мо иродаи Ӯро иҷро кунем, дар аҳкоми Ӯ бигардем ва он чиро ки Ӯ дӯст медорад, дӯст бидорем, ва худро аз ҳар ноодилӣ нигоҳ дорем". Имрӯз дар мавъиза чунин суханонро бисёр намешунавӣ.

Ба калимаи "агар" диққат диҳед. Ба мо дастур дода шудааст, ки иродаи Ӯ ва аҳкоми Ӯро иҷро намоем, то ки эҳёшавӣ дошта бошем. Дар ин бора Исо ҳам гуфта буд.

Шахси навбатиеро, ки ман иқтибос меорам, Климент Римский (30-100), ҳамкори ҳавводиён Павлус ва Петрус, ки калисоро дар Рум роҳбарӣ мекард. Ӯ навишта буд: "Мо худ ба худ сафед нашудем, на бо парҳезгории шахсӣ ё корҳо. Балки бо имоне, ки бо он Қодири Мутлақ ҳамаи одамонро сафед мекунад". Ин баёнот ҳамчунин дар давраи масеҳиёни имрӯза васеъ қабул карда мешуд. Вале боз Климент ба имондорон навиштааст: "Ба мо зарур аст, ки дар таҷриба кардани аъмоли нек чусту чолок бошем. Ӯ моро огоҳ мекунад, ки Ӯ Худо аст, ки ба ҳар кас аз рӯи аъмолаш подош хоҳад дод" (ниг. Румиён 2:6-10)".

Шояд, аз ҳамин сабаб, дар озмоишҳо буда, Павлус гуфтааст: “Бинобар ин, эй подшоҳ Ағрипос, ба рӯъёи осмонӣ беимонӣ накардам, балки дар навбати аввал ба сокинони Димишқ ва Ерусалим ва тамоми сарзамини Яҳудо ва низ ба ғайрияҳудиён мавъиза менамудам, ки тавба карда, ба Худо руҷӯъ намоянд ва *корҳое кунанд, ки сазовори тавба бошад*” (Аъмол 26:19,20). Агар ки Павлус ба муҳим будани аъмол зада гузошта бошад, моро суханони ба ин монанди ҳамкори ӯ Климент набояд дар ҳайрат гузоранд.

Инчунин суханони шахсеро бо номи Қлимис аз Искандария (150-200) мисол меорам. Ӯ калисоро дар Искандария, дар Миср роҳбарӣ мекард ва мактаби навимоновардагонро пеш мебурд. Дар бораи беимонон ӯ чунин навишта буд: “Ба он нигоҳ накарда ки онҳо корҳои нек мекунанд, ин корҳо баъд аз марг ҳеҷ фоида намеоранд, агар онҳо (беимонон) имон надошта бошанд”.

Ин баёнот ҳам бо хурсандӣ дар доираҳои башоратдиҳандагон қабул карда мешуд. Дар бобҳои пешина мо аллакай гуфта будем: ин аҳамият надорад, ки беимон чӣ қадар корҳои нек мекунад, онҳо ба ӯ роҳро ба Малакути Худо таъмин намекунанд; мо бо файзи Худо наҷот ёфтаем. Аммо бингаред, ки Климент ба имондорон чӣ навиштааст:

> “Ҳар касе, ки ростиро ба даст овардааст, корҳои нек мекунад ба подошаш ҳаёти абадӣ мегирад... Баъзеҳо дуруст дарк мекунанд, ки Худо қувват медиҳад (барои наҷот), лекин ба корҳое, ки ба наҷот мебаранд, аҳамияти зиёд намедиҳанд, барои ҳамин ҳам барои ба даст овардани мавзӯи умеди худ ба нокомӣ дучор мешаванд”.

Баъзе аз шумоён шояд ки фикр мекунанд: “Аз афташ ин бачаҳо тамоман Аҳди Ҷадидро нахондаанд”. Хондаанд. Дар китоби худ “Далеле, ки қадрдониро талаб мекунад” Ҷош Макдауэлл ишора мекунад, ки Қлимиси Искандарӣ 2400 иқтибосҳои худро (ба ғайр аз сетоаш) аз Аҳди Ҷадид гириф-

тааст. Ин ҳамчунон ба дигар муаллифон низ дахл дорад. Бояд бигӯям, ки бисёр китобҳо, ки имрӯз дар дӯконҳои масеҳӣ фурӯхта мешаванд, дар худ бисёр кам Навиштаҷотро доранд. Оё моро ба канор бурда метавонад, бо он сабаб, ки мо он чиро ки дар асл муҳим аст, таълим намедиҳем?

## Инҷили нотамоми мо

Афсӯс ки мо танҳо чунин ҷойҳои Навиштаҷотро иқтибос меорем: “Зеро агар ту бо даҳони худ эътироф кунӣ, ки Исо Худованд аст, ва бо дили худ имон оварӣ, ки Худо Ӯро аз мурдагон эҳё кард, наҷот хоҳӣ ёфт” (Румиён 10:9). Мо ба одамон мегӯем, ки ба онҳо лозим аст, танҳо дуои афсункоронаро бигӯянд, ва онҳо наҷот меёбанд.

Аммо чаро мо суханони Исоро иқтибос намеоварем: “Чаро Маро “Худовандо! Худовандо!” мегӯед, вале он чиро ки Ман мегӯям, ба ҷо намеоваред “(Луқо 6:46). Мо дидем, ки калимаи “Худованд” маънои Хӯҷаини Бузург, Соҳибро дорад. Инак, Исо мегӯяд: “Маро Хӯҷаин нагӯед, агар ки шумо худатон ба худ хӯҷаин мемонед. Беҳтар аст, ки Маро “Пайғамбари Бузург” ё “Устод” бигӯед, то ки худро фиреб надиҳед.

Акнун биёед боз як бор суханони Исоро дида бароем, ки аз он мо ин баҳсро сар кардем: “На ҳар касе, ки ба Ман: “Худовандо! Худовандо!” мегӯяд, ба Малакути Осмон дохил хоҳад шуд...” (Матто 7:21).

Мо аллакай гуфтем, ки на ҳар касе, ки Исои Масеҳро Худованд мегӯяд, ба осмон меравад. Ин аниқ ба мо мефаҳмонад, ки эътирофи оддии “дуои гунаҳкор” ба мо роҳро ба осмон таъмин намекунад. Пас ба ман як саволи дигар пайдо мешавад: “Кӣ ба Малакути Осмон медарояд?” Исо бо чунин суханон ҷавоб медиҳад: “...он касе ки иродаи Падари Маро, ки дар осмон аст, ба ҷо меоварад” (Матто 7:21).

Аҷоиб. Қариб ки калима ба калима бо гапҳои Поликарп рост меоянд. На танҳо эътироф кардани Исо ҳамчун Худованд, балки ҳам эътироф кардан ва ҳам иҷро кардани иродаи Худо моро ба осмон меорад. Тарзи ягона, ки мо чӣ тавр иродаи Ӯро иҷро карда метавонем,– ба воситаи файз, ки Ӯ ба мо медиҳад, вақте ки мо ҳаёти шахсии худро рад карда ва Ӯро Худованди худ қабул намуда, худро фурӯтан месозем. Эътироф кардан осон аст, вале аз ҳама қисми мушкилаш ин худро пурра ба ҳукмронии аслии Исо тобеъ кардан аст.

Гӯш кунед, барои чӣ ман ин қадар боисрор дар бораи ин мегӯям:

> “Бисёр касон дар он рӯз ба Ман хоҳанд гуфт: Худовандо! Худовандо! Оё ба исми Ту нубувват накардем? Оё ба исми ту девҳоро нарондем? Оё ба исми Ту мӯъҷизоти зиёде нишон надодем? Он гоҳ дар ҷавоби онҳо хоҳам гуфт: Ман ҳаргиз шуморо намешинохтам; аз Ман дур шавед, эй бадкорон! (Матто 7:22,23).

Дар охири солҳои ҳаштодум Худо ба ман рӯъё дод. Ман анбӯҳи зиёди одамонро дидам, ки сарҳадаш ҳеҷ дида намешуд. Бениҳоят одамон зиёд буданд. Ман медонистам, ки дар байни онҳо атеистҳо, гунаҳкорон ё пайравони дигар мазҳабҳо набуданд. Баръакс, ҳамаи онҳо масеҳиятро эътироф мекарданд. Ин одамон дар доварӣ бо итминони комил омада буданд, то бишнаванд, ки Исо ба онҳо мегӯяд: “Ба хурсандии Хӯҷаини худ, ба Малакути Худо дароед”. Ба ивази ин онҳо чунин суханонро шуниданд: “Ман ҳаргиз шуморо намешинохтам; аз Ман дур шавед, эй бадкорон!” (Матто 7:23).

Ман даҳшатро дар рӯи онҳо дидам. Ба худ тасаввур карда метавонед он ҳолатеро, ки шумо ба он наҷот итминон доред, ки онро надоред? Тасаввур кардан, ки шумо то абад дар оташи дӯзах андохта мешавед, дар он вақте, ки шумо бовар доштед, ки осмон аз они шумост? Тамоми абадият азоб ка-

шидан аз фикри он, ки шумо, ё мумкин онҳое, ки ба шумо мавъиза карданд, ба абадият сабукфикрона муносибат намуданд?

Оё бахшида мешавад, он хидматгузорие, ки дар он хидматгузор ба одамон оиди огоҳиҳои Исо намегӯяд?

Оё шумо мефаҳмед, ки чаро мо бояд номаи пурраи Худоро эътироф кунем, на ин ки танҳо лаҳзаҳои фоиданок ва мусбии онро? Ҳа, ба мо баракат маъқул аст ва мо бояд дар бораи онҳо бигӯем ва аз он ҳаловат барем, аммо на аз ҳисоби хомӯш истодан оиди аҳкомҳо ва огоҳиҳои Навиштаҷот!

Дар хотир дорам, ки дар яке аз конфронсҳо, ман иброз кардам, ки барои чӣ дар бораи ин ростиҳо мавъиза менамоям: "Ман намехоҳам, то ки дар Рӯзи Доварӣ касе маро сарзаниш намояд, ки ман ба онҳо ростиро нагуфтам, дар он вақте ки хуни ин одамон аз дастони ман мечакад".

Фавран баъд аз мавъиза ба назди ман як усқуфи озурдашуда аниқтараш ҳатто оташиншуда омад. Ӯ гуфт: "Ту чӣ тавр ҷуръат кардӣ, ки ба мо, хидматгузорон, худошиносии Аҳди Қадимро бо зӯрӣ бор кунӣ. Дар дастони ман хуни одамон намешавад аз барои он ки ман Инҷили пурраро мавъиза накардам". Дида мешуд, ки ба ӯ танҳо лаҳзаҳои мусбиаш писанд буданд, ва вай аз мавъизаи қисми муқобилати Каломи Худо худдорӣ мекард.

Он гоҳ ман гуфтам: "Мӯҳтарам, бубин, ки Павлус ба роҳбарони калисо дар Эфсӯс чӣ гуфта буд". Ман Китоби Муқаддасро, ки дар дастам буд, кушодам ва ӯро хоҳиш намудам, ки бихонад: "Бинобар ин имрӯз ба шумо шаҳодат медиҳам, ки ман аз хуни ҳамаатон мубарро ҳастам, зеро ки ҳеҷ як фурсатро аз даст надодам, ки ба шумо тамоми иродаи Худоро бифаҳмонам" (Аъмол 20:26,27).

Ҳайратзада, ӯ ба ман нигоҳ кард, чашмони ӯ ва даҳонаш калон кушода шуда буданд. Ӯ гуфт: "Чанд маротибае, ки ман Аҳди Ҷадидро хондам, инро ҳеҷ гоҳ надидам". Баъдан

мо сӯҳбати дӯстона доштем. Ман дар бораи он хотиррасон кардам, ки мо набояд таълим диҳем, балки ҳар шахсро огоҳ созем, кӯмак намоем, ки дар Исо комил гардад (ниг. Қӯлассиён 1:28). Дар бораи чӣ огоҳ кунем? Аз ростӣ дур нашаванд, бо номаҳое, ки дурӯғгӯён ташвиқ мекунанд, наҷунбанд, ки онҳо на танҳо худро фиреб медиҳанд, балки миқдори беҳисоби ҷонҳоро аз роҳи парҳезгорона мезананд.

Павлус вақти зиёди худро бо эфсӯсиён мегузаронд, чи хеле ки дар китоби Аъмол, боби 20-ум, навишта шудааст. Ӯ онҳоро сидқан дӯст медошт ва аз Рӯҳи Худо медонист, ки онҳоро дигар дар замин намебинад. Фикр кунед, ки то кадом андоза шумо суханони охирини худро интихоб мекардед, ки онҳо ба касоне, ки ба шумо мисли фарзандони худатон азизанд, муроҷиат карда шуда бошанд. Суханони охирини Ӯ:

> "Пас, нигаҳбони худатон ва нигаҳбони тамоми он рамае бошед, ки Рӯҳулқудс шуморо барои назорат кардани он таъин намудааст, то ки Калисои Худоро, ки Ӯ бо Хуни Худ харидааст, бичаронед. Зеро ман медонам, ки баъд аз рафтани ман гургҳои дарранда *ба миёни шумо* хоҳанд омад, ки ба рама раҳме нахоҳанд кард; *аз миёни худатон* низ шахсоне пайдо хоҳанд шуд, ки суханони каҷ хоҳанд гуфт, то ки шогирдонро аз ақиби худ бикашанд. Бинобар ин ҳушёр бошед ва дар хотир нигоҳ доред, ки чӣ гуна ман дар давоми се сол, рӯзонаю шабона ашк рехта, ҳар яке аз шуморо таълим додам" (Аъмол 20:28-31, курсиви муаллиф).

Бо кадом тарз онҳо ростиро нодуруст нишон медиҳанд? Шояд, бо суханон, лекин, аниқтараш, бо рафторашон. Диққат кунед, ки Павлус инро то ба андозае сахт эҳсос мекард, ки дар давоми се сол, шабу рӯз огоҳ кардани онҳоро бас намекард. Ва боз мо задаро дар он мебинем, ки доимо бояд инро тасдиқ намоем ва дар бораи ин чизҳо бигӯем.

## Худои муҳаббат ва адолат

Ҳикояти моро хонда истода, шумо тавонистед зарбаи рӯҳӣ ва дарду ранҷеро, ки Фиребхӯрда аз сар мегузаронид, эҳсос кунед. Шумо аслӣ будани зиндони Лонро эҳсос кардед. Шумо коҳиш ёфтед аз фикри он ки ин чӣ гуна аст 130 солро дар торикӣ ва гармии тоқатнопазир гузаронидан, дар қуттии бо ҳавои заҳролудшуда. Ва ба ҳар ҳол ин ҳеҷ муқоиса карда намешавад бо он чизе, ки миқдори беҳисоби мардон ва занон бармехӯранд, агар ки мо ҳамаи маслиҳатҳои Худоро нагӯем.

Шумо шояд дар ёд дошта бошед, ки Ҷалин дӯстдоранда ва боадолат буд. Дар довариии ӯ муҳаббат дар он зоҳир мешуд, ки ӯ ба ҳеҷ касе, ки табиат ва хислати Дагонро дошт, иҷозат намедод, ки ба шаҳри Аффабел дарояд. Агар ки ӯ иҷозат медод, ӯ ба шаҳр ва бошандагонаш зарар мерасонид. Муҳаббат бегуноҳонро ҳимоя мекард.

Дар айни замон боадолатии ӯ вайро маҷбур месохт, ки ба одамони табиати Дагонро дошта иҷозат надиҳад, ки ҷазои камтарро барои беитоатӣ бигиранд, нисбат худи Дагон. Бо ин сабаб, ҳамаи онҳое, ки ба худ интихоб карданд, ки Ҷалинро пайравӣ накунанд, бояд ки ба ҳамон зиндони Лон ронда мешуданд.

Айнан ҳамин тавр муҳаббати Худо наметавонад роҳ диҳад, то ки касе, ки табиати шайтонро дорад, ба шаҳри ҷовидонии Ӯ дарояд. Ӯ беадолат мебуд, агар шайтон ва шарикони ӯро ба кӯли оташ андохта ва ба онҳое, ки зери ҳукми шайтон ҳастанд, истисно кунад. Ҳамаи онҳое, ки табиати шайтонро доранд, ҳамроҳи ӯ то абад ҷазо меёбанд. Худо дар як вақт ҳам дӯстдоранда ва ҳам боадолат аст, ва ҷалоли Ӯ дар тамоми замин машҳур мегардад.

# Саволҳо Барои Муҳокима

## ҚИСМИ 2: БОБҲОИ 4,5

1. Пеш аз хондани ин қисм, оё шумо доварии абадиро ҳамчун таълимоти асосӣ барои масеҳиён меҳисобидед?

2. Бисёри масеҳиён ба дигарон дар бораи дӯзах ва ё доварӣ намегӯянд, барои он ки метарсанд, ки дар бораи онҳо фикр мекунанд, ки гӯё онҳо пур аз чизҳои манфӣ ва маҳкумият ҳастанд. Лекин дар асл дар ин мавзӯъ сухан рондан ин раҳму шафқат зоҳир намудан аст. Чӣ тавр имондорон (алоҳида ё дар калисо) ин масъаларо дар муҳаббат ба дигарон расонида метавонанд?

3. Чӣ гуна шумо алоқаи байни имон ва самараҳоро (корҳоро) шарҳ медодед? Агар наҷот ин тӯҳфа бошад, пас барои чӣ корҳои мо бо имони мо мутобиқанд?

4. Дар боби панҷум мо муҳокима намудем, ки мо ваъдаҳои Инҷилро мавъиза мекунем, ба масъалаи он, ки қарори пайрави кардани Исо ба ҳаёти инсон чӣ гуна таъсир мерасонад, дахл накарда. Барои чӣ ҳаёти зери итоати ҳукмронии Масеҳ буда ғанитар аст, нисбат ба оне, ки дар он мо ҳамту мадади рӯҳонӣ мегирем ва ба оне, ки аз мо тағйироти тарзи ҳаётро талаб намекунад?

5. Дар бораи ҳама чизе, ки шумо то ҳол ёд гирифтед, наҷот, доварӣ ва таъсири ҳаёти мо ба абадият фикр кунед. Чӣ гуна тасаввуроти шумо дар бораи ин тағйир ёфт баъди хондани боби панҷум оиди табиати файз?

# ҚИСМИ 3

БОБИ 6

# Афтодани Бузург

*Лекин ҳар кӣ то охир сабр кунад,*
*наҷот хоҳад ёфт.*
— Матто 24:13

Акнун мо ба он ҳақиқат расидем, ки дар ҳикояти Беҷуръат ва Ҳаёти Дуҷониба кушода мешавад. Дар кадом лаҳзае онҳо ба ростӣ Ҷалинро пайравӣ мекарданд, аммо Беҷуръат ангезаҳои дурустро гум кард, Ҳаёти Дуҷониба бошад дар охири охир аз роҳи ӯ гашт. Оқибати онҳо ғамангез буд.

### “Онро бихонем, ки ба он чиз мо имон дорем” ё “Имон оварем ба он чизе, ки мо мехонем”

Ман дарёфтам, ки ростиҳоеро, ки мо дар ин боб муҳокима мекунем, дар баъзе доираҳои башоратдиҳӣ баҳснок мебошанд. Аммо баҳсҳо баъд аз бодиққат омӯхтани Навиштаҷот гум мешаванд. Инак, пеш аз он ки мо тадқиқотро оғоз намоем, ки Китоби Муқаддас дар бораи Беҷуръат ва Ҳаёти Дуҷониба чӣ мегӯяд, ман аз шумо хоҳиш менамоям, ки давомашро бо дилу ақли кушод хонед.

Монеаи бузург барои фаҳмидани иродаи Худо ин хондани Китоби Муқаддас аст, ки чунин маъноро медиҳад: *одамон он чизро мехонанд, ки ба он имон доранд, ба ҷои он ки имон биёранд ба он чизе, ки мехонанд.* Мо он чизеро мехонем, ки ба он бовар мекунем, вақте ки интихоб мекунем, ки ростиро тавассути шишаи тира бубинем. Чунин тирагӣ аз дониши дақиқ набуда, ки аз дигарон ба даст оварда шудааст, аз омӯзиши табақавии мо ё аз тасаввуроти шахсии мо оиди он ки

Худо Кӣ аст ва роҳҳои Ӯ чӣ гуна аст, ба вуқӯъ меояд, ки он бисёр хатарнок аст, чунки метавонад моро ба гумроҳӣ барад. Мисоли инро мо дар Китоби Айюб пайдо мекунем.

Ба наздикӣ, Китоби Муқаддасро хонданӣ шуда, пеш аз он ки ман онро кушоям, ман шунидам, чӣ хел Рӯҳи Муқаддас ба ман гуфт: “Китоби Айюбро бикшо ва аз боби сию дуюм хонданро оғоз кун”. Ман дарҳол ин ҷойро воз кардам ва дидам, ки он ҷо аз нутқи Элиҳу оғоз мешуд.

Пешгуфтори кӯтоҳро меорам. Баъд аз фалокати аз сар гузаронида аз сабаби дард ва талафот фаҳмиши роҳҳои Худо аз тарафи Айюб бошиддат бадтар мешуд. Акнун ӯ ба Худо аз рӯи таассуротҳои худ нигоҳ мекард, ба ҷои он ки ҳикмати Ӯро биҷӯяд (ниг. Яъқуб 1:2-8). Бо мурури замон тафаккури вай ба тарафи худсафедкунӣ ҳаракат мекард. Се нафар дӯсти Айюб, ки дар бобҳои пешина гап зада буданд, худошиносон-худомӯзон буданд ва, гумроҳ шуда, кӯшиш мекарданд, ки бадбахтии Айюбро ба тариқи худ шарҳ диҳанд. Ин ҳолат вазъиятро танҳо бадтар мекард. Муҳокимаронии тағйирёбандаи Айюбро рад карда натавониста, онҳо ӯро маҳкум карданд.

Аз ҳама ҷавон, Элиҳу, ба гапҳои Айюб ва се дӯстони вай дурудароз гӯш андохт, то он даме ки онҳо ҳикмати Худоро мегуфтанд, ва вақте ки ниҳоят онҳо гап зада шуданд, ӯ гуфт: “Инак, ба суханронии шумо интизорӣ кашидам, барои шунидани мулоҳизаҳои шумо гӯш ниҳодам, то даме ки суханонро месанҷидед. Ва ман ба шумо бо умед назар дӯхтам, ва инак, аз байни шумо касе нест, ки Айюбро мазаммат намояд, бо суханони худ ба ӯ ҷавоб гардонад. Мабодо бигӯед: “Ҳикматро дарёфтам: Худо ӯро мулзам хоҳад кард, на одамизод"” (Айюб 32:11-13).

Элиҳу ба фош кардани ин се нафар шурӯъ мекунад: “Оё мукофоти амал фақат ба ҳасби фикри ту бояд дода шавад, ки чунин гиламанд ҳастӣ? Оё онро фақат ту бояд интихоб

намоӣ, ва на ман? Ва дар ин хусус ту чӣ медонӣ, ки бигӯӣ?" (Айюб 34:33). Оҳ, чӣ хел дақиқ ӯ оиди он хатогие ифода кард, ки аксарият имрӯз ба он роҳ медиҳанд. Ин яке аз решаҳои асосии худошиносии нодуруст дар калисо аст: мо ба таассуротҳо ва таҷрибаҳои худ иҷозат медиҳем, ки Каломи Худоро шарҳу эзоҳ диҳанд, ба ҷои он ки ба Каломи Худо иҷозат диҳем, ки ростиро муқаррар намояд!

Элиҳу на аз рӯи муҳокимарониҳои одамӣ ё мувофиқи худошиносӣ оиди он ки Худо Кӣ буд, ки он дар зери таъсири ҳодисаҳо, шароитҳо ва ақидаҳои нодуруст шакл гирифтааст, сухан ронд. Ростиро қаҷ накарда, ӯ Каломи тозаи Худоро мавъиза кард. Бо тамом шудани нутқи вай мо мехонем:

> "Ва Худованд ба Айюб аз миёни тундбод ҷавоб гардонда, гуфт: он кист, ки машварати Маро бо суханони бемаънӣ торик мекунад? Канӣ, камари худро мисли мард бибанд: Ман ба ту савол хоҳам дод, ва ту ба Ман бифаҳмон" (Айюб 38:1-3).

Дар Тарҷумаи васеи Китоби Муқаддас ин ҷой чунин садо медиҳад: "Ин кист, ки ҳикматро бо суханони бедониш тира мекунад?" Маҳз ҳамин чиз рӯй медиҳад, вақте ки мо Каломи Худоро ба василаи таҷрибаи худ, ақидаҳои бегона ё фикрҳои нодуруст филтр мекунем. Мо ҳикмати Ӯро тира мегардонем, онро ба касоне, ки мо ба онҳо таъсир мерасонем дастнорас гардонида истода. Дар асл мо ҳикматро аз онҳое пинҳон медорем, ки мехостанд онро дарёбанд. Ана барои чӣ Худо аз Айюб ва дӯстони ӯ дар ғазаб шуда буд, ва имрӯз ҳам дар ғазаб мешавад, вақте ки роҳҳои Ӯ вайрон карда мешаванд. Мо одамонро аз дониши ростӣ бозмедорем! Пасон дар тӯли чор боб Худованд каломи Худро ба Айюб мекушояд. Ҳангоме ки Ӯ суханашро ба итмом расонид, Айюб боандӯҳ мегӯяд:

> "Медонам, ки ҳар кор аз дасти Ту меояд, ва нияти Туро боздоштан мумкин нест. Он кист, ки машваратро бемаънӣ пинҳон мекунад?– Ба яқин ман дар бораи чизҳое, ки фаҳм

> накардаам, фикр баён намудаам, дар бораи корҳои аҷоибе, ки аз ақли ман берун аст ва ман онҳоро намедонам. Канӣ, бишнав, ва ман сухан хоҳам ронд: ман ба Ту савол хоҳам дод, ва Ту ба ман бифаҳмон. *То ҳол ман овозаи Туро шунида будам,* ва акнун чашмонам Туро дидааст; бинобар ин аз суханонам нафрат дорам, ва дар хок ва хокистар пушаймон мешавам" (Айюб 42:2-6).

Диққат кунед, Айюб мегӯяд: "То ҳол ман танҳо он чизеро медонистам, ки дигарон ба ман гуфта буданд, ва акнун ман Туро бо чашмони худам дидам". Дар ин суханон ростии бузург ҳаст. Навиштаҷот тасдиқ менамояд, ки мо аз ҷалол ба ҷалол тағйир меёбем, ҳангоме ки ба Ӯ нигоҳ мекунем (ниг. 2 Қӯринтиён 3:18), на он вақте ки дар бораи Ӯ мешунавем. Исо Каломи зиндаи Худо аст ва Ӯро дидан, ин маънои Ӯро шинохтан ва роҳҳои Ӯро донистан аст. Ростии ба одам ошкоршуда ана чиро ба ӯ иҷозат медиҳад, ки бинад. Мо Каломи Худоро мешунавем, аммо дигаргунӣ то он даме намеояд, ки мо *маърифатнок* нашавем. Ҳангоме ки дар қалби мо фаҳмиши Каломи Худо медарояд, мо хитоб мекунем: "Ман мебинам, мебинам". Дар ин лаҳзаҳо мо ба шабоҳати Ӯ наздик шуда, маърифатнок мешавем ва тағйир меёбем.

Ин далели рӯҳонӣ Павлусро водор месозад, ки дуо кунад: "Шукргузориро барои шумо бас намекунам ва шуморо дар дуоҳои худ ёд мекунам, то ки Худои Исои Масеҳи Худованди мо, Падари ҷалол рӯҳи ҳикмат ва ваҳиро барои шинохтани Ӯ ба шумо ато намояд, ва *чашмони дили шуморо равшан созад...*" (Эфсӯсиён 1:16-18). Акнун Айюб аз пештара ҳам бештар маърифатнок шуда буд, ба он нигоҳ накарда ки то фоҷиаи бо ӯ рухдода ӯ парҳезгорона зиндагӣ мекард. Акнун ӯ Худоро дар сатҳи болотар мешинохт.

Бо Айюб гап заданро тамом карда, Худо ба Алифоз, яке аз дӯстони Айюб бо чунин суханон муроҷиат менамояд: "ғазаби Ман ба ту ва бар дӯсти ту оташ гирифтааст, чунки дар бо-

раи Ман мисли бандаи Ман Айюб сухани дуруст нагуфтед” (Айюб 42:7).

Худо ба он, ки мо Ӯро ё роҳҳои Ӯро нодуруст карда нишон медиҳем, ҷиддӣ муносибат мекунад. Ин ҳикмати Ӯро тира мегардонад ва адолати Ӯро бадшакл месозад. Аз ҳамин сабаб маро бисёр ба ҳайрат меоварад, вақте ки одамон таълимотҳоеро мавъиза мекунанд, ки онҳо на бо ҳамаи ҳикмати Навиштаҷот тасдиқ карда шудаанд. Оҳ, чӣ қадар даҳшатангез! Чӣ тавр мо ростиро бифаҳмем, агар мо хоҳиш надошта бошем, ки бо он таълим бигирем ва ислоҳ шавем?

Баъд аз ба итмом расонидани хондани китоби Айюб Худованд ба ман боз чизеро гуфт, ки ба бисёр саволҳоям ҷавоб дод. Ӯ гуфт: “Писарам, ту таваҷҷӯҳ кардӣ, Ман хомӯш будам, то он даме ки Айюб ва дӯстони ӯ дар бораи Ман нодуруст мегуфтанд? Ман ҳузури Худро то он даме зоҳир накардам, то вақте ки касе ростиро нагуфт!”

Аз суханоне, ки Худо дар дилам гуфт, ҳайрон шуда, ман дар бораи онҳо фикр карданро сар кардам. Пасон ман боз Ӯро шунидам: “Бо ҳамин иллат бисёр одамон, калисоҳо ва тамоми табақаҳо ҳузури Маро ва қувваеро, ки ҳаётҳои онҳоро дигар мекунад, аз сар намегузаронанд. Онҳо на каломи холиси Маро эътироф мекунанд, балки шарҳу эзоҳ ва муҳокимарониҳои софкардашудаи худро, аз Айюб ё дӯстони вай ҳеҷ фарқ накарда. Онҳо ҳикмати Маро бо суханони бемаънои худ тира мегардонанд ”.

Агар мо ҳузури воқеии Худо ва қувваи Ӯро донистан хоҳем, он гоҳ бояд ростиро биҷӯем, онро каҷ накарда. Бинобар ин, омӯзиши Навиштаҷотро оидиовариҳои Худо давом дода, ба ақидаҳои нодуруст дар бораи Худо, худошиносии хато, таҷрибаи шахсӣ ё ба ягон ҳолатҳо нагузоред, ки он чиро, ки Ӯ аллакай равшан кардааст, вайрон бикунанд. Ба ҷои ин Ӯро дар Каломи кушодаи Худо биҷӯед, то ки шумо дар роҳҳои Ӯ маърифатнок бошед.

## Аз дунболи баракатҳо рафтан

Биёед, боз ба тақдири Ҳаёти Дуҷониба бармегардем ва аз суханони Исо, ки дар боби пешина оварда шуда буданд, оғоз мекунем:

> “Бисёр касон дар он рӯз ба Ман хоҳанд гуфт: Худовандо! Худовандо! Оё ба исми Ту нубувват накардем? Оё ба исми ту девҳоро нарондем? Оё ба исми Ту мӯъҷизоти зиёде нишон надодем? Он гоҳ дар ҷавоби онҳо хоҳам гуфт: Ман ҳаргиз шуморо намешинохтам; аз Ман дур шавед, эй бадкорон!” (Матто 7:22,23).

Калимаи юнонии “қонунвайронкунӣ” (аномиа) маъноияш бар зидди қонун (ёирода)-*и* Худо рафтор кардан аст.

Исо пеш аз калимаи *қонунвайронкунӣ* калимаи *иҷрокунандагонро* (ҳамчун тарзи ҳаёт) истифода мебарад, ишора карда, ки гап на дар бораи имондори навтаваллудшуда меравад, ки барои озодӣ аз гуноҳ мубориза мебарад ва аз беитоатии худ нафрат дорад, ва на дар бораи он, ки касе такроран пешпо мехӯрад. Баръакс, дар ин ҷо дар бораи одаме гуфта мешавад, ки бар хилофи хоҳишҳои Худо зиндагӣ мекунад, беэътиноӣ мекунад ва чунин тарзи ҳаёт худро сафед мекунад. Ин ба одамони гумроҳ, ба мисли Фиребхӯрда, ё бевафоён, мисли Ҳаёти Дуҷониба, дахл дорад. Ба анбӯҳи зиёди ин қабил одамон рӯй оварда, Исо доварии худро мекунад, ки он тамоми абадият дар ҷонҳои онҳо бо лаънат ёдоварӣ мешавад. Ниҳоятан муҳим аст, ки бо сабукӣ ба ин чиз муносибат накунем ва ба огоҳиҳои Хӯҷаин беэътиноӣ накунем.

Биёед бо диққат баррасӣ менамоем, ба кӣ Исо дар ин порчаи Навиштаҷот рӯй меоварад. Қисме аз он одамоне, ки онҳоро ба Малакути Худо қабул намекунанд, онҳое мешаванд, *ки ба номи Исо девҳоро дур карда буданд.* Онҳо киҳо ҳастанд? Оё имкон дорад, ки ин мардон ва заноне буданд, ки исми Исоро барои дур кардани девҳо истифода карда буданд, аммо бо Ху-

дованд Исо дигар ҳеҷ муносибат надоштанд? То ки ба ин савол ҷавоб ёбем, мо бояд ба китоби Аъмол рӯ оварем.

> "Ҳатто баъзе аз азоимхонҳои оворагарди яҳудӣ ҳам бар онҳое, ки мубталои рӯҳи нопок буданд, исми Исои Худовандро зикр карда, мегуфтанд: шуморо ба Исое, ки Павлус мавъиза менамояд, қасам медиҳем. Ҳафт нафар писарони Искиво ном шахсе, ки яке аз саркоҳинони яҳудӣ буд, ҳамин тавр амал мекарданд. Аммо рӯҳи нопок дар ҷавоби онҳо гуфт: "Исоро мешиносам, Павлусро низ медонам, лекин шумо кистед?" марде, ки рӯҳи нопок дошт, бо чунон қуввате ба онҳо дарафтод, ки ҳама мағлуб шуданд ва дар ҳолате, ки бараҳна ва маҷрӯҳ буданд, аз хона гурехтанд" (Аъмол 19:13-16).

Барои ин экзорсистҳо берун аз қувваашон буд, ки девҳоро ба номи Исо дур кунанд! Дар ин ростӣ пай бурда мешавад: барои он ки девҳоро дур кунем, кофӣ нест, ки танҳо номро истифода барем, одам бояд бо он Касе, ки ин номро дорад, муносибат дошта бошад. Одам бояд пайрав ва хизматгори Исо бошад.

Акнун шумо, шояд, фикр кардед: "Аммо Исо гуфт, ки ҳаргиз онҳоро намешинохт, чӣ тавр онҳо метавонистанд девҳоро дур кунанд ва ба номи Ӯ мӯъҷиза кунанд? Ин чӣ тавр имкон дорад?" Бисёр одамон ҳастанд, ки ба Исо аз барои наҷот ҳамроҳ шуданд, ки бо ташнагии манфиати шахсӣ барангехта шудаанд. Онҳо ҳеҷ гоҳ дили Худоро нафаҳмиданд, фақат қувваи Ӯ ва баракаташро хостанд. Павлус нисбати чунин одамон огоҳӣ медиҳад: "...шахсони ақлрамида ва аз ҳақиқат бегонае, ки мувофиқи пиндошташон диндорӣ манбаи фоида аст. Аз чунин шахсон канорагирӣ намо" (1 Тимотиюс 6:5). Онҳо Исоро аз хотири манфиатҳои шахсӣ меҷустанд, барои ҳамин хидматгузории онҳо бо фоида ҳаракат мекард, на ин ки бо муҳаббат. Исо онҳоро намешиносад, чи хеле ки мо мехонем: "Аммо касе, ки ба Худо *муҳаббат дорад*, вай ба воситаи Худо *шинохта шудааст*" (1 Қӯринтиён 8:3).

Ӯро Худо мешиносад, ё ӯ ба воситаи Худо шинохта шудааст. Калимаи шинохтан маънои “танҳо донистан"-и касеро надорад, барои он ки Худо ҳама чизро дар бораи ҳама медонад; Ӯ ҳамадон аст! Ин калима дар худ маънои наздикиро дар бар мегирад. Дар Тарҷумаи васеи Китоби Муқаддас гуфта шудааст: “Агар касе Худоро дар ҳақиқат дӯст дорад (бо худотарсии латиф, итоати фаврӣ, ва сипосгузорона дарк кардани баракатҳои Ӯ), он касро Худо мешиносад (сазовори наздикӣ ва муҳаббат бо Ӯ аст, ва ба Ӯ тааллуқ дорад)”.

Исо ба халқҳои зиёд дар Рӯзи Доварӣ мегӯяд: “Ман шуморо ҳеҷ вақт *намешинохтам*”. Инак, касоне, ки Худоро дӯст намедоранд (ки он аз набудани итоати фаврӣ ба Ӯ, худотарсии латиф ва сипосгузорӣ дида мешавад) аз тарафи Падар ё Исо дар муносибатҳои наздик шинохта нашудаанд,– ба он нигоҳ накарда ки онҳо аз Ӯ наҷотро мунтазир буданд. Исоро дӯст доштан – маънои ҳаёти худро ба Ӯ доданро дорад. Ту дигар барои худ зиндагӣ намекунӣ, балки барои Ӯ.

Яҳудо чунин мисол аст. Ӯ ҳаёти худро бо Исо пайваст, чунин ба назар менамуд, ки гӯё ӯ Худоро дӯст медорад, исботи он қурбонии бузурги аз паси Исо рафтан шуд. Яҳудо ҳама чизро гузошт, ба гурӯҳи хидматгузорӣ ҳамроҳ шуда ва бо як роҳ бо Хӯҷаин рафт. Яҳудо ҳамроҳи Ӯ ҳатто дар таъқиботҳо монд, ҳангоме ки дигар аъзои гурӯҳ Ӯро гузоштанд, ӯ нарафт. Ӯ девҳоро дур мекард, беморонро шифо медод, ва Инҷилро мавъиза мекард (Луқо 9:1).

Аммо аз аввали аввал Яҳудо нияти нопок дошт. Ӯ ҳамин тавр ҳеҷ гоҳ ба ангезаҳои худпарастонааш тавба накарда буд, ки бо онҳо ҳаракат мекард. Моҳияти ӯ дар чунин суханон ошкор шуда буданд, мисли: “Шумо ба ман чӣ медиҳед, агар...” (Матто 26:15). Ӯ дурӯғ мегуфт ва аз барои манфиати шахсӣ хушомадгӯӣ мекард (ниг. Матто 26:25), пулҳоро аз хазинаи Исо барои масрафи шахсиаш медуздид (ниг. Юҳанно 12:4-6). Ин рӯйхатро мумкин буд боз давом диҳем. Яҳудо ҳар-

гиз Худоро аз наздик намешинохт, ба он нигоҳ накарда ки сею ним солро дар ҳузури Ӯ гузаронд. Барои ҳамин Исо дар бораи ӯ гуфтааст: “Оё Ман шумо дувоздаҳро интихоб накардам? Ва ҳол он ки яке аз шумо иблис аст. Инро Ӯ дар бораи Яҳудо писари Шимъӯни Исқариот гуфт...” (Юҳанно 6:70-71).

Ба монанди Яҳудо, одамони зиёде ҳастанд, ки қурбониҳои калон аз хотири хидматгорӣ меоранд, девҳоро дур мекунанд, беморонро шифо медиҳанд, Инҷилро мавъиза мекунанд, ба наҷоти Ӯ умед дошта, вале Исоро аз наздик намешиносанд, барои он ки ҳамаи корҳои онҳо на аз муҳаббат ба Худо барангехта шудаанд, балки барои таъқиби манфиати шахсӣ. Ин тасвир бисёр олӣ ба Ҳаёти Дуҷониба дар ҳикояти мо рост меояд. Ӯ Ҷалинро пайравӣ мекард, барои он ки қудрат ва қуввати ба ӯ додашударо дӯст медошт. Аз ибтидо ангезаи ӯ на муҳаббат ба Ҷалин буд.

Чунин одамонро маҳкумшавӣ ва ҷазо интизор аст. Дар бораи Яҳудо Исо гуфтааст: “Барои вай беҳтар мебуд, ки таваллуд намеёфт” (Матто 26:24). Ӯ ба роҳбарони рӯҳонӣ муроҷиат мекунад, ки онҳо ба Худо аз барои фоидаи шахсӣ ва қудрат ба одамон ба номи Худо хидмат мекунанд: “Вой бар ҳоли шумо, эй китобдонон ва фарисиёни риёкор, ки хонаҳои бевазанонро фурӯ мебаред ва дуоро риёкорона тӯл медиҳед: ба ин сабаб сахттар маҳкум хоҳед шуд” (Матто 23:14). Ин мардон ва занон, ба монанди Ҳаёти Дуҷониба, дар қисми аз ҳама торик ва шиканҷаноки дӯзах меравaнд.

## Наҷотро аз даст додан

Ҳамаи гуфтаҳои боло ба симои Ҳаёти Дуҷониба муносиб аст. Аммо дар мавриди Беҷуръат чӣ? Ӯ дар асл ҳамроҳи Ҷалин муносибат дошт, вале чаро ӯ натавонист то охир равад? Оё оиди ин Навиштаҷот мегӯяд? Биёед аз Ҳизқиёли набӣ оғоз мекунем:

> “Ва агар одиле аз адолати худ даст кашида, ноинсофӣ кунад, яъне мисли ҳамаи корҳои зиште, ки шарир мекунад, амал намояд, оё ӯ зинда хоҳад монд? Тамоми аъмоли одилонае, ки ӯ ба ҷо овардааст, *ба ёд оварда нахоҳад шуд*; ӯ дар хиёнати худ, ки ба амал овардааст, ва дар гуноҳҳои худ, ки кардааст, *хоҳад мурд”* (Ҳизқиёл 18:24).

Аввалин ва аз ҳама муҳим: Худо дар бораи *шахси одил* сухан меронад, на дар бораи оне ки одил набуда, худро одил *фикр мекунад.* Бе шакку шубҳа чунин одам мисли гумроҳшуда ё фиребгар аст, ки дар бораи онҳо пештар ҳарф зада будем.

Худо мегӯяд, ки одилии онҳо *ба ёд оварда нахоҳад шуд.* Ӯ онро фаромӯш мекунад, гӯё ки он ҳеҷ гоҳ набуд. Ҳангоме ки мо мегӯем, ки Худо гуноҳҳои моро аз ёдаш мебарорад, онро дар назар дорем, ки Ӯ онҳоро мисле, ки шарқ аз ғарб дур аст, дур мекунад ва ба баҳри фаромӯшӣ мепартояд. Ӯ Худаш тасдиқ мекунад: “Чунки ба ноинсофиҳои онҳо шафқат хоҳам кард ва гуноҳҳо ва шароратҳои онҳоро дигар ба ёд нахоҳам овард” (Ибриён 8:12). Вақте ки мо Исоро Худованди худ қабул мекунем, Худо гуноҳҳои моро фаромӯш мекунад. Шайтон кӯшиш мекунад, ки моро айбдор кунад, аммо Худо мегӯяд, ки дигар онҳоро ба ёд намеорад.

Ӯ чунин фикр мекунад, ки гӯё мо ҳаргиз гуноҳ накардаем. Хайр, баръаксаш ҳам ҳақиқат аст. Агар Худо гӯяд, ки оиди одилии инсон ба ёд намеорад, Ӯ дар назар дорад, ки фаромӯш мекунад, ки як вақте ӯро мешинохт, барои он ки муносибат бо ӯ бо гуноҳ нобуд шудааст.

Биёед бодиққаттар дида мебароем, ки Навиштаҷот нисбати шахси имондоре, ки доимо аз наҷоти худ дур мешавад, чӣ мегӯяд. Ҳавворӣ Яъқуб менависад:

> *“Эй бародарон!* Агар касе аз шумо аз ростӣ *сар печад,* ва касе ӯро баргардонад, бигзор вай бидонад, ки шахсе, ки гунаҳкорро аз роҳи ғалати вай гардонад, ҷонҳои вайро аз *мамот* наҷот дода, гуноҳҳои зиёдро рӯпӯш хоҳад кард” (Яъқуб 5:19,20).

Якум, ба чӣ бояд диққат диҳем, ин ба суханони: “Эй бародарон! Агар касе аз шумо...” Яъқуб на дар бораи он касоне мегӯяд, ки худро масеҳӣ меноманд. Ӯ дар бораи *имондоре* мегӯяд, ки аз ростӣ сар печидааст. Дар ин порчаи Навиштаҷот чунин бародар *гунаҳкор* номида шудааст. Ин маънои онро надорад, ки ӯ дигар наҷотро надорад, аммо онро ки ӯ ҳамеша дар гуноҳ зиндагӣ мекунад ва бояд ки ба итоаткорӣ баргардад. Яъқуб возеҳ огоҳ мекунад: агар ки ӯ бо роҳи нодуруст рафтанро давом диҳад ва ба Худо рӯ наоварад (тавба), мамоти пурра барои ҷони вай фаро мерасад (ҷони аз даст додашуда). Дар Масалҳо ба ин тасдиқот ҳаст: “Одаме, ки аз роҳи хирад дур шуда бошад, дар ҷамоати мурдагон сокин мешавад “(Масалҳо 21:16).

Масалҳо суханҳои Яъқубро тасдиқ менамоянд, оқибати шахсеро ошкор карда истода, ки аз роҳи Худо гаштааст ва ба одилӣ баргаштан намехоҳад,– масканаш дар байни ҷамъомади мурдагон, яъне дар дӯзах аст, ва дар натиҷа дар кӯли оташ.

## Дафтари Ҳаёт

Дар Аҳди Ҷадид Дафтари Ҳаёт ҳашт маротиба ёдоварӣ мешавад. Павлус ва Юҳанно ба мо нишон доданд, ки ҳамаи онҳое, ки абадиятро ҳамроҳи Исо мегузаронанд, дар ин дафтар навишта шудаанд. Номҳои мо дар он аз лаҳзаи аз боло таваллуд ёфтан навишта мешаванд.

Шаҳодати Ефросиинияро аз боби чорум ба ёд оред. Вақте ки духтари ҷавон ҳаёти худро ба Исо дод, Падар Худо номи ӯро дар Дафтари Ҳаёт навишт, ба ӯ гуфта: “Хуш омадӣ, ба оилаат!” Павлус ба яке аз бародарон менависад: “Аз ту низ, эй ҳамкори самимӣ, хоҳишмандам, ки ба ин занон кӯмак бирасонӣ, ки онҳо дар роҳи башорат бо ман ва бо Қлимис ва бо ҳамроҳони дигарам, ки номашон дар дафтари ҳаёт аст, ҷидду ҷаҳд кардаанд” (Филиппиён 4:3).

Баръаксаш ҳам ростӣ аст: ҳамаи онҳое, ки дар Дафтари Ҳаёт навишта нашудаанд, талаф шудаанд. Гӯш кунед, ки Китоби Ваҳӣ чиро тасдиқ мекунад: “Ва ҳар кӣ дар дафтари ҳаёт навишта нашудааст, дар кӯли оташ андохта шуд” (Ваҳӣ 20:15).

Юҳанно бисёрмаъно ба мо мегӯяд, ки ба шаҳри абадии Худо роҳ дода мешаванд “фақат онҳое, ки дар дафтари ҳаёти Барра навишта шудаанд” (Ваҳӣ 21:27); боқимондагон ба ҷамъомади мурдагон мераванд.

Дар Ваҳӣ (боби 3) Исо на ба шаҳр, на ба гурӯҳи одамони гумшуда ё бутпарастон муроҷиат мекунад. Не, Ӯ он касонеро огоҳ менамояд, ки дар ҳақиқат ба Ӯ тааллуқ доранд: “Касе, ки ғолиб ояд, либоси сафед дар бар хоҳад кард; ва Ман номи вайро аз дафтари ҳаёт *пок нахоҳам кард* ва номи вайро ба ҳузури Падари худ ва ба ҳузури фариштагони Ӯ эътироф хоҳам кард” (Ваҳӣ 3:5). Дар Тарҷумаи васеъ суханони Ӯ чунин навишта шудаанд: “Ман номи ӯро аз Дафтари Ҳаёт хат намезанам ва пок намекунам”.

Шумо ба калимаи *пок кардан* диққат додед? То ки ном аз Дафтари Ҳаёт пок карда шавад, аввал он бояд дар он навишта шуда бошад. Танҳо шахсони дар асл аз боло таваллудшудагон ба воситаи имон ба Исои Масеҳ дар он навишта мешаванд. Номҳои беимонон ва ҳатто фиребгарон, ки ҳаргиз дар ҳақиқат Исоро Худованд қабул накардаанд, навишта нашудаанд, аз ҳамин сабаб ҳам онҳоро пок кардан номумкин аст. Гап дар бораи “аъзои оила” меравад.

## Рӯъёи ҳушёркунанда

Дар асри бистум як хидматгузор зиндагӣ мекард, ки ба Худо қариб ки ҳафтод сол бовафоёна хизмат кардааст. Таъсири ӯ, ки ба Бадани Масеҳ расонида шудааст, бағоят бузург аст, китобҳои ӯ дар 65 миллион адад ба чоп расидаанд,

мактаби Китоби Муқаддаси вай беш аз 20 000 донишҷӯёнро хатм кунонидааст.

Ӯ дар бораи ин дар яке аз китобҳояш навиштааст. Дар соли 1952-юм ба ӯ Исо зоҳир шуд, Навиштаҷотро кушода. Дар рӯъё Худованд ба ӯ зани як усқуфи шиносро нишон дод. Вай ба дурӯғ бовар кард, ки қобилияти ӯ ва зебоии ӯ ба хидматгузорӣ беҳуда сарф шудаанд. Бо мурури замон ӯ бо фикрҳо дар бораи шараф, шӯҳрат ва боигарӣ, ки онҳоро дар олам дошта метавонист, шефта шуд. Кор ба он расид, ки ӯ ба васваса дода шуда, шавҳари худро тарк карда, ба ҷустуҷӯи хушбахтӣ рафт, ки дар борааш орзу мекард.

Худованд ба ин хидматгузор комилан муайян гуфт: "Ин зан духтари Ман буд", ва пасон ба ӯ амр дод, ки дигар барояш дуо накунад. Порчаи навбатӣ мустақим аз китоби ӯ гирифта шудааст:

> "Худованд, бо ӯ чӣ мешавад?"-пурсидам ман.
>
> "Ӯ абадиятро дар он ҷое мегузаронад, ки дар он ҷо гиря ва ғичирроси дандон хоҳад буд",– ҷавоб дод Ӯ. Ва ман дидам, мисли дар рӯъё ӯ дар қаъри дӯзах поён мерафт. Ман фиғони даҳшати ӯро шунидам.
>
> "Ин зан фарзанди Ту буд, Худованд. Ӯ бо Рӯҳи Ту пур буд ва дар хидматгузорӣ иштирок мекард. Ба ин нигоҳ накарда, Ту ба ман гуфтӣ, ки барои ӯ дуо накунам. Ман инро намефаҳмам!"
>
> Худованд ба ман Навиштаҷоти зеринро хотиррасон кард: "Агар касе бародари худро бинад, ки гуноҳе мекунад, ки анҷомаш мамот нест, бигзор дуо гӯяд, ва [Худо] ӯро ҳаёт хоҳад бахшид: [дар бораи] онҳое мегӯям, ки анҷоми гуноҳашон мамот нест. Гуноҳе ҳаст, ки анҷомаш мамот аст: дар бораи чунин гуноҳ намегӯям, ки дуо гӯед" (1 Юҳанно 5:16).
>
> Ман гуфтам: "Худованд, ман ҳама вақт бовар доштам, ки ин ҷо гап дар бораи марги ҷисмонӣ меравад, ки одам наҷоти худро аз даст намедиҳад, ба он нигоҳ накарда ки гуноҳ кард.
>
> "Дар ин ҷо на дар бораи марги ҷисмонӣ гуфта мешавад,– аниқ кард Худованд.– Ту инро аз худ изофа кардӣ. Агар тамоми боби панҷумро бодиққат бихонӣ, он гоҳ мебинӣ, ки дар

он ҷо оиди ҳаёт ва мамот гуфта мешавад – ҳаёти рӯҳонӣ ва мамоти рӯҳонӣ. Дар ин ҷо дар бораи мамоти рӯҳонии имондор гуфта мешавад, ки бо гуноҳи анҷомаш мамот гуноҳ мекунад, аз ин сабаб ҳам Ман ба ту гуфтам, ки барои ӯ дуо накунӣ. Ман ба ту гуфтам, ки барои ин зан дуо накунӣ, чунки ӯ бо гуноҳи анҷомаш мамот гуноҳ кардааст.

“Ин комилан худошиносии маро вайрон мекунад, Худованд. Оё Ту метавонӣ ба ман боз ҳам шарҳ бидиҳӣ?– пурсидам ман.

(Баъзе вақт зарур аст, ки худошиносии шахсиамонро вайрон кунем, агар он бо Каломи Худо рост наояд.)

Исо ба ман Навиштаҷоти зеринро хотиррасон кард: Ибриён 6:4-6.

> “Зеро касоне ки боре фикрашон равшан шудааст, ва бахшоиши осмониро чашидаанд, ва шарики Рӯҳулқудс гардидаанд, ва каломи неки Худо ва қувваҳои олами ояндаро чашидаанд, ва ҷудо шуда афтодаанд, онҳоро аз нав ба роҳи тавба андохтан имконнопазир аст, зеро онҳо Писари Худоро ба зарари худашон боз маслуб мекунанд ва беобрӯ месозанд”.

Дар порчаи овардашуда баъзе хислатҳо номбар карда шудаанд, ки ба онҳо бояд диққат диҳем. Якум, одам маззаи бахшоиши осмониро дид ва чашид. Ин ба онҳое татбиқ мешавад, ки Исоро қабул кардаанд, чунки Ӯ Бахшоиши осмонӣ мебошад. Дуюм, ӯ бо Рӯҳи Муқаддас пур шудааст. Сеюм, ӯ файзи Каломи Худо ва қувваи олами меомадаро чашид. Ин дар худ бахшоишҳои Рӯҳи Муқаддас, тадҳини Худо ва ғайраҳоро дар бар мегирад. Аз ин порча мебинем, ки гап дар бораи масеҳии ҳозир аз боло таваллудшуда намеравад, балки дар бораи масеҳии бакамолрасида.

Дар гузашта назди ман якчанд нафар омаданд бо ашкҳо дар чашмонашон, нақл карда, ки боре ба Худованд гуфтанд, ки дигар намехоҳанд ба Ӯ хидмат кунанд. Дертар онҳо бо афсӯс ба гапҳои худ тавба карданд. Ба ин ва дигар ҷойҳои Навиштаҷот бархӯрда, онҳо тарси сахтро аз сар мегузарониданд. Аммо тифлон баъзан вақт аз нодонӣ ахмақӣ меку-

нанд, ва Худованд дар бораи ин медонад. Муаллифи нома ба Ибриён на дар бораи тифлон дар Масеҳ навишта буд, балки дар бораи имондорони бакамолрасида.

Ба ҷонҳои ба изтироб афтода тасаллӣ дода истода, ба онҳо мегуфтам, агар онҳо бо гуноҳи анҷомаш мамот гуноҳ мекарданд (чи тавре ки аз Навиштаҷот дида мешавад), дар онҳо хоҳиши бо Исо муносибати наздик доштан пайдо намешуд. Худи воқеият, ки онҳо ташнаи Ӯ буданд ва самимона тавба карданд, самараи нек оварда, маънои онро дорад, ки Рӯҳи Муқаддас онҳоро ба муносибат ҷалб менамояд. Агар ки онҳо бар ҳамеша мерафтанд, мисли ин зан аз рӯъёи бародар Хейген, онҳо хоҳиши ба Исо наздик шудан ё муқаддасона зиндагӣ карданро пайдо намекарданд.

Исо дар рӯъё гуфт, ки зан духтари аслии Худо буд. Давраи бачагии ин хидматгузоре, ки ин шаҳодатро навиштааст, дар табақае гузаштааст, ки дар он ҷо аксарияти одамон ба имконияти аз даст додани наҷоти худ бовар намекунанд, онҳо ба кафолати бешарти абадият бовар мекунанд. Маҳз аз ҳамин сабаб Ӯ ба суханони Исо ҷавоб дод: “Ин комилан тамоми худошиносии маро вайрон мекунад”. Духтари Худо шуда, номи ӯ дар Дафтари Ҳаёт навишта шуда буд. Лекин, то охир нарафта, бар ҳамеша ба олам баргашт, бинобар ин номи ӯ пок карда шуд. Ӯ бо хоҳиши худ рафт. Аз ин сабаб муаллифи Нома ба Ибриён мегӯяд, ки барқарор шудани чунин одам ғайриимкон аст. Ӯ ду маротиба мурд. Боре ӯ дар гуноҳҳо мурда буд, баъдан, ҳаёти абадиро мерос гирифта, боз дар гуноҳ мурд, бар ҳамеша рафта (ниг. Яҳудо 12).

Вақте ки одамон ба ин ҳолат омада мерасанд, онҳо ҳаргиз наметавонанд аз нав таваллуд шаванд. Аз ин лиҳоз, муаллифи Нома ба Ибриён мегӯяд “имконнопазир аст... онҳоро боз ба роҳи тавба андохтан ”. Тахмин кардан ғалат аст, ки дар баъзе ҳолатҳо одамон боз ва боз метавонанд аз боло таваллуд шаванд.

Ба ман иҷозат диҳед, ки такрор намоям, агар одамон маҳз чунин гуноҳро содир кунанд, онҳо як зарра ҳам хоҳиши тавба кардан ва аз нав худро ба Исо бахшиданро надоранд. Ҳеҷ кас наметавонад моро ба Исо ҷалб намояд, ба ғайр аз Рӯҳи Муқаддас. Вақте ки дар натиҷаи рӯй гардониадани онҳо Ӯ як вақте имондорони аслиро тарк мекунад, мисли зан аз рӯъёи он хидматгузор, Ӯ барнамегардад. Бо ин иллат Рӯҳи Муқаддас бисёр дер сабр мекунад, Ӯ ба осонӣ таслим намешавад.

## Торикии зулмот

Ҳавворӣ Петрус зиёдтар рӯшноӣ меандозад:

> "Зеро, агар ба василаи шинохтани Худованд ва Наҷотдиҳандаи мо Исои Масеҳ аз қабоҳатҳои дунё халосӣ ёфта..."
> (2 Петрус 2:20).

Дар аввал, биёед баррасӣ мекунем, ки Петрус дар бораи кӣ мегӯяд. Агар касе аз қабоҳатҳои дунё ба василаи шинохтани Худованд ва Наҷотдиҳанда Исои Масеҳ халосӣ ёфта бошад, пас, ӯ маълум аст, ки масеҳӣ шудааст. Ин тасвир ба табақаи гумшудагон ва фиребгарон, ки мо пештар муҳокима карда будем (ки мегӯянд Худоро мешиносанд, аммо дар ҳақиқат не) муносиб нест. Баръакс гап дар бораи онҳое меравад, ки аз пӯсиши ин олам ба василаи файзи наҷотдиҳандаи Худованд Исо озод шудаанд. Ҳеҷ шакке нест, ки ӯ дар бораи он одамоне мегӯяд, ки онҳо дар ҳақиқат аз боло таваллуд шудаанд.

Давомашро хонданро давом медиҳем:

> "... аз нав ба доми онҳо афтода мағлуб мешуда бошанд, анҷоми онҳо бадтар аз аввалаашон мешавад. Барои онҳо надонистани роҳи адолат беҳтар мебуд аз он ки, баъд аз донистани он, аз ҳукми муқаддасе, ки ба онҳо супурда шудааст, рӯй гардонанд. Ба онҳо ҳамон чизе рӯй додааст, ки дар ин зарбул-

масали дуруст гуфта мешавад: саг ба қаи худ баргашт, ва хук баъд аз шустушӯй [рафта], дар лой ғел зад" (2 Петрус 2:20-22).

Петрус дар бораи масеҳиёне мегӯяд, ки ба ғуломии гуноҳ бармегарданд, ва илова карда, ки беҳтар мешуд онҳо ҳақиқати наҷот ба василаи Исои Масеҳро намедонистанд. Онҳо доимо кайфу сафо, шаҳват ва ғурури зиндагониро интихоб мекунанд, ба ҷои дар итоат ва муқаддасӣ зиндагӣ кардан.

Чаро беҳтар мебуд, ҳеҷ гоҳ надонистани роҳҳои адолат? Яҳудо ба ин савол ҷавоб медиҳад. Мисли Петрус, дар бораи он касоне мегӯяд, ки наҷоти худро аз даст додаанд: "Вой бар ҳоли онҳо, чунки бо роҳи Қобил рафтаанд, ва мисли Билъом дар ивази музд тамоман ба иштибоҳ дода шудаанд, ва мисли Қӯраҳ дар исён ба ҳалокат расидаанд" (Яҳудо 11).

Қобил, Билъом ва Қӯраҳ, ҳар кадом дар замони худ бо Худо муносибат доштанд, ва дутои онҳо ҳатто хидматгузорон буданд. Иштибоҳи Қобил дар беитоатӣ ба Худо буд, аз они Билъом-дар муҳаббат ба пулҳо; ва аз они Қӯраҳ бошад дар исён бар зидди ҳокимияти гузошташуда.

Яҳудо давом медиҳад:

"Инҳо олудагие дар зиёфатҳои муҳаббати шумо мебошанд, ҳангоме ки бо шумо *бе ҳаросе* айшу ишрат карда, *шиками худро мепарваранд*; инҳо абрҳои беобе ҳастанд, ки бо шамол ронда мешаванд; инҳо дарахтони тирамоҳ ҳастанд, ки бесамар буда, *ду карат мурдаанд* ва решакан шудаанд; инҳо мавҷҳои пуртуғёни баҳр ҳастанд, ки кафки расвоиҳои худро боло мебароваранд; инҳо ситораҳои оворае ҳастанд, ки барояшон зулмот то абад нигоҳ дошта шудааст" (Яҳудо 12,13).

Зиёфатҳои муҳаббат ин ғизои бегоҳӣ буд, ки дар вақти он аъзои калисои аввалин якҷоя ҷамъ мешуданд, муҳаббати худро ба Худо ва ба якдигар ифода карда. Зиёфатҳои муҳаббат одатан бо самимияти (мушоракат) муқаддасона хотима меёфт. Акнун воқеияти ҳушёркунанда: на ҳамаи онҳое, ки аз наҷот рафтанд, аз калисои маҳаллӣ мераванд,

мисли он зан дар рӯъёи он хидматгузор. Ин воқеият чунин одамонро бештар хатарнок мекунад барои навимоновардагон, ки заиф ва ба захмҳои марговар кушода ҳастанд.

Қӯраҳ мисоли чунин навъи одамон мебошад. Ӯ ба хидматгузории Ҳорун ёрдамчӣ буд, вале ба Мӯсо ва Ҳорун гуфт: "...бас кунед! зеро ки тамоми ҷамоат саросар муқаддасанд, ва Худованд дар миёни (ҳамаи) онҳост! Пас, чаро шумо худро аз ҷамоати Худованд баланд мегузоред?" (Ададҳо 16:3). Дар зери таъсири ӯ 250 нафар роҳбарон ва 14 700 аъзои ҷамъияти Исроил бо марг ҷазо дода шуданд!

Яҳудо ба мо мегӯяд, ки чунин хиёнаткорон, ки *васваса* номида мешаванд, дар ҷамъияти мо мемонанд бо ҳиссиёти итминони бардурӯғ ба файз, ки онро онҳо ҳеҷ гоҳ надоштанд, ва онро бадшакл сохта, тарси Худоро гум карда, барои хушнудии худ зиндагӣ мекунанд. Қӯраҳ гуфта буд: "Худо бо ҳамаи мо". Ӯ ҳам ҳиссиёти амнияти бардурӯғро дошт, аммо дар рӯзи оянда замин кушода шуд ва ӯро зинда фурӯ бурд, ба дӯзах сарнагун карда. Чунин одамон бо имондорон ба як забон гап мезананд, ва бо онҳо якҷоя вақт мегузаронанд, вале онҳоро дар байни ғолибон, ки аз барои онҳо Исо бармегардад, ёфтан номумкин аст. Ӯ аз барои калисои беайб меояд (ниг. Эфсӯсиён 5:27).

Яҳудо онҳоро *ду карат мурда* меномад. Чӣ тавр имкон дорад ду карат мурдан? Оё имкон дорад, ки дар гуноҳҳои худ мурда буда, ҳаёти абадӣ гирифтан ба василаи таваллуди нав, ва баъд боз ба таври фоҷиавӣ аз барои гуноҳҳои тавба накарда мурдан? Ба ёд оваред, чӣ хел Яъқуб тасдиқ мекунад, ки ҷони масеҳие, ки аз роҳи ростӣ дур шудааст ва дар чунин ҳолат мемонад, *мемурад*. Юҳанно мегӯяд, ки барои имондорон гуноҳи анҷомаш мамот ҳаст. Ҳам ин ва ҳам он ба онҳое дахл дорад, ки *ду карат мурдаанд.*

Таваҷҷӯҳ кунед ба суханони Яҳудо: "... ки бароящон зулмот то абад нигоҳ дошта шудааст". Зулмот маънои ҷазои

абадии аз ҳама бадтар аст. Ин аз суханони Исо возеҳ дида мешавад, вақте ки Ӯ дар бораи омадани худ ва доварӣ мегӯяд:

> "Хушо ҳамон ғуломоне, ки оғояшон, дар вақти омаданаш онҳоро бедор меёбад... Лекин агар *ғулом* дар дили худ гӯяд, ки *оғои* ман ба зудӣ намеояд ва ба задани ғуломону канизон ва ба хӯрдану нӯшидану маст шудан шурӯъ кунад, оғои он ғулом дар рӯзе, ки ӯ мунтазир нест ва дар соате, ки гумон надорад, хоҳад омад ва ӯро ду пора карда, қисматашро ба *хоинон* баробар хоҳад кард. Он ғулом, ки *иродаи оғои худро медонист,* вале тайёр нашуд ва мувофиқи иродаи вай амал накард, *шаттаи бисёре хоҳад хӯрд*; аммо он ки намедонист ва корҳои сазовори ҷазо кард, камтар шатта хоҳад хӯрд. Ба ҳар касе ки бисёр ато шуда бошад, аз вай бисёр талаб карда мешавад; ва ба ҳар касе ки амонати бисёр супурда шуда бошад, аз вай *бисёртар талаб мекунанд*" (Луқо 12:37,45-48).

Дар ин оятҳо бисёр зиёд гуфта шудааст. Ба ман иҷозат диҳед, ки якчанд лаҳзаро нишон диҳам. Пеш аз ҳама таваҷҷӯҳ кунед, ки ин ғулом буд, на ғайрияҳудӣ ё гунаҳкор. Ӯ иродаи оғои худро медонист, вале бар зидди он рафтор кард. Ин ба Мустақил дахл надорад, ки ба табақаи онҳое дохил мешавад, ки намедонистанд ва кам шатта хӯрданд. Ин ба Фиребхӯрда ҳам дахл надорад, чунки ӯ худро хизматгор меҳисобид, вале бо фаҳмиши Ҷалин ҳеҷ вақт хизматгори аслӣ набуд. Одамеро, ки дар борааш Исо мегӯяд, худи оғояш ӯро ғуломи худ номида буд, ки ӯ ба пуррагӣ иродаи оғои худро медонист. Ин одам худаш аз наҷоти худ рафт.

Ба он диққат диҳед, ки ин ғулом дигар хизматгоронро мезад. Дар ин ҷо дар бораи тарзи ҳаёт гуфта мешавад, вақте ки одам чизеро барои худ аз ҳисоби дигарон мегирад. Ӯ бо як рӯз зиндагӣ мекунад. Ӯ мехӯрад, то мастӣ менӯшад, барои хушнудии худ зиндагӣ мекунад. Ба ёд оваред, Яҳудо дар бораи хиёнаткорон мегуфт, ки онҳо дар ғизохӯрӣ бо дигар имондорон иштирок мекарданд, ки онҳо тарси Худоро надоранд ва ба худ писанд меоянд. Ба намуди парҳезгорона

нигоҳ накарда, онҳо фақат он кореро мекунанд, ки ба манфиати худашон аст.

Оиди ҷазои чунин ғулом бошад, диққат кунед, ӯро ба он ҷое равон карданд, ки дар он ҷо хоинон (наҷотро қабул накардагон) ва ғуломони *якчандто калтакхӯрда* буданд. Азбаски ӯ иродаи оғои худро медонист, вай *аз ҳама зиёдтар* шатта хӯрд. Ин дар бораи он мегӯяд, ки ӯ маҳкумияти бузургтаринро дар кӯли оташ ва зулмоти торикӣ то абад мегирад!

## Набахшидани аламнок

Ин таъриф, албатта ба Беҷуръат (ҳамчунин ба Ҳаёти Дуҷониба) рост меояд. Беҷуръат медонист, ки бахшидан – ин иродаи Ҷалин аст, аммо рад кард, ки ин корро кунад. Ӯ тасмим гирифт, ки нисбати Тӯҳмат хафагиро нигоҳ медорад. Дарду алами ӯ ба нопокӣ дарҳоро воз кард. Мо мехонем: "Ва бохабар бошед, ки мабодо касе аз файзи Худо маҳрум шавад; мабодо решаи талхе ба вуҷуд омада, осеб расонад, ва бисёр касон аз он палид шаванд" (Ибриён 12:15).

Дар асоси омӯзиши Аҳдид Ҷадид ва дар таҷрибаи шахсии хидматгузории чандинсолаам ман дидам, ки вақте одамон бо Худо муносибати наздик доштанро бас мекунанд, онҳо ба доми калонтарин – набахшидан меафтанд. Ҳамчунин дар мисоли Беҷуръат, набахшидан дарҳоро ба ҳар ақидаҳо ва рафторҳои нодуруст мекушояд.

Дар Инҷили Матто (боби 18) Исо масалро дар бораи шоҳи бузург нақл мекунад, ки ӯ аз хизматгорони худ барои ихтиёрдорӣ аз чизҳои ба онҳо боваркардашуда ҳисобот мепурсад. Яке аз онҳо аз шоҳ даҳ ҳазор талант қарздор буд. Талант ин воҳиди пулӣ нест, балки андозаи вазн аст. Аз ин андоза дар вазн кардани тилло (2 Подшоҳон 12:30), нуқра (3 Подшоҳон 20:39), дигар металлҳо ва молҳо истифода мекарданд. Дар масалҳо талант ин қарз мебошад, бинобар ин бе

шак тахмин кардан мумкин аст, ки гап дар бораи тилло ва нуқра меравад. Тахмин мекунем, ки ин тилло буд.

Таланти тилло баробари 75 фунт буд. Ин вазни тилло аст, ки одам бурда метавонист (4 Подшоҳон 5:23). Даҳ ҳазор талант – ин тақрибан 750 000 фунт ё 375 тонна. Инак, ғулом аз шоҳ 375 тонна тилло қарздор буд. Вақте ки ман ин китобро менавиштам, нархи як унтсияи тилло (28,3 грамм) тақрибан 1200 доллар буд. Биёед ҳисоб мекунем. Дар бозори имрӯза даҳ ҳазор талант тилло ба 14 миллиард доллар баробар мешуд! Маҳз ҳамин қадар ин одам ба шоҳ қарздор буд! Исо дар ин масал ба он зада мегузорад, ки қарз чунон калон буд, ки одам наметавонист онро бипардозад.

Шоҳ фармон дод, ки ӯро ва тамоми оилаашро ба ғуломӣ фурӯшанд, то ки қарз рӯйпӯш шавад. Ғулом дар пеши пойҳои подшоҳ меафтад ва ӯро аз марҳамат илтимос мекунад, ки онро шоҳ барояш мекунад. Ӯ ба вай тамоми қарзҳояшро мебахшад.

Дар ин масал мо мебинем, ки шоҳ ин рамзи Худо Падар аст. Одаме, ки ба ӯ қарзашро бахшиданд, одаме мебошад, ки ба воситаи Исои Масеҳ бахшиш гирифтааст. Вақте ки ба касе зарар мерасонанд, қарз пайдо мешавад. Шумо чунин ифодаро шунидаед: "Ӯ барои ин нарх месупорад?" Бахшидан – ин бекор кардани қарз. Акнун одам озод шуда буд. Шумо мебинед, ки дар ин масал шоҳ ин Худо Падар мебошад, ва хизматгор – он касе ки бахшиши Ӯро ба воситаи Исои Масеҳ гирифтааст.

Аммо мо дар давомаш мехонем: "Лекин чун ғулом берун рафт, яке аз рафиқони худро ёфт, ки аз ӯ сад динор қарздор буд; вайро сахт дошта ва гулӯяшро фишурда, гуфт: он қарзатро ба ман ато кун" (Матто 18:28).

Динор – пардохти оддии пулӣ. Фарз мекунем, ки он ба 100 доллар баробар аст. Маблағи умумӣ тақрибан 10 000 доллар мешавад. Шумо мебинед, ин маблағи кам нест.

Хонданро давом медиҳем: “Он рафиқаш ба пойҳои ӯ афтода ва илтимос намуда, гуфт: ба ман мӯҳлат деҳ, ва ман ҳамаашро ба ту адо хоҳам кард. Аммо ӯ розӣ нашуд, балки рафта, вайро дар зиндон андохт, то ки қарзашро адо кунад” (Матто 18:29,30).

Ба он касе ки чордаҳ миллиардро бахшида буданд, рафиқаш аз ӯ 10 000 қарздор шуд, аммо ӯ рад кард, ки қарзи вайро бахшад ва ӯро маҷбур сохт, ки бипардозад. Қайд кардан муҳим аст, ки хафагиҳое, ки мо ба якдигар нигоҳ медорем, дар муқоиса бо қарзи мо ба Худо, мисли 10 000 ва чордаҳ миллиард доллар мебошанд! Муҳим нест, ки бо мо то кадом андоза бад рафтор карданд, инро бо ҷиноятҳои мо бар зидди Худо муқоиса кардан мумкин нест. Шояд ба назари шумо чунин намояд, ки шароити бадтаре, ки шумо доред, ҳеҷ кас надорад. Лекин шумо дарк намекунед, ки чӣ қадар даҳшатнок бо Исо рафтор карданд. Барраи бегуноҳ ва беайб ба қурбонӣ оварда шуда буд, то ки қарзи чордаҳ миллиардаи моро бипардозад!

*Шахсе, ки қобилияти бахшиданро надорад, дар бораи он фаромӯш кард, ки чӣ қадар қарзи бузургро ба худи ӯ бахшиданд!* Вақте шумо дарк мекунед, ки Исо шуморо аз мамоти бузург ва азоби абадӣ озод кардааст, шумо ба осонӣ дигаронро мебахшед.

Ҳеҷ чизи бадтар аз абадан дар кӯли оташ будан нест. Дар он ҷо раҳошавӣ нест, кирм намемирад ва оташ хомӯш намешавад. Мо он ҷо равон будем, то он даме ки Худо моро ба воситаи марги Писари Худ Исои Масеҳ набахшид! Агар одам бахшида натавонад, пас ӯ воқеӣ будани дӯзах ва муҳаббати Худоро дарк намекунад.

Биёед хондани масалро давом медиҳем:

> “Чун рафиқонаш ин воқеаро диданд, бисёр ғамгин шуданд ва назди оғои худ омада, ҳар он чӣ рӯй дода буд, ба вай нақл карданд. Он гоҳ оғояш ӯро назди худ даъват намуда, гуфт: Эй ғуломи шарир! тамоми қарзатро ман ба ту бахшидам, зеро

ки ту аз ман илтимос кардӣ; оё туро низ лозим набуд, ки ба рафиқи худ раҳм кунӣ, чунон ки ман ба ту раҳм кардам?” (Матто 18:31-33).

Мехоҳам диққати шуморо ба он ҷалб намоям, ки дар ин масал Исо на дар бораи беимонон мегӯяд. Ӯ дар бораи хизматгорони шоҳ, ё имондорони аз боло таваллудшуда нақл мекунад. Ин одам аллакай бахшиши гуноҳи бузурги худ (наҷот)-ро гирифта буд, ва хизматгори шоҳ номида шуда буд. Он касеро, ки ӯ бахшида наметавонист, рафиқаш буд. Бинобар ин мо метавонем тахмин кунем, ки ӯро тақдири “имондор” мунтазир аст, ки бахшиданро рад мекунад.

Ман воқеияти аҷоиброо мебинам. Ҳамаи дигар масалҳоро дар Инҷил одамон хоҳиш мекарданд, ки шарҳ диҳад. Аммо ин масалро Исо бидуни хоҳишҳо шарҳ медиҳад. Ман бовар дорам, ки сабабаш маънои масал аст, ки Исо кӯшиш мекард то шунавандагон бирасонад. Ин маъно махсусан муҳим аст, бинобар ин Ӯ хост боварӣ ҳосил кунад, ки ҳамаи онҳо фаҳмиданд. Ана шарҳаш:

“Ва оғояш ба хашм омада, ӯро ба шиканҷакунандагон супурд, то тамоми қарзашро адо кунад. Ҳамин тавр Падари Ман, ки дар осмон аст, бо шумо низ амал хоҳад кард, агар ҳар яке аз шумо гуноҳҳои бародари худро аз самими қалб афв накунад” (Матто 18:34,35).

Ман мехоҳам ба се нуқтаи муҳим дар ин ду оятҳо ишора намоям. Якум, хизматгоре, ки қобилияти бахшиданро надошт, ба азобу шиканҷа дода шуд. Дуюм, акнун ӯ боз бояд қарзи ибтидоӣ, 375 тонна тиллоро баргардонад, ва сеюм, Худо маҳз чунин рафтор мекунад, бо ҳар “имондор”, ки бародари худро намебахшад.

Биёед кӯтоҳ ҳар як нуқтаро дида мебароем. Якум: калимаи шиканҷа маънояш амале, ки дарди тоқатнопазир мерасонад, ҷонкании тан ва ақл ва гум кардани ҳолати мӯътадил. Шиканҷадиҳанда – ин касе, ки ин дардро мерасонад.

Имондоре, ки бахшиданро рад мекунад, аз тарафи рӯҳҳои палид шиканҷа мебинад. Ба шиканҷадиҳандагон ҳуқуқ дода шудааст, ки шиканҷа диҳанд, ҷонкании ақл ва танро ба вуҷуд оваранд. Дар хидматгузориҳо ман зиёд вақт барои одамоне дуо кардаам, ки онҳо шифоӣ, тасаллӣ ё озодшавиро танҳо аз он сабаб гирифта наметавонистанд, ки касеро аз таҳти дил набахшида ва озод накарда буданд. Дар навбати худ, ин қариб ки ҳама вақт ба ғазаб ва хафагӣ аз Худо оварда мерасонад. Имони ин одамон нопок мешавад, ва агар тавба ва бахшидан нашавад, оқибати он ғамангез мешавад.

Нуқтаи дуюм: ин ғулом бояд ки қарзи ибтидоии худро баргардонад. Акнун ӯ ӯҳдадор аст, ки як чизи имконнопазирро бикунад! Ин қарзро Исо дар Ҷолҷотто супоридааст. Шумо метавонед аз ин хоҳиш биёбед, вале суханони Исоро дар дигар ҳолат гӯш кунед: "Ва ҳангоме ки дар *дуо* меистед, агар аз касе ранҷу озоре кашида бошед, гуноҳи вайро авф намоед, то ки *Падари шумо низ, ки дар осмон аст,* гуноҳҳои шуморо биомурзад" (Марқӯс 11:25).

Исо дар бораи кӣ мегӯяд? Ба суханони "Падари шумо, ки дар осмон аст" эътибор диҳед. Худо Падари гунаҳкорон намебошад, Ӯ Худо барои гунаҳкорон ва Падар барои имондорон. Беимонон дуо намекунанд. Инак, комилан фаҳмост, ки Ӯ дар бораи фарзандони Худо мегӯяд.

Биёед давом медиҳем. "Аммо агар афв накунед, Падари шумо низ, ки дар осмон аст, гуноҳҳои шуморо наомурзад" (Марқӯс 11:26).

Аз ин ҳам фаҳмотар дигар гуфта намешавад. Ин моро ба нуқтаи сеюм меорад: агар одам бахшиданро рад кунад, ӯ бояд қарзро супорад, ки онро пардохта наметавонад. Ин имконнопазир аст, ҳеҷ кас наметавонад ба Худо барои ҷони худ ё ҷони бародари худ фидия бидиҳад (Забур 48:8). Исо мегӯяд, ки Падари шумо гуноҳҳои шуморо намебахшад ва шуморо ба шиканҷаи абадӣ медиҳад. Оё меарзад?

Мо ҳоло дар бораи онҳое намегӯем, ки хафагиро мубориза мебаранд, дуо мекунанд, то ки бубахшанд, лекин дар бораи онҳое, ки мисли Беҷуръат қатъиян бахшиданро рад мекунанд. Ба ёд оваред, дар ҳикоят набахшидани ӯ дарро барои ҳамаи боқимонда амалиётҳои шайтон кушод ва ӯ мунтазам аз тақдисшавӣ ба Ҷалин дур шуд. Оё ҳамаи ин меарзид, ки ба ҳалокати абадӣ оварда расонад? Аз ин сабаб ҳам муаллифи Нома ба Ибриён боз қатъиян ба мо пешниҳод мекунад, ки худро тафтиш кунем, то ки аз ҳар намуди талхӣ озод шавем, чунки *бисёриҳо* бо он нопок шудаанд.

Акнун ба мо суханони Исо оиди замонҳои охири Калисо фаҳмо мешаванд. Ӯ мегӯяд: “Дар он замон бисёр касон *ба васваса хоҳанд афтод*; ва якдигарро таслим ҳоханд кард ва аз якдигар нафрат хоҳанд дошт... ва ба сабаби *афзудани шарорат, муҳаббати* бисёр касон сард хоҳад шуд, лекин ҳар кӣ то охир сабр кунад, наҷот хоҳад ёфт” (Матто 24:10,12,13).

Таваҷҷӯҳ кунед, на “баъзеҳо” ё “якчанд нафар”, балки бисёр касон дар замони мо хафа мешаванд. Калимаи бисёр касон маънои миқдори зиёдро дорад. Хафагӣ ё набахшидан ба шарорат меорад, ва муҳаббати бисёр касон сард мешавад.

Калимаи юнонии муҳаббат, “агапе”, маънои муҳаббати Худоро дорад, ки дар дили масеҳиён дар лаҳзаи наҷот рехта шудааст. Исо дар атрофи гумшудагон сухан намеронад, чунки онҳо ҳаргиз дар ҳақиқат муҳаббати Худоро қабул накардаанд. Не, ӯ дар бораи имондорони аслӣ мегӯяд: “Ҳар кӣ то охир сабр кунад, наҷот хоҳад ёфт”. Ба гунаҳкор ё фиребгар гуфтан номумкин аст: “То охир сабр кун ва наҷот меёбӣ”, охир онҳо ҳатто давиши худро шурӯъ накардаанд!

## Аз имон баргаштан

Навиштаҷот моро аз он огоҳ менамояд, ки дар байни имондорони замони мо аз имон баргаштан мешавад. Павлус мегӯяд: “Ҳеҷ кас ба ҳеҷ ваҷҳ набояд шуморо фирефта ку-

над: [зеро он рӯз намеояд] зеро *аввал бояд исён* ба вуқӯъ биёяд...” (2 Таслӯникиён 2:3). Ва ӯ боз пешгӯӣ мекунад: “Аммо Рӯҳ кушоду равшан мегӯяд, ки дар замонҳои охир *баъзе касон аз имон баргашта...*” (1 Тимотиюс 4:1).

Чаро? “Зеро замоне фаро хоҳад расид, ки таълимоти солимро қабул нахоҳанд кард, балки бар тибқи ҳавасҳои худ барои худ муаллиме хоҳанд баргузид, ки нутқашон ба гӯшҳо хуш ояд; *ва гӯшҳои худро аз ростӣ гардонда...*” (2 Тимотиюс 4:3,4). Таваҷҷӯҳ кунед, дар порчаи пешинаи Навиштаҷот Павлус мегӯяд, ки онҳо “аз имон бармегарданд”. Имоне, ки ӯ дар борааш мегӯяд, ин имони ҳақиқӣ ба Исои Масеҳ мебошад. Аз имон баргаштан танҳо дар он ҳолат мумкин аст, агар одам боре дар асл имон оварда бошад.

Ростие, ки ман дар борааш ба шумо гуфтам, ки имондор метавонад наҷоти худро аз даст диҳад, қариб ки дар ҳамаи муаллифони Аҳдид Ҷадид вомехӯрад. Ба ман иҷозат диҳед, ки гуфтаҳои падарони Калисоро мисол биёрам, ки баъзе аз онҳо ҳамкорони ҳаввориёне буданд, ки Аҳди Ҷадидро навиштаанд. Ман дарёфтам, ки дастнависҳои онҳо бо он чизе, ки мо дар Навиштаи Муқаддас хондем, мувофиқ аст.

> “Одилиро таҷриба мекунем, то ки дар охир наҷот дошта бошем”.
>
> — Қлимиси Румӣ

> “Ҳатто корҳои неки бузургтаринро дар ҳаёт ба амал оварда, аммо дар охири роҳ ба бадӣ рӯ оварда бошад, аз ҳамаи меҳнатҳои пешина фоидае надорад, барои он ки дар қуллаи ҳаёт ӯ ҳиссаи худро аз даст додааст”.
>
> — Қлимиси Искандарӣ

> “Баъзе касон чунин меҳисобанд, ки Худо ӯҳдадор аст ҳатто ба касони ноарзиш он чиро ки ваъда кардааст, бидиҳад. Бо чунин муносибат онҳо саховати Ӯро ба ғуломӣ табдил ме-

диҳанд... Оё на бисёр касон баъдан аз файз меафтанд? Оё ин бахшоиш аз бисёриҳо гирифта намешавад?”

— Тертуллиан

“Одам метавонад одилиро дошта бошад, ки аз он имкон дорад биафтад”.

— Ориген

“Онҳое, ки ба Ӯ итоат намекунанд, аз мерос маҳрум мешаванд ва дигар писарони Ӯ намебошанд”.

— Ириней Лионский

Суханони ростии манро, ки аз Навиштаҷот буд, шунида, баъзеҳо на он қадар дуруст фикри худро баён карданд: “Ҷон, ту арминӣ ҳастӣ”. Дар луғат ба ин термин чунин таъриф дода шудааст: “Аз рӯи худошиносии Якобус Арминиус ва пайравони вай, ки таълимоти калвиниҳоро дар бораи пешмуайянкунӣ ва интихобкунӣ рад кардаанд, иродаи озоди инсон бо мустақилияти Худо мутобиқ аст”.

Ба чунин арзҳо ман оддӣ ҷавоб медиҳам: “Не, ман на калвинӣ, на арминӣ, балки масеҳие ҳастам, ки имон дорад, ки Китоби Муқаддас – ин Каломи бехатои Худо”.

Якобус Арминиус баъд аз якчанд соли муаллифони Аҳди Ҷадид зиндагӣ кардааст ва ҳатто баъд аз роҳбарони аввалин, ки ман пештар онҳоро иқтибос овардам. Магар ин муаллифонро арминӣ номидан мумкин аст? Аниқ равшан аст, ки не, чунки онҳо чанд сол пеш аз таваллуди Арминиус зиндагӣ кардаанд. Он чизе, ки ман менависам, на танҳо фикрҳои шахсӣ, фаҳму идрок, ё имон мебошад, балки ростӣ аст. Ба ҳар касе, ки имон дорад, Худо ба таври кофӣ огоҳии равшан додааст. Мо бояд ба он чиз эҳтиёт бошем, то ки дар атрофи таълимоти муттафаккирон давр нагардем, балки ба мазмуни Навиштаҷот кушод бошем, ки бо илҳоми Рӯҳи Муқаддас навишта шудааст, чунки:

> “Тамоми Навиштаҳо аз рӯи илҳоми илоҳист ва барои омӯзиш, барои мазаммат, барои ислоҳ, барои ҳидоят ба роҳи адолат фоиданок аст, то ки марди Худо комил гардида, ба ҳар амали нек муҳайё бошад” (2 Тимотиюс 3:16,17).

Қайд кардан ҷолиб аст ки роҳбарони бардурӯғ, ки аз тарафи Исо бисёр сахт фош мешуданд, одатан дар атрофи мактабҳои муайян дар гурӯҳҳо ҷамъ меомаданд, ва бо тариқаи ин мактаб таълим медоданд. Аммо агар ба гуфтаҳои Яҳёи Таъмиддиҳанда, Исо ва дигар пайёмоварони ростӣ бингарем, як чизи умумиро дидан мумкин аст: “Зеро ки онҳоро ҳамчун соҳибқудрат таълим медод, на ҳамчун китобдонон ва фарисиён” (Матто 7:29). Аз ҳамин сабаб Павлус Титусро насиҳат мекунад: “Инро бигӯ ва насиҳат бидеҳ ва бо тамоми қудрат мазаммат бикун...” (Титус 2:15). Ва ба Тимотиюс ӯ менависад: “Аз ту хоҳиш кардам, ки дар Эфсӯс бимонӣ, то баъзе касонро насиҳат диҳӣ, ки таълимоти дигарро паҳн накунанд” (1 Тимотиюс 1:3). Ва боз Павлус Тимотиюсро таълим медиҳад:

> “Ки каломеро мавъиза кунӣ ва дар вақти муносиб ё номуносиб (ин ба ту хуб аст ё не, ин хуш қабул карда мешавад ё не, ту ҳамчун воизи Калом, ба одамон бояд нишон диҳӣ, ки ҳаёти онҳо дар чӣ нодуруст аст) омода бошӣ (ҳамроҳашон бош, тайёр бош), бо тамоми пурсабрӣ омӯзгорӣ ва мазаммат, манъ ва насиҳат кунӣ” (2 Тимотиюс 4:2, Тарҷумаи васеъ).

Павлус дар бораи худаш чунин менависад: “То ки далерона ба таври бояду шояд сухан гӯям” (Эфсӯсиён 6:20). Ин нишонаи хислати ҳамаи пешравҳои ҳақиқии Худост. Қудрати онҳо дар Каломи Худо асос ёфтааст. Онҳоро на таҷрибаҳои шахсӣ, на тааллуқ будан ба ягон мактаби муайян ё ақидаи аксарият муттаҳид мекунад. Аксарият баъзе вақт метавонад хато кунад. Мо бояд бидонем, ки Худо он чиро ки дар назар дорад, мегӯяд, ва он чиро мегӯяд, ки дар назар дорад!

## Туро аз пешпо хӯрдан нигоҳ медорад

Одамон аз номаи гум кардани файз ба ларза меоянд, ки он бисёр равшан дар Навиштаҳо гуфта шудааст. Бисёр касон назди ман бо воҳима бо чунин суханон омаданд: “Ман фикр кардам, ки мо кафолати абадӣ дорем!”

Ба он ман ҷавоб медиҳам: “Комилан дуруст аст! Мо кафолати абадӣ дорем! Исо гуфтааст, ки якеро ҳам талаф намекунам, аз онҳое, ки Падараш ба Ӯ додааст (ниг. Юҳанно 18:9), барои он ки Ӯ ҳеҷ гоҳ моро тарк намекунад ва намегузорад. Дар ин суханон ман ҳамеша нигоҳҳои ҳайронро мебинам, бинобар ин мегӯям: “Агар ки шумо дар ҳақиқат Исои Масеҳро дӯст доред, пас чаро меравед? Шумо аз Ӯ рӯй намегардонед, агар ки Ӯро дар асл дӯст доред!”

Агар шумо Худоро дӯст доред, шумо ба аҳкоми Ӯ бемушкилот итоат мекунед! Агар хидматгузорӣ ба Худо ӯҳдадорӣ шуда бошад, шумо дар роҳи муносибатҳои қонунӣ пой гузоштед, ва дар ин ҳолат нигоҳ доштани аҳкоми Ӯ бисёр душвор аст. Мо ба Худо бояд хидмат кунем на аз барои он ки ба Ӯ писанд оем, балки барои он ки ба Ӯ ошиқ ҳастем!

Яҳудо ба мо нақл карданро давом медиҳад, ки чӣ тавр ин муҳаббатро тару тоза нигоҳ дорем, ҳатто дар вақти мавҷуд будани хамирмояи фарисиён дар калисо. Ӯ мегӯяд: “Худро дар муҳаббати Худо нигоҳ доред ва марҳамати Исои Масеҳи Худованди моро, ки ҳаёти ҷовидонӣ меоварад, *мунтазир бошед*” (Яҳудо 21, курсиви муаллиф). Мо бояд Худовандро ҳар лаҳза мунтазир бошем (дар ёд доред, хизматгори гуноҳкарда баргаштани хӯҷаини худро мунтазир нашуд!). Мо бояд ташна бошем ва ҳамеша Ӯро биҷӯем, то ки Ӯ Худро боз ҳам зиёдтар ошкор кунад, чунки “Ҳар кӣ аз Ӯ чунин умед (умеде, ки Исо Худро ошкор мекунад) дорад, худро *пок менамояд*, чунон ки Ӯ пок аст” (1 Юҳанно 3:3).

Ҳангоме ки шумо Ӯро меҷӯед, бо Рӯҳи Ӯ муносибат мекунед, он гоҳ намехоҳед, ки биравед. Инак, ҳеҷ ҷои хавотирӣ

нест. Дар хотимаи номаи Яҳудо яке аз ваъдаҳои аз ҳама дӯстдоштаи ман омадааст. Ба онҳое, ки ошкоршавии Исоро интизор шуда, худро дар муҳаббати Худо нигоҳ медоранд, Ӯ мегӯяд:

> "Ва Ӯро, ки қодир аст шуморо аз фурӯ ғалтидан нигоҳ дорад ва дар шодӣ беайб ба ҳузури ҷалоли Худ биистонад. Яъне Худои ҳакими якто ва Наҷотдиҳандаи мо, ҷалол ва шавкат, қудрат ва салтанат бод аз азал ва дар замони ҳозира ва то абад. Омин" (Яҳудо 24,25).

Ин дуои самимона ва орзуи ман барои шумо!

БОБИ 7

# ТАҲКУРСӢ

Одил бунёди ҷовидонӣ дорад.
— Масалҳо 10:25

Пеш аз он ки мо ба давоми ҳикояти худ дар бораи Аффабел баргардем, ва бифаҳмем, ки доварӣ ва мукофот барои Худпараст ва Хайрия чӣ гуна буд, мо ба он чи ки дар се боби охир гап задем, нуқта мегузорем. Навиштаҷотро аз боби чорум ба ёд меорем:

> "Бинобар ин таълимоти *ибтидоии* Масеҳро монда, сӯи камол шитоб кунем ва аз нав асос нагузорем... оид ба доварии ҷовидонӣ" (Ибриён 6:1,2, Тарҷумаи васеъ).

Набудани таҳкурсии мустаҳкам дар ростӣ оиди доварии ҷовидонӣ ва ҷазо ба мо монеъ мешавад, ки ҳаёти солимро дар Масеҳ бисозем. Инро муқоиса кардан мумкин аст бо кӯшиши гирифтани маълумоти олӣ, бе гирифтани донишҳои ибтидоӣ дар мактаби ибтидоӣ, мисли хондан.

Чаро ин чунин аст? Дар вақти бодиққат омӯхтани Инҷил шумо пай мебаред, ки Исо дар бораи дӯзах зиёдтар гуфта буд, назар ба осмон. Ӯ инро бо мақсади гузоштани таҳкурсӣ – тарси Худо мекард.

Ана яке аз мисолҳо:

> "Бинобар ин он чи шумо дар торикӣ гуфтаед, дар рӯшноӣ шунида хоҳад шуд; ва он чи шумо дар хона ба гӯш гуфтаед, дар болои бомҳо эълон хоҳад шуд. Ва Ман ба шумо, эй дӯстонам, мегӯям: аз кушандагони ҷисм, ки қодир нестанд баъд аз он

ягон кори дигаре бикунанд, натарсед; лекин ба шумо нишон медиҳам, *ки аз кӣ тарсидан лозим аст: аз Ӯ ҳаросон бошед, ки баъд аз куштан қодир аст ба дӯзах андозад*" (Луқо 12:3-5).

Суханони Ӯ қавӣ ва рахнакунандаанд: ба василаи бадастоварии фаҳмиши равшан оиди доварии ҷовидонӣ ва ҷазо онҳо тарси Худоро дар дилҳои мо мустаҳкам реша мегиронанд. Ба ман иҷозат диҳед шарҳ диҳам. Фақат Худо метавонад ҷазои ҷовидониро дар дӯзах таъин кунад. Он чизе, ки мо дар пинҳонӣ гуфтем, дар рӯшноии ҷалоли Ӯ дар Доварӣ эътироф карда мешавад. На танҳо суханони мо, балки ниятҳои мо, муносибат ва корҳои мо равшан мешаванд. Тарси Худо ҳамеша ба мо хотиррасон менамояд, ки ҳеҷ чиз аз Ӯ пинҳон нест, ҳатто аз ҳама чизи махфӣ. Мо медонем, ки ҳеҷ чиз наметавонад аз доварии Ӯ бигрезад – ва доварии Ӯ боадолат. Агар мо фаҳмиши равшан надошта бошем, он гоҳ метавонем ба осонӣ ба гумроҳӣ биафтем, бовар карда ки Худо қонунвайронкуниро пай намебарад ва ҳатто намебинад, ва худро бо фикр оиди марҳамати вуҷуднадошта тасаллӣ бидиҳем (чуноне ки бо Фиребхӯрда, Беҷуръат ва Ҳаёти Дуҷониба рӯй дод). Мо ба осонӣ метавонем ба ҷумлаи анбӯҳи бузурги одамони замони охир дароем, ки онҳо аз самти тақдисшавии мустаҳкам ба қонунвайронкунӣ мераванд.

Онҳое, ки чунин асос надоранд дар тарси назди одамон меғалтанд ва ба пуррагӣ ба он касе хидмат мекунанд, ки аз ӯ метарсанд. Агар ки мо аз Худо тарсем, ҳатто дар зери фишор ҳам ба Ӯ итоат мекунем; агар ки мо аз одамон тарсем, он гоҳ бо онҳо розӣ мешавем, махсусан дар зери фишор, бо кӯшиши гирифтани манфиати шахсӣ ё ба хоҳишҳои ҷисмонӣ мухолифат накарда. Ба хоҳишҳои ҷисмонӣ мухолифат накардан дар охир ба оқибатҳои ҷиддӣ меоварад. Инак, оиди довариҳои ҷовидонӣ ва ҷазо фаҳмиши аниқ надошта, мо наметавонем андозаи пурраи тарси Худовандро дошта бошем, чунки довариҳои Масеҳ дар ҳақиқат яке аз

ҷиҳатҳои тарси Худо мебошад. Павлус дар ин бора чунин мегӯяд:

> “Зеро ҳамаи мо бояд пеши *курсии доварии Масеҳ* ҳозир шавем, то ки ҳар яке ба бадали (мутобиқи) амале, ки дар ҳаёти ҷисми худ кардааст, хоҳ нек бошад ва хоҳ бад, бигирад. Пас, мо, *ки тарси Худовандро медонем,* ба мардум насиҳат медиҳем...” (2 Қӯринтиён 5:10,11).

Павлус на дар бораи тахти сафеди бузурги Доварӣ мегӯяд, ки дар бораи он Исо дар ояти пешина ёдоварӣ кард (ки одамон он ҷо ба дӯзах маҳкум мешаванд), балки дар бораи доварӣ бар имондорон, ки оиди он дар боби оянда сухан меравад. Диққат кунед, ки Павлус курсии доварии Масеҳро бо тарси Худованд баробар мекунад (агарчи ин ба тахти сафеди бузург низ дахл дорад). Дар ҳақиқат дар ин оят ӯ ба маънои аслӣ курсии довариро “тарси Худованд” номидааст. Маънояш дар он аст ки тарси Худовандро аз доварӣ ҷудо кардан имконнопазир аст, ва тарси Худованд калид аст барои зиндагии солим.

Суханони пайғамбар Ишаъёро гӯш кунед: “Ӯ бунёди устувор дар айёми ту хоҳад шуд, ганҷи наҷот, ҳикмат ва дониш; тарси Худованд ба ин махзан калид аст” (Ишаъё 33:6).

Тарси муқаддас ба бунёди устувор калид аст. Аз боби пешина ба ёд оред: Исо дар бораи одамони зиёде мегӯяд, ки ба исми Ӯ мӯъҷизаҳо мекарданд, ки онҳо ҷазои абадӣ мегиранд. Аҷиб нест, ки дар боби 7-уми Инҷили Матто Исо фавран сабаби афтодани онҳоро мефаҳмонад. Онҳо ҳаёти худро дар далелҳои ақл ва имони дил сохта буданд, ки онҳо тӯфонҳои ҳаётро тоб оварда натавонистанд.

> “Пас, ҳар кӣ ин суханони Маро бишнавад ва онҳоро *ба ҷо оварад,* ӯро ба марди оқиле монанд мекунам, ки *хонаи худро ба санг бино кард;* ва борон борида, селобҳо равон шуд, ва бодҳо вазида, ба он хона фишор овард; лекин он фурӯ на-

рафт, чунки бар санг бино шуда буд (*бунёди устувори Худо... тарси Худованд*). Ва ҳар кӣ ин суханони Маро бишнавад ва онҳоро *ба ҷо наоварад,* ба марди нодоне монанд аст, ки *хонаи худро бар рег бино кард;* ва борон борида, селобҳо равон шуд, ва бодҳо вазида, ба он хона фишор овард; ва он хона фурӯ рафт, ва харобии он бузург буд" (Матто 7:24-27).

Сабркардагон, то ба охир рафтагон, тӯфонро ба шарофати таҳкурсии устувор тоб оварданд. Ин таҳкурсӣ тарси Худованд аст, ки ба мо устуворӣ медиҳад. Тарси Худованд ин махзани ганҷи Худо мебошад, наҷоти Ӯ, ҳикмат ва дониш дар он ниҳон аст.

## Тарси Худованд

Тарси Худованд чист? Оё зарур аст ки аз Худо битарсем? Тамоман не, дар акси ҳол чӣ тавр метавонем бо Худованд муносибати наздик дошта бошем (онро ки Ӯ инқадар орзу дорад), агар ки мо аз Ӯ тарсем? Худо омад, то ки Худро ба Исроил ошкор бисозад, то ки бо онҳо чунон муносибат дошта бошад, ки Ӯ бо Мӯсо дошт, аммо, тарсида, онҳо гурехтанд ва рад карданд, ки ба Ӯ наздик шаванд. Мӯсо ба халқ гуфт: "Натарсед, зеро ки Худо барои озмудани шумо омадааст, то ки тарси Ӯ пеши рӯи шумо бошад, ва шумо гуноҳ накунед" (Хуруҷ 20:20).

Чунин ба назар мерасад, ки дар ин суханон зиддият ҳаст. Аммо Мӯсо фарқият мегузорад байни аз Худо тарсидан ва тарси Худованд. Он касе, ки аз Худо метарсад, чизеро аз Ӯ пинҳон мекунад. Ба ёд оред, ки Одам чӣ кор кард, вақте ки ба Худо дар боғ беитоатӣ кард: ӯ аз ҳузури Худо пинҳон шуд. Аз дигар тараф, касе ки тарси Худовандро дорад, метарсад, ки аз Ӯ ҷудо бошад. Вай аз беитоатӣ мегурезад.

Биёед тадқиқот кардани маънои тарси Худоро давом медиҳем.

Доштани тарси Худованд – маънояш ҳурмат кардан, қадр кардан, эҳтиром кардан ва дӯст доштани Ӯ зиёдтар аз ҳама чиз ва ҳама кас. Ин маънои онро дорад, ки он чизеро, ки Ӯ дӯст медорад, дӯст доштан ва аз он чизе, ки Ӯ нафрат дорад, нафрат доштан. Он чизе, ки ба Ӯ муҳим аст ба мо ҳам муҳим аст ва он чизе, ки ба Ӯ муҳим нест, ба мо ҳам муҳим нест. Агар мо аз Ӯ битарсем, мо назди Каломи Ӯ меларзем, яъне бечунучаро ба Ӯ итоат мекунем, ҳатто агар дар ин маъноеро набинем, вақте ки дардовар аст ё агар ин ба манфиати мо набошад ҳам. Инак, тарси Худованд дар итоат ба Каломи Ӯ, роҳҳо ва қонунҳои Ӯ зоҳир мегардад.

Навиштаҷот мегӯяд, ки тарси Худованд оғози ҳикмат аст, ё чунин гуфтан мумкин аст: он таҳкурсии ҳикмат аст. Ҳикмате, ки онро мо чуқур дар бобҳои навбатӣ тадқиқ мекунем,– ин дониш ва қобилияти қабули қарори дуруст, дар вақти дуруст аст. Ба он касе, ки дар зери фишор қарор қабул мекунад, ҳикмат намерасад, ва манбаи ҳикмат дар тарси Худованд аст.

Навиштаҷот мегӯяд, ки ҳаёти моро бо сохтумони хона муқоиса кардан мумкин аст: аввал таҳкурсӣ гузошта мешавад, пасон ҳамаи сохтумон. Мо мехонем: “Хона бо ҳикмат бино меёбад ва бо хирад барқарор мегардад” (Масалҳо 24:3). Агар мо ҳаёти худро бисозем, бо доштани интихоби дуруст, он гоҳ мо ҳаёти солим месозем, баъд аз он метавонем далерона дар Доварӣ биистем. Аз ҳама оғозаш ё асоси ин ҳикмат – тарси Худованд.

## Моро аз дур шудан нигоҳ медорад

Агар ки тарси Худованд дар дили масеҳиён сахт реша давонида мебуд, онҳо аз Ӯ рӯй намегардониданд. Мо аз тақдисшавии ҳақиқӣ ба Исо дур намешудем ва рӯй намегардонидем. Мо Каломи Ӯро ҳамчун як чизи оддӣ қабул наме-

кардем ва ба он рӯякӣ муносибат намекардем. Мо бо гуноҳ бозӣ намекардем, ки он ба сахт шудани дил ва афтодан меоварад (ниг. Ибриён 3:12,13). Мо ҳама вақт медонистем, ки ҳама чизи махфиёна гуфташуда ва кардашуда дар Доварӣ ба таври оммавӣ эътироф карда мешавад. Гӯш кунед, ки Худо ба Ирмиё дар бораи одамони Аҳди Ҷадид чӣ гуфтааст:

> “Ва онҳо қавми Ман хоҳанд буд, ва Ман Худои онҳо хоҳам буд. Ва Ман ба онҳо як дил ва як роҳ хоҳам дод, то ки ба манфиати худашон ва фарзандонашон, ки баъд аз онҳо хоҳанд буд, *ҳамеша аз Ман битарсанд*. Ва аҳди ҷовидонӣ бо онҳо хоҳам баст, ки бар тибқи он аз онҳо рӯ нахоҳам гардонид, то ки ба онҳо некӣ кунам; ва *тарси Худро дар дили онҳо ҷойгир хоҳам кард, то ки онҳо аз Ман дур нашаванд*” (Ирмиё 32:38-40).

Диққат кунед, ки Худо мегӯяд: *“тарси Худро дар дили онҳо ҷойгир хоҳам кард, то ки онҳо аз Ман дур нашаванд”*. Ман хидматгузориро дар Малозиё ба ёд меорам, вақте ки Рӯҳи тарси Худо бисёр сахт зоҳир шуд. Дар он толоре, ки ман мавъиза мекардам, аз одамони нимкурраи Шарқ пур буданд, донишҷӯёни мактаби библиявӣ, усқуфон ва дигар нафарон. Дар охири ҷамъомад бисёриҳо дар фарши назди саҳна дароз кашида, беист гиря мекарданд.

Муҳитро тарси сахти Худованд пур кард. Ман он гоҳ фикр кардам: “Ҷон Бивер, як ҳаракат ё калимаи нодуруст – ва ту мурда ҳастӣ!” Ин рӯй медод ё не, намедонам, гуфта наметавонам, лекин мард ва зан дар Аҳди Ҷадид дар чунин муҳит кори нодуруст карда буданд ва мурданд. Натиҷаи доварии ҳамон лаҳзавӣ бар онҳо буд: “Тамоми аҳли калисо ва ҳамаи онҳое ки инро шуниданд, ба ҳароси азиме афтоданд” (Аъмол 5:11).

Баъд аз ҷамъомад назди ман як зану шавҳар аз Ҳиндустон омаданд бо суханони:

“Ҷон, мо ин қадар тозагии дохилиро ҳис мекунем”.

“Ман ҳам”,– ҷавоб додам ман.

Субҳи рӯзи дигар, дар утоқи меҳмонхона буда, ман ҷои Навиштаҷотро ёфтам: “Тарси Худованд пок аст, то абад мемонад” (Масалҳо 18:10).

Рӯҳи Муқаддас ҳамон лаҳза дар дили ман гуфт: “Лютсифер фариштаи ҳамдусаногӯянда буд, ӯ тадҳиншуда, дилписанд ва баракатёфта буд. Аммо ӯ аз ман наметарсид; бинобар ин *ӯ то абад намонд*”.

Ин гуфтаҳоро мулоҳиза карда, ман шунидам: “Сеяки фариштагон, ки тахти Маро иҳота мекарданд ва ҷалоли Маро дида буданд, назди Ман тарс надоштанд; *онҳо то абад намонданд*”. Маро ин ваҳӣ ба ларза овард ва ман боз шунидам: “Одам ва Ҳавво дар ҳузури ҷалоли Ман мегаштанд, онҳо бо Ман гап мезаданд, аммо аз Ман наметарсиданд. Онҳо *то абад дар ҳузури Ман намонданд*”.

Тарси Худованд ба мо қувва медиҳад, ки бимонем. Он моро дар итоати Каломи Худо нигоҳ медорад. Имондорон огоҳ шудаанд: “Пас, дар сурате ки ваъдаи дохилшавӣ ба оромии Ӯ ҳанӯз боқист, мо хавотир хоҳем дошт, мабодо маълум гардад, ки касе аз шумо муваффақ нашудааст” (Ибриён 4:1). Аҷиб аст, ки ӯ мегӯяд “тарсидан” ба ҷои “дӯст доштан”. Тарси Худо, на ин ки муҳаббати Ӯ моро аз баргаштан ба гуноҳ нигоҳ медорад.

## Башоратдиҳандаи машҳур

Ман ҳеҷ гоҳ мулоқоти худро дар ҳабсхона назди як башоратдиҳандаи машҳур, ки соли охири мӯҳлати панҷсолаашро мегузаронд, фаромӯш намекунам. Кори ӯ дар байни мардум хеле машҳур шуда буд ва дар он вақт бисёр тӯҳматро нисбати Подшоҳӣ ба вуҷуд оварда буд. Ҳар чи ки нашуда бошад ҳам, дар соли аввали дар ҳабсхона буданаш ӯ вохӯрии аслиро бо Худованд аз сар гузаронид. Пас аз чор

сол, вақте ки ман ба хабаргириаш омадам, якум чизе, ки ӯ гуфт: “Ҷон, ин маҳбас ба ман на ҷазои Худо шуд, аниқтараш марҳамати Ӯ. Агар ки ман чунин зиндагӣ карданро давом медодам, мисле, ки собиқ зиндагӣ мекардам, ман бар ҳамеша ба дӯзах мерафтам”.

Бо ин суханонаш ӯ пурра диққати маро ҷалб кард. Ман медонистам, ки бо шахси ба Худо бовафо, ғуломи аслии Исо гап мезанам. Кӯшиши ӯ ба Худо дида мешуд. Маро дар ҳайрат гузошта буд, ки чӣ тавр ӯ дар қуллаи хидматгузории худ монда, тавонист ин қадар аз Худо дур равад.

Ман аз ӯ пурсидам:

– Кай муҳаббати ту ба Исо сард шуд?

Ӯ ба ман нигариста, кашол надода, ҷавоб дод:

– Он ҳеҷ гоҳ сард нашуда буд!

Ҷавоби ӯ маро бисёр парешон сохт, ва ман эътироз кардам: “Оиди қаллобӣ бо истифода аз муросилот ва бадахлоқӣ, ки дар ҳафт соли охир карда будӣ, чӣ мегӯӣ,– ҳамаи он чизҳое, ки аз барои онҳо ту маҳкум шудӣ?”

Ӯ ҷавоб дод: “Ҷон, ман ҳамеша Исоро дӯст медоштам, аммо Ӯ дар ҳаёти ман ҳокимияти болотарин шуданро бас кард”. Дар давомаш ӯ суханонеро гуфт, ки маро гаранг карданд: “Ҷон, дар Амрико миллионҳо чунин масеҳиён мисли ман ҳастанд. Онҳо Исоро Наҷотдиҳандаи худ меноманд ва Ӯро дӯст медоранд, аммо Ӯро мисли Хӯҷаини болотарини худ эҳтиром намекунанд”.

Дар ин лаҳза дар ботини ман нур дурахшид. Ман ногаҳон дарк кардам, ки мо метавонем Худоро дӯст дорем, аммо ин муҳаббат наметавонад худ ба худ моро аз афтидан нигоҳ дорад. Мо бояд аз Худо битарсем. Суханони Мӯсоро ба ёд оред: “Худо барои озмудани шумо омадааст, *то ки тарси* Ӯ пеши рӯи шумо бошад, ва *шумо гуноҳ накунед*” (Хуруҷ 20:20). Қувваи истода тавонистан ва аз итоати Худо сар напечиданро, мисле ки ин бо Лютсифер, сеяки фариштагон,

Одам ва бисёр касон аз калисо, ки дар ин замони охир дур шудаанд, рӯй дод, ба мо танҳо тарси Худованд медиҳад.

## Наҷоти худро ба амал овардан

Бо ин сабаб Павлус ба мо мегӯяд: "Бо *тарсу ларз* (ба худ такя накарда, бо эҳтиёти ҷиддӣ, бо виҷдони пурэҳсос, васвасаро дарк намуда, аз ҳар он чизе, ки Худоро хафа месозад ва номи Исоро бадном мекунад рӯй гардонида) наҷоти худро (мақсадҳо ва пуррагиро ба даст оварда*)* ба амал оред (Филиппиён 2:12, Тарҷумаи васеъ).

Мо наҷоти худро бо тарси зиёд ва ларз ба амал меоварем, ки ба мо иҷозат медиҳад дар бораи он ба ёд оварем, ки ҳар як фикр, сухан ва рафтор дар рӯзи Доварӣ маълум мешавад. Дарк кардани ин моро дар фурӯтанӣ, ҳушёрии ақл, боҳиссиётӣ нигоҳ медорад ва қобилияти ғалаба карданро аз болои беитоатӣ ва ҳама чизе, ки ба Худо писанд нест, медиҳад.

Диққат кунед, Павлус нагуфтааст, ки мо наҷоти худро бо муҳаббат ва файз ба амал меоварем. Тарси Худованд ба мо қувват медиҳад, ки аз файзи Ӯ ба шарорат сарнагун нашавем. Аз дигар тараф, муҳаббати Худо моро аз қонундонӣ нигоҳ медорад, ки он ҳам метавонад наздикиро бо Худо нобуд созад. Муҳаббати мо ба Худо ангеза ва ниятҳои моро парвариш медиҳад, онҳоро оташӣ ва дақиқ карда. Барои доштани муносибати солим, мо бояд қувваи бузурги муҳаббат ва тарсро дошта бошем. Бо ин сабаб Павлус Худоро "Падари Осмонӣ ва *Абба*" (яъне ки "Падар") меномад, аммо ҳамчунон мегӯяд, ки Худои мо – "оташи фурӯбаранда" (ниг. Ибриён 12:29). Ӯ муҳаббат аст, вале Ӯ ҳамчунон Довари Боадолат ва Муқаддас. Аз Ӯ натарсидан – ин яъне имконияти истода тавонистанро надоштан. Исо чандин карат гуфтааст: "...ҳар кӣ то охир сабр кунад, наҷот хоҳад ёфт" (Матто 10:22).

## Таъсири мо

Дигар сабаби муҳимтарин, ки чаро мо бояд фаҳмиши устуворро оиди доварии абадӣ ва ҷазо дошта бошем, ин аз барои таъсири мо ба дигар одамон мебошад. Агар ки мо тарси Худовандро ба андозаи кофӣ надошта бошем, он гоҳ Инҷили нодурустро бо гапҳо ва корҳои худ медиҳем, ки он дар навбати худ, сабаби аз имон баргаштан ва ҳатто афтодан барои онҳое мешавад, ки мо ба онҳо таъсир мерасонем.

Бе таҳкурсӣ башоратдиҳандагон, муаллимон, усқуфон аз Навиштаҷот танҳо принсипҳоеро мерасонанд, ки чӣ тавр ҳаёти худро пур аз баракат, муваффақият ва хушбахтӣ гардонем. Ин принсипҳо мисле ки онҳо фикр карда баромада шуда буданд, кор мекунанд, ва бо худ саломатӣ, комёбии молиявӣ, осоиштагӣ, беҳтар шудани муносибатҳо ва ғайраҳо меоранд. Аммо бе таҳкурсӣ оиди доварии ҷовидонӣ мо аз мавъизаи салиб ва нархе, ки барои пайрави кардани Исо бояд супорид, шарм медорем. Мо номаро мавъиза мекунем, то ки дӯстонро ба даст оварем, ба истисноি як нуқтаи муҳим, ки ҳаёти худро бояд қурбон кард.

Агар мо бо абадият ҳаракат накунем, мо аз барои ин ҳаёт зиндагӣ мекунем, ба ҷои он ки ба ҳаёт аз нуқтаи назари абадият нигоҳ кунем. Мо одамонро таълим медиҳем, ки бо як рӯз зиндагӣ кунанд, ба ивази он ки чунин зиндагӣ кунанд, ки оқсақолон зиндагӣ мекарданд, ки онҳо “мунтазири шаҳре буданд, ки таҳкурсии мустаҳкаме дорад, ва меъмору бинокори он Худост” (Ибриён 11:10).

Ҳа, дар ин ҳаёт барои итоат ба принсипҳои Худо мукофот ҳаст. Мо онҳоро хуб таълим гирифтаем, лекин биёед фаромӯш намекунем, ки мо мусофирон дар ин замин ҳастем. Мо бояд дар зиндагии худ муваффақият дошта бошем, лекин муваффақият мутобиқи меъёрҳои Осмонӣ, на мутобиқи меъёрҳои дар маданияти мо мавҷудбуда. Хонаи аслии

мо дар ин ҷо нест. Бодиққат бихонед, ки ангезаи ҳаракаткунанда барои муқаддасоне, ки ин оламро гузоштанд, то ки Худоро пайравӣ намоянд, чӣ буд:

> “Ҳамаи инҳо дар имон мурданд ва ба муроди иҷрои ваъдаҳо нарасидаанд, балки фақат аз дур онҳоро дида, шод шуданд ва эътироф карданд, ки бар замин *мусофир ва ғарибанд*; зеро онҳое ки чунин мегӯянд, нишон медиҳанд, ки дар ҷустуҷӯи ватане ҳастанд. Ва агар ватанеро, ки аз он берун омада буданд, ба ёд меоваранд, фурсат доштанд, ки баргарданд. Аммо иштиёқманди ватани беҳтаре буданд, ки он дар осмон аст; бинобар ин Худо ор намедонад, ки Худои онҳо хонда шавад: зеро ки Ӯ барои онҳо шаҳре муҳайё кардааст” (Ибриён 11:13-16).

Хона барои ин муқаддасон, ки шаҳри Худоро меҷустанд, ин Ерусалими Нав буд, ки дар борааш мо дар қисми боқимондаи ин китоб мегӯем. Истиқоматкунандагони ин шаҳр *ғолибон* номида шудаанд. Мукофоти онҳо бемислу монанд дилписандтар мешавад, нисбат ба мукофоти беҳтарин дар ин ҷо, дар замин.

# Саволҳо Барои Муҳокима

## ҚИСМИ 3: БОБҲОИ 6,7

1. Кадом афзалиятҳо аз пайравӣ кардани Масеҳ, ба назари шумо, метавонанд шуморо ба васваса андозанд, нисбат ба муносибати наздик бо Худи Исо? Чӣ метавонад ба шумо кӯмак расонад, ки дили худро нигаҳ доред?

2. Ин бисёр ғамангез аст, ки имондор метавонад қарор кунад, ки аз имони худ даст мекашад. Оё ин дар шумо зиддиятро ба вуҷуд намеорад? Ҷавоби худро аз нуқтаи назари ростӣ муҳокима карда бароед, ки ҳамчун имондорон мо на ҳамту дар тарс, балки дар тарси Худованд мегардем.

3. Дар бораи масал оиди хизматгори бадкор, ки дар Инҷили Матто (18:23-25) омадааст, фикр кунед. Барои чӣ, дар назари шумо, Худо ба масъалаи бахшидан ин қадар ҷиддӣ муносибат мекунад?

4. Бо суханони худ бигӯед, ки чӣ тавр нигоҳи нодуруст ба марҳамати Худо (бе таъсири тарси муқаддас) метавонад имондорро ба роҳи фиреб андозад?

5. Тасаввуроти мо оиди абадият на танҳо ба худи мо дахл мекунад. Мо ба дигарон низ таъсир мерасонем. Чӣ тавр, ба фикри шумо, дар бораи афзалиятҳои заминии пайравӣ кардани Масеҳ нақл кардан мумкин аст (масалан, саломатӣ, комёбӣ, фаровонӣ), ва дар ҳамаи ин задаро аз чизҳои асосӣ нагирифта?

# ҚИСМИ 4

БОБИ 8

# Подшоҳии Аффабел: Рӯзи Дуюми Доварӣ

*...Ман Имтиҳонкунандаи дилҳо ва ботинҳо (фикрҳо, ҳиссиётҳо ва ниятҳо) ҳастам, ва ба ҳар яке аз шумо мувофиқи аъмолаш подош хоҳам дод.*
— Ваҳӣ 2:23 (Тарҷумаи васеъ)

Биёед ба достони подшоҳии Аффабел баргардем, то бифаҳмем, ки бо Худпараст ва Хайрия чӣ рӯй дод. Мо ҷанбаҳои муҳими довариро бар имондорон меомӯзем, ки дар он на ҳама мукофоти якхела мегирад.

## Доварӣ бар имондорон

Доварӣ саҳарӣ барпо шуд, дере нагузашта баъд аз он ки энделитҳо ба Толори бузург омаданд. Тақрибан панҷсад нафар ба толори Ҳаёт ҷамъ омаданд, вохӯрии аввалини худро бо шоҳ Ҷалин бетоқатона интизор шуда. Ҳам Хайрия, ва ҳам Худпараст дар байни мунтазирбудагон дӯстони нав ва деринаи худро ёфтанд ва зиндадилона сӯҳбат мекарданд, дар он лаҳзае, ки ногаҳон дар толор нигаҳбонони шоҳӣ омаданд. Сӯҳбатҳо ҳамон лаҳза қатъ шуданд, вақте ки сардори нигаҳбонон ба гурӯҳ муроҷиат кард:

– Ба зудӣ шумо шоҳи худро мебинед. Ӯ шуморо ҳамеша дӯст медошт ва ин рӯзи якҷояшавиро мунтазир буд. Ба он нигоҳ накарда ки шумо ҳеҷ гоҳ вонахӯрдаед, ӯ шуморо дидааст. Ӯ ба дилҳои шумо нигоҳ мекард ва самараҳои шумо-

ро меозмуд. Ӯ дилҳои шуморо медонад, ангезаҳои шуморо, фикрҳо, ҳиссиёт ва корҳо, ҳеҷ чиз пинҳон набуд. Бидонед, ки доварии ӯ боадолат аст. Ҳеҷ касе аз шумо инкор карда намешавад ё аз эътибор дур намемонад.

Сардори нигаҳбонон ҳамчунин дар бораи он дастур дод, ки онҳоро чӣ тавр ба Толори бузург ҳамроҳӣ мекунанд ва дар дохил чӣ мешавад. Фаҳмондадиҳии дастурамалҳоро тамом карда, ӯ эълон кард:

– Аввалин кас ба назди шоҳ Ҷалин Худпараст даъват карда мешавад. Ба пеш баро, то ки туро ба назди Ӯ ҳамроҳӣ кунем.

## Худпараст ва доварӣ бар ӯ

Худпараст гумон мебурд, ки аз сабаби ҳокими Эндел буданаш аввал ӯро даъват мекунанд. Ӯ итминон дошт, ки аз барои мавқеи роҳбарикунанда доштанаш дар ҳокимияти берунии шоҳ ӯ саховатмандона мукофотонида мешавад. Ӯ ба ёд овард, ки дар Навиштаҷоти Муқаддаси қадима оиди мукофот ва мавқеи баланд дар малакути Аффабел барои онҳое, ки дар Эндел бовафо буданд, чӣ навишта шуда буд. Дар мӯҳлати дусолаи дар вазифаи ҳокими Эндел буданаш ӯ комёбии ҷамъиятро дида буд. Бо боварии том ӯ ба вохӯрии шоҳ рафт.

Дарвозаҳои Толори бузург кушода шуданд, ва Худпарастро ба ҳузури шоҳ бурданд. Аз шаҳомати бинои бузург моту мабҳут шуда, ӯ дид, ки толор қариб ки ба пуррагӣ пур буд. Ҳамаи ҳозирин рост истода буданд. Худпараст дар бораи он фикр кард, ки чаро ҷойҳои холӣ монданд, аммо ба худ зуд ҷавоб пайдо кард, ки сабаби ин ба таври ихтиёрӣ шинонидани шаҳрвандони подшоҳӣ буд.

Дар он ҷо, дар масофаи дур аз ӯ, тахти Ҷалин барафрохта шуда буд, ки он якчанд карат тавонотар буд, аз он ки Худпараст боре ҳам ба худ тасаввур карда метавонист. Ва боз ӯ якчанд тахтҳои хурдтарро дида монд, ки онҳо, чи тавре ки ӯ дуруст тахмин кард, барои ёрдамчиёни Ҷалин таъин шуда

буданд. Дили ӯ аз тапиш монд – якчанд тахтҳо ҳанӯз холӣ буданд. Ӯ боварии томро ҳис кард, ки яке аз онҳо ба ӯ таъин шудааст.

## Дӯсти дерина

То даме ки Худпараст ба тахт ҳаракат мекард, диққати ӯро дигаргуншавии сахти сокинони собиқи Аффабел ба худ ҷалб кард, ки ҳоло шаҳрвандони Аффабел буданд. Якчанд қадам ба сӯи тахт монда, ӯ дӯсти деринаи худро, ки дар охири толор нишаста буд, шинохт. Номи ӯ *Ҷомеапазир* буд. Як вақте ӯ соҳиби тарабхона буд, ки ба он Худпараст баъзан вақт мерафт. Ба сардори нигаҳбонон нигариста, ӯ гӯё ки пурсид, оё ба ӯ гап задан мумкин аст, ва ба намуди сарҷунбонӣ ӯ розигӣ гирифт.

Худпараст ба назди дӯсти худ омад, ва онҳо якдигарро дар оғӯш гирифтанд.

– Корҳоят чӣ хел аст, Ҷомеапазир?– пурсид Худпараст.

– Ҳамааш хуб аст,– ҷавоб дод дӯсти дерина, аммо ҳоло номи ман чунин нест. Номи ман Қаноатманд аст. Ҷаноби Ҷалин ба ман номи нав додааст, чи тавре ки ӯ ба ҳамаи хизматгорони худ номи нав медиҳад, вақте ки онҳо ба назди тахти ӯ меоянд. Аффабел зеботар аст, аз он ки мо орзу карда метавонистем,– гуфт Ҷомеапазир.– Ин Толори бузург танҳо даромадгоҳ ба подшоҳии зебой, дурахшандагӣ ва шукӯҳу ҷалоли шаҳри бузург аст. Шоҳ – аз ҳама меҳрубон, дилсоф ва бошукӯҳ, нисбат ба ҳар касе, ки мо ӯро як вақт медонистем. Агар ки дар Эндел буда, ман ҳама он чизеро, ки ҳоло медонам, медонистам, ман дигар хел зиндагӣ мекардам. Ман зиёдтар он чизеро мекардам, ки ба шоҳ писанд аст. Ман зиёдтар зиндагии сазоворро ба сар мебурдам, дар ин вақти кӯтоҳи дар Эндел буданам. Агар ки ман инро карда метавонистам, ман ҳоло ба ӯ боз ҳам наздиктар мешудам.

– Ту чиро дар назар дорӣ?– мароқ зоҳир кард Худпараст.– Ту шаҳрванди олиҷаноби Эндел будӣ! Ту яке аз тарабхо-

наҳои беҳтаринро доштӣ, ва ту бисёр лоиҳаҳои ҷамъиятро сармоягузорӣ мекардӣ. Ту борҳо ҳадяҳои калонро дар вақти пулҷамъкунӣ медодӣ. Ту ба ин бисёр саҳми худро гузоштӣ!

Қаноатманд сари худро ҷунбонид:

– Ман инро карда будам, то ки сазовари обрӯю эътибор шавам. Ман медонистам, ки ин муштариёнро ҷалб менамояд. Нияти ман баракат додани одамон набуд, балки комёбии худро устувор гардонидан буд. Ман бояд суханони Ҷалинро гӯш мекардам. Ӯ ба мо мегуфт: “Вақте ки хӯроки пешинӣ ё хӯроки бегоҳӣ ташкил мекунӣ, дӯстон ё бародарон ё хешон ё ҳамсоягони сарватдори худро даъват накун: мабодо онҳо низ туро даъват намоянд, ва мукофоти ту дода шавад. Балки, чун зиёфат медиҳӣ, мискинон, маъюбон, шалон ва кӯронро даъват намо. Ва ту хушбахт хоҳӣ буд, ки онҳо имконият надоранд мукофоте ба ту бидиҳанд; зеро ки дар рӯзи эҳёи одилон мукофоте ба ту ато хоҳад шуд”. Ман чунин хӯрокҳои пешинро аз барои фоидаи худ додам, на ин ки барои беҳбудии ҷамъият. Ман мехостам дар байни одамони қудратманди Эндел бошам.

Худпараст кӯшиш кард, ки чуқуртар маълумот бигирад:

– Аммо ту борҳо ба мактаби Эндел ҳадя карда будӣ. Оё ин ба ту марҳамати Ҷалинро пайдо накард?

– Ман дар ҳақиқат ба мактаби Эндел ҳадя мекардам, аммо на аз рӯи даромади тиҷорати худ. Дар асл ман қисми ночизашро медодам. Қисми зиёди даромади тарабхонаро ман пасандоз мекардам, аз тарси муфлисшавӣ. Ба ин боз хоҳиши доштани “зиндагии зебо” омехта мешуд. Нияти ҳақиқии ман ин хоҳиши худро муҳофизат кардан буд. Чизи ночизе, ки ман медодам, барои таскини виҷдонам хизмат мекард. Ман маҷбур будам, ки инро бикунам, барои он ки муаллимон бисёр вақт дар бораи муҳим будани ҳадя барои малакут ва мӯҳтоҷон мегуфтанд. Ниҳоятан, ҳама он чизе ки ман медодам, на аз рӯи муҳаббат ва шафқат буд, балки аз ҳисси гуноҳкорӣ ва маҷбурӣ. –Ҷомеапазир давом дод:– Ман

мисоли Ҷалинро дар бораи бевазане фаромӯш кардам, ки подшоҳии Аффабелро дӯст медошт. Дар ёд дорӣ, ӯ гуфта буд: “Ба ростӣ ба шумо мегӯям, ки ин бевазани камбағал аз ҳамаи ононе ки ба ганҷина андохтанд, бештар дод, зеро ҳама аз зиёдатии худ доданд, лекин вай аз камбағалии худ ҳар чӣ дошт, андохт, яъне тамоми нафақаи худро дод”.

Худпараст меҳмониҳо ва хӯрокҳои пешинро, ки ӯ дар хонаи худ ташкил мекард, ба ёд овард: дар он ҷо ҳеҷ гоҳ камбағалон ё касони аз вай кам комёбтар набуданд. Баъд вай дар бораи панҷ ҳазор доллар ба хотир овард, ки ӯ ба сифати зарари моддӣ ба онҳое ҳадя карда буд, ки бо қарор оиди додани қитъаи замин барои сохтумони супермаркет розӣ набуданд. Он вақт ба назари вай чунин намуд, ки ӯ бисёр маблағи калонро дод, аммо акнун ӯ хиҷил буд, ки чӣ қадар ӯ кам додааст. Чӣ тавр аз барои ин назди Ҷалин сафед шудан мумкин?

Хотироти ӯ бо суханони Ҷомеапазир вайрон карда шуданд.

– Агар ки ман дар асл ба Ҷалин ва халқи ӯ бовафо мебудам, ман вақти зиёди худро дар мактаб мегузаронидам. Агар ҳар кас қисми кори худро мекард, бор сабуктар мешуд, ҳол он ки тамоми борро якчанд нафар бурданд. Агар ки нақшаҳои Ҷалин иҷро мешуданд, ба ҳеҷ кас изофаборӣ намешуд. Он касоне ки ба худ бори зиёдро гирифта буданд, бисёр баланд мукофотонида шуданд. Хулоса чунин аст: он чизи хурде, ки ман додам, ман аз барои тасаллии виҷдонам аз барои ба қадри кофӣ ба подшоҳии Ҷалин тақдис набуданам кардам.

Ҳангоме ки ҳаёти ман ба пушт тоб хӯрд, ба ҳама маълум буд, ки ман барои фароғати шахсӣ, амният ва обрӯ зиёдтар зиндагӣ мекардам, нисбат ба он ки барои ҷалоли ӯ зиндагӣ кунам. Акнун ман яке аз шаҳрвандони ночизи ин шаҳр ҳастам. Ба чунин мавқеи худ нигоҳ накарда ман пур аз сипосгузорӣ аз барои марҳамат ва муҳаббати шоҳ ба ман ҳастам. Дар асл ман он чизҳоеро, ки ба ман дода шудааст, ман ҳеҷ кадомашро лоиқ набудам. Ту худат ба наздикӣ боварӣ ҳосил мекунӣ, ки муҳаббат ва саховати Ҷалин аз тамоми

идрок боло меистад. Ман то охири ҳаёти худ аз ӯ қарздор мебошам аз барои некии беандозааш.

– Аз шаҳрвандони хурдтарин!– хитоб кард Худпараст дар ҳайрат.– Ту дар назар дорӣ, ки ин ҷо ҷудокунӣ ба табақаҳо вуҷуд дорад?

Табассум карда, Ҷомеапазир гуфт:

– Ҳа, ҳамин чиз ҳаст. Моро дар бораи ин дар Эндел таълим дода буданд, вале мо инро ҷиддӣ қабул накардем. Аммо дар қаъри дили худ мо медонистем, ки ин чунин аст: ту дар бораи ин ҳатто назди даромадгоҳи ин толор фикр кардӣ. Ман фикри туро шунидам; ту мунтазир будӣ, ки ин тахтро ишғол мекунӣ. Ту инро аз Навиштаҷоти қадима, ки мо онҳоро дар мактаб хонда будем, медонистӣ. Аммо шубҳа дорам, ки ту иқрор мешавӣ, ки дар Эндел зиста, ту ба ин бовар мекардӣ.

Онҳое, ки ба Ҷалин бовафо буданд, дар вақти кӯтоҳи будани мо дар Эндел, роҳбарон ва шаҳрвандоне мебошанд, ки мавқеи нисбатан аҷоиброро дар ин ҷамъият ишғол кардаанд. Онҳо дар қисми аз ҳама зеботари шаҳр зиндагӣ мекунанд ва афзалият доранд, ки бо шоҳ зуд-зуд вохӯранд. Онҳое, ки мисли мо дар Эндел танҳо барои худ зиндагӣ карданд, мавқеъ дар қисмҳои берунии шаҳр дода шудааст. Ин аз тақсимоти ҷой дар толор низ дида мешавад. Дар қаторҳои охирини ин толор нишастагон – сокинони дашт. Ба онҳо аз ҳама кори бисёр таъин карда шудааст. Мо мавқеи камтаринро дар подшоҳӣ ишғол мекунем. Дар қатори миёна нишастагон дар кӯҳҳо зиндагӣ мекунанд ва бештар вазифаҳои эҷодкориро ишғол кардаанд, дар он вақте ки дар қаторҳои аввал ва дар тахт нишастагон дар маркази подшоҳӣ зиндагӣ мекунанд. Дар он ҷо худи шоҳ зиндагӣ мекунад, ва ба онҳо афзалият дода шудааст, ки дар назди ӯ меҳнат кунанд. Ин одамони бузург дар подшоҳӣ ҳастанд. Дӯсти ман Худпараст, ба он итминон дошта бош, ки Ҷалин – ҳокими боадолат ва меҳрубон. Ҳар он чизе, ки ӯ ба ту медиҳад, мукофоти аслӣ мешавад. Ҳеҷ касе аз мо наметавонист, ки ҳатто ба қисми аз ҳама, чи тавре

ки ба назар мерасад, ночизи подшоҳӣ афтад, агар ки марҳамати ӯ намебуд,– суханони худро ба охир расонд Қаноатманд.

Инро гуфта, ӯ ба ҷои худ баргашт. Сардори нигаҳбонон ба Худпараст бо сар ишора кард, то ки ӯ роҳи худро ба сӯи тахт давом диҳад.

## Муаллими машҳур

Худпараст боз якчанд қадам ба пеш гузошт, ва ногаҳон боз як чеҳраи шиносро дида монд. Ин *Илҳомбахш* буд, шахсе ки ӯ ҳурмат мекард. Вай дар мактаб муаллим буд, ва Худпараст ӯро шахси барҷаста меҳисобид. Ӯ ҳамеша фикрҳои худро равшан ифода мекард, донишҳои худро бо Худпараст бо ҳам медид ва ӯро бо суханони худ рӯҳбаланд мекард. Ин омӯзгори аҷоиб бо чунин тарз таълим медод, ки шогирдон рӯҳбаландӣ ва болоравиро эҳсос мекарданд. Дигар муаллимон низ шогирдонро боло мебардоштанд, аммо баъзе вақтҳо бисёр сахтгир мешуданд, ва суханони онҳо маҷбур месохтанд, ки фошкунии сахтро ҳис кунанд. Дар дарсҳои Илҳомбахш ҳаргиз чунин рӯй намедод. Ӯ аз ҳама муаллими дӯстдоштаи Худпараст буд.

Худпараст боз ба сардори нигаҳбонон нигоҳ кард, иҷозат пурсида истода барои сӯҳбат кардан бо собиқ муаллимаш. Нигаҳбон боз ба ӯ сар ҷунбонид бо ишораи розигӣ додан. Худпараст ба назди Илҳомбахш омад ва онҳо гармуҷӯшон бо якдигар аҳволпурсӣ карданд.

Худпараст худро дошта натавонист, то ки савол надиҳад:

– Барои чӣ ту дар ин ҷо, дар қатори охирин нишастаӣ?

– Ин мавқеъ ва ҷои ман. Ман яке аз хурдтарин шаҳрвандони Аффабел ҳастам. Ман дар дашт зиндагӣ мекунам ва ман устои қубурҳои обгузар шуда кор мекунам.

– Чӣ?– хитоб кард Худпараст.– Ту яке аз муаллимони беҳтарин дар мактаб будӣ! Чаро ту шаҳрванди хурдтарин шудӣ? Ту бояд дар байни онҳое биншинӣ, ки дар тахт ҳастанд.

– Якчанд сабабҳо ҳастанд, ки ман наметавонам мавқеи аввалро дар ин ҷамъомади бузург ва дар байни роҳбарони Ҷалин ишғол намоям! То ки вақтро ба қиссаи дуруддароз сарф накунам, кӯтоҳ мазмуни ахмақии худро нақл мекунам. Дар ёд дорӣ, ҳамаи онҳое ки ҳаёти худро ба Ҷалин бахшида буданд, бо сохтумончиён муқоиса карда мешуданд? Моро бо ин тамоми солҳо дар мактаб таълим медоданд. Яке аз вазифаҳои асосии муаллимон дар Эндел дар он буд, ки ҳаёти шогирдонро бисозанд. Мо инро бо воситаи сухан, тарзи ҳаёти шахсӣ ва корҳо мекардем. Ба ман низ ҳамчун муаллим чунин афзалияти бузург ва масъулият дода шуда буд. Ман ба шогирдон принсипҳо ва роҳҳои Ҷалинро таълим медодам. Аммо дар бисёр чизҳо ман на он қадар муаллими хуб будам.

Таълимоти ман якпаҳлӯёна буд. Ман задаро танҳо ба ҷанбаҳои мусбии хидматгузории Ҷалин мегузоштам. Бисёр донишҷӯёнро ман рӯҳбаланд мекардам, ки танҳо ба комёбӣ кӯшиш кунанд, дар бораи оқибатҳои дарозмуддаташ фикр накарда. Ман ба онҳо таълим надодам, ки мақсади аслӣ дар ҳаёт дар он аст, ки ба Ҷалин писанд биёем. Ман онҳоро танҳо омӯзонидам, ки чӣ тавр принсипҳои подшоҳиро барои бадастоварии комёбӣ дар ҳаёт истифода барем. Аз ин рӯ, ман ҳаргиз онҳоро оиди домҳо ва тӯрҳои ин ҷамъият огоҳ накардам.

Навиштаҳои қадима равшан дар бораи он мегӯянд, ки ман мебоист тамоми қонуни Ҷалинро таълим медодам. Ин яъне “ба ҳар кас бифаҳмонем ва ба ҳар кас ҳар ҳикматро ёд медиҳем, то ки ҳар касро дар *Ҷалин* комил гардонда ҳозир шавем”. Ман таълим додам, аммо заҳмат накашидам, ки бифаҳмонам ва огоҳ кунам. Дар гузашта муаллими бисёр мусбӣ буда истода, огоҳиҳои солимро накарда, ман ҳаёти бисёриҳоро сохтам, вале ба Ҷалин ҷалоли кам овардам.– Ӯ сари худро хам кард.– Бисёрии инҳо ҳоло маҳкум шудаанд.

Дар рӯи Худпараст изтиробро пай бурда, муаллим боз ҳам такрор кард:

– Ҳа, онҳо ба ҳалокат рафтанд. Бисёрии аз онҳо ҳоло дар замини радшудаи Лон мебошанд, ба шарофати таълимоти якпаҳлӯёнаи ман. Ман ба донишҷӯён он чизеро, ки зарур буд, надодам,– ман ба онҳо танҳо он чизро додам, ки онҳо мехостанд бигиранд. Ман намехостам шӯҳратамро аз даст диҳам. Ана барои чӣ ман нодуруст таълим медодам. Ман тарафҳои заиф ва вайроншударо дар ҳаёти донишҷӯён решакан накардам, ба онҳо он донишро додам, ки фақат хоҳишҳои худпарастонаи онҳоро парвариш дод.

Дар ёд дорӣ огоҳиҳое, ки муаллимон дар навиштаҳои қадима гуфта буданд: “Азбаски онҳо қавми Маро ба иштибоҳ андохта, мегуфтанд: “Сулҳу осоиштагӣ”, ва ҳол он ки сулҳу осоиштагӣ набуд, ва ҳангоме ки ин қавм таворае месохтанд, онҳо онро бо лои нобоб андова мекарданд. Пас ба онҳое ки бо лои нобоб андова мекунанд, бигӯй, ки он тавора хоҳад афтод; борони сел хоҳад борид, ва шумо, эй сангҳои жола, фурӯ хоҳед рехт, ва боди сахт онро хоҳад шикофт”. Бисёр донишҷӯён ҳаёти худро бо чизҳои муваққатӣ сохтанд ва муҳофизат карданд, лекин ман дар қаъри дили худ даниста истода, ки ин деворҳои ноустувор ҳастанд, онҳоро огоҳ накардам. Ман мегуфтам, ки ҳама чиз хуб аст, ҳол он ки хуб набуд. Ман бо роҳҳои онҳо интихобкарда розӣ мешудам, онҳоро ба гумроҳӣ қавитар гардонида.

Ман аз хотири он шогирдоне ғам мехӯрам, ки ҳоло дар Лон ҳастанд. Танҳо баъзе аз онҳо ба Аффабел афтоданд.– Аз паси китфҳояш нигоҳ карда ва овозашро бисёр паст карда, ӯ давом дод: -Лекин қисми зиёди онҳо дар қаторҳои охирин нишастаанд. Онҳо ҳаёти худро барабас сарф карданд, ва ҳамаи дастовардҳои онҳо дар ин ҷо пеши ин тахти Доварӣ сӯхтанд.

– Пеши ин тахт сӯхтанд?– аз нав пурсид Худпараст.

– Ҳа,– ҷавоб дод муаллим.– Магар ту суханоне, ки дар Навиштаҳои қадима навишта шудаанд, дар ёд надорӣ: “Ва агар касе бар ин таҳкурсӣ иморате аз тилло, нуқра, ҷавоҳирот, ё чӯб, хасбеда, пахол бино кунад,– амали ҳар кас зоҳир

хоҳад шуд; зеро ки он рӯз нишон хоҳад дод, чунки дар оташ ошкор хоҳад шуд, ва оташ амали ҳар касро озмоиш хоҳад кард, ки он чӣ гуна аст. Агар амали касе ки бар он сохтааст, пойдор бимонад, вай музд хоҳад гирифт. Ва агар амали касе бисӯзад, вай зиён хоҳад дид; валекин худаш наҷот хоҳад ёфт, аммо ба тавре ки гӯё аз даруни оташ гузашта бошад".

Таҳкурсие, ки дар борааш ҳаввории қадима гуфтааст, ин итоат ба ҳукмронии Ҷалин аст, чунон ки мо ҳар ду медонем, тариқаи ягонае мебошад, ки ба одам иҷозат медиҳад, ки ба подшоҳии ӯ дарояд. Аммо вақте ки мо дар асл ба ӯ тааллуқ дорем, бояд ки дар ин таҳкурсӣ бисозем.

Ҳаёти худро бо стандартҳои Навиштаҳои қадима чен карда истода, ман аз ӯҳдаи иҷрои стандартҳои одилонаи Ҷалин набаромадам, ба онҳое, ки таълим медодам, таъсири хуб расонида натавонистам. Ман обрӯи худро барои шогирдонро ба подшоҳии Аффабел омода сохтан истифода набурдам ва, дар натиҷа, мукофоти худро аз даст додам. Ба ёд овар суханони муаллими бузург Павлусро дар бораи онҳое, ки ӯ даъват шуда буд то ба онҳо таъсир расонад: "Зеро кист умеди мо, ё шодмонии мо, ё тоҷи фахри мо дар ҳузури Худованди мо Исои Масеҳ дар вақти омадани Ӯ-оё шумо нестед? Оре, шумо ҷалол ва шодмонии мо ҳастед".

Вақте ки ман таълим доданро нав шурӯъ кардам, он гоҳ ҳақиқати Ҷалинро хуб медонистам, аммо ба нобоварии худ, ба хоҳиши аз тарафи дигарон пазируфта шудан ва, ниҳоятан, ба ғурури худ иҷозат додам, ки маро идора намояд. Каме вақт гузашт ва ман аз самти дуруст дур шудам. Дар аввал ман чи тавре ки мавъиза мекардам, ҳамон тавр зиндагӣ мекардам. Лекин чи қадаре ки аз самти дуруст дур мешудам, ман аз назари худ огоҳиҳои Ҷалинро нисбати ҳаёти шахсиам аз даст медодам. Ман фиреб хӯрдам. Дар ин ҷо, дар подшоҳӣ, назару нигоҳ ба шӯҳрат ва машҳур будан тамоман дигар аст, нисбат ба Эндел. Бисёр чизе, ки дар он ҷо бузург ҳисобида мешавад, дар ин ҷо ночиз ҳисоб мешавад.

Худпараст бо тамоми ҷиддият пурсид:

– Илҳомбахш, дӯсти ман ба ман гуфт, ки Ҷалин ба ҳар кас номи нав медиҳад. Акнун номи ту чӣ аст?

Муаллим табассум кард:

– Номи ман *Фурӯтан* аст.

Баъд ӯ, сари худро хам карда, ба ҷои худ қадам гузошт. Худпараст ба сардори нигаҳбонон рӯ оварда, дид ки ӯ сари худро меҷунбонад, ба он маъно ки ҳама чизи шунидааш рост буд.

Худпараст ба тарафи тахт равона шуд. Акнун ӯ тамоман он боварии қатъиро, ки дар аввал дошт эҳсос намекард. Ӯ ҳаёти худро ба хотир овард. Кадом ниятҳову мақсадҳоро ӯ дошт? Оё ӯ шаҳрро барои ҷалоли Ҷалин роҳбарӣ мекард, ё аз хоҳишҳои худпарастонаи худ бармеомад? Чӣ тавр ӯ ҳаёти худро аз сар гузаронд? Оё он ба суханони Ҷалин мутобиқ буд, ё ӯ ҳам фиреб хӯрда буд? Оё ӯ дигаронро барои ободӣ насиҳат кард ё онҳоро барои сохтмони комёбии шахсӣ истифода бурд?

## Ҳоким

Худпараст аз қисми мобайнии Толори бузург гузашт ва пай бурд, ки дар ин ҷо нишастагон нисбатан шоҳона ба назар мерасанд, агар ки чунин гуфтан мумкин бошад. Дар нигоҳи ҳар яке аз онҳо муҳаббат ва дилхушӣ буд. Аз дурахши чашмон ва чеҳраи кушоду неки онҳо ӯ як каме тасаллиро эҳсос кард. Ин бисёр кӯмак кард, чунки ӯ тамоман ба худ боварӣ надошт ва ба он, ки ӯ мебоист вохӯрад.

Чунин ба назар мерасид, ки бисёр вақти дурудароз гузашт, то даме ки ӯ ба тахт наздик мешуд. Бо ҳар як қадами нав ба ӯ боз ҳам равшантар ҷанбаҳои ҳаёташ дар Эндел дида мешуданд. Ӯ ҳанӯз ҳам умед дошт, ки ба вай мавқеи роҳбарикунандаро пешниҳод менамоянд, ба шарофати он комёбие, ки ӯ дар вақти ҳоким буданаш ба даст оварда буд.

Акнун Худпараст дар байни роҳбарон истода буд, ки дар тан либосҳои шоҳона доштанд, дар сари онҳо тоҷҳо буданд.

Ҳар яке аз онҳо асои султонӣ дошт. Онҳо дар асл шаҳрвандони бонуфузи ин шаҳри бузург буданд. Худпараст ҳайрон шуда буд, ки то чӣ андоза ин одамон бо ҷалол пур буданд.

Дар байни онҳо ӯ котиби яке аз аъзои шӯрои шаҳриро дид. *“Чаро ӯ дар тахт нишастааст?”*– ҳайрон шуд Худпараст. Ӯ ҳеҷ кори барҷаста накардааст. Ин духтар мактабро як сол пеш хатм карда буд. Ӯ на он қадар вайро хуб мешинохт, барои он ки ӯ ҳамеша як каме ботамкин буд.

Духтар як қадам ба пеш гузошт, ва сардори нигаҳбонон ба ӯ саҷда кард. Ӯ Худпарастро дар оғӯш гирифта, бо табассуми гарм ҳолпурсӣ намуд.

– Хуш омадӣ, Худпараст. Номи ман *Батоқат* аст. Ҷалин аз ман хоҳиш кард, ки бо ту гап занам, пеш аз он ки ту ба ӯ наздик мешавӣ. Ман яке аз ҳокимони ӯ дар Аффабел ҳастам.

– Ҳоким? Чӣ тавр ту ҳоким шуда метавонӣ? Ту ҳеҷ чизи муҳим дар Эндел накардай.– Дарк карда, ки суханони ӯ беодобона садо доданд ва бемаврид буданд, ӯ ҳиҷолат кашид.

Батоқат бо фаҳмиш сари худро ҷунбонд.

– Ҳиҷолат накаш. Дар деворҳои ин Толори бузурги шаҳрӣ ҷой барои дурӯғ нест. Ту ростқавл будӣ. Дар Эндел ту ин қадар аз барои ном ва нуфузат ташвиш мекашидӣ, ки одамон беихтиёр дурӯғ мегуфтанд, нафаҳмида истода. Дар ин ҷо суханон хеле муҳиманд, лекин мақсад ва ниятҳо боз ҳам муҳимтар, азбаски онҳо дида мешаванд. Ту инро худат мефаҳмӣ, барои он ки барои ҳар як суханат доварӣ мешавӣ.

– Барои ҳар як сухан?– хитоб кард Худпараст.– Ту дар назар дорӣ ҳар як сухани мушаххасро, дар ҳар сӯҳбати мушаххас?

– Ҳа,– ҷавоб дод Батоқат,– барои ҳар як сухан. Дар ёд дорӣ тасдиқоти хӯҷаин Ҷалинро дар навиштаҳои қадима: “Лекин ба шумо мегӯям, ки мардум барои ҳар сухани ботиле, ки мегӯянд, дар рӯзи доварӣ ҷавоб хоҳанд дод: зеро ки аз суханони худ сафед хоҳӣ шуд ва аз суханони худ маҳкум хоҳӣ шуд”. Суханони ботил бефоида, пуч ва ахмақонаанд, ки ба табиати Ҷалин хилоф мебошанд.

– Ман ҳама вақт фикр мекардам, ки мо аз барои дурӯғи калон ё суханони ростӣ, ки мо дар қатори корҳои нек ва дастовардҳои бузург гуфтем, ҳисобот медиҳем.– Як лаҳза хомӯш монда, ӯ давом дод: -Маро чӣ интизор аст?

Батоқат ҷавоб дод:

– Навиштаҷоти қадима равшан мегӯяд: “Аз самараи даҳони худ кас аз некӯӣ сер мешавад, ва аз подоши аъмоли дастҳои одам ба ӯ бармегардад”. Инак, ту доварӣ мешавӣ на фақат аз барои ҳама он коре, ки кардӣ, балки барои ҳар як сухан низ. Ба онҳо ҳам суханони нек ва ҳатто суханони ботиле, ки аз даҳони ту парриданд, дохил мешаванд. Аммо на танҳо суханон ва корҳои ту тадқиқ мешаванд, балки ниятҳову мақсадҳое, ки дар пушти онҳо истодаанд. Боз ту барои фикрҳои дар ақлат буда доварӣ мешавӣ. Фаромӯш накун, ки доварии Ҷалин боадолат аст, ки “ботину дилро меозмояд”; ӯ худаш гуфтааст: “Ман, *Ҷалин,* дилро тафтиш мекунам ва *ботинро меозмоям*, то ки ба ҳар кас бар тибқи роҳҳояш, бар ҳасби самари аъмолаш подош диҳам”. На танҳо ҳар як рафтор ва сухан озмуда мешаванд, балки ниятҳое, ки дар паси онҳо истодаанд.

Ана барои чӣ ту сахт ба ҳайрат афтодӣ, вақте ки маро дар тахт дидӣ. Ту ба ман мутобиқи комёбиҳои ман, ки дар Эндел аҳамият доштанд, баҳо додӣ. Доварии Ҷалин дигар хел аст; ту инро ҳозир диданро сар кардӣ ва ба наздикӣ ба пуррагӣ мебинӣ. Бародари азизи ман, ту барои зиндагиат дар Эндел мукофоти одилона мегирӣ.

Худпараст ҳеҷ гоҳ дар зиндагӣ чунин ҳақиқати сахтро нашунида буд, аммо он бо чунон муҳаббат гуфта шуд, ки он ба ӯ тамоман ношинос буд. Акнун ӯ медонист, ки Ҷалин бояд ҳокими меҳрубон ва бомарҳамат бошад. Ӯ худи ҳозир қисман инро аз роҳбари ӯ эҳсос кард. Ин ислоҳе буд, ки бо муҳаббат карда шуд. Ногаҳон ӯ фаҳмид, ки муҳаббат на дар он аст, то ба дигарон писанд оем, муҳаббат – ин ростӣ.

Батоқат давом дод: “Шоҳи ту туро мунтазир аст”.

Бо ин ӯ пас ба тахти худ рафт, ва сардори нигаҳбонон ба Худпараст бо сар ишора кард, то ки ӯ ба тахт наздик шавад. Онҳо ӯро дар поён интизор мешаванд, дар он ҷое, ки тахти роҳбарон ҷойгир шудааст.

## Худпараст дар назди Ҷалин

Худпараст бо зина ба майдончаи назди тахти бузург оҳиста боло шуд, чи тавре ки ӯро ёд дода буданд. Баъд ӯ ба боло нигоҳ кард ва худи шоҳро дид. Ҳеҷ кас дар тамоми ин толор ин қадар зебо, бошукӯҳ ва пурҷалол набуд, мисли Ҷалин. Нури ӯ мафтун мекард ва дар ҳайрат мегузошт. Ҳаргиз дар зиндагӣ Худпараст бо чунин одам мисли ӯ вонахӯрда буд. Ӯ дарҳол фаҳмид, ки наметавонад назди ҳикмат ва қувваи ӯ хилоф истад.

Бори аввал ба чашмони Ҷалин нигоҳ карда, Худпараст фаҳмид, ки шоҳ латифтар ва бадвоҳиматар буд, аз он ки ӯ ба худ тасаввур карда метавонист. Нигоҳи ӯ Худпарастро сар то сар рахна кард, ва ӯ, худро луч ҳис карда, фаҳмид, ки ҳеҷ чиз наметавонад аз чашмони шоҳ пинҳон монад. Худпараст тамоми бовариро ба қарори хайрхоҳонаи доварӣ аз даст дод, лекин ин ӯро дигар ба ташвиш намеовард. Ҳоло ӯ аз ҳама чиз бештар ростиро мехост.

– Хуш омадӣ ба подшоҳии ман, Худпараст,– гуфт Ҷалин.– Ман ин лаҳзаро интизор будам. Ту ҳокими халқи ман дар Эндел будӣ. Оё ту лоиқ астӣ, ки роҳбарӣ кунӣ ва дар яке аз тахтҳо дар Аффабел биншинӣ?

Ин шахси одатан ба худ боваридошта, ки ҳеҷ вақт худро аз даст намедод, акнун лол монда буд. Дар гузашта ӯ чунин меҳисобид, ки қодир аст аз ӯҳдаи вазифаи бузургтарин роҳбар будан барояд, лекин сӯҳбатҳои охиринро ба ёд оварда, ӯ фикр кард, ки ин фикр ҳам фиребанда шуданаш мумкин аст.

Ҷалин ба яке аз роҳбарон, ки дар тахти ба ӯ наздиктарин нишаста буд, муроҷиат кард:

– Ба чанд нафар шаҳрвандон Худпараст ба манфиати подшоҳӣ таъсир расонидааст?

Танҳо якчанд номҳо садо доданд. Аз чунин фошсозӣ Худпараст дар изтироб ва беҳарфӣ монд.

Шоҳ боз ба ҳамон роҳбар савол дод:

– Ба чанд нафар Батоқат таъсир расонид?

– Зиёдтар аз панҷ ҳазор нафар, хӯҷаини ман,– ҷавоб дод ӯ.

– Ин чӣ тавр имкон дорад? – ғур-ғур кард Худпараст.– Вай танҳо котиб буд, ман бошам ҳоким. Ин чӣ хел имкон дорад, ки рақамҳои мо ин қадар сахт фарқ доранд?

Ҷалин устуворона гуфт:

– Ман напурсидам, ки ба чанд нафар ту ҳамту таъсир расонидӣ, лекин ба чанд нафар ба манфиати подшоҳӣ таъсир расонидӣ!– Садои ӯ камтар нарм шуд, вале устувор монд. – Ҳатто собиқ муаллими ту Илҳомбахш, ки ҳоло бо номи Фурӯтан машҳур аст, ба ҳаёти бисёртар нафарон таъсир кардааст, нисбат ба ту. Аммо на ҳамаи онҳо ба мақсади худ ноил шуданд. Аз ин сабаб ҳам ӯ ҷойро дар байни роҳбарон дар ин шаҳр ишғол накард. Таъсире, ки дар борааш гап меравад, метавонад дар Доварӣ истода тавонад, агар ки он бо суханони ман ва подшоҳии ман мувофиқ бошад.– Хомӯш истода, Ҷалин давом дод:– Ман мехоҳам ба ту нишон диҳам, ки бо кадом тариқ Батоқат ба бештар аз панҷ ҳазор нафар таъсир расонида тавонист. Ӯ ба мактаб саховатмандона пул ҳадя мекард ва дигар кӯмакҳоро низ мекард. Ҳамаи онҳое, ки дар мактаб кӯмак гирифта буданд, ба ҳисоби ӯ дохил карда шуданд.

– Лекин ман ҳам ба мактаб ҳадя карда будам.

– Ҳадяҳои ту аз барои таскини виҷдонат, ба даст овардан ва барқарор кардани обрӯю нуфузи шахсӣ буданд. Аз барои онҳо ту мукофоти худро дар Эндел пурра гирифтӣ. Батоқат бошад аз рӯи муҳаббат ба подшоҳӣ ва одамон ҳадя дода буд.

Батоқат ба хидматгузорӣ шахсеро бо номи Сангдил оварда буд. Дар ин лаҳза ӯ дар толори Ҳаёт мебошад, мунтазири навбати худ аст, то ки назди ман ҳозир шавад. Ба ӯ номи нав Башоратдиҳанда дода мешавад, чунки ӯ пешрави бузурги роҳҳои ман шуд. Ӯ шахсан ба ҳаёти ҳазорҳо таъсир расонд. Ҳамаи онҳое, ки ӯ барояшон таъсир кард, ҳамчунин ба ҳисоби Батоқат ҳисоб карда шуданд, чунки ӯ Сангдилро ба ҷамъомад овард, ӯро дар мактаб насиҳат кард ва дастгирӣ намуд.

Худпараст Сангдилро баъд аз сӯҳбат бо ӯ ҳанӯз дар Эндел дар ёд дошт. Ӯ вайро аз ҳад зиёд дорои эҳсосоти шадид ва дар эътиқоди худ оташин меҳисобид. Сангдил борҳо мақолаҳо барои рӯзномаҳои шаҳрӣ менавист, ки дар онҳо ақидаи худро оиди ба таври кофӣ бахшида нашудани шаҳрвандон ба подшоҳӣ гуфта буд. Ӯ ба бисёр энделитҳо занг мезад, ва бо почтаи электронӣ ба аъзои шӯрои шаҳрӣ мактубҳо мефиристод, бо хоҳиши дастгирӣ кардани васеъшавии мактаб. Вай равшан нороҳатии худро зоҳир кард, вақте ки Худпараст раъйи худро ба фоидаи додани қитъаи замин барои сохтумони супермаркет дод, на ба мактаб. Барои ҳамин ҳам Худпараст Сангдилро хуш надошт. Акнун бошад ӯ ҳиссиёти хиҷолатро аз сар мегузаронид, дарк карда, ки ҳама он чизе, ки аз барояш Сангдил мубориза мебурд, мувофиқи қонунҳои Ҷалин буда ва ба манфиати Аффабел буд. Чӣ тавр ӯ тавонист то ин дараҷа кӯр бошад?

Ҷалин дар бораи он нақл карданро давом дод, ки бо кадом тариқ Батоқат ба одамони дар Эндел буда аз барои подшоҳӣ таъсир расонидааст. Ӯ бисёр рафторҳои ночизи духтарро номбар кард, ки онҳо умуман натиҷаи калон доданд. Батоқат бо ҳама некӯкорона, аз самими қалб муносибат мекард. Ӯ ба мӯҳтоҷон сахӣ буд. Ӯ аз барои ростӣ устуворона меистод.

Дар бораи Батоқат гуфтанро тамом карда, Ҷалин муфассал ҳаёти Худпарастро дида баромад. Чи тавре ки Батоқат огоҳ карда буд, ба ҳар як сухан, ба ҳар як ният ва рафтор баҳо дода шуда буд.

Худпараст корҳои хубро на он қадар кам дид, ки ӯ ба исми шоҳ карда буд, ва ба ҳар ҳол ғамгин шуд аз барои он ки чӣ қадар рафторҳоро дар зиндагӣ ӯ аз рӯи ниятҳои худпарастона, хоҳишҳои амнияти шахсӣ ва аз тарси обрӯю нуфуз карда буд. Дар он лаҳзае, ки тасвири ҳаёти ӯ ба охир расид, ӯ эҳсос кард, ки маҳкум ба фано шудааст.

– Ман то охири ҳаётам ҷазоро сазовор шудам,– хитоб кард ӯ.– Ман лоиқи Лон шудам. Дар ихтиёри худ масъулияти ба ман додашударо дошта, ман ин қадар бисёр сарф кардам, вале бисёр кам баргардонидам!

Ӯро дарди сӯзишнок фаро гирифт, ва дар рӯяш ашкҳо қатор шуданд. Ба ин Толори бузурги бо боварии том дохил шуда, акнун ӯ як хасбедаро дошта истода буд. Ҳама он чизе ки акнун ӯ дошт, ин умед ба марҳамат буд. Ӯ фурӯтанона тайёр шуд, ки ҳукми шоҳро оиди ҷазои ба замини Лон ронда шудан бишнавад.

Пас аз лаҳзаи оромии вазнин шоҳ ниҳоятан гуфт:

– Худпараст, ту хизматгори ман, ту ба ман имон доштӣ ва ба ҳокимияти ман итоат мекардӣ, ба он нигоҳ накарда ки ин қадар зиёд талафоти беҳуда кардӣ. Ман туро дӯст медорам ва даъват мекунам, ки ба подшоҳии ман то охири ҳаёти худ бошӣ.

Худпараст шах шуда монд. Ӯ чашмонашро боло кард ва боз гиря кард, аммо аз ғусса не, балки аз хурсандии тасвирнашаванда. Ӯро сипосгузорӣ аз барои марҳамат ва некии шоҳи бузург пур кард. Дар як лаҳза ҳар он чизе, ки ӯ оиди хислати Ҷалин шунида буд, ногаҳон чунин фаҳмо шуд. Ҳамагӣ як сония пеш ӯ шарм ва дардро ҳис мекард, ки дар бораи мавҷудияти онҳо пештар ҳатто гумонбар намешуд. Вай ҳеҷ чизро лоиқ набуд, ба ғайр аз рондашавӣ ва ҷазо,– ӯ маҳкумиятро сазовор буд, ҳаёти ӯ ба ин далели равшан буд. Ва ана акнун ӯ аз ҳама суханони латиф ва некро мешунавад, ки умуман шунидан мумкин аст, вақте ки шоҳ ӯро ба шаҳри бузурги худ хайрамақдам мегӯяд. Чӣ хел марҳамат! Чӣ хел муҳаббати аҷоиб!

Худпараст медид, ки чӣ тавр қариб ҳамаи корҳои ӯ месӯхтанд, аммо дар гӯшҳояш ҳанӯз ҳам он суханон садо медоданд: “Ман туро дӯст медорам ва ба шаҳри худ хайрамақдам мегӯям”. Вай фаҳмид, ки дӯсти ӯ Қаноатманд ростиро гуфтааст. Ҳар як қарори шоҳ аз ҳар интизорӣ боло буд.

Шоҳ боз ба сухан рондан шурӯъ кард:

– Худпараст туро дигар ин тавр наменоманд. Ана, ман ба ту номи нав медиҳам. Дар подшоҳии ман ту *Камталаб* номида мешавӣ. Ман ба ту хона дар дашт омода кардам, ки дар он ҷо ту бо тарҳрезии манзараҳои табиӣ машғул мешавӣ. Ба он нигоҳ накарда ки ту роҳбари ин шаҳр намешавӣ, ту ба ман барои идоракунии сарҳадҳои берунӣ кӯмак мекунӣ.

– Бо ту сарҳадҳои беруниро идора кардан?– аз нав пурсид Худпараст.

– Ҳамаи онҳое, ки дар ин шаҳр зиндагӣ мекунанд, роҳбарон мебошанд,– ҷавоб дод Ҷалин.– Сарҳадоти ман то охири сайёраҳо паҳн мешаванд, дар подшоҳии ман дигар шаҳрҳо низ ҳастанд. Сокинони ин шаҳрҳо чунин машқро дар Эндел нагузаштаанд, мисли шаҳрвандони Аффабел, ва дар доварӣ набуданд. Барои ҳамин онҳо он қобилиятҳоеро надоранд, ки сокинони Эндел доранд. Ба он нигоҳ накарда ки ту дар худи Аффабел роҳбар намешавӣ, ту ба ман дар идоракунии глобалӣ мадад мерасонӣ. Вазифаи мушаххаси ту дар он аст, то ки роҳбарӣ кунӣ, хидмат расонӣ ва тарҳрезии манзараҳои табииро дар бист шаҳри иқлими Бенҷилло таълим бидиҳӣ.

Сари худро хам карда, Камталаб баланд гиря кард. Некии шоҳ ҳайратовар буд.

Шоҳ, ба назди миз омада, чизеро гирифт, пас баргашт ва ба тарафи ӯ равон шуд. Ба майдонча поён омада, ӯ гуфт:

– Акнун бигир ва ин меваро бихӯр.

Камталаб ин меваро аз дасти шоҳ гирифт ва онро бихӯрд. Ин аз ҳама тамъи ғайриоддӣ буд, ки ӯ ягон вақт чашида буд. Гӯё, он ба ақл ва дил равшанӣ овард. Фикрҳои ӯ бо муҳабба-

ти бузург ва хоҳиши хизмат кардан пур шуда буданд. То он даме ки ӯ мехӯрд, дарди пештара ва фикрҳои торик ӯро гузоштанд. Ӯ худро тару тоза, хушбахт, пур аз умед ва имон эҳсос кард. Вақти бисёр кам лозим шуд, то бифаҳмад, ки мева аз ҳамон дарахти ҳаёт буд, ки дар борааш пештар муаллимон мегуфтанд. Табассуми фарох чеҳраи Камталабро рӯшан кард, Ҷалин бошад бо дилхушӣ ӯро нигоҳ мекард.

Баъдан Ҷалин гуфт:

– Ба ақиб рӯй гардон ва ба оилаат нигоҳ кун.

Камталаб оҳиста ба ақиб нигоҳ кард. Ӯ ҳанӯз ҳам каме хиҷолат мекашид аз барои он ки ҳар яке аз ҳозирин тамоми ҷузъиёти зиндагии ӯро дид ва шунид. Вақте ки ӯ рӯи худро ба толор гардонид, минбарҳо якбора аз қарсакҳо ва фарёдҳои шодмонӣ пур шуданд, мусиқӣ оғоз шуд, ва шаҳрвандони подшоҳӣ ба рақсидан даромаданд. Камталаб бо душворӣ бовар карда метавонист, ки ин одамони боэҳтиром ба ӯ чунин муҳаббат ва хурсандӣ баён мекунанд. Ин пурра ӯро аз ҳамаи хатогиҳои зиндагӣ дар Эндел шифо дод. Акнун ӯ комилан пок буд.

Рӯй гардонида, ӯ аз ҳама табассуми пурҷалолро дар рӯи Ҷалин дид. Пасон ӯ ба чашмони вай диққат кард. Онҳо ба Камталаб бо чунон муҳаббат ва гармӣ менигаристанд, ки мислаш ӯ пештар ҳеҷ гоҳ вонахӯрда буд. Ҳозир ӯ фикрҳои Ҷалинро дақиқ шунида метавонист, мисле ки Батоқат ва дигарон метавонистанд фикрҳои ӯро шунаванд: фикрҳои осудагӣ, пазируфта шудан ва интизории солҳои зиёди саодат барои одамоне, ки онҳоро ӯ бисёр сахт дӯст медорад. Камталаб ба зону афтод ва ба шоҳ саҷда кард. Шоҳ ӯро ба пойҳояш бардошт, ва сахт ба оғӯш гирифта, бо табассум гуфт:

– Хуш омадӣ, дӯстам.

Баъдан Камталабро ба ҷои қаторҳои дуртари толор бурданд, ки он ҷо ӯ метавонист ҷараёни довариро бар энделитҳои шиносаш мушоҳида намояд. Ҳоло ҳар як ашк пок карда шуда буд. Ҳеҷ ғам, дард ё шиканҷа намонда буд, ҳама чизҳои кӯҳна гузаштанд.

## Хайрия ва доварӣ бар ӯ

Субҳ давом меёфт, ва ана ҳама, ба ғайр аз Хайрия, бо навбат ба толори Доварӣ даъват шуда буданд. Ӯ танҳо монд. Ӯ зиқ ҳам нашуда буд, чунки дар толори интизорӣ бисёр зиёд китобҳоро ёфт, ки онҳо аз тарафи муаллифони шаҳри пуршараф навишта шуда буданд. Хайрия "Китоби дуюми воқеаномаи Аффабел"-ро хонда истода буд дар он лаҳзае, ки сардори нигаҳбонон аз барои бурдани ӯ омад.

– Хайрия, шоҳи ту туро интизор аст.

Дили ӯ хурсандона ба тапиш омад. Ҳоло ӯ он касеро мебинад, ки ӯро бисёр мехост бубинад ва он касеро ки бисёр зиёд дӯст медошт. Солҳои зиёд ӯ ин лаҳзаро мунтазир буд, ва он рӯз фаро расид. Нигаҳбон табассум кард, ва онҳо якҷоя ба Толори бузурги даромаданд.

Ҳамту ки дарҳои толор кушода шуданд, ӯро ҳашамати чизҳои дидааш ба ҳайрат овард. Аммо аз ҳама чиз зиёдтар диққатро тахти Ҷалин ба худ ҷалб намуд, ки дар масофаи дур аз даромадгоҳ барафрохта шуда буд. Аз ин лаҳза ӯ танҳо тарҳи онро медид. Хайрия ба толори шаҳрвандони подшоҳии Аффабел чашм давонд. "О, чӣ қадар одамони бошарафанд!– фикр кард ӯ.– Наход ки ман тавонам ягон вақт яке аз онҳо шавам?"

Аз паҳлӯяшон гузашта истода, ӯ диққат дод, ки ҳамаи онҳо пеши ӯ сар хам карданд. Чаро ин мардону занони бузургвор пеши ӯ сар хам карданд? Ҳар чи қадаре ки ӯ ба тахт наздик мешуд, ҳамон қадар нури пурҷалол аз либоси ин одамони зебо берун мебаромад. Онҳо мисли абаринсонон вонамуд мешуданд. Чӣ тавр тавонистанд чунин одамон пеши ӯ сар хам намоянд?

Дар байни онҳо Хайрия якчанд шиносҳояшро аз Эндел дид. Аз табассуми онҳо ҳаяҷон ва муҳаббат берун меомаданд. Ӯ мехост биистад, ва ҳар якеро ба оғӯш бигирад, вале ӯ эҳсос кард, ки ҳоло вақти муносиб нест. Сангдилро дида, ӯ

натавонист худро идора кунад. Ба назди ӯ давида, ӯро сахт ба оғӯш гирифт. Хурсандӣ дутарафа буд.

Сангдил, пеши ӯ сар хам карда, баён кард:

– Хуш омадӣ ба хонаи нави худ.

– Барои чӣ ту пеши ман сар хам мекунӣ, Сангдил?– пурсид Хайрия.– Ман худо нестам, ки ба ман саҷда кунӣ.

– Байни саҷда ва эҳтиром фарқият ҳаст,– ҷавоб дод шаҳрванд Осоишта.– Танҳо Хӯҷаин сазовори саҷда аст, лекин дар ин малакут мо он касонеро эҳтиром мекунем, ки дар Эндел ба мо хуб хидмат карда буданд. Боз мо он касонеро ҳурмат мекунем, ки онҳо дар байни мо ҳукмронӣ мекунанд. Дар Эндел мо муҳим будани ҳурматро намефаҳмидем. Хайрия ту ба ман дар Эндел хидмат карда будӣ. Агар ки боитоатии ту ба шоҳ намебуд, ман дар ин ҷо намебудам, ман дар замини радшудаи Лон мезистам. Пеш аз ҳама ва бештар аз ҳама ман назди шоҳ қарздор ҳастам, лекин ман аз ту ҳам сипосгузорам. Ман бо хушнудӣ ба ту хидмат намуда ва туро то охири умрам эҳтиром хоҳам кард. Хайрия, номи ман дигар Сангдил нест. Хӯҷаин Ҷалин ба ман номи нав дод -Осоишта. Ба ман, мумкин, аз ҳама марҳамати бузурги шоҳ иброз карда шуда буд.

– Осоишта, чӣ хел номи аҷоиб!– гуфт Хайрия.– Дӯсти азиз, ман ба ту дар Эндел ин қадар ҳам хидмат накардам, то ки ҳоло ту ба ман хидмат кунӣ. Ман инро аз муҳаббат ба ту кардам, барои ҳаёти ту ва тақдири ояндаат ғамхорӣ намуда.

– Ниятҳои ту айни ҳамон сабаб мебошанд, ки аз барои он ман туро эҳтиром хоҳам намуд ва ба ту хидмат хоҳам кард. Ту аз тарафи шоҳ саховатмандона мукофотонида мешавӣ. Ту аз барои муҳаббат ба Ҷалин заҳмат кашидӣ ва ҳеҷ корро аз барои обрӯю нуфуз ва мукофот гирифтан накардӣ. Ҷалин ба онҳое, ки ба дигарон бо муҳаббат хидмат мекунанд, марҳамат мекунад. Дар вақти дар Эндел будан, на фақат фаҳмидани рӯъёи ӯ муҳим буд, балки қалби ӯро тасхир намудан. Ту аз ӯҳдаи иҷрои ҳарду вазифа баромада тавонистӣ, хоҳари азиз, ва ниятҳои қалби ту ба ман гузаштанд.

Ана барои чӣ ман бо тамоми дили худ кӯшиш кардам, ки ба бисёриҳо дар ҳафтаи охирини дар Эндел буданам хидмат кунам. Акнун ман аз барои меҳнати худ саховатмандона мукофотонида шудам, бо вуҷуди он ки он бисёр кӯтоҳ буд.

Хайрия табассум кард:

– Осоишта, ман аз барои ту бисёр хурсанд ҳастам. Ман ба ту то охири ҳаёти худ хидмат мекунам.

– Хайрия, ту аллакай чунин гап мезанӣ, мисли одаме ки дар Аффабел чандин сол зиндагӣ карда бошад,– ҷавоб дод Осоишта.– Мо дар ин шаҳри бузург зиндагӣ мекунем, то ки ба якдигар хидмат кунем. Дар асл онҳое, ки ба мо роҳбарӣ мекунанд, аз ҳама хизматгорони калон мебошанд. Мо аз ҳама ӯҳдадориҳои душворро дорем, ва дар ин хушии мо аст. Дар ин ҷо ҳама чиз мисле ки дар Эндел буд, нест. Роҳбарон он чизро намеҷӯянд, то ки ба онҳо хидмат кунанд, аммо шод мешаванд, ки ба онҳо, ба хидматгузорон, имконияти ба дигарон хидмат кардан тааллуқ дорад. Аз ҳама хурсандии бузург барои ҳар як шаҳрванд, дар аввал, ба шоҳ хидмат кардан, дуюм, ба шаҳрвандони худ, махсусан ба онҳое, ки ба мо дар Эндел таъсир расониданд, ва дар охир, ба сокинони сарҳадоти берунӣ, ки дар бораи онҳо ту ба қарибӣ мефаҳмӣ. Хоҳари азизи ман,– гуфт Осоишта дар охир,– ман бо ту фахр мекунам. Назди шоҳи худ бирав. Вай мехоҳад туро бинад ва барои хидматат ба ӯ ба ту мукофот диҳад.

Бо ин онҳо боз бори дигар якдигарро ба оғӯш гирифтанд, ва Хайрия ба назди нигаҳбон баргашта, аз паси ӯ ба тахт рафт.

## Хайрия дар назди Ҷалин

Ба тахт наздик шуда, Хайрия тавонист чеҳраи Ҷалинро равшан бубинад. Ӯ ҳатто пай набурд, ки ҳокимони хурд, ки аз канори онҳо ӯ мегузашт, сарҳои худро хам карда буданд, чунки аз шоҳ чашмонашро канда наметавонист. Вайро нурпошии бузургии ӯ асир карда буд.

Бо зинаҳо ба майдонча боло шуда, вай рӯ ба замин назди шоҳи худ афтод. Ҷалин поён шуд ва ӯро ба пойҳояш боло кард. Ӯ бо муҳаббат гуфт:

– Хайрия, духтари азизи ман, хуш омадӣ ба малакут. Ман мунтазири он лаҳзае будам, ки кай туро шахсан мебинам.

– Хӯҷаин, ин ман ин лаҳзаро дер боз интизор будам,– ҷавоб дод Хайрия. Ту шоҳи ман. Акнун ман умед дорам, ки дар ҳузури ту то охири ҳаёти худ бошам, то ки ман ба ту зиёдтар хизмат кунам.

– Даро ва ба малакут соҳибӣ бикун, ки он барои ту аз пайдоиши олам тайёр карда шуда буд,– гуфт шоҳ.– Ман гурусна будам, ва ту маро сер кардӣ; ташна будам, ва ту ба ман об додӣ; ман мусофир будам, ва ту маро ба хонаи худат пазируфтӣ; бараҳна будам, ту маро пӯшонидӣ; ман бемор будам, ва ту нисбати ман ғамхорӣ кардӣ, ту маро дар ҳабсхона ба диданам омадӣ.

Хайрия дар ҳайрат садо кард:

– Кай, хӯҷаин, ман туро гурусна дидам ва сер кардам, ту об мехостӣ ва ман ба ту об додам? Кай ман умуман туро мусофир дидам, ва ба хонаи худ роҳ додам ё бараҳна ва туро пӯшонидам? Кай ман туро бемор ё дар ҳабсхона дидам ва ба аёдати ту рафтам?

Ба ростӣ мегӯям,– ҷавоб дод шоҳ,– он чи ба яке аз бародарони хурдтарини Ман кардӣ, ба Ман кардаӣ!Ҷалин ба вай дар бораи он нақл кард, ки чӣ хел вай ба ӯ бовафоёна хидмат кард, вақте ки ба халқи ӯ хидмат кард ва ба қонунҳои ӯ итоат кард. Тамоми ҳаёти ӯ дида шуд; ҳар як сухан, рафтор, фикр ва нияти дил. Ҳама чиз кушода шуда буд: хидматгузорӣ, ба мактаб ҳадя кардан, муҳаббате, ки ба шаҳрвандон дода шуда буд, рад кардани иштирок дар корҳои бепарвоёна ва беҳаё. Таъқиботе, ки ӯ аз барои муҳаббаташ ба Ҷалин тоқат карда буд, меҳнати хидмати ӯ ба дигарон ба василаи тарабхона, ба даст овардани ҷонҳои гумроҳшуда, соатҳои гиря ва дуо барои гумшудагон; мавқеи устувори ӯ дар ито-

аткорӣ ба қонунҳои Ҷалин, беруншавӣ аз ҷамъияти мӯътаборон аз барои муносибати борашк ба Ҷалин, бар зидди шаҳрвандонаш чизе гуфтан ё дар ғайбатҳо иштирок карданро рад кардан... Рӯйхат дурудароз буд.

Хайрия бисёр ҳайрон шуда буд, ки чӣ тавр ҳаёти ӯ ба дигарон таъсир расонидааст. Қисми зиёди он корҳоеро, ки ӯ барои ҷалоли Ҷалин карда буд, пешакӣ фикр карда шуда ё ба нақша гирифта нашуда буд. Ӯ фақат саҳеҳ тарзи ҳаётеро, ки аз навиштаҳои қадим таълим гирифта буд, пайравӣ мекард.

Якчанд корҳо буданд, ки сӯхтанд. Хайрия аз барои имкониятҳои аз даст додааш ва хатогиҳои содиркардааш афсӯс мехӯрд. Аммо танҳо қисми хурди заҳматҳои ҳаёташ аз даст дода шуда буданд.

## Мукофот барои Хайрия

Фикрҳо, суханон ва корҳои охирини ӯро дида, шоҳ ба ҳокими хурдтарин, ки дар паҳлӯи ӯ нишаста буд, нигоҳ кард ва пурсид:

– Ба чанд нафар Хайрия таъсир расонид ба манфиати подшоҳӣ?

Ҳоким ҷавоб дод:

– Хӯҷаини ман, ба 5183 нафар, камтар зиёд аз шашяки тамоми аҳолии ҷамъият.

Хайрия дар ҳайрат монда буд:

– Наход ки ин қадар зиёд бошад?

Ҷалин гуфт:

– Навиштаҷоти қадимаро ба ёд ор, ман ваъда дода будам “кишти шуморо фаровон ва самари кори хайри шуморо афзун хоҳад кард”. Хайрия, подшоҳии ман аз рӯи принсипи афзоиш амал мекунад.

Пасон шоҳ ҳама чизро батафсил нишон дод, ки чӣ хел рафторҳои итоаткоронаи ӯ афзоиш ёфтанд, ва ба омма таъсир расониданд, бо вуҷуди он ки ӯ дар ҷамъият роҳбар на-

буд. Таъсири давраҳои аз ҳам дуршаванда моту мабҳуткунанда буд. Ҷалин илова кард:

– Чи тавре ки навишта шудааст: “Шахси эҳсонкор исроф намудааст, ба мискинон тақсим карда додааст; кори хайраш то абад қоим аст!” Ҳаёте, ки ба ман тобеъ аст, таъсири давраҳои аз ҳам дуршавандаро доро мешавад, ки дар бораи он ҳеҷ як шаҳрванд тахмин намекунад то он даме, ки вай дар назди доварии ман наистад. Бисёриҳо дар чизҳои майда-чуйдаҳо итоат намекунанд, лекин бисёр вақт чизҳои ба назар ночиз дарави калонтаринро дар ин подшоҳӣ ба вуҷуд меоранд. Калид ин дар итоаткории ту дар ҳар ҳолат аст.

Баъдан Ҷалин баён кард:

– Хайрия, ту дар тарафи чапат дар паҳлӯи ман тахти холиро мебинӣ?

Ӯ ҷавоб дод:

– Ҳа, ҳӯҷаини ман.

– Ту дар он менишинӣ ва то охири умрат ҳамроҳи ман идора мекунӣ.

Хайрия тамоман моту мабҳут шуда буд:

– Хӯҷаини ман, ман сазовор нестам, ки идора кунам. Ман танҳо соҳиби як тарабхона будам. Одамони аз ман зиёдтар боистеъдод ҳастанд. Чӣ гуна ман метавонам якҷоя бо ту чунин подшоҳии бузургтаринро идора намоям? Худпараст роҳбари хуб буд. Дар бораи ӯ чӣ мегӯӣ? Лутфан, ба ман кореро бифармо, ки он ба ту ва ба халқи ту хизмат мекунад.

– Худпараст дар қаторҳои охирини Толори бузурги аст ва ӯ тарҳрези манзараҳои табиӣ мешавад дар минтақаи шаҳре, ки номаш дашт аст. Ӯ ҳамчунин ба дигар тарҳрезон дар сарҳадоти берунии малакут хидмат менамояд,– ҷавоб дод Ҷалин.– Ва ту дар байни ҳокимон мебошӣ, барои он ки ба ман ва халқи ман муҳаббат нишон додӣ. Тоқати ту, бовафоӣ ва фурӯтаниат ба ту чунин шарафро оварданд. Оё ту суханони маро дар навиштаҷоти қадима дар ёд надорӣ: “Зеро ҳар кӣ худро баланд кунад, паст (аз онҳое ки дар шарафанд ва мукофот доранд,

поён гузошта шудааст) гардад, ва ҳар кӣ худро фурӯтан созад (дар бораи худ ақидаи хоксоронаро нигоҳ медорад ва мутобиқи он рафтор мекунад) сарфароз гардад (дар мавқеаш боло бардошта мешавад)?" Ту на танҳо ҳамроҳи ман ҳукмронӣ мекунӣ, ман барои ту хонаи пурҷалол дар соҳили Баҳри бузург омода сохтам, дар назди қасри ман дар маркази подшоҳӣ. Дониста истода, ки ту чӣ қадар об ва ғулғулаи мавҷҳоро дӯст медорӣ, ман хоҳиши туро ба ҷо овардам. Ман хоҳиши дили ҳамаи хизматгорони бовафоямро иҷро менамоям.

Хайрия лол шуда монд.

Шоҳ давом дод:

– Ту даҳ минтақаи шаҳрро идора хоҳӣ кард. Боз ёздаҳ нафар роҳбарон дар дигар яксаду бист минтақаҳои шаҳри Аффабел ҳастанд. Ту ҳамроҳи ман ва боқимонда ҳафтоду ҳафт нафар ҳокимони шаҳр, ки ҳоло дар тахт нишастаанд, наздик кор мекунӣ. Ба онҳо ҳукм дода шудааст, ки дар чунин соҳаҳо, мисли маориф, истеҳсолот, фароғат, санъат ва ғайраҳо, роҳбарӣ намоянд. Ҳафтоду ҳафт ҳокимон, ман ва Падар ҳаётро дар Аффабел ба нақша мегирем ва мушоҳида мекунем. Ту яке аз мушовирони боэътимоди ман ва қисми пайвасткунанда байни ман ва шаҳрвандони ман мешавӣ.

Ту ҳамроҳи ман на танҳо дар ин шаҳр ҳукмронӣ мекунӣ, балки, мисли дигар ҳафтоду ҳафт нафар ҳокимон, дар шаҳрҳои дар сарҳадоти берунии шоҳигарӣ буда низ роҳбарӣ менамоӣ. Ман ба ту ба бист шаҳрҳои иқлими Бенҷилло ҳукмро медиҳам. Ту сарвазири ин иқлим мешавӣ. Ҳамаи роҳбарон ва сокинони ин шаҳрҳо зери назорати ту мебошанд. Ту бошӣ танҳо ба ман ҳисобот медиҳӣ.

Ин суханони Ҷалинро шунида, Камталаб аз ҷои худ ҷаста бархест, аз барои ҳамсинфаш хурсанд шуда. Валекин ба хурсандии ӯ сояи таассуф омехта шуд дар фикри он ки ӯ ҳам имконияти таъсир расониданро ба ҳазорҳо ҳаёт ба манфиати подшоҳӣ дошт, аммо ӯ инро накард. Ӯ мета-

вонист яке аз ҳокимоне шавад, ки афзалияти бевоситаи бо худи Ҷалин кор карданро дорад. Ӯ аз барои он миннатдор буд, ки ба ӯ дар малакути Аффабел зиндагӣ карданро иҷозат доданд, аммо мефаҳмид, ки вақти кӯтоҳи дар Эндел буданро беҳуда сарф кардааст, ва ин ба тамоми боқимонда ҳаёти 130-солинаи ӯ асари худро гузошт.

Шоҳ ба сардори нигаҳбонон муроҷиат кард:

– Ба ман тоҷи ғолиб ва асои ҳокимро биёред.

Тоҷ ва асоро гирифта, ӯ тоҷро ба сари Хайрия гузошт.

– Хуб!– хитоб кард шоҳ.– Ғуломи нек, азбаски ба чизи андак мӯътамад будӣ, бар *бист минтақа* ва *даҳ шаҳр* ҳоким шав.

Баъдан Ҷалин ба ӯ асоро бо чунин суханон дароз кард:

– Номи ту дигар Хайрия нест, ман ба ту номи нав медиҳам; номи ту – Ғолиби Маҳбуб. Охир ман сокинони Энделро пешакӣ огоҳ карда будам: “Ва касе ки ғолиб ояд ва аъмоли Маро то ба охир риоят кунад, ба вай бар халқҳо қудрат хоҳам бахшид, ва онҳоро вай бо асои оҳанин чӯпонӣ хоҳад кард; чунон ки Ман низ аз Падари Худ қудрат ёфтаам”.

Ҷалин ба назди миз омад, ки дар он меваи охирин монда буд. Ӯ онро ба Ғолиби Маҳбуб овард ва гуфт:

– Дӯсти азиз ва ҳамкори ман, ту метавонӣ меваро аз дарахти ҳаёт бихӯрӣ.

Онро чашида, Ғолиби Маҳбуб покшавии сахтро аз сар гузаронид, айнан ҳамон тавре ки онро дигарон аз сар гузаронида буданд, касоне ки ин меваи дар ҷаҳон бомаззаро хӯрда буданд. Фикрҳои ӯро боз ҳам муҳаббати калон пур кард, ва хоҳиши хидмат кардан то ба андозае калон шуд, ки он ба ӯ ношинос буд. Ӯ аз тамоми дардҳо аз гузашта ва фикрҳои торик пок шуда буд. Ҳама чиз нав шуд. Ӯ ҷараёни қувваҳои навро ҳис кард, ва пур аз хушбахтӣ ва имон шуд. Ғолиби Маҳбуб ба Ҷалин нигоҳ кард ва табассум кард. Баъдан, гӯё, бе сабаб онҳо якҷоя хурсандона ханда карданд. Ин оғози дӯстӣ буд, ки он тамоми ҳаёт давом меёбад.

Ҷалин ӯро ба тахт бурд ва гуфт:

– Ғолиби Маҳбуб, рӯятро бигардон ва ба оилаи худ нигоҳ бикун.

Ӯ рӯяшро бигардонд, ва ба сари ӯ баҳри шодӣ ва сурури умумӣ афтод. Танини баланд ва рақсҳо толорро пур карданд. Ин ба ҳеҷ як ҷашн монанд набуд. Муҳит аз ҷасту хез ва таҷлил пур шуд. Дар рӯи Ғолиби Маҳбуб табассум медурахшид, зоҳир намудани чунин муҳаббат ӯро ба ҳаяҷон овард. Шоҳ ӯро аз китфаш ба оғӯш гирифт ва эътироф кард:

– Эй ғуломи нек ва мӯътамад, ба шодии оғои худ шарик шав.

Дар ин ҷо ҳикояти мо дар бораи шоҳ, ғуломони ӯ ва подшоҳии пуршарафи Аффабел хотима ёфт.

## Каломи насиҳат ва огоҳӣ

Дар бобҳои пешина мо танҳо инъикоси хурди онро дидем, ки доварӣ бар муқаддасон чӣ тавр мешавад. Ман ба пуррагӣ расонида наметавонам, аммо ҷалоли Доварии Масеҳ якчанд маротиба аз ҳар ҷалоли дар ин ҳикоят тасвиршуда боло меистад. Аммо дар достон ҳақиқатҳои зиёди Малакути Худо тасвир шудаанд.

Ҷузъиёти ҳикоят ба ростӣ даъво накардаанд, балки ба тақвият додан ва таъкид кардани он. Ҳангоме ки Исо масал мегӯяд, шумо ба ҷузъиёташ, ки он ба ростӣ дахл надорад, таваққуф накарда, маъноящро мебинед, ки Ӯ мехост дар масали Худ бидиҳад.

Ман ҳам кӯшиш намудам лаҳзаҳои муҳимро таъкид намоям, ки ба Малакути ҷовидонии Масеҳ дахл доранд. Хондани китобро ба поён расонида истода, шумо, достонро аз сари нав хонда, метавонед чизҳои амиқро дар таълимоти Навиштаҷот бинед, ки дар бобҳои пешина ва оянда иқтибос оварда шудаанд.

## БОБИ 9

# Осмон

*Ман дар адолат рӯи Туро хоҳам дид, чун бедор шавам, аз сурати Ту сер хоҳам шуд.*
— Забур 16:15

Биёед акнун дар бораи рафтани одилон сухан ронем. Мисле ки барои беимонон ҷои нигаҳдории муваққатӣ мавҷуд аст, бо номи дӯзах, ва баъдан ҷои ниҳоӣ ба кӯли оташ, ҳамчунон ба одилоне, ки заминро тарк кардаанд, ду қароргоҳ ҳаст. Хонаи ҳозираро бисёриҳо *осмон* меноманд, вале агар дақиқтар бошем, аз рӯи Навиштаҷот он *Ерусалими осмонӣ* номида мешавад. Истиқоматгоҳи охирини одилон низ Ерусалим номида мешавад, ки дар замин ҷойгир мешавад. Ин шаҳр баъд аз доварии ниҳоӣ аз осмон поён мефарояд. Номи он – Ерусалими Нав (ниг. Ваҳӣ 21:2).

### Ерусалими арши аъло

> "Балки шумо наздик омадаед ба кӯҳи Сион ва *ба шаҳри Худои Ҳай*, ба *Ерусалими осмонӣ* ва беварҳои фариштагон, ва ба анҷумани пуртантана ва Калисои нахустзодагоне ки дар афлок навишта шудаанд, ва ба Худое ки Довари ҳама аст, ва ба *арвоҳи одилоне ки ба камол расидаанд*, ва ба Исо, ки Миёнарави аҳди ҷадид аст, ва ба Хуни пошиданӣ, ки назар ба хуни Ҳобил хубтар сухан мегӯяд" (Ибриён 12:22-24).

Ерусалими Осмонӣ, ё Ерусалими Арши Аъло (ниг. Ғалотиён 4:26),– ин шаҳрест, ки дар ҳикояти мо ҳамчун шаҳри Аффабел омадааст. Он дар кӯҳи Сион истодааст. Дар он Падар

ва Писар бо миллиардҳо фариштагон зиндагӣ мекунанд. Дар он ҷо анҷумани таҷлилкунанда ва Калисои нахустзодагон бо ҳамроҳи муқаддасони Аҳди Қадим ва одилони рафтаи дар Масеҳбуда сокинанд. Исо дар байни бародарони зиёд нахустзода номида шудааст (ниг. Румиён 8:29). Барои ҳамин ҳам калисои Нахустзода калисои Исои Масеҳ номида мешавад.

Боз дар ин шаҳр *"рӯҳи одилон, ки ба камол расидаанд"* маскунанд. Ин одамон киҳо ҳастанд, агар ки муаллиф аллакай муқаддасони Аҳди Қадим ва Ҷадидро хотиррасон кард, ки барои мукофоти худ рафтаанд?

Дар ёд доред, ки аз олами боло таваллуд ёфта, мо комилан махлуқони нав гардидем; рӯҳи мо ба монанди Исо комил аст, ва мо дар Ӯ пайдо шудем. Дар ин порчаи Навиштаҷот муаллиф на дар бораи тан ё ҷон мегӯяд, балки танҳо дар бораи рӯҳ. Шахсан ман бовар дорам, ки ин ба муқаддасоне, ки дар ин ҷо, дар замин, хидмат мекунанд, дахл дорад. Ана дар бораи чӣ фикр кунед: муаллифи Нома ба Ибриён моро водор мекунад: "Бинобар ин бо ҷуръат ба тахти файз наздик оем" (Ибриён 4:16). Тахти файз дар байни шаҳри Худо ҷойгир шудааст, ва даъват ба мо, дар замин зиндагикунандагон, таллуқ дорад. Оё имкон дорад, ки бисёриҳо, ки ҳоло дар замин зиндагӣ мекунанд, дар толори тахт хуб машҳур ҳастанд, барои он ки онҳо борҳо дар он ҷо дар дуо буданд?

Ҳар яки мо рӯҳ ҳастем, ки ҷон ҳам дорад, ки он аз идрок, ирода ва ҳиссиёт иборат аст, ки дар айни замон дар тан иқомат мекунад. Исо гуфтааст, ки тарзи ягонаи ба Худо саҷда кардан, ин саҷда дар "рӯҳ ва ростӣ" (Юҳанно 4:24) аст. Павлус инро таъкид мекунад: "Худое ки Ӯро дар башорати Писари Ӯ бо *рӯҳи худ и*бодат мекунам, маро шоҳид аст" (Румиён 1:9). Бо сабаби он ки рӯҳи мо ба монанди Худо офарида шуда буд ва мо аз нав таваллуд ёфтаем, акнун мо иҷозат дорем, ки ба васила и хуни Исо ва қувваи Рӯҳи Муқаддас ба толори тахти Худо дар ҳар лаҳза дароем, ҳангоме ки мо ба ин эҳтиёҷ дорем ё мехоҳем ба Ӯ саҷда намоем.

## Зиёрати осмон

Дар айни замон Ерусалими арши аъло дар осмони сеюм ҷойгир аст. Ин ҷои воқеӣ аст, ки ҳаввори Павлус пеш аз марги худ он ҷо буд. Ӯ навиштааст:

> "Агарчи фахр карданам фоида надорад, ба рӯъёҳо ва ваҳиҳои Худованд меоям. Шахсеро дар Масеҳ мешиносам, ки чордаҳ сол пеш аз ин,– оё дар ҷисм буд, намедонам; оё берун аз ҷисм буд, намедонам, Худо медонад,– то осмони сеюм бурда шуд. Ва ин шахсро мешиносам,– оё дар ҷисм буд, намедонам; оё берун аз ҷисм буд, намедонам, Худо медонад,– ки ба биҳишт бурда шуд ва суханони молокаломе шунид, ки ба одамизод ҷоиз нест онҳоро ифода намояд" (2 Қӯринтиён 12:1-4).

Шарҳдиҳандагони Китоби Муқаддас бо он розӣ мешаванд, ки Павлус дар бораи худаш мегӯяд. Гуфтан бамаврид аст, ки дар Тарҷумаи нави зинда чунин навишта шудааст: "Ман ба осмони сеюм гирифта шуда будам чордаҳ сол пеш". Диққат кунед, ки Павлус намедонист, ӯ дар ҷисм буд ё не. Инро танҳо бо он тавзеҳ додан мумкин аст, ки осмон ҷои воқеӣ ва ҷисмонан мавҷуда аст. Ман бо ақидаи бисёр одамон бархӯрдам, ки чунин меҳисобанд, ки осмон – ин фазои нонамоён, ки дар он одамон мисли шабаҳ парвоз мекунанд. Не, ин ҷои ҷисмонӣ аст. Дар он ҷо кӯчаҳо, дарахтҳо, ҳайвонот, биноҳо, об ва ғайраҳо ҳаст.

Ман шахсан бо чанд нафар шинос ҳастам, ки дар осмон буданд, мисли Павлус, аммо ба шумо аз ҳама қиссаи дӯстдоштаамро мехоҳам нақл кунам. Ман як дӯст дорам, усқуф Грэг. Моҳи октябри соли 1979, ба хона аз хидматгузории якуми худ баргашта, ӯ дид, ки занаш дар зина дароз кашида ва тасаллонопазир гиря мекунад. Ӯ фавран фаҳмид – ягон чизи ҷиддӣ рӯй додааст. Ба зуддӣ ӯ фаҳмида тавонист, ки писари даҳсолааш Ҷастин ба ҳаммомхона телевизори хурдро даровардааст, то ки мусобиқаи футболро тамошо кунад ва ҳамзамон ҳаммом кунад. Тасодуфан ӯ телевизорро ба ваннаи обдор афтонидааст ва ӯро қувваи барқ задааст.

Грэг писари худро бе набз дарёфт, ҷисми ӯ кабуд гашта ва сард шуда буд, чашмонаш калон кушода шуда буданд, ки ин ишора мекард ба набудани фаъолияти майнаи сар. Собиқ дар шӯъбаи шерифи Лос-Анҷелес ба сифати ҷонишини шериф кор карда, Грэг дарсҳои ёрии аввалинро гузашта буд ва шоҳиди бисёр маргҳо шуда буд. Дар ин вазъият агар ӯ ба сифати шериф мебуд, ӯ маргро қайд мекард ва муфаттишро даъват менамуд.

Лекин Грэг имондоре буд, ки қувваи дуоро медонист. Ӯ ба дуо кардан ва ба писараш нафаси сунъӣ додан шурӯъ кард. Пас аз чанд дақиқаи расонидани ёрии аввалин ӯ ин кӯшишҳоро ба кормандони тиббӣ вогузошт, ва худаш бошад дуо карданро давом дод. Чилу панҷ дақиқа онҳо бемуваффақият кӯшиш карданд, ки Ҷастинро ба ҳаёт баргардонанд. Кардиограмма танҳо як хати ростро нишон медод. Кормандони тибб ҳамаи кӯшишҳоро гузоштанд ва интизор шуданд, ки кай ин диндор ором мешавад.

Ниҳоят Грэг чунин дуо гуфтанро шурӯъ кард: “Падар, ман дигар имон надорам. Имони ман тамом шуд, аммо ман медонам, ки Каломи Ту дар бораи дигар имон мегӯяд” (ӯ бахшоиши имонро, ки дар 1 Қӯринтиён 12:9 ёдоварӣ карда шудааст, дар назар дошт).

Грэг мегӯяд, ки ӯ ҳис кард, ки гӯё бар сараш як даст поён омад. Ӯ ҳамон лаҳза қувва ва ҳукмро эҳсос кард ва ба писари худ дод зад: “Ту зинда мемонӣ ва намемирӣ, ба номи Исо!”

Якбора мошини ЭКГ садо баровард, ва дар экран аломат пайдо шуд. Кормандони тибб аз хушӣ хез заданд. Дар он лаҳзае, ки онҳо бо Ҷастин аз зина поён мешуданд, ранги ӯ гулобӣ гашт, чашмонаш маъмулӣ шуданд ва ҷисмаш – ширгарм.

Грэг бисёр хуш шуда буд. Писари ӯ аз нав зинда ва саломат буд. Ӯ шаҳодати аҷоиб барои ҳамаи дӯстонаш дошт оиди он, ки Худо чӣ кард. Дар он лаҳза ӯ ҳоло дарк накарда буд, ки мубориза барои ҳаёти писараш танҳо сар шуд. Духтурон хабар доданд, ки писарча дар ҳолати беҳушӣ аст. Ӯро

муоина карда, онҳо дарёфтанд, ки бофтаи гурдааш ба воситаи катетер мерезад, бо термини ғайрикасбӣ бигӯем, маънояш – ҷисми ӯ об мешуд. Онҳо гуфтанд, ки агар бача зинда монад ҳам, ӯ маъюби дармонда мешавад. Боз дертар духтурон ҳукми худро баровcovарданд: сатҳи тафаккури писарча мисли тафаккури тифли семоҳа мешавад.

Баъд аз сипарӣ шудани ҳафт моҳи дуоҳои боисрори падар Ҷастин аз ҳолати беҳушӣ баромад. Дар он лаҳзае, ки ин чиз рӯй дод, падараш дар канораш буд, барои ҳамин ба ӯ саволҳо дод, ки ба онҳо ҷавобҳои фаврӣ гирифт. Ҷастин бо баҳои аъло мактаби миёна, коллеҷ, мактаби библиявиро ба хатм расонид. Ӯ ҳатто дар синфи худ сардори синф буд. Имрӯз ӯ оиладор ва соҳиби ду фарзанд аст.

## **“Падар, ман ҳамроҳи Исо будам”**

Баъд аз се рӯзи аз беморхона баромадан Грэг пай бурд, ки рӯи писараш медурахшад. Ӯ пурсид: “Ҷастин, чӣ рӯй медиҳад?”

Писарбача ҷавоб дод: “Падар, ман ҳамроҳи Исо будам. Вақте ки телевизор ба ванна афтод, ман тамоман ҳеҷ чизро ҳис накардам. Фариштаи бузург маро аз дасти ростам гирифт ва рост аз ҷисмам бардошт. Мо ба воситаи нақброҳ бо суръати аҷоиб тез парвоз кардем. Мо бо суръати рӯшноӣ равон мешудем, пеш аз он ки ба кӯчаҳои осмон поён шавем”.

Ӯ ба падараш нақл кард, ки кӯчаҳо на ин ки аз оби тилло сохта шуда буданд, балки аз тиллои холис, ӯ тавонист даруни металлро бубинад. Дар замин тиллоро то он дараҷа тоза кардан имконнопазир аст, чи хеле ки дар осмон аст; лекин оби тиллоро бар тирезаҳо истифода мебаранд, то ки ба онҳо ранги тиллоӣ диҳанд (чунин дар сипарҳо ё кулоҳҳои кайҳонавардони аввал, дар кабинаи ҳавопаймо, дар биноҳо ва ғайраҳо карда мешуд). Инак, дар намуди холис тилло шаффоф аст.

Ҷастин нақл кард, ки аввалин касоне, ки ӯро дар кӯчаҳои осмон пешвоз гирифтанд, ин хешу таборони фавткардаашон буданд. Ӯ номи ҳар яке аз онҳоро гуфт, ҳатто онҳоеро, ки ҳаргиз дар зиндагиаш надида буд ё номи онҳоро намедонист, гарчанде падару модараш номи онҳоро медонистанд. Дар байни одамоне, ки дар осмон ӯро пешвоз гирифтанд, як зан бо номи Филлис буд. Ӯ ҳамсояашон буд, ки бо ӯ модари Ҷастин бо дуои наҷот як моҳ пеш аз рӯйдоди писараш дуо карда буд. Ин зан баъд аз ду ҳафтаи ба Исо рӯ оварданаш фавт кард.

Онҳо бо ӯ сӯҳбат мекарданд, ки ногаҳон садои хаш-хаш шунида шуд ва гурӯҳи одамон пароканда шуд. Назди писарча Исо истода буд.

Ӯ Ҷастинро бурд, ба ӯ осмонро нишон дод. Дар он ҷо бисёр кӯчаҳо ва биноҳо буданд; ин шаҳри калон буд. Гулҳо, алафҳо ва ҳатто сангҳо зинда буданд ва хушоҳанг сурудхонӣ мекарданд. Ӯ гуфт, ки ба назараш чунин намуд, ки гӯё онҳо бо ин сурудҳояшон Худоро парастиш мекарданд. Агар ӯ гул ё алафро зер мекард, онҳо ғиҷим намешуданд ва намешикастанд, балки фавран боло мешуданд. Ҷастин пайхас намуд, ки рангҳо нисбатан ба рангҳои дар замин буда баланд ва равшан буданд. Чунин рангҳо ҳам буданд, ки ӯ онҳоро пештар надида буд. Ба ӯ афзалият дода шуда буд, ки хонаҳоеро, ки ба модараш, падараш ва ду бародаронаш таъин шуда буданд, бубинад.

Баъдан дар шок буд. Исо гуфт, ки Ҷастин бояд пас баргардад. Ӯ намехост осмонро тарк кунад, аммо Исо ӯро ба пеши парда бурд, Ҷастин онро кушода дид, ки падараш ӯро ба ақиб ҷеғ зада истодааст. Исо гуфт: “Ӯ падари ту аст ва ҳукм дорад, ки туро ба ақиб ҷеғ занад”.

Аз ҳамон вақт Ҷастин ба падари худ гуфт, ки ӯ ҳаргиз вайро ба ақиб ҷеғ назанад, агар ки вай боз як вақте бимирад. Дӯсти худро гӯш карда, ман фикр кардам, ки ин аз ҳама қисми ҷолиби ин қисса аст. Осмон аз замин бештар хуб аст, ман ди-

дам, онҳое ки дар осмон буданд, бо мушкилӣ ба ақиб бармегарданд. Павлус чунин як муборизаи ботиниро аз сар гузаронидааст, ҳангоме ки ба калисои филиппӣ менавист: “Орзу дорам, ки баромада равам (аз ин дунё озод шавам) ва ҳамроҳи Масеҳ бошам, чунки ин беандоза беҳтар аст” (Филиппиён 1:23, Тарҷумаи васеъ). На фақат беҳтар, балки беандоза беҳтар, беандоза беҳтар! Ӯ шаҳрро дид ва хост, ки ба он ҷо баргардад, аммо интихоб кард, ки аз барои беҳбудии Малакут бимонад.

Баъдан Ҷастин ба падари худ нақл кард, ки дар осмон ӯ на писарчаи даҳсола буд, балки одами калон. Бисёр одамон, ба мисли Ҷастин, ба он бовар мекунанд, ки дар ҷисмҳои ҷалолёфта мо дар синни сиюсесолагӣ мешавем, ба синну соли Исо, вақте ки Ӯ маслуб шуда буд, чи тавре ки Навиштаҷот мегӯяд: “Эй маҳбубон! Мо акнун фарзандони Худо ҳастем, вале ҳанӯз маълум нашудааст он чи хоҳем буд. Фақат ҳамин қадарашро медонем, ки дар вақти зоҳир шуданаш монанди Ӯ хоҳем буд, зеро Ӯро, чунон ки ҳаст, хоҳем дид” (1 Юҳанно 3:2).

Ин фақат яке аз он бисёр ҳодисаҳои воқеӣ мебошад, ки ман нақл карда тавонистам. Аммо ҳатто танҳо ҳамин ҳодиса бо мутобиқат бо Навиштаҷот воқеӣ будани осмонро тасдиқ мекунад. Хизматгорони бовафои Исо, осмонро тарк карда, ба ин шаҳр медароянд.

## Наҷоти рӯҳ, ҷон ва тан

Чи хеле ки аллакай гуфта шуд, рӯҳи одам комилан махлуқи нав мешавад, дар лаҳзае ки ӯ Исоро Худованди худ қабул мекунад. Дар як лаҳза одам ба монанди Исо мешавад. Ин аз тарафи ҳавворӣ Юҳанно тасдиқ карда мешавад: “Чунон ки Ӯ *дар ин ҷаҳон* ҳаст...” (1 Юҳанно 4:17). Дар ин ҷо равшан дида мешавад, ки Юҳанно оиди имондорон дар замин мегӯяд, на дар бораи онҳое, ки аллакай паси мукофоти худ рафтаанд. Одаме, ки ҳақиқатан аз боло аз Рӯҳи Худо таваллуд ёфтааст, дар рӯҳ ҳоло ҳозир комил аст.

Ҳангоме ки рӯҳи мо наҷот ёфтааст, ҷараёни наҷоти ҷони мо шурӯъ мешавад, ки он чи тавре ки мо пештар гуфтем, аз ақл, ирода ва ҳиссиёт иборат аст. Ҷони мо тавассути Каломи Худо ва итоати мо ба он наҷот меёбад, ё дигаргун мешавад. Ҳаввори Яъқуб инро тасдиқ мекунад: “Пас, *эй бародарони маҳбуби ман*...бинобар ин ҳар нопокӣ ва бақияи бадиро як сӯ гузошта, *каломеро, ки дар шумо кошта шудааст*, бо фурӯтанӣ қабул кунед, ки он метавонад *ҷонҳои шуморо наҷот диҳад.* Пас *иҷрокунандагони* калом бошед, на фақат шунавандагоне ки худро фиреб медиҳанд” (Яъқуб 1:19; 21,22). Қайд кардан зарур аст, ки Яъқуб ба бародарон оиди наҷоти ҷони онҳо муроҷиат мекунад. Ӯ ба шунидан ва итоати Каломи Худо зада мегузорад.

Ҷон, таркиби ягонаи одам, ки дараҷаи наҷоти ӯро муайян мекунад. Мо ба василаи шунидан ва итоат кардан ба Каломи Худо якҷоя амал мекунем, ки ҷараёни наҷоти моро метезонад, ё, баръакс, онро суст мекунад, вақте ки мо ба он чи ки Худо гуфт, беэътиноӣ мекунем. Дигаргуншавии ҷон барои оқибати хуб доштани имондор ҳалкунанда мебошад.

Ниҳоят, боз як қисми табиати мо мемонад, ки он бояд наҷот ёбад: тани мо. Бодиққат бихонед, ки Павлус дар ин бора чӣ менависад:

> “Зеро медонем, ки агар хонаи заминии мо, ин хайма, хароб шавад, мо иморате аз ҷониби Худо дар осмон дорем, *ҷисми абадӣ*, ки худи Худо сохтааст. Аз ин рӯ, мо оҳ мекашем, дар орзуи он ки *ҷисми осмонии худро* дар бар кунем: то ки мо, либосе дошта бошем ҳам, бараҳна ёфт нашавем. Зеро мо, ки дар ин хайма мебошем, дар таҳти боре оҳ мекашем, дар орзуи он рӯзе ҳастем, ки кай ҷисми осмонии худро дар бар мекунем, мисле ки дар либоси нав. Чунки мо *рӯҳҳои беҷисм* намешавем, балки дар *ҷисмҳои осмонии* нав мешавем. Худо моро маҳз барои ҳамин ба вуҷуд оварда, ба мо гарави Рӯҳро додааст. Бинобар ин мо ҳамеша зиндадил ҳастем; чун медонем, ки то даме ки дар ҷисм макон гирифтаем, мо аз Ху-

> дованд дур мебошем,– зеро ки бо имон рафтор мекунем, на бо дидор,– мо зиндадил шуда ва орзу дорем, беҳтар аст аз ҷисмҳои худ берун рафта, назди Худованд макон бигирем” (2 Қӯринтиён 5:1-8).

Ин суханон ба мо умеди калон мебахшанд ва ҳатто ҷонҳои моро пок мегардонанд. Павлус на ҳамту андаке ёдоварӣ мекунад, балки ҳамеша такрор менамояд, ки мо ҷисмҳои абадӣ хоҳем дошт. Дар дигар ҷой ӯ чунин мегӯяд: “Зеро он чи фонист, бояд либоси бефаноӣ бипӯшад, ва он чи миранда аст,– либоси ҷовидонӣ бипӯшад” (1 Қӯринтиён 15:53). Ҷисмҳои мо аз ҷисми Исо ҳеҷ фарқияте нахоҳанд дошт, чунки Навиштаҷот мегӯяд: “Зеро ки агар мо дар мисоли мамоти Ӯ бо Ӯ пайванд шуда бошем, [дар мисоли] эҳёи Ӯ низ [пайванд] хоҳем буд” (Румиён 6:5) ва “Эй маҳбубон! Мо акнун фарзандони Худо ҳастем, вале ҳанӯз маълум нашудааст он чи хоҳем буд. Фақат ҳамин қадарашро медонем, ки дар вақти зоҳир шуданаш монанди Ӯ хоҳем буд, зеро Ӯро, чунон ки ҳаст, хоҳем дид” (1 Юҳанно 3:2).

Биёед бодиққаттар баррасӣ менамоем, ки Исо баъд аз эҳёшавӣ чӣ хел ҷисм дошт. Боре, вақте ки мо наҷоти ҷисмҳои худро аз сар мегузаронем, мо ҳамаи он хислатҳоро, ки Ӯ дошт, дошта метавонем. Биёед аз он сар кунем, ки дар худи тобут дар он субҳ чӣ рӯй дод, вақте ки Ӯ эҳё шуд. Тобути холиро дида, Марям гиря карданро сар кард, фикр кард, ки ҷисми Худовандро бурданд.

> “Чун инро гуфт, ба ақиб рӯ овард ва Исоро истода дид; вале надонист, ки ин Исост. Исо ба вай гуфт: “Эй зан! Чаро гиря мекунӣ? Киро ҷустуҷӯ мекунӣ? Вай ба гумони он ки ин боғбон аст, ба Ӯ гуфт: “Эй оғо! Агар ту Ӯро бурда бошӣ, ба ман бигӯ, ки Ӯро куҷо гузоштӣ, то ки ман Ӯро гирифта барам” (Юҳанно 20:14,15).

Исо аз одами оддӣ ҳеҷ фарқ намекард. Ӯ мисли як мусофир аз синамо набуд. Марям Ӯро нашинохт, чунки ҳат-

то фикр карда ҳам наметавонист, ки Исо зинда буд. Вай бо чашмони худ дида буд, ки чӣ тавр Ӯ ваҳшиёна кушта шуд, аз салиб гирифта шуд ва дафн карда шуда буд. То он даме ки Исо номи вайро нагирифт, вай бовар намекард, ки ин дар асл Ӯ буд. Вай Ӯро боғбон хаёл кард. Ҳамин тариқ, мо мефаҳмем, ки Ӯ ҷисме дошт, ки бисёр ба ҷисмҳои мо монанд буд. Ӯ бо чашмони худ дид, ки чӣ тавр Ӯ ваҳшиёна кушта шуд, аз салиб поён карда ва дафн карда шуд. То он даме, ки Исо ба ӯ бо номаш муроҷиат накард, ӯ бовариаш намеомад, ки дар асл ин Ӯ буд.

Ҷисми Ӯ аз ҷисми одами оддӣ ҳеҷ фарқ надошт, аммо мо бояд худро бипурсем: оё Марям рӯъёи рӯҳи Ӯро дида буд ё Ӯ ба маънои аслиаш дар ҷисм буд? Ба ин савол мо ҷавоби равшанро баъдтар мегирем, дар он ҷое, ки Ӯ ба шогирдони Худ зоҳир мешавад. Ӯ гуфт: “Чаро музтариб шудед, ва аз чӣ сабаб дар дили шумо чунин фикрҳо пайдо мешаванд? Ба дастҳои Ман нигоҳ кунед: ин Худи Ман ҳастам; Маро ламс кунед ва бубинед; *зеро ки рӯҳ гӯшт ва устухон надорад,* чунон ки дар Ман мебинед (Луқо 24:38,39)

Ӯ ҷисм ва устухонҳо дошт! Мо ҳам бо шумо ҷисм ва устухонҳо дошта метавонем. Лекин, диққат кунед, Ӯ ҳеҷ чиз дар бораи хун намегӯяд. Сабаб дар он аст, ки бо хуни Ӯ тахти марҳамати Худо пӯшонида шуда буд. Ман бовар дорам, ки ҳоло дар рагҳои Исо ҷалоли Худо ҷорӣ аст.

Исо метавонист ғизои ҷисмониро бихӯрад. Дар Навиштаҷот гуфта шудааст: “Ва чун онҳо аз шодӣ ҳанӯз бовар намекарданд ва мутааҷҷиб мешуданд, Ӯ ба онҳо гуфт: оё чизи хӯрдание дар ин ҷо доред? Пеши Ӯ як порча моҳии бирён ва андаке асали мумдор monданд. Ва Ӯ гирифта, дар пеши назари онҳо хӯрд” (Луқо 24:41-43).

Якҷоя хӯрок хӯрдан ҳодисаи ягона набуд, дар Инҷилҳо боз ду чунин ҳодиса навишта шудааст. Як дафъа дар хонаи як нафар, ки ба Ӯ дар роҳи Эммаус вохӯрда буд, дигар бошад – ҳангоме ки Ӯ ба ёздаҳ нафар шогирдонаш дар соҳили баҳр

субҳона тайёр мекард. Бинобар ин дар ҷисмҳои ҷалолёфтаи худ мо хӯрда метавонем.

Мисли одами оддӣ, Исо дар ҷисми ҷалолёфта метавонист гап занад, суруд хонад, роҳ гардад, чизҳоро дар дасташ бидорад ва ғайраҳо, ва ҳамчунин Ӯ метавонист аз байни деворҳо гузарад ва дар як лаҳза гум шавад! Шумо мепурсед: "Ӯ ҷисм ва устухон дошт, ва Ӯ метавонист аз байни девор бигзарад ва гум шавад?" О, бале, нигаред, ки Юҳанно чӣ навишта буд: "Бегоҳии худи ҳамон рӯзи якшанбе, вақте ки шогирдон дар хонае ҷамъ омада, аз тарси яҳудиён дарҳои онҳо баста буданд, Исо омада, дар миёни онҳо биистод" (Юҳанно 20:19).

Дар ин бегоҳ Исо аз Тумо хоҳиш кард, ки ангуштҳои худро дар захмҳои Ӯ дар дастон ва қабурға гузорад. Инак, мо равшан мебинем, ки Ӯ ҷисм ва устухонҳо дошт. Чӣ тавр шуд, ки Исо ногаҳон дар мобайни онҳо истод, агар ки дарҳо баста буданд? Ӯ аз қабати деворҳо гузашт ва намоён шуд, ҳамчунин ки Ӯ метавонист осон гум шавад, ки дар ин бора ҳам навишта шудааст. Баъд аз он ки Ӯ нонро бо одамоне, ки дар роҳи Эммаус ба Ӯ вохӯрданд, пора кард, "Он гоҳ чашмони онҳо кушода шуд, ва онҳо Ӯро шинохтанд; вале Ӯ аз назарашон нопадид шуд" (Луқо 24:31).

Дар ҷисмҳои ҷалолёфта мо ҳам қобилияти гум шудан ва дар ҷойҳои мухталиф зоҳир шуданро пайдо мекунем. Ин мефаҳмонад, ки бо кадом тарз мо метавонем масофаи калонро дар осмони нав ва замини нав зуд тай намоем. Мо бояд ин корро бикунем, чунки шаҳри Худо 1400 километр ҳам дар дарозӣ ва ҳам дар бар аст, дар бораи масофаҳо то дигар сайёраҳоро ҳатто нагуфта. Мо инчунин қобилият пайдо мекунем, ки ба ҳаво боло шавем. Ба ёд оред, ки чӣ тавр Исо ба осмон боло шуд баъд аз чил соли бо шогирдони Худ будан. Яке аз ҷузъиёте, ки Ҷастин ба падари худ нақл кард, (ки онро дигар шиносони ман ҳам, ки дар осмон буданд, ёдоварӣ мекунанд), ӯ метавонист роҳ бигардад, парвоз намояд ё дар як лаҳза ба дигар ҷой равад.

## Ҳукмронии ҳазорсолаи Исо

Ба мо зарур аст, ки ба сӯҳбат оиди кӯчидани шаҳри Худо баргардем, аммо биёед дар бораи он ҳодисаҳое, ки пеш аз ин рух медиҳанд, гап занем. Дар хотимаи асри Калисо андӯҳи ҳафтсола фаро мерасад. Зиддимасеҳ пайдо мешавад, одами бешариат, ва бисёр касонро ба гумроҳӣ мебарад. Ӯ худро баланд мебардорад ва худро аз ҳамаи чизи Худо дар боло гузошта ҳам, боло мегузорад, муқаддасонро таъқиб мекунад ва бисёр мамлакатҳоро ба торикии исён бар зидди Худо мебарад.

Дар ин давра Худованд аз паси муқаддасони худ меояд. Баъзеҳо бовар мекунанд, ки ин то оғози андӯҳи ҳафтсола рӯй медиҳад, дигарон – дар мобайн, боқимондаҳо – дар охир. Ман ин мавзӯъро дар ин китоб муҳокима наменамоям. Муҳим аст, оё мо ба ин тайёр ҳастем.

Якчанд маротиба Павлус мавзӯи нузулро дар Аҳди Ҷадид гуфта гузаштааст. Дар яке аз чунин ҷойҳо гуфта шудааст:

> “Чунки Худи Худованд бо бонги даъват, бо садои фариштаи муқарраб ва карнаи Худо, аз осмон нузул хоҳад кард, ва онҳое ки дар Масеҳ мурдаанд, аввал эҳё ҳоҳанд шуд; баъд мо, зиндаҳо, ки боқӣ мондаем, бо якҷоягии онҳо бар абрҳо бурда хоҳем шуд, то ки Худовандро дар ҳаво пешвоз гирем, ва ҳамин тавр ҳамеша бо Худованд хоҳем буд. Пас ҳамдигарро бо ин суханон тасаллӣ диҳед” (1 Таслӯникиён 4: 16-18).

Ин омадани дуюми Масеҳ нест, барои он ки Ӯ ба замин фуруд намеояд, балки муқаддасони худро дар абрҳо пешвоз мегирад. Омадани дуюм дар охири андӯҳи ҳафтсола мешавад, ҳангоме ки Исо дар аспи сафед бармегардад, ҷанговарони осмониро роҳбарӣ карда, ки дар он миллионҳо муқаддасон мебошанд (ниг. Яҳудо 14).

Зиддимасеҳ, набии козиб, роҳбарони ҷаҳонӣ ва қӯшунҳои ҳамаи халқҳо барои мубориза бо Худованд ва артиши Ӯ якҷоя ҷамъ мешаванд. Исо онҳоро бо шамшери худ ҳалок месозад ва паррандаҳои осмон ҷасадҳои онҳоро нӯл ме-

зананд. Ин ҷангро одатан Ҳармиҷидӯн меноманд, чунки он дар водии Мегиддо рӯй медиҳад, ки он аз кӯҳи Кармил то ҷануб-шарқи Ерусалим давом меёбад (ниг. Ваҳӣ 16:16; 19:11-21).

Дар тамоми олам одамоне ёфт мешаванд, ки ба зиддимасеҳ ваъда надодаанд, ки вафодор мемонанд, онҳо дар ин ҷанг бар зидди Худованд намебароянд. Бисёр худошиносон эътиқод доранд, ки ин одамон зинда мемонанд, то ки дар асри оянда зиндагӣ кунанд, ки онро одатан подшоҳии ҳазорсолаи Масеҳ меноманд. Онҳо дар он ҷо барои зистан мемонанд ва ба ҳукмронии умумиҷаҳонии Масеҳ итоат мекунанд. Онҳо ҷисмҳои табиӣ хоҳанд дошт, ва онҳо метавонанд афзоиши аҳолии заминро давом диҳанд.

Аз рӯи моҳият, дар замин ду навъи одамон зиндагӣ мекунанд – онҳое ки баъд аз Ҳармиҷидӯн зинда монданд, ва муқаддасоне, ки ҳамроҳи Исо якҷоя баргаштанд. Ҳамаи муқаддасон ҷисмҳои ҷалолёфта хоҳанд дошт, ба мисли Шоҳ Исо. Якҷоя бо Ӯ онҳо заминро ҳукмронӣ хоҳанд кард. Тасаввур кардан душвор нест, ки ин ду гурӯҳ байни худ айнан ҳамон тавре муносибат мекунанд, мисле ки Исо бо шогирдонаш баъд аз эҳёшавии Худ. Муқаддасони ҷалолёфта гап мезананд, роҳ меравӣанд, ғизо мехӯранд ва муносибат мекунанд бо онҳое, ки ҷисмҳои оддӣ доранд.

Навиштаҷот мегӯяд, ки сулҳи умумиҷаҳонӣ фаро мерасад, азбаски шайтон ва пайравони ӯ дар муддати ҳазор сол баста мешаванд. Аз сабаби рӯйоварии бузурги тамоми халқҳо ба Худо ҷанг, хиёнат, нафрат, шарм, ҷиноят, беморӣ намешавад. Пайғамбар Мико мегӯяд:

> “Ва дар айёми охир чунин воқеъ хоҳад шуд, ки кӯҳи Худованд бар сари кӯҳҳо барқарор хоҳад гардид, ва аз пуштаҳо баланд хоҳад шуд, ва қавмҳо сӯи он равона хоҳанд шуд. Ва халқҳои бисёр роҳсипор шуда, хоҳанд гуфт: биёед, ба кӯҳи Худованд, ва ба хонаи Худои Яъқуб бароем, то ки Ӯ тариқаҳои Худро ба мо таълим диҳад, ва мо бо роҳҳои Ӯ равона шавем. Зеро ки шариат аз Сион, ва каломи Худованд аз

> Ерусалим хоҳад баромад. Ва дар миёни қавмҳои бисёр доварӣ хоҳад кард, ва ихтилофоти байни халқҳои азимро то ақсои дурдаст ҳал хоҳад намуд; ва онҳо шамшерҳои худро барои позаҳо, ва найзаҳои худро барои досколаҳо хоҳанд шикаст; ва халқе бар халқе шамшер нахоҳад кашид, ва ҷангро дигар таълим нахоҳанд гирифт. Ва ҳар яке зери токи худ ва зери дарахти анҷири худ хоҳанд нишаст, ва касе онҳоро нахоҳад тарсонид, зеро ки даҳони Худованди лашкарҳо инро гуфтааст" (Мико 4:1-4).

Комёбии умумӣ ва системаи молиявии боамният фаро мерасад, вақте ки ҳамаи халқҳо бо қонуни Худо зиндагӣ мекунанд. Ин вақти аҷоиб мешавад!

## Тахти сафеди бузурги Доварӣ

Баъд аз ҳазор соли бандӣ буданаш шайтон ба як муддати кӯтоҳ аз зиндони худ мебарояд. Ба ӯ иҷозат дода мешавад, ки бараояд ва халқҳоро фиреб диҳад. Ин на ба муқаддасони дар ҷисмҳои ҷалолёфтабуда дахл дорад, балки ба онҳое, ки баъд аз муборизаи Ҳармиҷидӯн зинда мондаанд, ё ба онҳое, ки дар тӯли малакути ҳазорсола таваллуд шудаанд.

Исёнгарон якҷоя ҷамъ мешаванд ва Ерусалимро иҳота менамоянд, ва он гоҳ Худо аз осмон оташ мефиристад, ки онҳоро фурӯ мебарад. Шайтон ба "кӯли оташ" андохта мешавад барои азоб рӯз ва шаб, бар абад то абад ва дигар ҳаргиз озод намешавад (ниг. Ваҳӣ 20:7-10).

Фавран баъд аз ин тахти сафеди бузурги Доварӣ меояд. Дӯзах тамоми мурдагони худро медиҳад аз Одам сар карда то ин ҷанги охирин. Ҳамаи одамоне, ки бо Иегова аҳд надоштанд дар замонҳои Аҳди Қадим ё ба ҳукмронии Исо дар замонҳои оянда итоат накарданд, дар назди Шоҳ меистанд ва ҳисобот медиҳанд, мисле ки бо Мустақил, Фиребхӯрда, Беҷуръат ва Ҳаёти Дуҷониба рӯй дод. Ҳар касе, ки номаш дар Китоби Ҳаёт навишта нашудааст, то абад ҳамроҳи шайтон ва пайравони ӯ ба кӯли оташ андохта мешавад.

## Осмони нав ва замини нав

Ҳамон лаҳзае, ки оташ замин ва осмони пештарароро фурӯ мебарад (ниг. 2 Петрус 3:10-13), осмони нав ва замини нав пайдо мешаванд. Ҳаворӣ Юҳанно менависад: "Ва осмони нав ва замини навро дидам; зеро ки осмони пештара ва замини пештара гузашт, ва баҳр дигар набуд" (Ваҳй 21:1).

Пасон ҳаворӣ Юҳанно Ерусалими навро тасвир менамояд, ки аз осмон нузул мекунад, то ки то абад дар замини нав бимонад. Ин дар бораи зан, ё арӯси Барра гуфта мешавад, чунки ин хона барои ҳамаи аз тарафи Худованд харидашудагон мебошад, аз Одам сар карда то онҳое ки дар ҷалоли Ӯ дар омадани дуюм қабул шудаанд. Юҳанно тасвири батафсили ин Ерусалими навро медиҳад:

> "Ва маро дар Рӯҳ ба кӯҳи бузург ва баланде бурд ва шаҳри бузург -Ерусалими муқаддасро ба ман нишон дод, ки аз осмон аз ҷониби Худо нузул мекард. Ки вай ҷалоли Худоро дорад; найири вай ба санги бағоят гаронбаҳо монанд аст, мисли санги яшме ки чун булӯр шаффоф бошад. Вай девори бузург ва баланде дорад, ва дувоздаҳ дарвоза дорад, ва бар онҳо -дувоздаҳ фаришта; бар дарвозаҳо номҳои дувоздаҳ сибти банӣ-Исроил навишта шудааст; аз шарқ се дарвоза, аз шимол се дарвоза, аз ғарб се дарвоза. Девори шаҳр дувоздаҳ таҳкурсӣ дорад, ва бар онҳо -номҳои дувоздаҳ ҳавориёни Барра. Ва он ки бо ман сухан меронад, ба сифати андоза наи тиллое дошт, то ки шаҳр ва дарвозаҳояш ва деворашро андоза кунад. Шаҳр ба шакли мураббаъ воқеъ аст, ва дарозии он баробари фарохии он аст. Ва ӯ шаҳрро бо най андоза карда, дувоздаҳ ҳазор стадия ёфт; дарозӣ ва фарохӣ ва баландии он баробар аст. Ва девори онро андоза карда, саду чилу чор зироъ ба андозаи одамизод ёфт, ки андозаи фаришта низ чунин аст. Девори он аз яшм сохта шудааст, ва шаҳр зари холис буда, ба шишаи покиза монандӣ дорад. Таҳкурсиҳои девори шаҳр бо ҳар гуна ҷавоҳирот мурассаъ аст: таҳкурсии якум-яшм, дуюм-ёқути кабуд, сеюм -ақиқи сӯхта, чорум -зумуррад, панҷум-ақиқи гулобӣ, шашум-ақиқ, ҳафтум-забарҷад, ҳаштум -берил,

> нӯҳум-ёқути зард, даҳум-ақиқи сабз, ёздаҳум -гиасинт, дувоздаҳум -нилум. Ва дувоздаҳ дарвоза-дувоздаҳ марворид: ҳар дарвоза аз як марворид буд. Ва кӯчаи шаҳр -зари холис, монанди шишаи шаффоф” (Ваҳӣ 21:10-21).

Шаҳр воқеан ҷалбкунанда! Мӯъҷизае, ки мо мислаш ҳеҷ гоҳ дар замин надида будем. Аз он сарват, нур ва рӯшноӣ мебарояд. Дигар ҳеҷ фано намешавад, азбаски он комилан пок аст.

Юҳанно тасвири худро давом медиҳад:

> “Ва дарёи покизаи оби ҳаётро ба ман нишон дод, ки мисли булӯр дурахшон буда, аз ҷониби тахти Худо ва Барра ҷорӣ мешуд. Дар миёни кӯчаи шаҳр, дар ҳар ду канори дарё, дарахти ҳаёт аст, ки дувоздаҳ [карат] мева меоварад, яъне ҳар моҳ меваи худро медиҳад; ва баргҳои дарахт *барои муоличаи халқҳост*. Ва ҳеҷ лаънатшудае дигар нахоҳад буд; ва тахти Худо ва Барра дар вай хоҳад буд, ва бандагони Ӯ ба Ӯ хизмат хоҳанд кард. Ва *рӯи Ӯро хоҳанд дид*, ва исми Ӯ бар пешониҳошон хоҳад буд. Ва шаб дигар нахоҳад буд, ва онҳо ба чароғ ва рӯшноии офтоб ҳеҷ эҳтиёҷ нахоҳанд дошт, зеро ки Худованд Худо ба онҳо рӯшноӣ мебахшад; ва то абад *салтанат* хоҳанд ронд” (Ваҳӣ 22:1-5).

Диққат кунед, ки Навиштаҷот возеҳ дар бораи он мегӯяд, ки мо рӯи Ӯро мебинем. Ба мо иҷозат дода мешавад он чиро бубинем, ки Мӯсо бисёр мехост ва он барояш рад карда шуда буд. Чӣ хел ин боиси ифтихор аст!

Боз ба он диққат диҳед, ки барги дарахтони ҳаёт барои *муоличаи халқҳо* таъин шудааст. Ин ба якчанд саволҳои аҷоиб тела мекунад. Ин халқҳо киҳо ҳастанд, чунки охир дар шаҳр танҳо муқаддасон зиндагӣ мекунанд-ку? Аз болои кӣ онҳо аз абад то абад салтанат меронанд? Оё дар ин вақт одамон бо ҷисмҳои оддӣ зиндагӣ мекунанд ё не? Ишаъё ба ин ҷавоб медиҳад:

> “Зеро, инак Ман осмони нав ва замини нав меофарам, ва чизҳои пештара ба хотир нахоҳад расид, ва ба дил нахоҳад омад. Балки аз он чи Ман меофарам, шодӣ кунед ва то абад ба

> ваҷд оед: зеро, инак Ман Ерусалимро ҳамчун манбаи ваҷд, ва қавми онро (*муқаддасони барояшон нарх супоридашуда*) ҳамчун манбаи шодӣ меофарам. Ва ба Ерусалим ба ваҷд хоҳам омад, ва аз қавми Худ шодӣ хоҳам кард; ва дар он дигар овози гиря ва овози фиғон шунида нахоҳад шуд" (Ишаъё 65:17-19).

Акнун Ишаъё ба одамони берун аз Ерусалими нав муроҷиат мекунад:

> "Дар он ҷо дигар хурдсоле ва пире нахоҳад буд, ки ба пурии рӯзҳои худ нарасида бошад, зеро касе ки дар синни садсолагӣ бимирад, ҷавон ҳисоб меёбад, ва агар гунаҳкор дар синни садсолагӣ бимирад, ба лаънат дучор мешавад. Ва хонаҳо бино карда, дар онҳо сокин хоҳанд шуд, ва токҳо шинонда, меваи онҳоро хоҳанд хӯрд. Онҳо бино нахоҳанд кард барои он ки дигарон сокин шаванд; онҳо нахоҳанд шинонд барои он ки дигарон бихӯранд; зеро ки рӯзҳои қавми Ман мисли рӯзҳои дарахт хоҳад буд, ва баргузидагони Ман аз амали дастҳои худ то ба охир истифода хоҳанд бурд. Бар абас онҳо меҳнат нахоҳанд кард, ва барои изтироб нахоҳанд зоид, зеро ки онҳо, ва зурётaшон бо онҳо, нали мубораки Худованд мебошанд. Ва воқеъ хоҳад шуд, ки пеш аз он ки онҳо бихонанд, Ман ҷавоб хоҳам дод, ва пеш аз он ки онҳо сухане гӯянд, Ман хоҳам шунид. Гург ва барра бо ҳам хоҳанд чарид, ва шер мисли гов коҳ хоҳад хӯрд, ва ғизои мор хок хоҳад буд; онҳо дар тамоми кӯҳи муқаддаси Ман бадӣ нахоҳанд кард ва осебе нахоҳанд расонид, мегӯяд Худованд" (Ишаъё 65:20-25).

Бисёриҳо ин ҷои Навиштаҷотро ба давраи ҳукмронии Масеҳ дар вақти подшоҳии ҳазорсола нисбат медиҳанд, аммо ин ҷо возеҳ дар бораи асре гуфта мешавад, ки вақте осмони нав ва замини нав пайдо мешавад. Навиштаҳои Юҳанно ва Ишаъёро бодиққат хонда, мо мебинем, ки одамоне мешаванд, ки берун аз шаҳр зиндагӣ мекунанд. Онҳо хонаҳои худро дар вақтҳои абадии осоиштагии умумӣ ва комёбӣ сохтаанд. Ин наметавонад ба муқаддасоне, ки дар шаҳри муқаддас зиндагӣ мекунанд, дахл дошта бошад, чунки онҳо аллакай хонаҳое доранд, ки худи Исо барояшон тайёр кардааст (ниг. Юҳанно 14:2-4).

Дар он ҷо боз фарзандон мешаванд, ки аз ин одамон тавлид шудаанд. Ин ҳам ба муқаддасони ҷалолёфта дахл надорад, барои он ки Исо возеҳ гуфтааст, ки дар ҷисмҳои ҷалолёфта мо фарзандон ба дунё намеорем ва издивоҷ намекунем. Исо гуфтааст: "Зеро ки дар эҳёи мурдагон на зан мегиранд ва на ба шавҳар мераванд, балки монанди фариштагони Худо дар осмон мебошанд" (Матто 22:30). Ин боз як воқеият аст, ки инро Ҷастин баъд аз дар осмон буданаш тасдиқ кард.

Ин халқҳо замини навро мегиранд, онро сохта. Онҳо афзоиш меёбанд ва заминро чунон пур мекунанд, ки Одам бояд пур мекард, агар ки ӯ гуноҳ намекард.

Ҳамаи инро чӣ тавр мантиқан фаҳмонидан мумкин аст? Яке аз имкониятҳо, ки оиди он баҳс кардан мумкин аст, ки аз оғози подшоҳии ҳазорсола ҳаёти одами оддӣ дарозтар мешавад, чунки душмани мо, марг, шикаста ва маҳв карда мешавад (ниг. 1 Қӯринтиён 15:26). Исо лаънати маргро рӯҳонӣ ва ҷисмонӣ мешиканад. Аз ин сабаб одамизод метавонад ба пуррагӣ дар тӯли давраи ҳазорсола зиндагӣ кунад.

Дар охири подшоҳии ҳазорсола ба онҳо он бахшоиш то абад монда мешавад, барои он ки онҳо дар давраи озод кардани шайтон бар зидди Худо набаромаданд. Сарояндаи Забур менависад: "Қавмҳо то абад Туро ҳамду сано хоҳанд гуфт" (Забур 44:18). Яке аз тарзҳои фаҳмидани чунин имконият – ин дида баромадани халқҳо ба монанди Одам ва Ҳавво то ба гуноҳ афтодан. Одам на барои марг офарида шуда буд, балки барои ҳаёти абадӣ. Дар вақти дар гуноҳ афтодан бахшиши ҳаёти абадӣ гум шуда буд, ва одам лаънати маргро ба худ ва насли худ овард.

Танҳо муқаддасони аз тарафи Масеҳ харидашуда дар ҷисмҳои ҷалолёфта дар Ерусалими нав зиндагӣ мекунанд, аммо аз Навиштаҷот дида мешавад, ки одамони ҷисмҳои оддидошта метавонанд ба шаҳр дароянд, самараро бичашанд ва ба Худованд саҷда намоянд. Ин аз суханони Юҳанно маълум мешавад:

> “Ва халқҳои ҷаҳон дар рӯшноии вай роҳ хоҳанд рафт, ва подшоҳони замин ҷалол ва шавкати худро ба вай хоҳанд овард. Ва дарвозаҳои шаҳр рӯзона баста нахоҳанд шуд, зеро ки дар он ҷо шаб нахоҳад буд. Ва ҷалол ва шавкати халқҳоро ба вай хоҳанд овард. Ва ҳеҷ палиде, ва ҳеҷ каси зишткор ва дурӯғгӯй вориди он нахоҳад шуд, балки фақат онҳое ки дар дафтари ҳаёти Барра навишта шудаанд” (Ваҳӣ 21:24-26).

Дар аввали аввал одам ба васвасаи гуноҳ дода шуд. Ҷазо барои гуноҳ марг шуд, марги ҷисмонӣ ва рӯҳонӣ, ки он ба марги абадӣ оварда расонид. Аммо ин Худоро маҷбур насохт, ки аз нақшаи абадии ибтидоии Худ барои одам дар замин даст бикашад.

Оё Худо метавонад аз барои беитоатии инсонӣ бо шикасти нақшааш розӣ шавад? Не. Бар ивази ин Ӯ мағлубияти инсонро ба баракат баргардонд, аз одамизоди афтода *халқи ҷалолёфтаи осмониро* тавассути бозхаридани онҳо аз ҷониби Масеҳ, ки ниҳоятан дар замини нав аз болои одамизод ҳукмронӣ мекунад, ҷамъ кард. Ин ба мо кӯмак мекунад, ки суханони Исоро хубтар бифаҳмем, ки онҳо ба ҳокими бовафо муроҷиат карда шудаанд: “Офарин, эй ғуломи нек! Азбаски ба чизи андак мӯътамад будӣ, бар даҳ шаҳр ҳоким шав” (Луқо 19:17). Шояд, ин шаҳрҳост дар подшоҳии ҳазорсолаи асри абадӣ дар замини нав?

Агар ки ба гуноҳ афтодан намешуд, Худо одамонеро пайдо намекард, ки онҳо қобилият доранд ба Ӯ ба идоракунии корҳои замин ва ҷаҳон аз абад то абад мадад расонанд. Ӯ инро дар ҳикмати абадии Худ пешбинӣ карда буд, барои ҳамин Исо “Барра, ки аз офариниши олам забҳ шуда буд” номида шудааст (Ваҳӣ 13:8).

Аз лаҳзаи саршавии подшоҳии ҳазорсола ва давомаш дар асри нав дар замини нав нақшаи ибтидоии Худо, ки одамони абадан зиндагикунанда заминро пур кунанд, иҷро мешавад. Суханони Исо айнан иҷро мешаванд: “Малакути Ту биёяд; иродаи Ту, чунон ки дар осмон аст, дар замин ҳам

ба амал ояд” (Матто 6:10). Дар замин ҳам ҳамчунон мешавад, мисле ки, аз рӯи шаҳодати Ҷастин, дар осмон буд. Рангҳои нави аҷоиб, растаниҳои зинда ва сангҳо, ки ҷалоли Худоро месароянд, меъмории комил, оби зинда ва ғайра. Ҳақиқатан олами комил!

Ишаъё китоби нубувватии худро бо чунин суханон дар бораи асри замини нав тамом мекунад:

> “Зеро чунон ки осмони нав ва замини наве, ки Ман меофарам, дар ҳузури Ман поянда хоҳад монд, мегӯяд Худованд, ончунон насли шумо ва номи шумо поянда хоҳад буд. Ва воқеъ хоҳад шуд, ки дар ҳар навмоҳ ва дар ҳар шанбе ҳар башар хоҳад омад, то ки ба ҳузури Ман саҷда кунад, мегӯяд Худованд. Ва чун берун оянд, ҷасадҳои мардуми ба Ман осишударо хоҳанд дид: зеро кирми онҳо намемирад, ва оташи онҳо хомӯш намешавад, ва онҳо барои ҳар башар зишт хоҳанд буд” (Ишаъё 66:22-24).

Он воқеият моро ҳушёр месозад, ки тамоми абадият мо ба он ҷое омада метавонем, ки берун аз шаҳр ҷойгир шудааст, ки аз он ҷое ки ба мо оқибати даҳшатноки шайтон, фариштаҳои ӯ ва одамизод, ки бар зидди Худо исён кардаанд, дида мешавад. Шояд, дар ин ҳикмати Худо ҳаст, то ки оқибатҳои гуноҳ ва шӯриш ҳамеша пеши чашмони махлуқот бошанд. Ана дар бораи чӣ фикр кунед: шайтон бе ёрдами васвасакунанда ба исён афтод, ва агар Худо дар абадият ёдовариро оиди ҷазо монад, онгоҳ он бояд ҳамчун огоҳии хуб оиди гуноҳи даҳшатнок, ки дар он Лютсифер ва фариштаҳои ӯ афтоданд, хизмат кунад.

Чи тавре ки пештар гуфта шуд, муқаддасони ҷалолёфта дар шаҳри Худо, дар Ерусалими нав, зиндагӣ мекунанд. Пеш аз он ки подшоҳии ҳазорсола оғоз ёбад, дар вақти Доварии Масеҳ, ки онро мо дар боби оянда батафсил меомӯзем, онҳо мукофоти худ ва мавқеи абадиро дар хидмат ба Шоҳи Ҷовидонӣ мегиранд.

## БОБИ 10

# Доварии Масеҳ

Пас чаро ту бародаратро маҳкум мекунӣ? Ё ту низ чаро бародаратро хор мешуморӣ? Охир, ҳамаи мо пеши курсии доварии Худо ҳозир хоҳем шуд... Пас, ҳар яке аз мо дар бораи худ ба Худо ҳисобот хоҳад дод.
— Румиён 14:10,12

Ҳамаи мо дар назди доварии Масеҳ меистем. Павлус ба кӣ мурочиат мекунад, ба имондорон ё беимонон? Омӯхтани ин порчаи Навиштаҷот дар матнаш ягон шубҳа намегузорад: ӯ ба имондорон мурочиат мекунад. Павлус моро дар бораи ҷиддӣ будани мулоҳизаронии масеҳӣ ё зоҳир кардани беэҳтиромӣ нисбат ба бародарон таълим медиҳад, ва дар бораи он ки касоне ки чунин рафтор мекунанд, барои ин ҳисобот медиҳанд.

Инак, дар назди доварӣ на танҳо беимонон меистанд, балки ҳамаи имондорон назди Худо барои ҳаёташон дар замин ҳисобот медиҳанд. Ин боз як маротиба дар номаи Павлус ба қӯринтиён таъкид карда мешавад, ки мо онро дар боби пешина омӯхтем:

> “Пас зиндадил ҳастем ва афзал медонем, ки аз ҷисм берун рафта, назди Худованд макон гирем, ва ба ин сабаб саъю кӯшиш менамоем, ки хоҳ дар ин макон бошем ва хоҳ набошем, ба Ӯ мақбул афтем; Зеро ҳамаи мо бояд пеши курсии доварии Масеҳ ҳозир шавем, то ки ҳар яке ба бадали амале ки дар ҳаёти ҷисми худ кардааст, хоҳ нек бошад ва хоҳ бад, бигирад” (2 Қӯринтиён 5:8-11).

Комилан маълум аст, ки Павлус на дар бораи доварӣ бар гунаҳкорон мегӯяд, балки бар масеҳиён. Ибораи ӯ “пас зиндадил ҳастем ва афзал медонем, ки аз ҷисм берун рафта, назди Худованд макон гирем” ҳеҷ шакку шубҳа намегузорад, ки он ба кӣ дахл дорад. Ҳеҷ касе аз беимонон бо Худованд намемонад, баъди он ки тани худро тарк мекунад, ҳамаи онҳо ба дӯзах меафтанд, макони доимӣ барои онҳо бошад – ин кӯли оташ.

Чи хеле ки мо пештар гуфтем, нобакорон дар назди доварӣ меистанд, ки бо номи Доварии тахти бузурги сафед машҳур аст, ки он нисбатан дертар мешавад, нисбат ба доварӣ бар имондорон.

Биёед кӯтоҳ такрор мекунем, ки мо дар боби пештара дар бораи чӣ гуфтем. Исо ба замин бо ҷанговарони осмонӣ бармегардад, зиддимасеҳро ғалаба мекунад, шайтонро ба зиндон мепартояд ва ба ҳазор сол ҳукмронии Худро ба замин аз Ерусалим муқаррар менамояд. Баъд аз ин шайтон аз варта озод карда мешавад, ва дар муддати кӯтоҳ ба ӯ иҷозат дода мешавад, ки ҳамаи халқҳои заминро ба гумроҳӣ барад. Оташ аз осмон ҳамаи исёнгаронро фурӯ мебарад, ва шайтон абадан ба кӯли оташ андохта мешавад. Баъдан ҳамаи беимонон ва бадкорон аз дӯзах эҳё мешаванд, то ки дар назди тахти бузурги сафеди Доварӣ биистанд. Исо дар бораи ин ҳодиса ҳамчун дар бораи эҳёшавӣ барои маҳкумшавӣ мегӯяд (ниг. Юҳанно 5:29). Ҳамаи онҳое, ки номҳояшон дар Китоби Ҳаёт навишта нашудаанд, дар кӯли оташ андохта мешаванд.

Аз дигар тараф, доварӣ бар имондорон нисбатан пештар аз Доварии тахти бузурги сафед мешавад. Дар Навиштаҷот вақти аниқ гуфта гузашта нашудааст, аммо мо медонем, ки ин баъд аз нузули калисо дар абрҳо ва пеш аз оғози ҳукмронии Масеҳ дар подшоҳии ҳазорсола рӯй медиҳад. Инак, тахминан ҳазор сол ду довариро аз якдигар ҷудо мекунад. (Дар достони мо оиди Аффабел ин лаҳза тасвир карда нашуда буд).

Дар Номаи дуюм ба Қӯринтиён (5:10) суханон аз Нома ба Румиён акси садо медиҳанд: "Зеро ҳамаи мо бояд пеши курсии доварии Масеҳ ҳозир шавем". Калимаи "курсии доварӣ" ҳам дар Нома ба Румиён, ва ҳам дар Нома ба Қӯринтиён – калимаи юнонии бема. "Симфония"-и Стронг ба ин калима таъриф медиҳад: "*зина,* платформа, минбар". Дар "UBS Commentary" чунин таъриф дода мешавад: "Курсии доварӣ ин курсии судя дар суди шаҳрӣ дар империяи Рум буд. Павлус ин калимаро барои тасвири доварии Масеҳ истифода мекунад". Ба ин таъриф асос карда, мо доварӣ бар имондоронро Доваригоҳи Масеҳ меномем.

Доваригоҳи Масеҳ дар маънои аниқаш минбари Худо мебошад. Дар Навиштаҷот гуфта шудааст, ки Падар тамоми довариро ба Писар супоридааст (ниг. Юҳанно 5:22). Исои Масеҳ на танҳо Наҷотдиҳандаи мо, балки Довари мо, ва ба наздикӣ Ӯ он касонеро, ки азони Худаш аст, доварӣ мекунад. Аз ҳама таърифи оддӣ ба калимаи аслии "доварӣ" ин қарори тарафдор ё бетарафи дар натиҷаи тафтишот қабулшуда мебошад.

Дар Калисо миқдори зиёди одамон ҳастанд, ки дарк намекунанд, ки онҳо бояд барои корҳои худ, ки дар вақти кӯтоҳи дар замин будан кардаанд, ҳисобот диҳанд. Бисёриҳо хато карда чунин меҳисобанд, ки доварии оянда баъд аз наҷоти онҳо беэътибор карда шудааст. Дар ин қисми ҳақиқат ҳаст: хуни Исо моро аз гуноҳҳое пок мекунад, ки ба мо монеъ мешаванд ба Малакути Ӯ дароем, аммо он моро аз доварӣ бар он озод намекунад, ки мо чӣ тавр, имондор буда, зиндагӣ кардем, хуб ё бад.

## Қарорҳои абадӣ

Доварӣ ё қарори Ӯ, ки дар Доваригоҳи Масеҳ қабул шудааст, ки ба мо дахл дорад, абадӣ мешавад, он беэътибор дониста ё тағйир дода намешавад.

Ба як лаҳза истед ва муҳокимаронии ҳои моро дар боби якум ба ёд оред, ки мо дар фикр кӯшиш кардем, мафҳуми абадиятро дарк кунем. Яъқуб мегӯяд, ки ҳаёти муваққатии мо дар замин мисли буғ гум мешавад (ниг. Яъқуб 4:14). Ин муқоисаи хушобуранги ҳаёти заминии давомнокиаш аз ҳаштод то сад сол бо абадият аст. Агар ки ӯ маълумоти математикиеро, ки имрӯз ба мо дастрас аст, медошт, ӯ дар муқоисаҳояш нисбатан дақиқтар мебуд. Вақте ки ман математикаро меомӯхтам, ман аз аввал дар хотир нигоҳ доштам, ки ҳар як бузургӣ, ки ба беохир тақсим карда мешавад, ба сифр баробар аст.

80 сол: беохир (абадият) = 0
ё
100 сол: беохир (абадият)= 0

Ҳар як ададИ маҳдуд, ки ба беохир тақсим ё муқоиса карда мешавад баробари сифр аст. Муҳим нест, ки шумо чӣ қадар дар замин умри дароз мебинед. Ҳатто агар шумо тавонед, ки яксаду панҷоҳ сол умр бинед, дар муқоиса бо абадият баробараш сифр аст.

Ин маънои онро дорад, ҳамаи кореро, ки мо, имондорон ба Исо, дар ин ҷо дар ин муддате, ки ба сифр баробар карда шудааст, кардаем, муайян мекунад, ки чӣ гуна мо абадиятро мегузаронем. Дар ёд дошта бошед: дар куҷо мо абадиятро мегузаронем, бо он муайян карда мешавад, ки мо ба салиби Исо ва файзи наҷотдиҳандаи Ӯ чӣ тавр муносибат кардем, аммо чӣ гуна мо дар Малакути абадии Ӯ ҳаёт мебарем, ҳаёти мо дар замин баъд аз наҷот муайян мекунад.

Дар ёд доред, чӣ тавр дар ҳикояти мо Худпараст ва шиносони ӯ дар бораи он афсӯс хӯрданд, ки онҳо муддати кӯтоҳи дар Эндел буданро чӣ гуна идора карданд? Қисми зиёди мӯҳлати санҷишии панҷсола барои фароғати худ гузашт, на барои он ки худро пурра ба иродаи Ҷалин бах-

шанд. Тамоми ҳаёти боқимонда ба онҳо лозим меояд, ки аз қобилияту малакаҳои шахсиашон поёнтар зиндагӣ кунанд, барои он ки ҳар яке аз онҳо имконият дошт, ки дар назди Ҷалин зиндагӣ ва кор кунад, ҳатто ҳамроҳи Ӯ дар шаҳри Ӯ ҳукмронӣ кунад. Оё онҳо бо вақти кӯтоҳе, ки пас хатм кардани мактаб омада буд, ҳаловат бурданд, ё не – ба ҳар ҳолояндаи онҳо муайян шуда буд. Оянда 130 соли ҳаёти онҳо натиҷаи зиндагии дар панҷ соли кӯтоҳи озмоишӣ аз сар гузаронида мешавад. Дар ин бора фикр кунед: 130 сол дар муқоиса бо 5 сол! Ин бисёр зиёд аст. Нафарони кам ҳатто ба сарҳади хурдтарини ҳаёт дар замин наздик мешаванд. Агар ки Худпараст ва дигарон ҳамту дар бораи ин фикр мекарданд, дар Эндел буда, аниқтараш, онҳо ин солҳоро дигар хел аз сар мегузарониданд.

Ҳар чи қадар ки мисол аз достон ҳушёркунанда набошад ҳам, он бо он чизе ки мо муҳокима мекунем, ҳеҷ чиз аст. Биёед дигар ҳолатро мебинем. Кӯшиш кунед ин чизро тасаввур кунед: шумо як рӯз доред, ва аз он ки шумо чӣ тавр ин шабонарӯзро мегузаронед, ҳаёти шумо дар тӯли ҳазор сол вобаста мешавад. Кӯшиш кунед ҳазор солро тасаввур кунед. Ин сана аз лаҳзаи пайдошавии Иоллоти Муттаҳида бисёр дур меравад, ба санае, вақте ки Христофор Колумб бодбонҳои худро барои кушодани олами нав боло бардошт. Ҳазор сол ин бисёр вақти зиёд аст. Мукофотҳо, мавқеъ дар ҷамъият, ҷои истиқомат ва ҳамаи боқимонда чизҳо дар муддати ҳазор сол бо он муайян карда мешавад, ки чӣ гуна шумо як рӯзи ягонаро аз сар мегузаронед.

Оё шумо бо тамоми қувваи худ кӯшиш намекунед? Чӣ гуна шумо онро мегузаронед? Оё ҳаёти шумо аз ҳозира фарқ мекунад? Оё ҷои аввалиндараҷаро итоат ба Хӯҷаин намегирад? Оё шумо ҳар як имкониятро меҷӯед, то ки ба ҳаёти одамон барои манфиати Малакут таъсир расонед? Оё шумо бо одамон дигар хел муносибат мекунед? Рӯйхати са-

волҳоро беохир давом додан мумкин аст. Ва ба ҳар ҳол ин ҳолат ҳеҷ чиз аст бо муқоиса бо он ки дар борааш мо мегӯем, барои он ки як рӯзе, ки ба 365 ҳазор рӯзҳо тақсим карда шудааст (ҳамин қадар рӯзҳо дар ҳазор сол), ба сифр баробар намешавад.

Биёед давом медиҳем. Фарз мекунем, ки як рӯзи ягонаи зиндагикардаи шумо онро муайян мекунад, ки чӣ гуна шумо миллион соли ояндаро аз сар мегузаронед! Кӯшиш намоед ба як лаҳза инро тасаввур кунед. Одамизод дар замин ҳамагӣ шаш ҳазор сол зиндагӣ мекунад. Инак, миллион сол 150 маротиба зиёдтар аз вақти зиндагонии одамизод дар замин мебошад. Инро худ ба худ тасаввур кардан душвор аст. Аммо ин ба ҳар ҳол бо муқоиса бо мавзӯи муҳокимакунандаи мо ҳеҷ чиз аст, чунки як рӯз, ки ба 365 миллионҳо рӯзҳо тақсим карда шудааст (маҳз ҳамин қадар рӯзҳо дар миллион сол) то ҳол ба сифр баробар нест. Муҳим нест, оё мо миллиард ё триллион солро мегирем, аздусар мо як адади муайянро мегирем.

Аҳамият надорад, ки чӣ қадар зиёд мо дар замин зиндагӣ мекунем, вақти мо дар ин ҷо бо муқоиса бо абадият баробари сифр аст. Шояд маҳз аз ҳамин сабаб ҳавворӣ Павлус моро бовар мекунонад, ки ҳамон тавре зиндагӣ кунем, то ки мукофоти баландтаринро бигирем? Дар Номаи худ ба Қӯринтиён ӯ мегӯяд, ки одаме, ки дар давиш иштирок мекунад, барои ғалаба ба даст овардан кӯшиш менамояд, ва баъдан ӯ мегӯяд:

> “Ҳамин тавр бидавед, то ки соҳиби он гардед. Ҳамаи риёзаткашон аз ҳар чиз худдорӣ мекунанд: онҳо барои гирифтани тоҷи фонӣ, лекин мо барои гирифтани тоҷи ғайрифонӣ. Бинобар ин ман медавам на он тавре ки бар абас бошад, ва мушт мезанам на он тавре ки фақат барои задани ҳаво бошад; балки ҷисми худро азоб медиҳам ва ғулом мегардонам, то ки ба дигарон мавъиза намуда, худам маҳрум набошам” (1 Қӯринтиён 9:24-27).

Аз рӯи гуфтаҳои Павлус, дар ҳаёти мо мақсад ҳаст: гирифтани мукофоти абадӣ, ки ҳеҷ гоҳ пажмурда намешавад. Дар ин зиндагӣ мо бояд чунон бидавем, то ки ғалаба кунем. Барои ғалаба кардан ба мо интизом, худназораткунӣ ва мақсад даркор аст.

Ман солҳои зиёд бо варзиш ба таври ҷиддӣ машғул будам. Вақте ки ман дар ассотсиатсияи тенниси Иёлоти Муттаҳида, дар ҷоми навҷавонони Дэвис ва девизиони якум оид ба теннис NCAA иштирок менамудам, ман бисёр машқ мекардам. Ман то шаш соатро дар як рӯз дар корт мегузаронидам, баъзан вақт як намуди зарба заданро бо тренер ва дигар варзишгарон то сад маротиба машқ мекардам. Ман китобҳо дар бораи фаъолияти фикрии вазнин дар корт мехондам. Ба ғайри машқҳо дар корт ман дар тренажерҳо машқ мекардам, вазн мебардоштам, медавидам, бо арғамчин хез мекардам, мӯҳрабозӣ мекардам, то ки ҳаракати дастонамро беҳтар гардонам ва ғайраву ҳоказо. Ман он қадар сахт бо мақсад ҳаракат мекардам, ки модарам таҳдид мекард, ки рахти хоби маро назди кортҳои тенниси дар маҳаллаи мо буда бурда мегузорад. Барои чӣ ман инро мекардам? Барои он ки ғалаба кунам. То ки чемпион шавам. То ки беҳтарин шавам. Ва мукофотеро, ки сазовори ғолиб аст, бигирам.

Дар Малакут каме дигар аст. Мо на бо дигарон, балки танҳо бо худ мусобиқа мекунем, ва мақсади мо дар он аст, то ки ба Исо дар ҳар коре, ки мекунем, мақбул афтем (ниг. 2 Қӯринтиён 5:9). Вақте ки мо Навиштаҷотро бодиққат мехонем, дар он ҷойҳоеро пайдо мекунем, ки дар бораи он гуфта шудааст, ки Исо чӣ тавр мехоҳад, ки мо бо одамон муносибат кунем, ба чӣ кӯшиш намоем, вақти худро ба чӣ бахшем, ба ҷони одамон дар остонаи абадият чӣ хел таъсир расонем, чӣ тавр роҳро ба Малакути Ӯ ба дигарон нишон диҳем, чӣ тавр атрофиёнро бубахшем ва ғайраҳо. Дертар мо инро нисбатан чуқуртар муҳокима менамоем. Хулосаи гуфтаҳои боло: зиндагӣ кун, то ки ғалаба ба даст оварӣ!

## Мукофотҳои гуногун

Навиштаҷот ошкор менамояд, ки мукофотҳо ва мавқеъҳо, ки онҳоро имондорон сазовор мешаванд, аз якдигар сахт фарқ хоҳанд кард. Мукофотҳо дигаргун мешаванд, аз он сар карда ки ҳама чиз месӯзад, то имконияти идора кардан дар канори Исо дар муддати тамоми абадият (ниг. 1 Қӯринтиён 3:15; Ваҳӣ 3:21).

Бисёриҳо аз калимаҳои аз даст додан ё сӯхтан як қад мепаранд, агар ки он ба ҳаёти онҳо дахл дошта бошад; онҳо бо мушкилӣ бовар мекунанд, ки дар осмон чунин шуданаш умуман имкон дорад. Аммо дар Навиштаҷот комилан равшан дар бораи ин гуфта шудааст. Пеш аз он ки ман оятҳои Навиштаҷотро орам, ба ман иҷозат диҳед пешакӣ фаҳмонам, ки дар Китоби Муқаддас ҳаёти одамизод бисёр вақт бо бино муқоиса карда мешавад, дар баъзе ҷойҳо бино ё маъбад бо Калисо муқоиса карда мешавад.

Дар ин маҷозҳо мо ба он маъно ҳамчун сохтумончиён тасвир карда шудаем, ки чӣ тавр мо ба рафти ҳаёти шахсиамон, ҳаёти дигар одамон ё ба калисо таъсир мерасонем. Ва ман на як бор ин муқоисаро дар қисми боқимондаи китоб истифода менамоям. Павлус аниқ тасдиқ мекунад:

> “Шумо... иморати Худо ҳастед... лекин ҳар кас бохабар бошад, ки чӣ гуна месозад. Зеро ҳеҷ кас таҳкурсии дигаре ниҳода наметавонад, ҷуз он ки ниҳода шудааст, ки он Исои Масеҳ аст. Ва агар касе бар ин таҳкурсӣ иморате аз тилло, нуқра, ҷавоҳирот, ё чӯб, хасбеда, пахол бино кунад, амали ҳар кас зоҳир хоҳад шуд; зеро ки он рӯз нишон хоҳад дод, чунки дар оташ ошкор хоҳад шуд, ва оташ амали ҳар касро озмоиш хоҳад кард, ки он чӣ гуна аст. Агар амали касе ки бар он сохтааст, пойдор бимонад, вай музд хоҳад гирифт. Ва агар амали касе бисӯзад, вай зиён хоҳад дид; валекин худаш наҷот хоҳад ёфт, аммо тавре ки гӯё аз даруни оташ гузашта бошад” (1 Қӯринтиён 3:9-15).

Мо худамон муайян мекунем, ки чӣ гуна бисозем, ва ҳамеша интихоб байни ду самти асосӣ дар сохтумон дорем. Яке аз самтҳо – ин ҷазбшавӣ ба чизҳои муваққатӣ, писанд омадан ба ҷисм (дарахт, хасбеда, пахол). Дигараш – ин ҳаёте, ки бо хоҳишҳои рӯҳи аз нав таваллудшудаи мо ва Каломи Худо (тилло, нуқра ва ҷавоҳирот) мутобиқ. Он ки мо чӣ тавр месозем ё зиндагӣ менамоем, муайян менамояд, ки то чӣ андоза мо муваффақ шудаем, вақте ки оташи ҳузури Ӯ корҳои моро меозмояд.

Озмуда мешаванд на танҳо корҳои мо, балки фикрҳо, ангезаҳо ва ниятҳо. Ана барои чӣ ба имондорон комилан зарур аст, ки Каломи Худоро бодиққат гӯш кунанд ва дар дили худ нигоҳ доранд, барои он ки он “равшан мекунад, таҳлил мекунад, ҷудо мекунад ва андеша ва ниятҳои дилҳоро месанҷад” (Ибриён 4:12, Тарҷумаи васеъ). Ҳеҷ чиз наметавонад ба дили мо чуқур дарояд, назар ба Каломи Худо.

Агар мо муҳокимаронии одамӣ, хулосаҳои мантиқӣ ё ҳикматро гӯш кунем, дар дил ва ақл мо ба чизҳои муваққатӣ ҷазб мешавем, ки дар борааш бисёр вақт андеша намекунем, мисле ки Худпараст андеша накард то он даме, ки ба Толори адолат надаромад. Бинобар ин Исо огоҳ мекунад:

> “Зеро ҳеҷ чизи ниҳоне нест, ки ошкор нагардад, ва ҳеҷ чизи махфие набошад, ки маълум ва зоҳир нашавад. Пас, эҳтиёт кунед, ки чӣ тавр мешунавед; зеро ҳар кӣ дорад, ба вай дода шавад; ва ҳар кӣ надорад, аз вай он чи низ, ки гумон мекунад дошта бошад, гирифта шавад” (Луқо 8:17,18).

Исо мегӯяд: он чиро ки мо мешунавем ё ба он диққат медиҳем, ба дили мо медарояд ва фикр ва мақсади моро ба шакл медарорад, ки онҳо дар навбати худ онро муайян мекунад, ки чӣ гуна мо ҳаёти худро месозем. Мо бояд бодиққат Каломи Худоро шунавем, чунки он рӯшноӣ ба ҳаёт аст. Бе он, аниқтараш, мо аз роҳ мебароем, мисли одаме, ки аз роҳ дар торикии шаб мебарояд. Ягон муддат мо метавонем ба тарафи дуруст равем, аммо дар охир ба ҳар ҳол аз роҳ мебароем.

Ҳамту ки мо аз роҳи дуруст гаштем, сохтумони мо осон метавонад бо ягон чизи муваққатӣ сабабнок карда шавад, ки он ошкор мешавад, ҳангоме ки рӯшноии Каломи Худо онро нурпошӣ мекунад. Павлус мегӯяд: "Аммо ҳамаи ин фош гардида, дар рӯшноӣ зоҳир мешавад, зеро ҳар он чи зоҳир мешавад, нур аст" (Эфсӯсиён 5:13).

Вақте ки мо аз роҳ мебароем, ҳодисаҳои оянда метавонанд дар ду самт инкишоф ёбанд. Якум, беҳтарин аз ду, ҳангоме ки мо Каломи Худоро бо воситаи мавъиза, хондан ё аз гуфтаҳои дӯстамон шунида, фош мешавем. Ана барои чӣ ҳаётан муҳим аст, ки ғизои бомувозинати Каломро дошта бошем. Агар ки мо бохирад бошем, он гоҳ зуд тавба мекунем ва барои фикрҳо, ангезаҳо ва ниятҳои худ бахшиш мепурсем. Аммо агар виҷдони мо аз хатогиҳои такроршаванда кунд шуда бошад, шунидан душвортар мегардад, ва агар виҷдонамон сахт шуда бошад, он гоҳ ин қариб ки ғайриимкон мегардад. Бинобар ин Навиштаҷот ба мо дар бораи муҳим будани пок нигоҳ доштани виҷдон мегӯяд (Масалҳо 4:23; 2 Тимотиюс 1:3). Виҷдони худро пок нигоҳ дошта, мо кори Каломи Худоро дар дилҳои худ осон ҳис мекунем. Дигар роҳаш, номатлуб аст: ангезаву ниятҳои мо дар Доварӣ ошкор мегарданд. Агар ки ин рӯй диҳад, мо мукофоти имконпазири худро аз даст медиҳем. Инак, шумо бояд худро пурсед: "Оё ба фошкунии Каломи Худо муқобилият кардан даркор аст ё не?" Ҳар дафъа, вақте ки шумо фошшавиро рад мекунед, дили шумо сахттар мегардад, ва шумо боз ҳам зиёдтар гумроҳ мегардед. Ҳолати аслии худро дарк накарда, мо инро дар нури ҷалоли Ӯ дар Доварӣ дармеёбем.

## Тайёрӣ ба ояндаи абадӣ

Ҳеҷ чиз дар ҳаёти мо аз доварӣ намеравад. Ҳама чиз равшан ва дидашаванда мешавад. Ана барои чӣ Павлус тахти Доовариро "тарси Худованд" номидааст. Дар доварӣ ангезаҳои мо, ниятҳо, фикрҳо, суханҳо, корҳо ва ғайраҳо тадқиқ карда мешаванд. Суханони Павлус нисбати сохтумон ва

довар̣ӣ дар Номаи якум ба Қӯринтиён (3:9,12-15), дар тарҷумаи Message бисёр пурқувват ҳастанд:

> "Бо дигар суханон, шумо хонаи Худо... Маҳсулоти сохтумониро интихоб карда истода, бодиққат бошед. Бо тамом шудани сохтумон санҷиш гузаронида мешавад. Агар ки шумо маводҳои арзон ё бадро истифода карда бошед, он маълум мешавад. Санҷиш ботафсил ва ҷиддӣ мешавад. Ҳеҷ чиз аз даст дода намешавад. Агар ки кори шумо санҷишро дошт диҳад, хуб аст; агар ки не, қисми сохтумони шумо вайрон карда мешавад. Аммо шумо вайрон карда намешавед; шумо зинда мемонед, вале бо душворӣ".

Намедонам, шумоён чӣ хел, лекин ман намехостам дар ҳолати шахсе бошам, ки базӯр дар Доваригоҳи Масеҳ наҷот меёбад. Акнун мо дар бораи тақдири худ дар абадият гап мезанем. Ба худ тасаввур кунед, чӣ қадар имондорон зарба мегиранд? Барои ҳар як қаҳрамони ҳикояти мо, ба ғайр аз якеш, ки тайёрӣ дида буд, ҳама чизе ки рӯй дод, пурра ғайричашмдошт буд. Онҳо таълимотҳои ибтидоиро ҷиддӣ қабул накарданд, ки оиди онҳо бояд аз аввали аввал медонистанд.

Ман доимо одамони боҳикмати ин оламро вомехӯрам, ки баояндаи худ тайёрӣ мебинанд. Ҳама чиз аз хондани хуб дар мактаб сар мешавад то дарҳои кушода ба мартабаҳои боло. Кори худро оғоз карда, онҳо кӯшиш мекунанд, ки хона бихаранд. Онҳо захираҳо ҷамъ меоваранд. Баъзеҳо қисми сарвати худро маблағгузорӣ мекунанд, ки он ба онҳо кор мекунад. Ҳамаи ин барои тайёрӣ ба оянда карда мешавад, барои он ки одамон намехоҳанд, махсусан дар синну соли нафақа, дар мӯҳтоҷӣ зиндагӣ кунанд. Агар ки онҳо ба даврони пирии худ, мисле ки бисёриҳо имрӯз барои абадият тайёрӣ мебинанд, тайёрӣ медиданд, онҳо дар оянда на танҳо бо мушкилиҳои калон рӯ ба рӯ мешуданд, балки назар ба бисёр имондорон онҳо беҳад ба ташвиш меафтоданд, ва аз чунин ҳолати кор метарсиданд.

Биёед ҳамту фикр карда мебароем. Ба худ одами куҳансолро тасаввур кунед, ки ба нафақа мебарояд. Якум, фонди нафақавии давлатӣ муфлис мешавад ва наметавонад ба ин одам нафақаи ҳармоҳаро пардохт намояд. Дуюм, бонке, ки дар он тамоми амонати ӯ нигоҳ дошта шуда буд, махкам мешавад, ва вай наметавонад ҳатто як сент бигирад. Дар ҳамон шаб ин одам дар байни дуду оташ бармехезад, хонаи ӯро оташ фаро гирифтааст. Вай ба кӯча давида мебарояд, ва ҳеҷ чизро бо худ гирифта баромада наметавонад. Дар тан бо як куртаи шабпӯшак монда, вай назора мекунад, ки чӣ хел дар оташ ҳамаи дороии ӯ нобуд мешавад.

Рӯзи фоҷиавӣ дар ҳаёти ин одам. Маҳз ҳамин тасвирро Павлус мекашад, дар бораи он гуфта, ки бо баъзе масеҳиён дар Доваригоҳи Масеҳ чӣ рух медиҳад. Биёед боз суханони ӯро мехонем: “Ва агар амали касе бисӯзад, вай зиён хоҳад дид; валекин худаш наҷот хоҳад ёфт, аммо тавре ки гӯё аз даруни оташ гузашта бошад”. Оқилон дар Малакут мефаҳманд, ки мо на аз барои “пирии таъминшуда” кор мекунем. Мо ба абадият тайёрӣ мебинем!

Ман он касонро оқил меномам, ки онҳоояндаи абадии худро ба нақша мегиранд, онҳое ки дар зиндагӣ мақсад доранд, дониста, ки тақдириояндаи онҳоро он чиз муайян менамояд, ки чӣ тавр онҳо дар замин зиндагӣ мекунанд. Ин ба онҳо даромади бузургро ба Малакути Худо медиҳад, на ин ки танҳо имконияти ба он лағжида даромаданро, дониста, ки ҳама чизи дар зиндагӣ карда сӯхта ё вайрон карда шудааст. Бубинед, ки Петрус дар ин бора чӣ мегӯяд:

> “Аз ин рӯ, эй бародарон, беш аз пеш саъю кӯшиш намоед, ки даъват ва интихоби худро устувор гардонед ва агар ҳамин тавр рафтор кунед, ҳаргиз пешпо нахоҳед хӯрд; зеро ки бо чунин роҳ даромадгоҳи Малакути абадии Худованд ва Наҷотдиҳандаи мо Исои Масеҳ барои шумо бемалол кушода хоҳад шуд” (2 Петрус 1:10,11).

Даромади озод! Ин маънои онро дорад, ки Хӯҷаин ба мо мегӯяд: “Офарин, эй ғуломи нек ва мӯътамад! Ту дар чизи андак мӯътамад будӣ, туро бар чизҳои бисёр бимонам; ба шодии оғои худ шарик шав” (Матто 25:21).

Якчанд вақт пеш Худованд ба ман рӯъё дод. Ман ғолибони малакутро дидам, ки дар шаҳри Худо қадам мезаданд. Онҳо дар заминҳои аз тилло буда қадам мезаданд, ки аз ду тараф онҳоро ҳазорҳо мардон ва занон хушомадӣ мегуфтанд. Шоҳ Исо ба саҳна баромад, ки он аз ҳар кунҷи шаҳр намоён буд. Ҷанговарони бовафо бо зина боло мешуданд, ба Исо тӯҳфаҳо оварда, ҳамзамон анбӯҳи одамон шодмонӣ мекард. Дар рӯъё Худованд ба ҷанговарон гуфт: “Хуб”.

Пас аз он Худованд ба дили ман гап зад. “Оё ту мехоҳӣ, ки яке аз ин аскарон бошӣ, ки ба Ман ҳосили меваҳоро меоранд, ё яке аз онҳое, ки дар канор истодаанд? “Аз пештара ҳам бештар, ман қарор кардам, ки барои амалӣ кардани даъват ва интихоби худ кӯшиш намоям. Ман бисёр мехоҳам табассуми қаноатмандонаи Хӯҷаини худро бинам, вақте ки Ӯ ҳаёти маро дида мебарояд, ба ҷои чеҳраи ғамгинона аз он сабаби он ки қобилияти ба ман додашуда аз даст дода шуд.

Он гоҳ ман қарор кардам, ки дар бораи ин ба ҳар як нафаре, ки Ӯро дар насли ман дӯст медорад, мегӯям, то ки онҳо ҳамроҳи ман ба ҳузури аҷоиби Ӯ бо тӯҳфаҳо даромада тавонанд ва табассуми зебои Падари моро бубинанд. Мо худамон ба воситаи хидматгузорӣ дар замин муайян мекунем, ки ба мо дар осмон даромад озод аст ё не. Дар бораи ин дар бобҳои оянда сухан меравад.

## Давомаш

Дар бобҳои оянда мо соҳаҳои асосии ҳаётро муҳокима менамоем, ки аз барои онҳо маҳкум ё мукофотонида мешавем. Ҳарчанд ки мо наметавонем батафсил ҳама чизро дида бароем, лек аз ҳама мавзӯъҳои муҳим баррасӣ мешаванд.

Мо таҳкурсии хубро мегузорем, ки дар он шумо метавонед ҳаёти худро чунон бисозед, то ки он барои абадият аҳамият дошта бошад.

Дар хотима суханони Петрусро саросема нашуда хонед ва диққати худро ба он равона кунед, ки дар бораи чӣ дар ин боб хондед. Шумо калимаҳо ва ибораҳои калидиро мебинед, ки онҳо қодиранд ҳама он чизе ки гуфта шуд, зинда гардонанд. Суханони ӯ моро ҳамчунин ба он чизе тайёр менамояд, ки мо дар бораҳаш ба наздикӣ гап мезанем:

> "Ҳама чизҳои барои ҳаёт ва парҳезгорӣ заруриро ба мо бахшидааст, ба воситаи шинохтани Ӯ, ки моро бо ҷалол ва камоли Худ даъват намудааст... Бинобар ин шумо тамоми ҷидду ҷаҳди худро ба кор бурда, ба имони худ некӯкориро изофа намоед, ба некӯкорӣ хирадмандиро, ба хирадмандӣ порсоиро, ба порсоӣ тоқатро, ба тоқат парҳезгориро, ба парҳезгорӣ бародардӯстӣ ва ба бародардӯстӣ муҳаббатро. Агар ин сифат дар шумо ёфт шавад ва афзоиш ёбад, шумо дар шинохтани Худованди мо Исои Масеҳ бе муваффақият ва бе самар нахоҳед монд...
>
> Аз ин рӯ, эй бародарон, беш аз пеш саъю кӯшиш намоед, ки даъват ва интихоби худро устувор гардонед ва агар ҳамин тавр рафтор кунед, ҳаргиз пешпо нахоҳед хӯрд, зеро ки бо чунин роҳ даромадгоҳи Малакути абадии Худованд ва Наҷотдиҳандаи мо Исои Масеҳ барои шумо бемалол кушода хоҳад шуд. Бинобар ҳамин ман ба ёди шумо овардани инро ҳаргиз бас намекунам, гарчанде ки шумо инро медонед ва дар ин ростӣ устувор ҳастед. Аммо ман салоҳ медонам, то даме ки дар ин хайма ҳастам, шуморо бо ёдоварӣ таҳрик диҳам" (2 Петрус 1:3,5-8,10-13).

# Саволҳо Барои Муҳокима

## ҚИСМИ 4: БОБҲОИ 8-10

1. Шояд, дар доварии шаҳрвандони Аффабел, аз ҳама лаҳзаҳои пурқувват он лаҳзаҳое буданд, вақте ки онҳо номҳои нав гирифтанд. Дар бораи он фикр кунед, ки то ба Масеҳ рӯ овардан шумо кӣ будед ва чӣ кор мекардед, ва чӣ тавр Исо ҳаёти шуморо дигаргун сохт. Шумо чӣ фикр мекунед, номи нави шумо дар бораи чӣ гуфта метавонист?

2. Шумо чӣ фикр мекунед, барои чӣ, ба он нигоҳ накарда ки имондорон метавонанд аз барои тарзи ҳаёти худ зарари калон бинанд, осмон метавонад ҷои хурсандӣ бошад, ки он ҷо Худо ҳамаи ашкҳоро пок мекунад?

3. Бо суханони худ фаҳмонед, ки кадом чиз Хайрияро дар байни ҳамсолонаш ҷудо карда меистод. Кадом дарсро аз ҳаёти ӯ мо гирифта метавонем?

4. Ягон чиз аз тасвири библиявии осмон шуморо ба ҳайрат овард? Агар ҳа бошад, пас чӣ?

5. Дар боби даҳум тасдиқоте ҳаст: “Хуни Масеҳ моро аз гуноҳҳое пок месозад, ки барои ба Малакути Ӯ даромадан монеа мешаванд, аммо он моро аз он доварӣ озод намекунад, ки мо имондор буда чӣ гуна зиндагӣ кардем, бад ё хуб”. Аксуламали якумини шумо ба ин тасдиқот чӣ гуна буд? Акнун шумо чӣ фикр мекунад, пас аз хондани ин қисм?

# ҚИСМИ 5

БОБИ 11

# Хонаи Худо

*...Ва бар Ӯ шумо низ бино меёбед...*
— Эфсӯсиён 2:22

Довариро бар имондорон мо ба ду намуд тақсим мекунем. Якумин – ин алоқамандии мо барои сохтумони Малакути Худо мутобиқи бахшоишҳо ва даъвати мо. Дуюмин – чӣ тавр мо зиндагии дигаронро сохтем, ки ба ин зиндагии шахсии худамон низ дохил мешавад. Нисбати обод кардани дигар одамон – таъсири мо ба онҳо; нисбати ҳаёти шахсӣ – чӣ тавр мо файзи Худоро қабул кардем, хислатеро, ки ба Масеҳ монанд аст, рушд дода истода. Ин яқинан аз амали мо нисбат ба Каломи Худо вобаста аст, ки ба он мо имон доштем ва ба он итоат мекардем. Корҳои мо, рафтор, суханон, фикрҳо ва ниятҳо батафсил тадқиқ карда мешаванд.

Аввал мо довариро бар нақши худ дар сохтумони Малакути Ӯ дида мебароем, ва баъдан сохтумони ҳаёти шахсиамонро муҳокима менамоем.

### **"Ту барои Ман чӣ кор мекунӣ?"**

Қобилияти Малакутро сохтани мо пурра аз итоат ба Рӯҳи Муқаддас вобаста аст, барои он ки мо худамон бе файзи Исои Масеҳ наметавонем ҳеҷ коре, ки арзиши абадӣ дошта бошад, кунем. Ба мо гуфта шудааст: "Агар Худованд хонаро бино накунад, бинокорони он бар абас меҳнат мекунанд" (Забур 126:1). Мо метавонем созем, аз Рӯҳи Муқаддас дур

буда, аммо дар масъалаи абадият меҳнати мо бефоида аст, онҳо дар рӯзи доварӣ дар оташ месӯзанд. Инро фаҳмидан ҳаётан муҳим аст. Худо ба гурӯҳи одамон дар Аҳди Қадим муроҷиат мекунад, ки ба хидматгузорӣ ба Ӯ банд буданд:

> "Осмон курсии Ман аст, ва замин қадамгоҳи Ман; чӣ гуна хонае барои Ман бино хоҳед кард, ва чӣ гуна маконе барои оромиши Ман? Ва ҳамаи ин чизҳоро дасти Ман офаридааст, ва ҳамаи онҳо ба вуҷуд омадааст, мегӯяд Худованд. Ва Ман бар онҳо назар хоҳам кард: бар мискин ва шикастарӯҳ, ва бар касе ки пеши каломи Ман ба ларза меояд". (Ишаъё 66:1,2).

Содда карда гӯем, Худованд тасдиқ мекунад: "Ман Худо ҳастам. Шумо хуб мефаҳмед, ки дар асл Ман Кӣ ҳастам? Шумо фикр мекунед, ки барои Ман ягон чиз карда метавонед?" Фикрро оиди он ки мо барои Худо чизе офарида метавонем, бо он муқоиса кардан мумкин аст, мисле ки агар мӯрчаҳо ба одам мегуфтанд: "Мо ба ту хона месозем". Чӣ хел ахмақӣ! Бо қувваи худ мо ҳеҷ чиз карда наметавонем, то ки ба Худои бузургвор, беандоза хуб ва аҷоиби худ хизмат кунем ё ҳаловат бахшем. Ӯ ба мо мӯҳтоҷ нест.

Аз дигар тараф, Худо мегӯяд, ки кӣ метавонад ба Ӯ писанд ояд ё хизмат кунад: фурӯтанон, тавбакардагон, тарсгорон ва итоаткорони Худо. Маҳз онҳо метавонанд хонаи Ӯро бисозанд. Чӣ тавр онҳо метавонанд ба чунин Худои бузург хизмат кунанд? "На бо ҷасорат ва на бо қувват, балки бо Рӯҳи Ман, мегӯяд Худованди лашкарҳо" (Закариё 4:6). Одаме, ки дар итоат бо Рӯҳи Муқаддас ҳамкорӣ мекунад, натиҷа мегирад. Танҳо дар ин ҳолат меҳнатҳои сохтумончӣ барабас нестанд.

## Ҳамкорон

Воқеияти аҷоиб ана дар чӣ аст: чунин шахсияти тавоно ва бузург, мисли Худованд, бо қарори шахсии Худ Худро

дар амалҳояш дар замин маҳдуд кардааст, тамоми ҳукмро ба одам дода. Ин ба он таъсир расонд, ки Худо метавонад маҳдуд бошад. Шояд, шумо дар ҳайрат монда бошед, лекин мисоли инро дар тамоми Навиштаҷот ёфтан мумкин аст. Насли Иброҳим “ва гашта баргашта Худоро озмуданд, ва Қуддуси Исроилро хорӣ доданд” (Забур 77:41). Ва боз Исо ба роҳбарони рӯҳонии халқи Худ гуфт: “Дар айни ҳол каломи Худоро бо ривояти худ, ки ҷорӣ сохтаед, бартараф менамоед (бекор карда ва бефоида гардонида); ва бисёр расмҳои монанди инро ба ҷо меоваред” (Марқӯс 7:13, Тарҷумаи васеъ). Мо масъулият дорем, то ки бо Ӯ ҳамкорӣ намуда, хоҳишҳои Ӯро иҷро намоем, ки он асосан аз овардани одамон ба намуд ва монандии Масеҳ иборат аст, то ки онҳо тавонанд тамоми абадият зиндагонӣ кунанд. Аз ин сабаб ҳамаи мо ҳамкорон номида шудаем.

> “Зеро ки мо хизматгорони Худо ҳастем; шумо киштзори Худо, иморати Худо ҳастед” (1 Қӯринтиён 3:9, Тарҷумаи васеъ).

Қариб ҳар дафъа, вақте ки дар Аҳди Ҷадид коргарони Малакут ёдоварӣ мешаванд, онҳо бо коргароне, ки дар саҳро кор мекунанд ё бо сохтумончиён муқоиса карда мешаванд. Барои чӣ саҳро? Барои он ки замин мисли саҳро аст, ки он ҷо дар айни замон Малакути Худо месабзад. Тамоми осмон шодмонӣ мекунад, мушоҳида карда, ки чӣ тавр муқаддасон Малакутро дар замин месозанд. Чаро бино? Барои он ки Худо истиқоматгоҳи доимӣ меҷӯяд, ва мо сангҳои зинда мебошем, ки ҷои истиқомати Ӯро ташкил медиҳем. Петрус менависад: “Худатон низ, ҳамчун сангҳои зинда, аз худ хонаи рӯҳонӣ, каҳонати муқаддас барпо намоед, то ки қурбониҳои рӯҳонии мақбули Худоро ба василаи Исои Масеҳ тақдим кунед” (1 Петрус 2:5).

Инак, маънои будани мо дар замин дар он аст, то ки ба Ӯ маъбади пурҷалол, ё хона, бисозем, ки он дар наҷоти ода-

мон, таълимот ва хизматгузорӣ ба онҳо зоҳир мегардад. Нақши мо – санги пок ва зинда будан, инчунин ободкунандагони дигар одамон будан, то ки сангҳои зинда ба хонаи ягонаи Худо рост оянд ва якҷоя шаванд. Пас, ҳамаи мо барои сохтумони ҳаёти шахсӣ ва обод кардани Малакут ҳисобот медиҳем.

## Сохтумони хона

Агар ки ман сохтумончӣ мебудам, пеш аз он ки сохтумонро сар кунам, ман нақша ва дизайни сохтмони хонаро фикр мекардам. Нақшаҳоро тайёр мекардам, ки дар ҷузъиёташ нишон медод, ки хона чӣ тавр бояд сохта шавад ва чӣ хел масолеҳи бинокорӣ заруранд. Аммо ин ҳамааш нест. Ҳар як хонасоз медонад, ки аз ҳама қисми муҳими кор ин саривақт банақшагирии кори пудратчиҳо, сохтумончиҳо, сантехникҳо, барқчиҳо, устоҳои бомпӯш ва дигар муттахассисон аст. Маҳз онҳо кори бевоситаро иҷро мекунанд. Агар корро дуруст ба нақша нагирем, аз бетартибӣ гурехта намешавад. Масалан, пеш аз гузаронидани симҳои барқ ва гарм кардани деворҳо, гузоштани гипсокартонро ба нақша гирифтан лозим аст.

Дар ҳолате, ки пудратчӣ кори худро хуб иҷро намекунад ё дар мӯҳлаташ ба анҷом намерасонад, фармоишгар дигар касро барои иҷрои ин кор меёбад. Пудратчии нав бояд зуд корро оғоз кунад ва, шояд, кори бади коргарони пештараро аз нав кунад. Ба он нигоҳ накарда ки як пудратчӣ қисми худро иҷро накард, сардори сохтумон ҳама корро мекунад, то ки сохтумон тамом карда шавад.

Ман боз чунин ҳолатро мушоҳида кардам: сардори сохтумон бо сохтумони хонаи шахсӣ машғул мешавад. Ӯ бисёр бо диққат пудратчиҳоро интихоб мекунад, аз ҳама масолеҳи беҳтаринро интихоб мекунад, ва ҳар шартро иҷро мекунад, то ки онҳо тавонанд кори худро дуруст иҷро кунанд. Ӯ бодиққат тамоми ҷараёни корро мушоҳида менамояд.

Худо Сохтумончии хонаи шахсиаш аст, лекин хонаи Ӯ – ин як шаҳри пурра, ки аз одамон иборат аст!

Дар замин ба хонаҳои махсус бисёр вақт номҳо мегузоранд. Масалан, хонаи маликаи Англия қасри Букингем ном дорад. Дар Иоллоти Муттаҳида хонаи президентӣ Хонаи сафед ном дорад. Дигарҳояш, шояд, ба шумо ин қадар маълум набошанд. Хонаи актриса Филлис Кэлверт Хона дар теппагӣ ном дорад. Хонаи актёр ва коргардон Чарлз Иван Вэнс ном дорад Оук Лоҷ, хонаи романист Чарлз Дайер ном дорад Олд Моб, ва ғайраву ҳоказо. Аммо Худо ба хонаи Худ аз мо пештар ном додааст. Хонаи абадии Худ, ки ҳоло сохта шуда истодааст, Ӯ Сион меномад. Дар Навиштаҷот гуфта шудааст:

> "Зеро ки Худованд Сионро баргузидааст; онро барои нишемангоҳи Худ хостааст: Ин аст оромгоҳи Ман ба сурати абадӣ; дар ин ҷо хоҳам нишаст, зеро ки онро хостаам" (Забур 131:13,14).

Агар ба шумо муяссар шуда бошад, ки хонаи орзуи худро ба нақша гиред, шумо ҳаяҷонро аз сар гузаронидед ва бесаброна тамомшавии сохтумонро интизорӣ кашидед. Шумо мехоҳед дар хонаи шахсиатон истироҳат кунед, чунки дар он ҷо хурсандӣ ва осоиштагиро пайдо мекунед.

Ба ману Лиза муяссар шуд, ки дар миёнаҳои солҳои 1990-ум хона бисозем. Мо дар Орландо, иоллоти Флорида, зиндагӣ мекардем, ва як сохтумончии олидараҷаи хонаҳои шахсӣ Роберт, ки хидматгузории моро дӯст дошта буд, ба мо бо пешниҳоди сохтани хона барои мо муроҷиат кард. Дар он вақт мо дар хонаи бисёр хурд зиндагӣ мекардем ва фикр кардем, ки ҳаққи хизмати ӯро мо пардохта наметавонем. Вақте ки мо тарафи молиявии корро муҳокима намуданро сар кардем, вай гуфт: "Ман барои шумо аз рӯи нархи Худо хона месозам". Маълум шуд, ки вай барои худ як сент ҳам барои сохтумони хонаи мо нагирифтааст.

То ин дам мо ду хона доштем. Ҳарду ҳам хонаҳои хурдакаки якқолиба буданд, бо дигар суханон, мо ба лоиҳаи он хонаҳо ягон чиз надароварда будем. Ман ҳеҷ аз хотир намебарорам, вақте ки Роберт пас аз чанд рӯзи сӯҳбати мо ба хонаи мо омад, мо якҷоя сари мизи ошхона нишастем, ӯ як варақ коғазро баровард ва рӯҳбаландона гуфт: “Хонаи орзуи худро бикашед!”

Мо ҳайрон шуда будем. Мо ҳатто фикр намекардем, ки ин имконпазир аст. Зани ман дарҳол ба кор шурӯъ кард ва ба расм кашидан даромад. Вай дар бораи чунин имконият бисёр сол орзу мекард. Баъд ман ҳам бо иштиёқ ба ӯ кӯмак карданро сар кардам. Мо боз ва боз шодӣ мекардем, вақте фикр мекардем, ки хонаи орзуи мо чӣ гуна намуд бояд дошта бошад. Мо дар ҳеҷ чиз маҳдуд набудем. Расми худро ба охир расонида, мо онро ба меъморон ва дизайнерҳо додем. Пас аз чанд рӯз Боб ба мо нақшаҳоро нишон дод, ва мо бетоқатона оғози сохтумонро интизор будем.

Вақте ки пудратчиёни Роберт корро сар карданд, мо ба участкаи сохтумон ҳар рӯз меомадем, баъзан дар як рӯз ду маротиба, дар давоми тамоми сохтумон. Мо бетоқатона мунтазир будем, ки кай хона сохта мешавад. Чунин менамуд, ки он якчанд моҳ якчанд сол давом мекунанд, рӯзҳо бошанд – якчанд ҳафта аз барои интизории як чизи нав ва он рӯз, ки кай мо метавонем ба хонаи нав ҷой гирем. Фикр дар бораи он ки орзуи мо, ки мо дар коғаз кашидем, дар пеши чашмони мо зинда шуда истодааст, моро ба ҳаяҷон меовард.

Ин каме ба он монанд аст, ки кадом ҳиссиётҳоро Худо оиди хонаи орзуи Худ аз сар мегузаронад, лекин фақат Ӯ онро аз якчанд моҳ ҳам зиёдтар интизор аст. Ӯ бетоқатона анҷоми пурраи хонаи Худро аз лаҳзаи офариниши олам мунтазир аст. Дар Навиштаҷот гуфта шудааст: “Зеро ки Худованд Сионро бино кардааст” (Забур 101:17) ва “Аз Сион, ки камоли зебоист, Худо таҷаллӣ менамояд” (Забур 49:2).

Ӯ барои хонаи Худ дар давоми чандин ҳазор сол меҳнат мекунад. Худо нақшаи Худро ба одам, ки ӯро дар замин сокин намудааст, ошкор кардааст, дониста, ки одам мағлуб мешавад, ҳол он ки ин дар нақшаи Ӯ набуд. Ҳама чизро пешакӣ дониста, Ӯ ба нақша гирифт, ки Сионро аз одамизоди кафоратшуда месозад.

Аз таҳкурсӣ ва санги зовия оғоз кардан лозим буд, ки он Худи Кафоратдиҳанда аст – Исо, на каси дигар. "Инак, Ман дар Сион санге барои бунёд гузоштам, ки санги озмуда, санги зовия ва гаронбаҳост, ва асоси мустаҳкаме дорад; ҳар кӣ имон оварад, таъҷил нахоҳад намуд" (Ишаъё 28:16). Азбаски Падар хонаи Худро то оғози офариниш фикр карда ва ба нақша гирифта буд, Исо Баррае, ки "аз офариниши олам забҳ шуда буд" (Ваҳӣ 13:8) номида шудааст, ва Петрус бошад тасдиқ мекунад: "Пеш аз таъсиси ҷаҳон таъин шуда буд" (1 Петрус 1:20).

Исо на танҳо санги зовия аст, балки Сохтумончии асосӣ низ ҳаст. Исо қисми Худро иҷро кард ва онро мукаммал иҷро кард. Пеш аз маслубшавии Худ Ӯ чунин суханонро мегӯяд, ки ба Падараш муроҷиат карда шуда буданд: "Кореро, ки ба Ман супурда будӣ, ба анҷом расонидам" (Юҳанно 17:4).

Худо Падар аз он оғоз кард, ки ба Исо вақти муайян таъин кард (ниг. Ғалотиён 4:4); баъдан Ӯ барои ҳама боқимонда "пудратчиҳо" вақт таъин кард. Ин "пудратчиҳо" – ман ва ту. Аммо, чи хеле ки дар боло гуфта шуд, мо бояд на танҳо "пудратчӣ" мешудем, лекин боз масолеҳ барои хонаи Ӯ. Павлус менависад: "Чунон ки моро пеш аз таъсиси ҷаҳон дар Ӯ баргузидааст, то ки ба ҳузури Ӯ дар муҳаббат муқаддас ва беайб бошем" (Эфсӯсиён 1:4). Дар ин ҷо дар бораи мо ҳамчун масолеҳ барои сохтумони хона гуфта шудааст: мо сангҳои зинда ҳастем.

Боз Худо моро интихоб кардааст, ки ҳамкорони Ӯ бошем, барои он ки мо мехонем: "Зеро ки мо офаридаи Ӯ ҳастем ва дар Исои Масеҳ барои аъмоли нек, ки иҷрои онҳоро Худо

пешакӣ барои мо таъин намудааст, ба вуҷуд овардааст" (Эфсӯсиён 2:10). Диққат кунед, ки Ӯ пешакӣ барои мо супоришро ба нақша гирифта буд. Дар ҳеҷ ҷои Навиштаҷот гуфта нашудааст, ки супориш ба мо аз офариниши олам дода шуда буд, гарчанд ин имконпазир аст. Мо аниқ медонем, ки "корҳои Ӯ аз хилқати олам анҷом ёфта буд" (Ибриён 4:3). Оиди супориши мо ҳамчун пудратчиҳо он ягона чизе, ки навишта шудааст,– ин он чиз аст, ки он то таваллуди мо дода шуда буд. Довуд мегӯяд: "Ҷанинамро чашмони Ту дидааст, ва дар дафтари Ту ҳамаи узвҳоям навишта шудааст, ва рӯзҳои пайдо шудани онҳо, дар сурате ки ҳеҷ яке аз онҳо ҳанӯз вуҷуд надошт" (Забур 138:16).

Корҳои ҳаёти мо ҳанӯз то он вақте, ки мо дар батни модари худ шакл гирифтем, муайян шуда буданд. Ин ростӣ дар Каломи Худо, ки ба Ирмиё гуфта шудааст, ошкор мегардад: *"Пеш аз он ки туро дар батн ба вуҷуд оварам, Ман Туро шинохтам, ва пеш аз он ки ту аз шикам берун оӣ, туро тақдис намудам, туро барои халқҳо набӣ таъин кардам"* (Ирмиё 1:5). Ҳаввории Павлус менависад: "Аммо ҳангоме ки Худо, ки маро аз батни модарам баргузида, бо файзи Худ даъват кардааст, таваҷҷӯҳ намуд..." (Ғалотиён 1:15,16). Шаҳодати Ирмиё ва Павлус танҳо суханони Довудро тасдиқ мекунанд, ки мо ҳама, ҳанӯз то таваллуди худ, барои корҳои мушаххаси Худованд тақдис шуда будем.

Дар ин ҳақиқати аҷиб ошкор мешавад: Худо дар бораи шумо китобро ҳанӯз то таваллуди шумо навишта буд, дар он ҳар лаҳза навишта шуда буд ҳанӯз то он даме, ки рӯзи аввали шумо оғоз ёбад! Савол ана дар чист: оё мо он чиро иҷро мекунем, ки барои мо ба нақша гирифта шуда буд? Сулаймон тасдиқ мекунад:

> "Донистам, ки ҳар он чӣ Худо кардааст, то абад хоҳад монд; чизе бар он илова намудан ва аз он кам кардан мумкин нест; ва Худо чунин кардааст, то ки аз Ӯ битарсанд. Он чи

ҳаст, аз қадим аст, ва он чи хоҳад шуд, пештар низ буд; ва Худо гузаштаро толиб аст” (Воиз 3:14,15).

Дар ин каломи Навиштаҷот чи қадар зиёд гуфта шудааст! Пеш аз ҳама, Худо нақша дорад. Аз он ҳеҷ чизро кам карда намешавад, ва одам ба он чизе илова карда наметавонад. Аммо баъдан Сулаймон сухан ронданро давом медиҳад, ки ҳама чизи дар замони ҳозира рӯйдода истода аввалан дар фикри Худо буд. Он чизе, ки дар оянда рӯй медиҳад, ҳамчунон дар фикри Ӯ буд. Аммо аз барои он коре, ки аллакай карда шуда буд, мо ҳисобот медиҳем! Оё мо он чиро ки барои мо таъин шуда буд, иҷро мекунем? Ё мо ҳамаи супоришҳои худро чаппа-роста кардем ва ноком шудем? Оё ба Ӯ зарур аст он чиро ки мо барояш даъват шуда будем, ба дигарон вазифа диҳад? Акнун ман бояд арзи муҳим бикунам. Ҳар як одам даъвати илоҳӣ барои ҳаёти худ дорад. Ҳар яки мо қисми муҳим дар нақшаи хонаи Худо ҳастем. Ва хуб аст, агар ки мо ин ростиро донем:

Оиди даъвататон бошад,
шумо на аз рӯи корҳои кардаатон доварӣ карда мешавед,
балки аз рӯи он ки шумо даъват шуда будед бикунед!

Мехоҳам мисол биёрам. Дар доварӣ Исо чизе ба мисли ин гуфта метавонад:

– Башоратдиҳанда Андерсон, ба пеш баро ва барои ҳамаи ҷонҳое, ки Ман ба ту дода будам, ки назди Ман биёрӣ, ҳисобот бидеҳ.

Ин одам, дар каме ҳаяҷон ва хавотирӣ ба назди Исо омада, гуфта метавонад:

– Худованд, Ту гуфтан мехостӣ “муҳосиб Андерсон”-а ? Ман дар ширкати худ муҳосиб будам. Ин касби ман аст. Ман ба калисо ва ташкилотҳои хайриявӣ мадад расонидам. Хизматгузорони калисо бисёр ҷонҳоро ба Малакути Ту оварданд. Ту бо дигар кас маро хато кардӣ?

Худованд ҷавоб доданаш мумкин:

– Не, ҳанӯз то таваллуд шудани ту Ман туро даъват карда будам, то ки ҳазорҳо ҷонҳоро дар Осиё барои Ман ба даст биёрӣ; барои онҳо ҳисобот бидеҳ, ки куҷоянд онҳо. Агар ки ту ба Ман боитоат мебудӣ, он гоҳ мукофоти калонро барои самараҳое, ки ба Малакути Ман оварда шуданд, мегирифтӣ. Акнун корҳои ту месӯзанд, барои он ки дар беитоатӣ карда шуда буданд.

Дар давомаш мо чунин сенарияро дида метавонем. Исо мегӯяд:

– Муҳосиб Ҷонс, лутфан, ба пеш баро ва барои он чизе ки Ман туро даъват карда будам, ки бикунӣ, ҳисобот бидеҳ.

Ин одам, ҳамчунин дар хавотирӣ ва ларза, мегӯяд:

– Худованд, Ту дар назар доштӣ “усқуф Ҷонс?” Ман усқуфи калисое будам, ки 900 нафар аъзо дошт. Ман ин калисоро аз сифр оғоз кардам.

Ба ин Хӯҷаин чунин ҷавоб доданаш мумкин аст:

– Ман туро даъват карда будам, ки дар тиҷорати молиявӣ кор кунӣ ва ширкати тавоно бисозӣ, ки он тавонад ба бисёр калисоҳо ва хизматгузорони Ман ёрдам расонад то он чизеро, ки Ман ба онҳо супоридам, самаранок иҷро намоянд. Агар ки ту аз тахти дил Маро меҷустӣ, Ман ба ту инро нишон медодам. Он гоҳ ҳазорҳо нафарон, ки ба онҳо ин хизматгузорон таъсири абадӣ гузоштанд, ба ҳисоби ту низ мешуд. Ту барои ҳар як ҷон мукофотонида мешудӣ. Акнун ту барои кори худ мукофот намегирӣ, барои он ки инро дар беитоатӣ кардӣ. Ман мехостам, ки ту ташкилотчии калон дар калисое бошӣ, ки дар дигар канори шаҳр воқеъ аст. Агар ки ту боитоат мебудӣ, ҳамаи ҳафт ҳазор ҷон дар ин калисо ҳамчунин дар ҳисоби ту мебуданд, азбаски ту нақши муҳимро дар Тан, ки Ман туро даъват карда будам, ки бошӣ, мебозидӣ. Аз барои он ки ту дар он ҷо набудӣ, ту барои онҳо мукофот намегирӣ.

Ба ман иҷозат диҳед, ки мисол биёрам. Ман як дӯсти азиз дорам, усқуфи калисои бисёр зуд афзоишёбанда дар қисми ҷанубу-шарқии ИМА. Ӯ соли 1991-ум калисоро бо бисту ду нафар ташрифоварандагон оғоз кард, акнун бошад он то чор ҳазор нафар аъзо афзоиш ёфт. Ин калисо – яке аз ҳама ҷои осон барои мавъиза аз сабаби гуруснагии рӯҳонии одамон. Ҳазорҳо одамон дар ин калисо наҷот ёфта ва омӯзонида шуда буданд.

Ин калисо ба шарофати дуоҳои пурқувват, мавъизаи қавӣ ва меҳнати пурмашаққат бо ҷидду ҷаҳд афзоиш меёбад. Онҳо бинои зебо сохтанд, ки ба миқдори зиёди одамон пешбинӣ карда шудааст. Пас аз чанд сол дӯсти ман дар хизматгузорӣ як марди бозарофати сафедмӯйро дид. Ӯ пай бурд, ки баъд аз ҳар як хизматгузорӣ ин одам дар толор бо чашмони пур аз ашк нишаста мемонд. Усқуф ҳис кард, ки ин ашкҳо ашкҳои шодӣ набуданд.

Ниҳоят ин одам ба назди яке аз ёрдамчиёни усқуф омад ва нақл кард, ки соли 1981-ум Худованд ба ӯ равшан гуфта буд, ки дар ин шаҳр калисо бунёд кунад. Пас аз якчанд рӯз дар хоб ӯ бинои калисоро дид, ки дар он бояд ки усқуф мешуд. Хоб то ҳамин дараҷа воқеӣ буд, ки ӯ як меъмори касбиро хоҳиш кард, ки бинои дар хоб дидаашро тасвир кунад. Баъдан ӯ бо якчанд муқобилиятҳо бархӯрд ва фикри ташкил кардани калисоро гузошт. Якчанд муддат ӯ сафар мекард ва дар дигар шаҳрҳо хизмат кард, аммо ба зудӣ боз ба олами тиҷорат баргашт.

Мард оҳиста қоғази қаткардашударо кушод, ва ба ёрдамчии усқуф гуфт, ки ин тасвири биноест, ки соли 1981-ум кашида шуда буд. Ба нақша нигоҳ карда, ёрдамчии усқуф дар ҳайрат монд. Ин он биное буд, ки дӯсти ман баъд аз чанд сол сохта буд, биное, ки дар дохили он онҳо акнун истода буданд. Дӯсти ман ин одамро тасаллӣ медод, аммо ӯ бо мушкилӣ ин тасаллиро қабул карда метавонист. Худо онро

намехост, ки ӯ тамоми умр дар маҳкумият зиндагӣ кунад, балки чизеро ёд гирад, калон шавад ва роҳи то охири умр ба Худованд самаранок хизмат карданро пайдо намояд.

Якчанд сол пеш ман дар ин мавзӯъ дар як конфаронси калон мавъиза кардам. Пас аз хизматгузорӣ усқуф, ки аз чизҳои шунидааш бисёр ҳайратмонда ва хиҷилшуда буд, ба назди яке аз аъзои дастаи мо омад ва гуфт: "Ӯ он чиро, ки мавъиза кард, ба таври ҷиддӣ дар назар надошт, дуруст аст?

Ин одами аз дастаи ман буда ҷавоб дод: "Албатта, ӯ ҷиддӣ гап зад, аммо гап дар чист?"

Усқуф, вай аз панҷоҳсола каме калонтар буд, гуфт: "Вақте ки ман ҷавон будам, ман рӯъёи аниқ дидам, ки чӣ хел ман дар Филиппин зиндагӣ мекунам ва ба одамон дар он ҷо хизмат менамоям. Рӯъё чунон воқеӣ буд, ки ман самимона бовар кардам, ки рӯзе ман ба он ҷо меравам. Аммо ин рӯй надод, аллакай беш аз сӣ сол ман хидматгузории усқуфонаро дар ин калисо ба пеш мебарам".

Онгоҳ хидматгузори мо мулоим карда ба ӯ гуфт: "Шумо акнун чӣ кор карданӣ?"

Усқуф ҷавоб наёфт ва рафт.

Баъд аз як сол хидматгузори мо аз ин усқуф хабар шунид. Ӯ калисоро ба ёрдамчии худ супорид ва ба Филиппин барои зиндагӣ кардан рафт, ва он ҷоро бисёр дӯст дошт. Вай чунин суханонро гуфт: "Якумин бор дар ҳаётам ман эҳсос мекунам, ки он кореро мекунам, ки барояш офарида шуда будам.

Ба шумо боз як ҳодисаро барои дастгирии ин ҳақиқат нақл карда медиҳам. Ба қарибӣ як дӯсти ман барои шиносоӣ бо як корманди таъиноти махсуси ҚҲБ (ҚҲБ-Қувваҳои Ҳарбии Баҳрӣ. Ба забони русӣ ВМС-Военно-Морские Силы) хӯроки шом ташкил кард. Аз барои амнияти ӯ, азбаски дар лаҳзаи навиштани ин китоб вай дар он ҷо хизмат мекунад, ман ӯро бо номи бофташуда – Павел меномам. Дар муддати ду соат бо тааҷҷуб шаҳодати вайро гӯш кардам.

Павел ду сол дар мактаби библиявӣ хонд, ӯ онро хатм кард, вақте ки вай аз бистсола каме калонтар буд, ва дарҳол дар шӯъбаи ҷавонони калисои худ хидмат карданро шурӯъ кард. Баъд аз як сол вайро ба он айбдор карданд, ки ӯ алоқаи ҷинсӣ бо яке аз духтарони калисо дошт. Павел гуфт: "Ҷон, ман бо ӯ нахобидаам. Ба ман вай ҳатто маъқул набуд! Аммо роҳбарон на танҳо ба ман бовар накарданд, лекин ба ин ҳамаро бовар кунонданд, ва ман ҳама чизро аз даст додам. Онҳо обрӯи маро резонданд ва аз ман хоҳиш намуданд (ҳатто напурсида), ки равам".

Баъдан Павел гуфт: "Ман Худоро аз ҳарвақта ҳам бештар ҷустанро сар кардам. Боре дар дуо Худо ба ман возеҳ гуфт: "Ман туро даъват нанамудаам, ки хидматгузор бошӣ. Ман туро даъват намудам, ки хизматчии ҳарбӣ бошӣ".

Павел бо хоҳиши қабул намудани ӯ ба сафҳои хизматчиёни ҳарбӣ ба артиши ИМА, флоти ҳарбӣ ва қувваҳои ҳавоӣ муроҷиат кард, лекин дар он ҷо касе набуд, ки аз барои ӯ кафил шавад. Танҳо флоти ҳарбии баҳрӣ мемонд. Вақте ки ба ӯ рӯйхати мансабҳоро, ки ба онҳо вай метавонист номзадии худро пешниҳод намояд, нишон доданд, Павел бисёр сахт андӯҳгин шуд, азбаски ягонтои он ба табъи дилаш набуд ва ҳамчун ҷавоб ба даъвати Худо наменамуд. Ба ҳар ҳол афсаре, ки бо қабули навкорон машғул буд, бисёр мехост ӯро ба флот қабул кунад ва ӯ якчанд барномаҳои махсусро пешниҳод намуд. Вақте ки вай суханони "гурбачаҳои баҳрӣ" ("морские котики")-ро гуфт, дӯсти ман фаҳмид, ки ин барои ӯст, ва қарордодро имзо кард.

Афсар кӯшиш намуд, ки ҷавонро аз кораш баргардонад, азбаски бисёр кам нафарон барномаи тайёрӣ ба корманди ҚҲБ-ро бомуваффақият мегузаштанд. Зиёда аз он, вай ба Павел гуфт, ки ягон одам, ки то ӯ ба ин шӯъба муроҷиат намуд, барномаро натавонист ба охир расонад, азбаски он аз ҳама тайёрии вазнини ҳарбӣ дар дунё ба ҳисоб мерафт!

Аммо Павел пур аз ҷасорат буд, ки бо димоғчоқӣ наздик буд, то ки қадами аввалро ба сайёҳати Худо гузорад.

Лекин назди ӯ якчанд монеаҳои ҷиддӣ монда буданд. Дар аввал, Павел шино карда наметавонист. Вай бояд буд, ки дуо гӯяд ва дар натиҷа шиновариро ёд гирад. Дуюм, дар кӯдакӣ вай дар гӯшҳояш найчаҳо дошт, ва ба ӯ лозим омада буд, ки якчанд бор ҷарроҳиро барои кушодани роҳҳои гӯшҳояш гузарад. Барои ҳамин, вақте ки ӯ калон шуд, агар ҳатто миқдори ками об ба гӯшҳояш фишор оваранд, вай дарди тоқатнопазирро аз сар мегузаронд, ва бисёр вақт баъд сирояти шадиди гӯш сар мешуд. Вале Павел устуворона бовар мекард, ки агар вай даъвати худро бо қуввати худаш ба даст оварда тавонад, маълум мешавад, ки он аз ҷониби Худо нест.

Ӯ ба ёд гирифтани шиноварӣ шурӯъ кард ва боисрор барои шифоии гӯшҳояш дуо мекард. Ҳар як рӯзи машқҳо дар об барои ӯ бо дарди тоқатнопазир анҷом меёфтанд. Лекин рӯзе, пас аз чор моҳи ҷонканӣ, Павел на танҳо тавонист шино кунад, вале боз дар чуқурии калон ғӯта занад, дардро эҳсос накарда! Ӯ шифо ёфта буд ва тайёр буд, ки ба сайёҳат ба дастаи гурбачаҳои баҳрӣ равона шавад.

Павел душвориҳо ва озмоишҳои зиёдро аз сар гузаронд, вақте ки аз рӯи барномаи тайёрӣ таълим мегирифт, лекин вай тоб овард ва ба ин ҷамъияти дар ҷанг обутобёфта равона карда шуд. Дар тӯли чордаҳ сол вай дар сафҳои таъиноти махсуси ҚБҲ хизмат кард, дар таи ин солҳо вай бисёр ҳодисаро оиди мӯъҷизаи дахолати илоҳӣ дар машғулиятҳои ӯ дошт, ки аз шунидани онҳо дар танам мурғакҳо медамиданд.

Дар он бегоҳ ман қатъӣ медонистам, ки ман назди марди бузурги Худо менишинам, гарчанде вай даъват нашуда буд, ки аз минбар баромад кунад. Ӯ даъват шуда буд, ки одамонро дар артиш ба даст орад ва дар он ҷо ба мамлакати худ хизмат кунад. Имрӯз Павел на танҳо дар таъиноти махсус

хизмат мекунад, балки дастурдиҳанда дар гурӯҳи таъиноти махсуси флоти ҳарбии баҳрӣ аст. Вай ба Худо иҷозат дод, ки самти ӯро тасҳеҳ кунад, то ки аз паи кори нек шавад, ки ба ӯ таъин шудааст.

Ҳодисаҳоро дар бораи одамон, ки бар хилофи Павел тақдири худро аз даст додаанд, ман ба қадри кофӣ зиёд шунидаам. Ман чунин мисолҳоро бо чашмони худ дидаам. Дар тӯли бист соли хизматгузорӣ дар калисоҳои гуногун дар тамоми ҷаҳон ман усқуфонеро дидам, ки даъват шудаанд ёрдамчии усқуф бошанд, тоҷиронро, ки ба хизмати пурра даъват шуда буданд, ва ҳатто усқуфонеро, ки даъват шудаанд бо тиҷорат машғул шаванд. Ман одамонеро вохӯрдам, ки дар олами тиҷорат дар ҷои худ набуданд, онҳо аз шурӯъ кардани кори шахсӣ тарсида, дар дасти касе кор мекарданд. Боз ман одамони дар кор бевафоро дидам, чунки онҳо мехостанд худашон ба худашон сардор бошанд.

Ман одамонеро дидам, ки берун аз иродаи Худо издивоҷ кардаанд, ва дар натиҷаи ин даъвати худро гум кардаанд. Дигарон худро бо дӯстон бастанд, ки онҳоро аз даъваташон бозмедоранд. Ман одамонеро вохӯрдам, ки бо варзиш, муҳаббат ба пул, мансаб ё боз ба ягон чизи дигар,– рӯйхат беохир шуда метавонист, алоқамандии зиёд доштанд – ҳамаи ин имондоронро аз иҷро кардани нақши худ дар сохтумони хонаи Худо бозмедорад.

Ин фикрҳои ғамангез, лекин хабари хуш дар он аст, ки ягон кас аз мо набояд аз роҳе, ки Худо барои мо ба нақша гирифтааст, гардад. Худо Муаллифи ҳодисаҳои мо аст ва Ӯ метавонад моро ба иҷроиши он барад. Мо бояд ба худ савол диҳем: чӣ тавр ман бояд бидонам, ки ҳамчун пудратчӣ ман ба чӣ даъват шудаам? Ин саволи муҳимро дар боби навбатӣ муҳокима менамоем. Шумо инчунин якчанд маслиҳатҳоро мефаҳмед, ки чӣ тавр ба роҳи дуруст метавон баргашт, агар шумо аз он ба дигар сӯ гашта бошед.

БОБИ 12

# Даъватшудагони Худо

*Зеро ки бахшоишҳо ва даъвати*
*Худо тағйирнопазир аст.*
—Румиён 11:29

Ба бисёр одамон даҳшатангез менамояд фикр дар бораи он, ки аз нақшаи Худо рӯй гардонидан мумкин аст, бо чизҳои дар нигоҳи аввал нек ва парҳезгорона намудоршаванда фирефта шуда. Ин аксуламали фаҳмо! Лекин дар хотир дошта бошед, ки мо даъват шудаем, ки на тарси афтодан ва ҷазо дошта бошем, балки тарси Худо. Тарси Худованд моро дар ҳикмати Он Касе, ки чунин суханонро гуфтааст, нигоҳ медорад: “Ва гӯшҳотон суханеро аз қафои шумо хоҳад шунид, ки мегӯяд: “Роҳ ин аст, бо ин биравед”, вақте ки ба тарафи рост ё чап майл кунед” (Ишаъё 30:21). Биёед ба саволи он бармегардем, ки чӣ тавр мо бояд ҷои худро дар сохтумони хонаи Худо бифаҳмем.

## Якум: оё шумо Худоро аз таҳти дил ҷустед?

Агар аз шумо мепурсиданд, ки оё шумо тақдири худро иҷро мекунед, шояд шумо ҷавоб медодед: “Ман мехоҳам онро иҷро намоям, аммо ман намедонам, ки ба чӣ даъват шудаам!” Ба ин якчанд сабаб шуда метавонад. Аввалан: оё шумо Худоро аз таҳти дил ҷустед? Ба мо гуфта шудааст, ки Худо ба он касон мукофот медиҳад, ки аз таҳти дил Ӯро бо имон меҷӯянд, на ин ки дар шубҳа ё аз алоқамандии оддӣ (ниг. Ибриён 11:6). Агар одам аз таҳти дил Худоро ҷӯяд, ҷа-

вобро мунтазир шуда, ба ӯ ошкор мегардад, ки барои чӣ ӯ ба замин таваллуд шуда буд.

Вақте ки ман дар донишгоҳ дар ҷамъияти донишҷӯён дар донишгоҳи Пердю наҷотро қабул карда будам, ман дарҳол нақшаи Худоро барои ҳаёти худ ҷустанро сар кардам. Дар муҳандисӣ хонда, ҳар як семестри дуюм ман дар IBM (ширкати истеҳсолкунандаи ЭВМ) кор мекардам. Яке аз сабабҳое, ки маро маҷбур сохт, ки даъвати худро бифаҳмам, ба ғайр аз хоҳиши итоаткор будан ба Худо, дар он буд, ки баъд аз якчанд моҳи наҷотам боре ман дар гурӯҳи ҳашт-даҳнафараи муҳандисон афтодам, ки онҳо стажи кории сивуҳаштсолаи худро дар ширкати яке аз кормандон ҷашн мегирифтанд. Мо бесаросемагӣ сӯҳбат мекардем, ки ногаҳон ин корманд гуфт: “Ҳар рӯз дар муддати тамоми ин сию ҳашт сол ман аз ин кор нафрат доштам”. Ҳамаи ҳозирин, ба ғайр аз ман, ё бо ӯ розӣ шуданд, ё ханда карданд. Ман бошам дар ҳайрат будам.

Дар байни ин муттахассисони варзида ман як корманди нав буда, ман ҳайрон шудам, ки чаро ҳеҷ кас ҳеҷ чизи дигар нагуфт, ва, худро дошта натавониста, пурсидам: “Барои чӣ шумо бо ин кор тамоми ин сию ҳашт сол машғул шудед?”

Ӯ ба ман нигоҳ кард ва гуфт: “Ин ҳамту кор аст”.

Ногаҳон ман ҳам дарк кардам, ки аз машғулияти худ ба ваҷд намеоям. Падари ман муҳандис буд ва мегуфт, ки ин касби хуб аст, маоши устувор ва хуб дорад. Аммо вохӯрӣ бо ин муҳандис маро маҷбур сохт, ки ба ҳама чиз бо дигар чашм нигоҳ кунам. Ман фикр кардам: “На пул, на устуворӣ, на дигар чиз наметавонад маро аз он чизе, ки барояш ман дар ин замин таваллуд шудам, нигоҳ дорад”. Дар худи ҳамон ҷо ман қарор кардам, ки даъвати худро меҷӯям, ва фикр карданро сар кардам, ки кадом қадами навбатиро бояд гузошт, то ки ба он ҳаракат кунам.

Ман фаҳмидам, ки Худо тасвири умумии даъвати ҳаётро медиҳад, агар ки ту Вайро аз аввали ҳаётат бо Ӯ биҷӯӣ.

Бо дигар суханон, Ӯ аз аввал ба ту охирро нишон медиҳад. Юсуф писарча буд, вақте ки Худо ба ӯ нишон дод, ки вай роҳбари бузург мешавад ва ҳатто падар, модар ва бародаронаш ба ӯ хизмат мекунанд. Рӯъё баъд аз гузаштани бисёр сол иҷро шуд. Ҳеҷ набошад чил сол пеш аз вақти таъиншуда Мӯсо медонист, ки Исроилро роҳнамоӣ мекунад. Ба Довуд ошкор шуда буд, ки ӯ шоҳ мешавад, вақте ки ӯ чӯпонча буд. Фақат пас аз солҳо ӯ ҳукмрони Исроил шуд. Рӯйхатро давом додан мумкин аст.

Ман дар нақша доштам, ки дар донишгоҳ мақом бигирам, хонданро дар Гарвард давом диҳам ва ба сатҳи олии менеҷменти Амрико расам. Ман мехостам издивоҷ кунам, дар як сол якчанд маротиба рухсатӣ гирам ва даҳяки ҳамаи даромадҳоямро ба Худо диҳам. Ин тасаввуроти ман оиди хизмат кардан ба Ӯ буд.

Ҳар чи қадаре ки ман Худоро меҷустам, ҳамон қадар алоқамандиро ба хизматгузорӣ эҳсос мекардам. Ба ман ин на он қадар маъқул буд, вале ман ба қадри кофӣ бофаросат будам, то бифаҳмам, ки ба Худо итоат карда, ман қаноатмандӣ ва хурсандиро дар ҳаёт пайдо мекунам. Боре ман ба ӯ ваъда додам, ки ба ҳеҷ чиз нигоҳ накарда ман ба Ӯ итоат мекунам. Он гоҳ Ӯ ба ман нишон додани тамоми тасвирро сар кард, ки ба он Ӯ маро даъват карда буд.

Аллакай дар аввали солҳои 80-ум Худо ба ман нишон дод, ки итоаткор монда, ба воситаи Каломи Ӯ ман метавонам ба бисёр халқҳо таъсир расонам. Гуфтан зарур не, ки ин ба сари ман ҷой намешуд ва ман ҳеҷ роҳро намедидам, ки ин чӣ хел иҷро мегардад, барои он ки як ҷавон аз шаҳри хурд будам, ки ягон хидматгузори миллӣ ё сатҳи байналхалқиро намедонистам.

Мисли ҳодисаи Юсуф, Мӯсо ё Довуд, Худо тасвири охирро нишон медиҳад, ҳамаи қадамҳои иҷрошавии онро аниқ накарда. Ин ба мо иҷозат медиҳад, ки дар имон бимонем,

на ин ки дар муҳокимарониҳо. Мо бояд биҷӯем ва боитоат бошем ба он чизе, ки Ӯ ба мо мегӯяд, ва он гоҳ метавонем ба мақсад ҳаракат кунем. Бисёр вақт чунин менамояд, ки қадами навбатӣ, ки онро бояд бикунем, моро на ба мақсад, балки ба самти дигар мебарад. Ба ғуломӣ ба мӯҳлати даҳ сол афтодан фавран баъд аз гирифтани орзуи роҳбар шудан, на он қадар қадами мантиқӣ аст. Ана барои чӣ ба мо гуфта шудааст: “Бо тамоми дили худ ба Худованд таваккал намо, ва ба хиради худ такя накун. Дар ҳамаи тариқҳои худ Ӯро дарк намо, ва Ӯ роҳҳои туро ҳамвор хоҳад кард” (Масалҳо 3:5,6).

Пас аз чанд моҳи он ҳодиса, дар вақти соли охири коллеҷ, вақте ки ҳамаи донишҷӯён ба рӯзҳои истироҳатии чоррӯза дар вақти ҷашнгирии Рӯзи шукргузорӣ рафта буданд, ман дар хобгоҳи донишҷӯён мондам. Дар ин рӯзҳо ман дар ҷустуҷӯи иродаи Худо ва самту равиш барои ҳаётам рӯза доштам ва дуо кардам. Баъд аз ду моҳ ман ҷавоб гирифтам, ки қадами навбатии ман чӣ гуна бояд бошад, ки он пурра ба самте, ки ба хизматгузорӣ мебурд, муқобил буд. Барои ман пурра мантиқӣ буд, ки ба мактаби библиявӣ равам, аммо Худованд ба ман нишон дод, ки ба ман зарур аст мусоҳибаро барои гирифтани вазифаи муҳандисӣ гузарам. Ана барои чӣ Худо ба мо мегӯяд, мо набояд ба фаҳмиши шахсиамон таваккал кунем.

Дар донишгоҳ ман бо намояндагони ширкатҳои зиёд вохӯрдам ва қариб дарҳол донистам, ки дар корпоратсияи “Роквелл” дар Даллас, иоллоти Техас кор мекунам. Дар ин умуман ҳеҷ хел маъно набуд, чунки ман ягон мактаби библиявиро дар Даллас намедонистам. Ман сездаҳ пешниҳоди дигари корро дар шаҳрҳои гуногун доштам. Дар баъзе аз онҳо чунин мактабҳо буданд, ва ҳамчунон ҳамаи ширкатҳои боқимонда маоши баланд пешниҳод мекарданд, нисбат ба “Роквелл”. Аммо ман ҳамту боитоат будам.

Бо омадан ба Даллас, ҳамон замоне ки ман ба калисо даромадам, Худованд нишон дод, ки ман бояд дар он реша давонам. Маҳз дар ин калисо ман дар хизматгузорӣ калон шудам, ки он маро ба он ҷое, ки ҳоло ҳастам, овард.

## Дуюм: оё шумо реша давонед?

Мо ба сабаби дуюм расидем, ки барои чӣ бисёр одамон наметавонанд иродаи Худоро ба ҳаёти худ пайдо кунанд. Онҳо дар калисои маҳаллӣ реша надавондаанд. Каломи Худо ба мо мегӯяд: “Онҳое ки дар хонаи Худованд шинонда шудаанд, дар саҳнҳои Худои мо хоҳанд шукуфт” (Забур 91:14).

Касоне ки худро дар хонаи Худо, ки дар ин ҳаёт калисои маҳаллӣ мебошад, реша давонидаанд, дар саҳнҳои Худо хоҳанд шукуфт. Яке аз ҷанбаҳои саҳнҳои Худо ин Доварии Масеҳ мебошад. Аз ин ҷост, ки мо ҳам ҳозир мешукуфем ва ҳам дар доварӣ, агар ки дар калисои маҳаллӣ мустаҳкам реша давонида бошем. Ин нақшаи Худо аст.

Калисоро Худованд фикр ва ташкил кардааст, на одамон. Исо мегӯяд: “Ман калисои Худро бино мекунам, ва дарвозаҳои дӯзах бар он ғолиб нахоҳад шуд” (Матто 16:18). Ба ибораи “бино мекунам” диққат диҳед. Чӣ тавр Исо метавонад калисои Худро бисозад, дар он ҷо ҷисман набуда? Ҷавоб: ба воситаи Тани Худ, ба воситаи мо. Боз аз ҳамин сабаб мо ҳамкорон (пудратчиён) номида шудаем. Файз, қобилиятҳо ва бахшоишҳо аз ҷониби Ӯ меоянд, ва маҳз Ӯ қувваи фавқултабииро медиҳад, аммо Ӯ бояд барои иҷрои кор зарфҳои гапдаро дошта бошад. Савол дар ин ҷост: оё мо Калисои Ӯро ҳамроҳи Ӯ боло мебардорем, ё мо бо мақсадҳои шахсиамон ҳаракат мекунем, ҳатто агар онҳо дар зери ниқоби хизматгузорӣ бошанд?

Тамоми Калисои Исо ба калисоҳои маҳаллӣ тақсим карда шудаанд. Яке аз мисолҳои сершумори инро мо дар суханони

Ӯ пайдо мекунем, ки ба ҳар яке аз ҳафт калисои маҳаллӣ дар Ваҳӣ муроҷиат карда шудаанд: дар Эфсӯс, Исмирно, Парғомус, Тиётиро, Сардис, Филоделфия ва Лудкия.

Боз калисо бо Тани Масеҳ муқоиса карда мешавад. Чи хеле ки Калисои умумиҷаҳонии Масеҳ ба калисоҳои маҳаллӣ тақсим карда шудаанд, ҳамчунин тамоми Тани Масеҳ ба танҳои маҳаллӣ ҷудо карда шудаанд. Маҳз Худованд одамони Худашро тақсим мекунад. Павлус менависад: тақсим менамояд: "Аммо Худо ба узвҳо, ба ҳар яке аз онҳо, дар бадан, мувофиқи хости Худ, ҷой додааст" (1 Қӯринтиён 12:18). Шояд, гуфтани он, ки ба кадом калисо рафтани моро на мо худамон интихоб мекунем, балки Ӯ Худаш, шуморо ба ҳайрат меорад.

Дар бораи ин як сония фикр кунед. Бисёр касон барои худ калисоро интихоб мекунанд, гӯё либос ё тарабхонаро интихоб мекарда бошанд, ба ҷои он ки аз Худо бипурсанд, ки дар куҷо Ӯ мехоҳад онҳоро бубинад? Чӣ тавр тақдири худро ёфтан мумкин аст, агар ки на дар ҳамон қисми Тани Ӯ бошӣ? Ҳар як қисми бадани одамро Худо фикр карда баромадааст. Ба даст душвор мешуд, агар ки он ба зону часпонида шуда мебуд. Барои ҳамин ба мо лозим аст, ки нақшаи Худоро ҷӯем, ҳангоме ки мо мехоҳем ба дигар шаҳр кӯчем ё ба дигар калисо гузарем.

Ҳар яке аз мо нақши худро дар калисои маҳаллӣ дорад. Мо мехонем: "Шумо бадани Масеҳ ҳастед, вале ҷудо-ҷудо узвҳои Ӯ мебошед. Ва Худо баъзеро дар Калисо аввалан..." (1 Қӯринтиён 12:27,28).

Баъдан Павлус мавқеъҳои асосиро дар калисои маҳаллӣ номбар мекунад. Ба он нигоҳ накарда ки ӯ рӯйхати пурраро намедиҳад, аз дигар ҷойҳои Аҳди Ҷадид мо медонем, ки ҳар яке аз мо нақши муҳимро мебозад, ки он ба монанди ҳар як узви тани ҷисмонии мо аст, ки муҳимиаш кам нест. Агар ки мо дар Тани худ амал накунем, он гоҳ калисои маҳаллӣ айнан ҳамон тавре азоб мекашад, мисле ки агар як ё зиёдтар

узви ҷисмонии мо (масалан пой, чашм ё гурдаҳо) кор намекарданд ё алоҳида кор мекарданд, худ ба худ.

Ҳақиқати ғамгин дар он аст, ки хизматгузории Исои Масеҳ бисёр вақт дар ҷамъият амалӣ намегардад, аз барои он ки дар корҳои калисоҳои маҳаллӣ вайроншавиҳои ҷиддӣ вуҷуд доранд. Барои чӣ онҳо меланганд? Одатан сабаб на дар роҳбарони бесамар, балки дар имондороне, ки новобаста зиндагӣ мекунанд. Тасаввур кунед, ки чашмони ман, пойҳои ман ё дигар қисми бадан қарор карданд, ки он чизеро мехоҳанд, ҳамонро мекунанд? Аҷиб аст, ки Худо ба ҳолати калисоҳои мо нигоҳ накарда, дар Амрико кореро мекунад.

Барои чӣ Калисои аввалин чунин афзоиши бошиддатро аз сар гузаронид?

Биёед меомӯзем:

> “Ва онҳо бо шунидани таълими ҳаввориён, бо мушоракати онҳо, бо шикастани нон ва бо дуо гуфтан машғул буданд… Ҳамаи имондорон бо ҳам муттаҳид ва дар ҳама чиз шарик буданд... Ҳар рӯз якдилона дар маъбад ҷамъ мешуданд ва дар хонаҳои худ нон шикаста, бо дилхушӣ ва самимият бо ҳам хӯрок мехӯрданд, Худоро ҳамду сано мехонданд ва дар миёни тамоми мардум меҳру муҳаббат пайдо мекарданд, ва Худованд ҳар рӯз касонеро, ки наҷот меёфтанд, ба аҳли Калисо меафзуд” (Аъмол 2:42-47).

Шумо мебинед, ки имондорон дар калисои маҳаллӣ шинонида ва реша давонида шуда буданд? Онҳо якҷоя саҷда мекарданд, як мавъизаро гӯш мекарданд, як рӯъёи умумӣ доштанд ва як ҳаётро бо ҳам медиданд. Ин ба афзоиши солими калисо таъсир расонид. Одамон ба Худованд тариқи калисои маҳаллии худ хизмат мекарданд, ки ба он ҳамчунин ҳаёти онҳо дар хона низ дохил мешуд.

Дар калисои маҳаллӣ будан қисми ҷудонашавандаи ҳаёти масеҳиёни пештара буд. Баъдтар баъзе душвориҳо сар заданд, вақте ки ба беваҳо ғизо нарасиданро сар кард.

Ҳавволиён гуфтанд, ки ба онҳо хуб нест, ки хизматгузории Каломи Худоро аз барои тақсимоти хӯрок гузоранд. “Пас, эй бародарон, ҳафт одами некном ва пур аз Рӯҳулқудс ва пурҳикматро аз миёни худ интихоб намоед, то ки онҳоро ба ин хизмат таъин кунем” (Аъмол 6:3).

Диққат диҳед, ин роҳбарон нагуфтанд: “Ба мо хоҳишмандон даркор ҳастанд. Оё касе вақташро барои ин хизматгузорӣ ба ин занон ҷудо намекунад?” Не, ҳамаи имондорон ба хизматгузорӣ бахшида шуда буданд, чунки онҳо ба калисои маҳаллӣ реша давонида буданд. Шахсан ман бовар мекунам, ки ҳар яке аз онҳо умед дошт, ки барои хизмат ӯро интихоб мекунанд. Ҳафт нафар интихоб шуда буданд, ва он гоҳ:

> “Инҳоро дар назди ҳавворнён ба по хезонданд, ва даст бар сарашон монда, дуо карданд. Каломи Худо торафт интишор меёфт, шумораи шогирдон дар Ерусалим бағоят меафзуд, ва бисёре аз коҳинон низ ба имон тан доданд” (Аъмол 6:6,7).

Ин ҳафт нафар тадҳин шуда буданд на барои хизмат аз саҳна, роҳбарӣ дар гурӯҳи хонагӣ, бурдани мадҳкунӣ ва саҷда, на барои сафари миссионерӣ, балки ба он, то ки ба беваҳо дар калисо хизмат кунанд. Ана инро бинед!

Диққат диҳед, ҳамон замоне ки онҳо ба кори худ шурӯъ карданд, чи хеле ки ба назар расиданаш мумкин аст, ба кори беаҳамият дар Тан, Каломи Худо паҳн мешуд ва миқдори шогирдон дар Ерусалим бағоят афзуд. Дар ин ҷо мо воқеияти аҷоибро мебинем. Дар Аъмол (1-5) калимаҳои *“меафзуданд, ҳамроҳ мешуданд*” якчанд маротиба барои тасвири афзоиши калисо дар Ерусалим истифода мешаванд. Ана якчанд мисолҳо (курсиви муаллиф):

> ”... ва дар ҳамон рӯз тақрибан се ҳазор нафар ба онҳо ҳамроҳ шуданд ” (Аъмол 2:41).

> “Худованд ҳар рӯз касонеро, ки наҷот меёфтанд, ба аҳли калисо меафзуд” (Аъмол 2:47).

> “Мардону занони бисёре ба Худованд имон оварда, торафт бештар ба онҳо ҳамроҳ мешуданд” (Аъмол 5:14).

То ин дам фақат ҳавворийён кори хизматгузориро дар калисои маҳаллӣ иҷро мекарданд, ва танҳо дар бораи Петрус гуфта шудааст, ки ӯ воиз буд. Аммо дар кадом лаҳзае имондорон фаҳмиданд, ки ҳар яке аз онҳо дар ду ҷанбаҳои асосӣ масъулият доранд. Якум-мавъизаи Инҷил ба дигар одамон ва дуюм-онҳо нақши худро дар калисои маҳаллӣ доранд.

Дар бораи он ки ҳар як имондор бояд ҳодисаи аҷоиброн дар бораи эҳёшавии Исо бигӯяд, дар Аъмол (5:42-6:1) навишта шудааст: “Ва ҳар рӯз дар маъбад ва дар хонаҳо дар бораи Исои Масеҳ таълим ва башорат медоданд. Дар он айём, ки шогирдон зиёд мешуданд...” Маълум аст, ки Петрус дар ҳар хона мавъиза карда наметавонист, чунки радио, телевизион ё Интернет набуд. Акнун ҳамаи имондорон Инҷили Исои Масеҳро ба ҳамсояҳои худ мавъиза мекарданд. Таваҷҷӯҳ кунед, ки калисо на танҳо зиёд мешуд, балки афзоиш меёфт. Бори аввал дар китоби Аъмол мо миқдори афзоишро мебинем.

Бо ин қисса тамом намешавад. Ҳамту ки имондорон ҷои хизматгузории худро дар калисо ишғол карданд, мо мебинем, ки миқдори шогирдон на фақат афзоиш ёфт, балки бағоят афзоиш ёфт. Бағоят афзоиш ёфт-ин аст афзоиши барзиёд!

Ба ман иҷозат диҳед, ки фарқи байни ҷамъ ва зарбро фаҳмонида диҳам (афзоиши барзиёд). Усқуферо тасаввур мекунем, ки 10 ҳазор нафарро ҳар моҳ ба Худованд меорад. Хизматгузории ӯ бисёр самаранок ҳисоб мешуд, ҳамин тавр не? Ба ӯ чӣ қадар вақт лозим аст, то ки тамоми оламро бигирад? Ҷавобаш ҳайратангез аст: 50 ҳазор сол, ба шарте, ки дар муддати ин 50 ҳазор сол ҳеҷ кас таваллуд намешавад ва

намемирад! Ин ҳашт маротиба зиёдтар аст, нисбати замони мавҷудияти одамон дар Замин. Ғайриимкон аст!

Акнун ман мисоли афзоиши бузургро меорам. Тасаввур мекунем, ки шумо ду нафарро ба Худованд овардед, ки онҳо дар калисои шумо мемонанд. Сонияп дар муддати якчанд моҳ ҳар яке аз онҳо боз ду нафарро ба Худованд меоранд. Боз дар тӯли якчанд моҳ ин чор нафар боз айни ҳамон чизро карданд, ва дар моҳи оянда ҳар яки ин ҳашт нафар ду нафарӣ ба Худованд оварданд, ки онҳо низ дар калисо реша давонида буданд. Агар ин давом ёбад, оё шумо медонед, чӣ қадар вақт лозим аст, то ки бо Инҷил тамоми аҳолии заминро ба даст орем? Ҷавоб-сию се моҳ! Ҳа, ҳа, аз се сол кам! Ана ин зиёдшавии бузург аст.

Акнун шумо мефаҳмед, дар бораи чӣ мо дар асл дар Китоби Муқаддас мехонем?

> "Ин тақрибан ду сол давом кард, ба тавре ки ҳамаи сокинони вилояти Осиё, ҳам яҳудиён ва ҳам юнониён, каломи Исои Худовандро шуниданд" (Аъмол 19:10).

Ҳамаи сокинон. Агар Навиштаҷот ҳама гӯяд, пас ин ҳар як одам. Гап ҳатто на дар бораи шаҳр меравад, балки дар бораи тамоми минтақа. Онҳо алоқаи спутникӣ, телевизион, радио, мошинҳо ва ҳатто велосипедҳоро надоштанд. Ин афзоиши барзиёди ҳақиқӣ буд.

Барои афзоиши бузург Тани солими имондорон зарур аст. Тани солим аз имондороне иборат аст, ки дар калисои маҳаллӣ реша давонидаанд, дар он хизмат мекунанд (масалан, хизматгузорӣ ба беваҳо, ташкилотчӣ, нигаҳбони ҷойҳои мошингузорӣ, хизматгузорӣ дар ҳабсхонаҳо, дар хизмати бачагона, ҳамаашро номбар карда намешавад). Онҳо одамонро дар кор ва дар он ҷое, ки зиндагӣ мекарданд ба даст меоварданд, ба онҳо кӯмак мекарданд, ки дар калисои маҳаллӣ реша давонанд. Дар ёд доред, Исо ба мо фармоиш

додааст, ки на танҳо одамонро аз ҳамаи халқҳо ба наҷот орем, балки аз онҳо шогирдон бисозем. Мо бояд барои дар калисо реша давонидани касоне, ки онҳоро ба Исо меорем, кӯмак намоем, то ки онҳо бо ҳар он чизе ки Худованд ба мо аҳком додааст, таълим гиранд (ниг. Матто 28:20). Барои он ки одамон дар Масеҳ калон шаванд, калисои маҳаллӣ ва бахшоишҳои ба он додашуда зарур аст.

Калид дар он аст, ки узви калисои маҳаллӣ бошем. Дар он мо мешукуфем. Шумо пай бурдед, ки Филиппус яке аз он ҳафт нафар буд, ки барои ба беваҳо хӯрок тақсим кардан интихоб шуда буд. Баъдтар дар китоби Аъмол ӯ башоратдиҳанда номида шуд. Кори хизматгузории ӯ дар бисёр шаҳрҳо паҳн гардиданд. "Рӯзи дигар Павлус ва мо, ки ҳамроҳаш будем, он ҷоро тарк карда, ба Қайсария омадем ва ба хонаи Филиппуси башоратдиҳанда, ки яке аз ҳафт нафар буд, даромада, назди ӯ мондем" (Аъмол 21:8).

Ба он нигоҳ накарда ки акнун ӯ башоратдиҳандаи бузург шуд ва аз ҷониби Худованд ба дигар шаҳр кӯчонида шуд, ӯро ҳанӯз ҳам мисли яке аз он ҳафт нафар мешинохтанд. Хизматгузорӣ дар калисои маҳаллӣ нақши ҳалкунандаро дар он бозид, ки ӯ даъвати худро дар ҳаёташ ёфт. Ман ба одамон мегӯям: "Ту метавонӣ даъвати ягон кори бузургро дар зиндагӣ карданро дошта бошӣ, аммо ин рӯй намедиҳад, агар ки аз решадавонии ту дар калисои маҳаллӣ пайдо нашуда бошад".

Ба ман иҷозат диҳед суханони сарояндаи забурро такрор намоям: "Онҳое ки дар хонаи Худованд шинонда шудаанд, дар саҳнҳои Худои мо хоҳанд шукуфт" (Забур 91:14). Оиди калимаи "шинонда шудаанд" фикр кунед. Барои фаҳмидани принсипҳои Малакут шумо бояд қонуни коштан ва даравиданро бифаҳмед. Исо ба шогирдони Худ гуфт, ки агар принсипҳои тухмӣ, замин ва ҳосилро нафаҳмӣ, ҳамаи масалҳоро фаҳмида наметавонӣ (Марқӯс 4:13). Содда карда гӯем, Малакути Худо ин:

> “... монанди касест, ки тухм бар замин пошад, ва шабу рӯз бихобаду бихезад, ва тухм чӣ гуна сабзаду нашъунамо ёбад, вай надонад; зеро замин худ аз худ бор меоварад, аввал майса, баъд хӯша, пас аз он донаи пурра дар хӯша; ва чун ҳосил расид, фавран досро ба кор меандозад, зеро ки вақти дарав расидааст” (Марқӯс 4:26-29).

Фарз мекунем, ман як каф ҳаргуна тухмиҳои дарахтони мевадорро дорам, ки ба онҳо ман на он қадар сарфаҳм меравам. Ягона роҳи фаҳмидан, ки ин чӣ хел тухмиҳо ҳастанд, ин онҳоро шинонидан аст. Инро карда, баъди чанде вақт ман табиати ҳар як тухмиро мебинам.

Ба ҳар яки мо Худо даъвати пешакӣ муайяншударо мегузорад ва барои иҷро кардани ин даъват бахшоишҳо медиҳад: “Зеро ки мо офаридаи Ӯ ҳастем ва дар Исои Масеҳ барои аъмоли нек, ки иҷрои онҳоро Худо пешакӣ барои мо таъин намудааст, ба вуҷуд оварда шудаем” (Эфсӯсиён 2:10), “Зеро ки бахшоишҳо ва даъвати Худо тағйирнопазир аст” (Румиён 11:29). Мувофиқи суханони Исо даъвати ман ва бахшоишҳои ман гӯё ки дар тухмӣ ҳастанд. Агар ман худро дар калисо “шинонам”, он гоҳ тақдири аз тарафи Худо ба ман додашударо воз мекунам. Агар не, ман метавонам бахшоишҳоро барои дастрас намудани дигар мақсадҳои ҳаёти худ истифода барам, на барои он мақсадҳое, ки аз тарафи Офаридгор дода шудааст. Бо комёбиҳое, ки ба стандартҳои ҷаҳонӣ мутобиқ аст, фиреб нахӯред. Бахшоишҳои худро истифода карда, шумо метавонед бағоят муваффақ бошед, лекин ҳаёти шумо дар итоати нақшаи Офаридгор намешавад.

Ман мехоҳам якчанд мисолҳо биёрам. Дар дунё бисёр одамон ҳастанд, ки овози бисёр аҷоиб доранд, ки метавонанд дар чашми одамон ашкро биёранд. Ин бахшоиш ба онҳо барои мадҳкунии Худо ва барои водор кардани одамон, то ки дил ва хоҳишҳои Ӯро пайравӣ кунанд, дода шуда буд. Вале онҳо ҳамин тавр ҳеҷ гоҳ таъиноти худро иҷро на-

мекунанд, барои он ки наҷот наёфта буданд ё аъзои калисо нашуда буданд.

Одамоне ҳастанд, ки дили худро ба Исо додаанд, аммо ба калисо мунтазам намеоянд. Онҳо даъвати болотарини худро дар Малакут иҷро намекунанд, барои он ки ба калисо наомаданд. Албатта, онҳо метавонанд даъвати таъсир расонидан ба одамони берун аз калисобударо дошта бошанд, шояд, онҳо инро то ягон дараҷа мекунанд, аммо тақдири ҳақиқии онҳо дигар мебуд, агар ки онҳо дар калисо шинонда мешуданд.

Одам метавонад бахшоишҳои муайянро дошта бошад ва онҳоро ба қадри имкон истифода барад, вале чи хеле ки хислати дарахтро (намуд, баргҳо ва қудрат) то он даме ки тухмиаш кошта нашавад, фаҳмида намешавад, ҳамин тавр тақдири ҳақиқии аз тарафи Худо додаро, то он вақте ки одам қисми калисо нашавад, фаҳмида намешавад. Инро Худо фикр карда баромадааст, на ин ки одамон.

Дигар мушкилӣ он вақт пайдо мешавад, вақте ки одамон ба калисои дигар гузаштанро сар мекунанд ҳангоми бо душвории аввал рӯ ба рӯ шудан. Имрӯз мардон ва занон ба осонӣ калисои худро мегузоранд, агар дар калисо ягон чизи нодурустро бинанд, махсусан дар роҳбарият. Мумкин ин тарзи роҳбарӣ дар калисо шуда метавонад. Мумкин, тарзи ҳадя ҷамъ кардан ё пул сарф кардан. Агар ба онҳо он чизе ки усқуф мавъиза мекунад, маъқул набошад, онҳо мераванд. Мисол, ӯ дастнорас аст, ё баръакс бисёр густох аст. Ё ин нарасидани диққати аъзои калисо. Рӯйхатро давом ва давом додан мумкин аст. Ба ҷои он ки бо мушкилот рӯ ба рӯ шуда ва онҳоро бо умед аз сар гузаронанд, онҳо ба он ҷое медаванд, ки чи хеле ба назари онҳо менамояд, низоъ нест.

Биёед ба ҳақиқат нигоҳ мекунем: Исо—ягона усқуфи комил ё узви калисо. Пас барои чӣ мо дар ҷамъияти ғарбии худ аз душвориҳо мегурезем, ба ивази он ки даъватро қабул

намоем ва аз он гузарем? Мо ҳамту аз калисо ба калисо меравем, ба ҷустуҷӯи усқуфи бенуқсон ё аъзои калисо.

Дар ёд дошта бошед, ки шайтон мехоҳад моро ранҷонад ва аз он ҷое ки Худо моро он ҷо гузоштааст, тела намояд. Ӯ мехоҳад моро аз реша, ҳам мардон ва ҳам занонро биканад. Агар шайтон тавонист, ки шуморо биканад – ӯ муваффақ шуд. Агар ки ту аз ҷоят наҷунбӣ ҳатто дар вақти низои калон, он гоҳ нақшаҳои ӯро вайрон мекунӣ ва нақшаи Худоро иҷро менамоӣ.

Ва боз “Онҳое ки дар хонаи Худованд шинонда шудаанд, дар саҳнҳои Худои мо хоҳанд шукуфт”. Бо растанӣ чӣ мешавад, агар онро ҳар се ҳафта аз нав шинонем? Сохтори решагӣ заиф мешавад, ва он қобилияти дуруст инкишофёбӣ ва шукуфтанро гум мекунад. Агар аз нав шинониданро давом диҳем, растанӣ нобуд мешавад.

Бисёр одамон аз як калисо ба калисои дигар мераванд, ва дар ҳамаи ин кӯшиш менамоянд, ки дар даъвати худ инкишоф ёбанд. Агар ки онҳоро дар он ҷое, ки Худо гузоштааст, мӯътабар надонанд, ба осонӣ хафагӣ пайдо мешавад. Агар ки онҳо бо ягон чиз розӣ набошанд, он гоҳ дар ҳар чиз роҳбарони калисоро гунаҳкор карда, хафа мешаванд ва мераванд. Нисбати камбудиҳои хислати худ кӯр буда, одамон намефаҳманд, ки ба воситаи фишор Худо онҳоро пок мекунад. (Ин на фақат ба хизматгузорӣ дахл дорад, балки ба кор, оила ва дигар муносибатҳо низ.)

Биёед аз мисоли растаниҳо ва дарахтон, ки Худо додааст, дарс мегирем. Дарахти мевадор, ки дар замин шинонида шудааст, бояд ба таъсири борон, шамол ва гармӣ дучор шавад. Агар ки ниҳол гап зада метавонист, ӯ мегуфт: “Илтимос, маро аз ин ҷо бигиред! Маро он ҷое шинонед, ки на гармӣ бошад ва на шамол!”

Агар ки боғбон дарахтро гӯш мекард, ӯ ба он зарари калон мерасонид. Решаҳои худро чуқур ба замин давонида, да-

рахтон метавонанд ба гармӣ, борон ва шамол тоқат кунанд. Душвориҳое, ки бо он онҳо бармехӯранд, дар охири охир манбаи устувории онҳо мешаванд. Шароитҳои сахти муҳити атроф онҳоро маҷбур месозад, ки ҳаётро чуқуртар ҷӯянд. Рӯзе дарахтон ба чунин ҳолат мерасанд, ки ҳатто шамоли сахт ба қобилияти меваоварии онҳо таъсир карда наметавонад. Ин чизҳоро дар ёд дошта, мо набояд ба он чизе ки Худо гузошт, ки мо аз сар гузаронем, муқобилат намоем, охир ин ҳолатҳо қодиранд, ки моро дар даъватамон мустаҳкам гардонанд.

## Сеюм: оё шумо заҳмат кашида истодаед?

Сабаби охирин, ки аз барои он одамон даъвати худро ёфта наметавонанд ё иҷро намекунанд ин заҳмат кашидан аст. Вазнинӣ онҳоро аз бомуваффақ тамом кардани давиши худ нигоҳ медорад. Павлус дар бораи худ мегӯяд: "...ҷони худро азиз намедорам, балки муроди ман фақат ин аст, ки вазифаи худро ва он хизматеро, ки Исои Масеҳ ба ман супоридааст, ба хушӣ анҷом диҳам" (Аъмол 20:24). Ӯ миссияи худро дар зиндагӣ сахт дарк карда буд. Ӯ супориш дошт, ва ӯ мефаҳмид, ки он ҳанӯз иҷро нашудааст. Чӣ тарз ӯ дар бораи ин фаҳмид? Чи хеле ки Исо медонист, Петрус ҳам медонист (2 Петрус 1:14) ва дигар одамон, ки Худоро меҷӯянд ва дар калисо ва дар пуртоқатӣ реша давонидаанд, медонанд. Худованд ин донишро ба ҳар касе, ки ҳаёти худро аз иродаи Худо азиз намедорад, ошкор мекунад. Калиди охирини ҳамаи ин гуфтаҳо дар ин аст – худро барои иҷрои нақшаи Худо пурра бахшида, мо на танҳо даъвати худро дарёфт мекунем, балки метавонем онро иҷро намоем.

Мисоли инро мо дар Инҷил мебинем. Боре Исо аз як шаҳр ба дигараш сафар мекард: "Ва ҳангоме ки онҳо дар роҳ буданд, шахсе ба Ӯ гуфт: Худовандо! Ҳар ҷо равӣ, Туро пайравӣ хоҳам кард" (Луқо 9:57).

Ин одам пурра аз ҷидду ҷаҳд, самимият ва шодмонӣ буд. Ӯ мехост Исоро то охир пайравӣ намояд. Аммо Исо қобилияти дидани ангезаҳои аслӣ ва ниятҳои дилро, ки дар паси ҷидду ҷаҳди одамӣ истодаанд, дорад. Ӯ дар ҳаёти ин одам ташвишро дид, ки он барои иҷро кардани тақдираш монеъ мешавад, бинобар ин Ӯ мегӯяд: "Рӯбоҳон лона ва мурғони ҳаво ошёна доранд; лекин Писари Одам ҷое надорад, ки сар ниҳад" (Луқо 9:58).

Шояд ин одам ҳаловатро дар хушиҳои зиндагӣ медид. Эҳтимол, ӯ кори хуб, хонаи калон ва нақшаи пирии таъминшуда дошт. Исо ин ташнагии устувории заминиро бо суханонаш шикаст, ки Ӯ ҷое надорад, ки ором сари Худро монад.

Ман тасаввур мекунам, ки чӣ хел ин одами боғайрат ва бисёр нафарони дигари дар анбӯҳ буда оҳиста-оҳиста ба ақиб рафтанд, ва баъд тамоман гум шуданд. Аниқтараш, ин одам гуфт: "Исо, дар хизматгузориҳои Ту ташкилотчӣ мешавам, дар гурӯҳи мадҳкунӣ менавозам ё ҳатто дар ҷои мошингузорӣ ба ташрифоварандагони пиронсол хизмат мекунам". Ҷозибияти пайравӣ кардани Исо барои ӯ ҷилои худро гум кард, нияти неки ба Ӯ хизмат кардан зуд парвоз карда рафт. Ӯ, мисли дигар нафарони зиёд, дуртар рафт, ҳанӯз ҳам нияти дастгирӣ кардани хизматгузориро дошта, аммо тақдисшавии пурраро нахоста.

> Баъдан Исо, ба дигар кас нигоҳ карда, гуфт: "Маро пайравӣ кун". Вай гуфт: "Худовандо! Ба ман иҷозат деҳ, ки рафта, аввал падари худро дафн кунам. Лекин Исо ба вай гуфт: бигзор, ки мурдагон мурдагони худро дафн кунанд, аммо ту рафта, аз Малакути Худо башорат деҳ" (Луқо 9:59,60).

Ана ин арз аст! Ба назари касе чунин намуданаш мумкин аст, ки Исо камтар дағал ва беҳиссиёт аст. Аммо мо бояд анъанаҳои маданиятии он замонро бояд фаҳмем.

Олимон мегӯянд, ки дар замонҳои Исо, аз рӯи анъана, агар падар фавт кунад ва нахустзода вазифаи дафн кардани падарашро иҷро намояд, ӯ қисми дукаратаи меросро мегирифт, дар он вақте ки ҳамаи боқимонда фарзандон танҳо як қисмро мегирифтанд. Агар ки ӯ вазифаи дафн кардани падарашро иҷро намекард, ҳиссаи мероси дукаратаи ӯ ба писари дуюм мерасид.

Ин одам дар бораи пулҳо фикр мекард. Яқинан, ӯ ҳаёти таъминшударо дӯст медошт, ки дар натиҷа барои пайравӣ кардани Исо монеъ мешуд. Ӯ қароре қабул кард, ки он дар пулҳо асос ёфта буд, на ин ки дар нақшаҳои Худо.

Ман боварии комил дорам, ки аз ҷониби Худованд чунин насиҳатро гирифта, ӯ гурехта рафт. Ҷавоби вай тахминан чунин буд: “Исо ман аллакай дар конфронсҳои Ту хизмат мекунам. Ман дар хор месароям ё нағора менавозам. Ман инро метавонам. Ман бо хушӣ инро тамоман бепул иҷро мекунам”. Дар ӯ, мисли дар бисёр касони дигар, хурсандии Исоро пайравӣ кардан хомӯш шуд.

Диққат кунед, ин шахс нагуфт, ки Исоро пайравӣ намекунад. Ӯ пайравӣ мекунад, аммо дили ҳақиқии ӯ дар суханони “аввал иҷозат деҳ” ошкор мегардад. Ӯ мехост боварии комил дошта бошад, ки мероси мехостаашро мегирад.

Агар мо хоҳем, ки нақшаи Худоро дар ҳаёти худ ёбем ва иҷро кунем, ҳеҷ чиз набояд аз Худо ҷои болотарро ишғол намояд. Ман миқдори зиёди имондоронро дидам, ки онҳо итоаткориро гузоштанд, бо нияти он ки дар навбати аввал афзалиятҳои худро амалӣ кунанд. Бисёр афсӯс, ки онҳо даъвати худро аз даст доданд; каси дигаре бояд ба ҷои онҳо бархезад ва нақши онҳоро бибозад. Чӣ тавр онҳо дар Доварӣ сафед мешаванд?

Ба ҳодисаи Инҷил бармегардем. Анбӯҳи одамон торафт кам мешуд, ва ногаҳон боз як нафари ихтиёрӣ пайдо шуд.

> “Боз шахси дигаре гуфт: Худовандо! Туро пайравӣ хоҳам кард, лекин аввал ба ман иҷозат деҳ, ки бо аҳли хонаи худ хайрухуш кунам. Лекин Исо ба вай гуфт: касе ки дасташро болои амоч монда бошад ва ба ақиб нигоҳ кунад, ба Малакути Худо лоиқ нест” (Луқо 9:61,62).

Боз калимаи “аввал”. Маълум аст, ки ин одам бисёр муносибати наздик ва самимӣ дар оила, бо дӯстон дошт, ё дар хона духтари дӯстдоштааш монда буд, ки бо вай ӯ мехост қарорашро аввал муҳокима кунад, ки Одами аз Ҷалил омадаро пайравӣ кунад ё не. Муносибати ӯ бо наздиконаш омили ҳалкунанда дар он шуд, ки чӣ тавр ӯ ба Исо хизмат мекунад. Бинобар ин Худованд рӯйрост гуфт, ки ӯ барои хизматгузорӣ ба Малакут муносиб нест. Муносибати ӯ бо одамони наздик омили ҳалкунанда дар он шуд, ки чӣ тавр ӯ ба Исо хизмат мекунад. Бинобар ин Худованд равшан гуфт, ки ӯ барои хизматгузорӣ муносиб нест.

Ман тасаввур карда метавонам, ки ин одам ҳам дар ҷумлаи бисёрии дигарон ба ақиб рафт. Ман қариб ки суханони ӯро мешунавам: “Исо, ман муттахассис оиди алоқа бо ҷамъият, ман метавонистам дар хизматгузории Ту машваратчӣ бошам ва ба Ту кормандони хуб ёбам. Боз ман метавонам барои ҷустуҷӯи маркази конфронсӣ барои ҷамъомади оянда дар шаҳрамон ёрдам кунам. Ва вақте ки Ту мебиёӣ, ман аз барои ташкилотчиҳо ҷавоб медиҳам, ки ба ҷамъомади Ту хизмат мекунанд. Аз ин зиёдтар, ман омода ҳастам, ки ҳамчун ташкилотчӣ кор кунам, агар ки ин зарур бошад. Ту метавонӣ аз ман хотирҷамъ бошӣ!”

Аниқтараш, дар ин лаҳза Исо шоҳиди он гардид, ки чӣ тавр анбӯҳи пайравони боғайрат то ҳафтод нафар кам шуд. Шояд, онҳо ҳазорҳо нафар буданд, вале Ӯ рӯйрост бо се ташвишҳои асосӣ, ки халқро аз иҷро кардани тақдири худ нигоҳ медошт, сарукор кард: амният, пул ва муносибатҳо. (Дигар соҳаҳо низ ҳастанд, мисли ҳаловат ва хоҳиши чизе-

ро доштан, ки онҳо ба мақсадҳои Худо намедароянд, ва ғайраҳо. Аз рӯи таҷрибаи хизматгузории бисёрсолаам ин масъалаҳои асосӣ ҳастанд.)

Аксарияти одамон, Инҷилро хонда, изҳороти муҳими зерини Луқоро ба назар намегиранд, аз барои он ки матн ба бобҳо тақсим карда шудааст. Иҷозат диҳед ба шумо хотиррасон намоям, ки Луқо якто мактуби дароз навишта буд, ва баъдтар калисо барои осон шудани ёфтани порчаи даркорӣ онро ба бобҳо ва оятҳо тақсим намуд. Гӯш диҳед, ки Луқо чӣ мегӯяд:

> "Баъд аз ин, Худованд боз ҳафтод нафари дигарро баргузид, ва онҳоро ҷуфт-ҷуфт пешопеши Худ ба ҳар шаҳр ва ҷое ки Худаш рафтанӣ буд, фиристод, ва ба онҳо гуфт: дарав бисёр аст, лекин коргарон кам; пас, шумо аз Соҳиби дарав илтимос кунед, ки ба дарави Худ коргар фиристонад" (Луқо 10:1,2).

Дар ин оятҳо бисёр чизҳои зиёд гуфта шудааст. Пеш аз ҳама ба калимаи "баъд аз ин" эътибор диҳед. Мо бояд худро пурсем: "Баъд аз чӣ?" Ҷавоб: баъд аз он ки анбӯҳи зиёд ногаҳон ба гурӯҳи хурди одамон табдил ёфт, ки онҳо монданд ва ба худ мегуфтанд: "Муҳим нест, ки Ӯро пайравӣ кардан ба ман чӣ қадар гарон мешавад. Ман мехоҳам ва инро мекунам!" Онҳо шуниданд, ки Ӯ дар бораи амният, пулҳо ва муносибатҳо гуфт, вале қарор карданд, ки ба ҳеҷ чиз намегузоранд, ки онҳоро аз иҷро кардани тақдири худ дар Худо боздорад.

Баъд аз ин Исо ҳафтод нафар аъзои нави гурӯҳро интихоб кард, ки аниқтараш ҳамин қадар боқӣ монда буданд. Калимаи интихобшуда ва таъиншуда дар Аҳди Ҷадид ҳамчун калимаҳои ҳаммаъно истифода бурда мешаванд. Одаме, ки таъин шудааст, интихобшуда аст, ва интихобшуда – таъиншуда. Исо ин тасдиқотро ду дафъа дар Инҷили Матто мекунад. Агар Ӯ айни ҳамон тасдиқотро дар ҷойҳои гуногу-

ни як Инҷил такрор намояд, мо ба ин бояд диққати ҷиддӣ диҳем. Ана он: “Зеро ки даъватшудагон бисёранд, аммо баргузидагон кам” (Матто 20:16,22:14).

Даъватшудагон бисёранд. Чӣ хел бисёр? Ҳар кас, агар дақиқ бошем. Ҳар як имондор дар ҳаёти худ даъват дорад ва бахшоишҳо дорад, то ки онро иҷро намояд. Аммо шуморо дар ҳайрат мегузорад, ки танҳо якчанд нафар баргузидагон даъвати худро иҷро мекунанд. Барои чӣ баргузидагон кам ҳастанд? Барои он ки на ҳама хоҳишҳои шахсӣ, амният, муҳаббат ба пулҳо ва муносибатҳоро аз барои иҷро кардани даъват дар ҳаёташон рад мекунанд. Диққат кунед, Исо гуфтааст: “Дарав бисёр аст, лекин коргарон кам” (Матто 9:37). Дар он ки насли мо барои Худованд ба даст оварда нашудаанд, айби Худо нест, барои он ки Ӯ “мехоҳад, ки ҳамаи одамон наҷот ёбанд ва ба дониши ростӣ бирасанд” (1 Тимотиюс 2:4). Ин мо назди Доварии Ӯ бо ҳисобот меистем аз барои он, ки насли мо аз даст дода шуда буд. Агар ки мо даъвати худро иҷро карда бошем, он гоҳ маҳкум намешавем, лекин агар ба ташвиш иҷозат диҳем, ки моро боздорад, Доварӣ барои мо ҳушёркунанда мешавад.

Шумо мегӯед: “Ман танҳо яке аз бисёриҳо”. Чӣ мешавад агар ки ҷигари ту гӯяд: “Ман узви камаҳамият ҳастам, ҳеҷ кас кори маро намебинад ва пай намебарад, барои ҳамин оё беҳтар нест, ки ман бо корҳои шахсии худ машғул шавам, ба ивази он ки он кореро кунад, ки барои ҳамон офарида шуда буд?” Чи хеле ки шумо медонед, бе ҷигар ба тан хатари ҷиддӣ таҳдид мекунад. Чӣ мешавад, агар ки шушҳо айни ҳамон чизро гӯянд ё пойҳо, кафи пойҳо, дигар узвҳои тани мо? То кадом андоза ҳар як узв дар тан муҳим аст, ба ҳамон андоза ҳар узви калисо муҳим аст.

Ана акнун хабари ҳушёркунанда. Исо мегӯяд, ки танҳо баъзеҳо тақдири худро ҳамчун коргарон дар сохтумони хонаи Худо иҷро мекунанд. Даъвати сохтанро ҳар як имондор

дорад, аммо танҳо баъзеҳо метавонанд онро иҷро намоянд. Ин маънои онро дорад, ки аксарияти имондорони дар Доварӣ истода зарар мебинанд ва мукофотҳои пурҷалолро намегиранд.

Ман медонам, ки ин хабари ғамгин аст. Аммо хубаш ҳам ҳаст: ҳозир сар кардан мумкин аст. Зону зада дар дуо аз Худо пурсед, ки шуморо барои беитоатӣ ба иродаи Ӯ бахшад, ва баъд қадам ба қадам ба пеш ҳаракат кунед. Башоратдиҳандаи машҳури асри бист Смит Виглсворт хизматгузории худро, вақте ки панҷоҳсола шуд, оғоз кард. Ва ба шумо ҳам ҳанӯз дер нашудааст.

Дар хотир доред: калид дар он аст, ки, аввал, дар имон Худоро ҷустан, дуюм, ба калисои маҳаллӣ тааллуқ доштан, ки онро ба шумо Худо нишон медиҳад, ба роҳбарияте, ки бар шумо дар ин калисо гузошта шудаанд, дар итоат ва гапдаро́й будан; сеюм, тамоми ташвишро партофтан.

Вақте ки Худо ба шумо ташвишҳоятонро нишон медиҳад, аз Ӯ хоҳиш кунед, то ки шамшери Ӯ пайвастшавиҳоеро, ки ин ташвишҳо дар ҷон ё тани шумо пайдо кардаанд, бибурад. Файзи Ӯ дар фаровонӣ ба шумо дастрас аст.

## Мукофоти комил

Пеш аз он ки ба боби навбатӣ гузарем, сухани хотимавиро мегӯем. Бисёр одамон сохтани хонаи Худоро ҳанӯз ҳам сар накарданд, дигарон сар карданд, вале ба охир нарасонанд. Онҳо ғарқи шараф шуданд, ки рӯзе пажмурда мешавад. Онҳо ба сарвати ин олам, ба обрӯю нуфуз, қудрат ва ҳаловат кӯшиданро сар карданд, таҳсини одамонро меҷустанд. Ҳамаи ин чизҳои муваққатӣ аст. Худатонро фиреб надиҳед, нагузоред, ки шуморо аз роҳ зананд, ба канор наравед. Диққати худро ба як ҷо ҷалб кунед. Шумо дар Масеҳ супориш доред. Кори шумо бояд ба поён расонида шавад.

Чунин одамон мешаванд, ки заҳмати мавсимии онҳо ва ҳатто заҳмати тамоми ҳаёташон тоб намеорад. Он нобуд карда мешавад ва барои ҳамин қисми хонаи абадии Худо намешавад. Шумо тасаввур мекунед?

Ба ман иҷозат диҳед барои равшанӣ андохтан ҳодисаи сохтумони моро мисол орам. Азбаски ман ба сохтумон ҳар рӯз меомадам, сохтумончиён маро хуб мешинохтанд. Онҳо маро “воиз” номиданд.

Ҳар дафъае ки ман ба назди сохтумон меомадам, ман мешунидам, чӣ хел аз хона садои мусиқии рок мебаромад. Маро дида, яке аз сохтумончиён ба поён давид, то ки мусиқии баланди худро хомӯш созад. Дар даруни дилам ман табассум мекардам, иззату икроми онҳоро ба корҳои Худо дида хурсанд шуда. Баъдан мо бо онҳо каме сӯҳбат намудем. Баъзан вақт мо сӯҳбатҳои аҷоиб бо ин бачагон дошта метавонистем, гоҳо имкониятҳои хуби ба онҳо хизмат намудан пайдо мешуд.

Дар хотир дорам, боре сохтумончиён ба ман дар бораи хонаҳои боҳашамат, ки дар сохтумонаш онҳо иштирок намудаанд, нақл мекарданд. Чеҳраҳои онҳо равшан медурахшид, вақте ки онҳо дар бораи ҳисси кори худ мегуфтанд. Дида мешуд, ки онҳо аз имконияти иштирок дар ин кори пуршараф қаноатмандии бузург ва хурсандиро ҳис мекарданд. Ягон шарм не, фақат ҳаловат аз он кори муфид ҳам барои моликони хона, ҳам барои ҳамаи онҳое, ки ин хонаҳоро дида буданд.

Биёед фикр карда баромаданро давом медиҳем. Эҳсосоти сохтумончиеро, ки Хонаи сафедро дар Вашингтон сохтааст, тасаввур кунед. Ба худ он рӯзро тасаввур кунед, вақте ки фарзандони вай аз мактаб ба хона меоянд ва бо ваҷд дар бораи сафари мактаббачагон ба яке аз хонаҳои аз ҳама машҳур дар тамоми мамлакат нақл мекунанд.

Ба худ тасаввур кунед, ки падар чӣ хел бо ваҷд ба фарзанди худ дар бораи он ки чӣ хел ӯ дар сохтумони ин хона иштирок намуд, нақл мекунад. Ба худ тасаввур кунед, ки кадом эҳсосотро падари ин кӯдак аз сар мегузаронад, вақте ки ӯ бо синфи вай ба сайругашт ба Пенсилвания-авеню меравад. Тасаввур кунед, ки чӣ хел дидани хурсандӣ ва фахр дар чеҳраи кӯдаки худ ба вай хуш аст, вақте ки ҳамаи ҳамсинфони вай мефаҳманд, ки ӯ ба сохтани хона ёрдам додааст, ки дар он президенти Иоллоти Муттаҳида зиндагӣ ва кор мекунад.

Тақрибан бо мо чунин мешавад. Лекин мо на барои чунин хона заҳмат кашида истодаем, ки рӯзе он вайрон карда мешавад, ва дар ҷои он наваш сохта мешавад. Мо барои хонае заҳмат мекашем, ки то абад дар маркази таваҷҷӯҳи тамоми коинот мешавад. Маҳз ана ҳамин тавр! Ба хотир оред, ки набӣ Мико чӣ навиштааст: "Ва халқҳои бисёр роҳсипор шуда, хоҳанд гуфт: биёед ба кӯҳи Худованд, ва ба хонаи Худои Яъқуб бароем, то ки Ӯ тариқҳои худро ба мо таълим диҳад, ва мо бо роҳҳои Ӯ равона шавем, зеро ки шариат аз Сион, ва каломи Худованд аз Ерусалим хоҳад баромад" (Мико 4:2).

Ҳамаи корҳои коинот дар ин хона ҳал карда хоҳанд шуд. Ҳикмат ва қонунҳо, ки тамоми махлуқотро идора мекунанд, аз ин хона мебароянд. Аҷибаш он мешавад, ки ин хона баъд аз даҳ триллион сол айни ҳамон хел зебо мешавад, мисле ки дар рӯзи анҷоми сохтумони он.

Як хидматгузори бисёр хуби Инҷил, ки то охир бовафо монда буд, аз шаст сол ҳам изофа босамар хизмат намуд ва ба мукофоти худ қариб дар остонаи ҳазорсолаи нав даромад. Тақрибан пас аз як соли аз қайди ҳаёт рафтани ӯ ман ба як калисои калон дар Шарқи Наздик рафтам, ки дар он ҷо роҳбари гурӯҳи мадҳкунӣ ба ман нақл кард, ки чӣ хел Худо ба ӯ рӯъёи равшан дод. Дар ин рӯъё вай дар осмон буд

ва он хидматгузорро вохӯрд. Бо табассуми фарох дар рӯй вай ба ин роҳбари ҷавони гурӯҳи мадҳкунӣ гуфт: “Дар ин ҷо беҳтар аст, аз он ки ман фикр мекардам”.

Онҳо дар бораи ростиҳо ва рӯйдодҳо сӯҳбат мекарданд, баъдан ин хидматгузор рӯяшро гардонид ва ба қисми кори худро дар Сион ишорат кард. Саҳми ӯ калон буд. Нуфузи ин хидматгузори бовафо нисбат ба он ки ӯ орзу мекард, дуртар ва васеътар паҳн гардид, ва акнун ӯро дар он ҷо дидан мумкин буд. Вай метавонист кори худро нишон диҳад, мисли ҳамон сохтумончиёне, ки ба ман дар бораи хонаҳои сохтаашон нақл карда буданд. Чӣ хел мукофоти абадӣ!

Ҳамту тасаввур кунед, дар муддати тамоми абадият шумо метавонед на танҳо ба насли худ, балки ба халқҳои зиёд, ки ба хонаи пурҷалоли Худо бо номи Сион меоянд, қисми худро дар сохтумони Ӯ нишон диҳед?

Акнун тарафи дигарашро дида мебароем. Ба худ тасаввур кунед, аз заҳмати шумо асаре намемонад, чунки шумо роҳи худро хуб ба анҷом нарасонидед. Тасаввур мекунед, ки чӣ хел гузаштагон ва насли ояндаи шумо ба дидани заҳмати шумо меоянд, лекин шумо ҳеҷ чиз надоред, ки ба онҳо нишон диҳед? Тасаввур мекунед, чӣ хел халқҳои зиёд ба дидани он чизе, ки шумо кардед, меоянд, шумо бошед ҳеҷ чиз надоред, ки дар абадият ба онҳо нишон диҳед, чунки қисми шумо сохта сӯзонида шуда ва ба дигараш иваз карда шуда буд. Павлус менависад:

> “Агар сохтумон аз тафтиш гузарад, ин хуб аст; агар ки нагузарад, онгоҳ қисми сохтумони шумо нобуд карда мешавад ва аз нав сохта мешавад” (1 Қӯринтиён 3:14,15, The Message).

Ин дар ҳақиқат талафоти абадӣ. Афсӯс ки ҳақиқат чунин аст. Лекин, дӯсти азиз, ман ба шумо чунин тақдирро хоҳон нестам. Худо ҳам инро барои шумо намехоҳад. Ва шумо метавонед ҳозир устуворона қарор кунед, ки ин бо шумо рӯй

намедиҳад. Худо ба шумо файз медиҳад, то ки Сионро бисозед. Ҳаввори̣ Юҳанно менависад:

> “Аз худ бохабар бошед, ки мабодо он чиро, ки мо барояш меҳнат кардаем, барбод диҳед, балки мукофоти комил бигиред” (2 Юҳанно 8).

Худованд Худаш фикр карда баромадааст, то ки ҳар як фарзанди Ӯ имконияти гирифтани мукофоти комилро барои иштирок дар сохтумони хонаи Ӯ дошта бошад. Заҳмати шумо метавонад пажмурданашаванда, пирнашаванда ва ивазнашаванда бошад. Агар шумо ба файзи Худо умед банded ва хуб сохтан гиред, онгоҳ аз саҳми шумо миллиардҳо фариштагон ва одамон то абад ба ваҷд хоҳанд омад.

# Саволҳо Барои Муҳокима

## ҚИСМИ 5: БОБҲОИ 11,12

1. Мо медонем, ки Худо мӯҳтоҷи он нест, ки мо барои Ӯ чизе бикунем, лекин бо вуҷуди ин Вай мехоҳад, ки мо бо Ӯ заҳмат кашем. Ин чӣ гуна Ӯро? Малакути Ӯро? Ва худи моро тавсиф мекунад?

2. Дар Забур 138:16 навишта шудааст, ки Худо ҳанӯз то таваллуди мо китоб навишт, ки дар он ҳар як сонияи ҳаёти мо тасвир карда шудааст. Чӣ тавр мо дар бораи он, ки чиро Худо дар ҳодисаҳои беназири мо пешакӣ муайян кардааст, метавонем бифаҳмем?

3. Эҳтимол, ва, аниқтараш, бисёр осон аст ҳаёти худро бо он корҳое, ки хуб менамоянд, машғул шуда, гузаронем, лекин бо вуҷуди ин он корҳоеро накунем, ки барояш даъват шудаем. Оё дар ҳаёти шумо чизе ҳаст, ки шумо аз тарс ё дилхунукӣ намекунед ва дар чӣ шумо дигаргункунии Худоро мехостед?

4. Дар боби дувоздаҳум мо се асрорро муҳокима кардем, ки чӣ тавр бояд зиндагӣ кард, то ки иродаи Худоро ба амал оварем: аз тахти дил Ӯро ҷустан, дар хонаи Ӯ худро реша давонидан ва аз ташвишҳо озод шудан. Кадоме аз инҳо барои шумо соҳаи имкониятҳои шахсӣ мебошанд? Чӣ тавр шумо дар онҳо ба камол расида метавонед?

5. Дар абадият мо метавонем мукофоти комил ё қисмӣ бигирем ё тамоман ягон хелашро нагирем. Барои шумо мукофоти комил чӣ аст?

# ҚИСМИ 6

БОБИ 13

# АФЗОИШ

*Даравгар музди худро мегирад ва маҳсулеро*
*барои ҳаёти ҷовидонӣ ҷамъ мекунад, то ки коранда ва*
*даравгар бо ҳам шодӣ кунанд, зеро ки дар ин маврид чунин*
*сухан ҳаққонист, ки “Яке мекорад*
*ва дигаре дарав мекунад”.*
— Юҳанно 4:36,37

*Киштkунанда ва обдиҳанда баробаранд, лекин ҳар яке*
*музди худро мувофиқи меҳнати худ хоҳад гирифт.*
— 1 Қӯринтиён 3:8

Касе, ки дар Малакут бовафоёна хизмат мекунад, бо сохтумони хонаи Худо машғул шуда, мукофоти хуби абадиро мегирад. Ҳар яке аз мо алоҳида мукофотонида мешавад, мутобиқи меҳнатамон. Ба ҳар яке аз мо масъулияти худаш дода шудааст, вале даъватҳои гуногун як натиҷаро меоранд: таъсири абадият ба ҳаёти одамон.

Бисёриҳо фикр мекунанд, ки дар қаторҳои аввал дар осмон барои гирифтани аз ҳама мукофотҳои баланд танҳо хидматгузорон меистанд, ки ба ҳаёти ҳазорҳо одамон таъсир расонидаанд. Аммо ҳақиқат чунин нест. Худо на аз рӯи стандартҳои одамӣ доварӣ мекунад, балки мутобиқи корҳои одилонаи итоаткорона. Агар ки ин чунин намебуд, он гоҳ комёбиҳо маркази таваҷҷӯҳи тамоми хизматгузорӣ мешуданд. Дар боби охирин мо дидем, ки Худо мутобиқи он чи ки мо даъват шуда будем, ки бикунем, доварӣ мекунад ва мукофот медиҳад.

## Қувва ба воситаи файз

Дар соли 56-уми баъд аз Мавлуди Масеҳ, тақрибан то даҳ соли тамом кардани хизмати худ, Павлус навишта буд, ки ӯ “хурдтарин аз ҳавворийён” мебошад (1 Қӯринтиён 15:9). Барои одамоне, ки таърихи Калисоро меомӯзанд, ин суханон ғалатӣ намуданашон мумкин аст. Павлус ба тамоми олами дар он замон машҳур таъсир расонида буд ва аз ҳамзамонони худ бисёртар корҳоро карда буд. Ҳеҷ ҷои шакке нест, ки ӯ бузургтарин аз ҳавворийён буд. Чӣ тавр ӯ тавонист баръаксашро бигӯяд? Мумкин ки ӯ муҳобот кард? Ин номумкин аст, дар вақти навиштани Навиштаҷоти Муқаддас дурӯғ гуфтан номумкин аст. Рӯҳи Муқаддас танҳо бо як шарт чунин сатрҳоро иҷозат доданаш мумкин буд – Павлус дар ҳақиқат чунин меҳисобид. Ҷавобро мо дар суханони зерини номаи ӯ дармеёбем: “Аммо ба файзи Худо он чи ҳастам, ҳастам; ва файзи Ӯ дар ман бар абас набуд, лекин ман аз ҳамаи онҳо зиёдтар меҳнат кардам; аммо на ман, балки файзи Худо, ки бо ман аст” (1 Қӯринтиён 15:10).

Аҷиб аст, ки Павлус комёбиҳои худро нисбати комёбиҳои дигар ҳавворийён бузургтар эътироф мекунад, ва худро дар баробари ин хурдтарин ҳисоб мекунад. Ҷавоби чунин муқобилат дар таркиби суханони вай “ба файзи Худо он чи ҳастам, ҳастам” ҳаст. Павлус худро аз ҳар он чизе, ки Худо ба воситаи ӯ иҷро карда буд, ҷудо карда метавонист. Ӯ пурра дарк мекард, ки худаш ба даъвати Худо ҳеҷ чиз илова карда наметавонад ё кореро карда наметавонад, ки аз қобилияти ба ӯ додашуда боло бошад, ки онро бо як калимаи “файз” ҷамъбаст кардан мумкин аст. Вақте ки гап дар бораи даъвати имондорон меравад, ин ба ҳама татбиқ карда мешавад.

Ба ман иҷозат диҳед, ки инро дар таҷрибаи шахсии худ дар хизматгузорӣ ташреҳ диҳам. Китобҳои навиштаи ман ба зиёда аз навад забонҳои дунё тарҷума карда шудаанд.

Адади нашри онҳо якчанд миллион мебошанд, ва шумораи шаҳодатҳое, ки чӣ гуна ҳаёти одамон ба воситаи ин китобҳо тағйир ёфтанд, беҳисобанд.

Назди ман бисёр вақт меоянд ва сирри комёбиро дар навиштани китобҳо мепурсанд. Аз фикри он ки ман дар дарсҳои забони англисӣ чӣ хел талаба будам ва чӣ хел нависанда будам, то он даме ки файзи Худо ба ҳаёти ман зоҳир шуд, хандаам меояд. Барои навистани ду саҳифа дар забони англисӣ, ба ман якчанд соат лозим мешуд. Акнун, ҳангоме ки ман менависам, суханҳо ҳамту аз ман ҷорӣ мешаванд. Зиёдтар аз ҳар каси дигар, ман дарк мекунам, ки дар асл Кӣ ин китобҳоро менависад. Дар асл ман якум кас ҳастам, ки онҳоро мехонам.

Боре маро барои мусоҳиба ба як барномаи машҳури телевизионӣ даъват намуданд, ки дар он гап дар бораи номаҳои китоби ман мерафт. Дар рафти сӯҳбати мо баранда таваҷҷӯҳи сӯҳбатро ба ман ва комёбиҳои ман гардонид, ба ҷои он ки дар бораи номаҳои китоби ман гап занад. Ман худро ноҳинҷор ҳис кардам, ва ман дар дохил аз Рӯҳи Муқаддас мадад ҷустанро сар кардам, то ки маркази диққати сӯҳбатро боз ба ҷояш оварам.

Пас аз чанд сония таваққуф рӯй дод, ки он имконияти беҳтарин шуд, то ки ташреҳотеро, ки Рӯҳи Муқаддас ба ман дод, бигӯям. Ман суханони Сулаймонро иқтибос овардам: “Донистам, ки ҳар он чи Худо кардааст, то абад хоҳад монд; чизе бар он илова намудан ва аз он кам кардан мумкин нест; ва Худо чунин кардааст, то ки аз Ӯ битарсанд. Он чи ҳаст, аз қадим аст, ва он чи хоҳад шуд, пештар низ буд; ва Худо гузаштаро толиб аст” (Воиз 3:14,15).

Баъд ман гуфтам: “Адади бешумори усқуфон ва хизматгузорони заҳматкаш ҳастанд, ки он чизеро иҷро мекунанд, ки Худованд ба он даъват намудааст. Баъзе аз онҳо калисоҳои сесаднафарaро дар деҳотҳо роҳбарӣ менамоянд. Касе

ба талафшавандагон ва маҳрумшудагон дар мамлакатҳои мутараққӣ хизмат мекунанд, онҳо ҳаёти худро дар майдони миссионерӣ додаанд. Касе дар шаҳрҳо меҳнат мекунад, бо ёрдами ҳаррӯза ба одамоне, ки дар ҷамъият бекора ҳисоб мешаванд. Дигарон дар ҷойҳои кории худ вафодорона ба Худо хизмат мекунанд. Ва ин рӯйхат беохир аст. Аниқтараш, дар ин барнома ҳеҷ касеро аз ин хизматгузорон нишон намедиҳанд, вале аксарияти онҳо дар осмон дар қаторҳои аввал хоҳанд истод, чунки ба он чизе, ки даъват шуда буданд, боитоат буданд, ва кори худро бо дилу нияти пок иҷро намуданд".

Ман сухани худро давом додам: "Он чи ки оиди ман аст, Худо маро даъват кардааст, ки кори мушаххасро барои Ӯ бикунам, ки тавассути он Ӯ метавонист ба ҳаёти бисёр одамон таъсир кунад. Маҳз ба ҳамин хотир шумо маро ба барнома даъват кардед. Аммо ман наметавонам чизе илова намоям, ба он чизе, ки Ӯ маро даъват кардааст, ки бикунам. Бо қувваи худ ман наметавонам ҳеҷ чизро на васеъ кунам, на ба пеш барам. Ягона чизе, ки ман метавонам, ин ҳама чизро вайрон кунам, ки аз кардани он бисёр метарсам!"

Муҳит дар студия ҳамон лаҳза тағйир ёфт. Барандаи барнома, ки хизматгузории аҳамияти байналхалқӣ дошт, ногаҳон он чиро ки ман ҳозир гуфтам, дарк кард ва то охири мусоҳиба ба мавзӯи хизмат ба одамон диққат дод.

Ин ростӣ аст нисбати ҳар кас. Агар шумо даъват шуда бошед, ки зан, модар бошед, дар кӯдакистони калисои маҳаллии худ хизмат кунед, ё дар хонаи махфӣ тазаррӯъ намоед, ва шумо даъвати худро то охир иҷро менамоед, он гоҳ барои итоати худ саховатмандона мукофот мегиред. Агар ки шумо дар хизмати ҳабсхонавии калисои худ, дар таъсир расониани ба одамони олами тиҷорат ё саховатмандона ба кори хизматгузорӣ ҳадя кардан даъват шуда бошед ва шумо бова-

фоёна аз тахти дил инро ҳамчун ба Худованд мекунед, онгоҳ айни ҳамон мукофотеро мегиред, ки башоратдиҳандае, ки ҳазорҳо одамонро барои Исо овардааст, мегирад.

Инро беохир давом додан мумкин аст. Шахсан ман боварӣ дорам, ки дар қаторҳои якум модарон, бизнесменҳо ва коргаронро, ки аз Хӯҷаин мукофотҳои бузургро мегиранд, бештар мебинем, аз он ки интизор ҳастем.

## Лашкари Худо дар замин

Калисои Исои Масеҳ – ин лашкари Худо дар замин. Мо ҳама барои иҷро кардани вазифаи худ мавқеъ ва бахшоишҳоро дорем. Якчанд сол пеш Худованд зани маро бедор кард ва дар Рӯҳ ба ӯ лашкари бузургро нишон дод. Ӯ фавран маро соати чори саҳар бедор кард, то ки ҳама он чизеро, ки дар рӯъёаш дида буд, нақл кунад.

"Ҷон, ин лашкаре буд, ки дар он ҳар кас мавқеи худ, мақом ва масъулияти худро медонист. Онҳо дар тартиботи комил қадам мезаданд, ва дар ҳар мақом ҷойҳои холӣ буданд, ки дар онҳо одамон меистоданд. Ман моро дидам, ки дар ду ҷои хизматгузории худ ҳаракат мекардем. Ҳеҷ кас ба дигарон нигоҳ намекард, то ки самти ҳаракатро фаҳмад; ҳама дар ягонагии комил ҳаракат мекарданд, барои он ки нигоҳи онҳо ба Худованд дӯхта шуда буд".

Баъд ӯ боз чизеро илова кард, ки, рости гап, диққати махсусро ҷалб кард. "Ҳеҷ кас ҳасад намебурд ва мавқеи дигарон ишғолкардаро хостгор набуд. Ҳар кас қонеъ буд дар он ҷое, ки Худованд барои онҳо тайёр карда буд, хизмат кунад". Шумо мефаҳмед? Ягон нафар дар ин артиш аз барои ҷой шуда ба якдигар ҳасад намебурд. Ҳар кас қонеъ ва хушбахт буд, ки дар ҷои худ хизмат кунад.

Инро дар ақли худ нигоҳ дошта, биёед мисоли хонаро ба ёд орем: "Хона бо ҳикмат бино мегардад" (Масалҳо 24:3). Ду

намуди ҳикмат мавҷуд аст, ки бо он мо бино карда метавонем. Яке аз он аз боло, дигараш не.

> “Оё касе аз шумо ҳаким ва бохирад аст? Бигзор инро дар рафтори неки худ бо фурӯтании хирадмандона дар амал нишон диҳад. Аммо агар шумо дар дили худ ҳасади талх ва худсарӣ доред, фахр накунед ва дар ҳаққи ростӣ дурӯғ нагӯед. Ин ҳикмате нест, ки аз боло нозил шуда бошад, балки ҳикмати заминӣ, нафсонӣ ва шайтонӣ мебошад; зеро ҳар ҷое ки ҳасад ва худсарӣ бошад, он ҷо носозӣ ва ҳар кори бад ҳувайдост” (Яъқуб 3:13-16).

Ин муҳим нест, ки мо маҳз кадом корро мекунем ва чӣ қадар он хуб менамояд, агар он бо ҳасад ё такаббур карда шуда бошад. Ин маънои онро дорад, ки мо бо ниятҳои нафсонӣ, палидӣ бино кардем, ки аз барои он, албатта, ҳеҷ хел мукофот намегирем.

Луғати Вебстер ба калимаи “ҳасад” таърифи зеринро медиҳад: “ҳисси ғайриқаноатмандӣ ё ташнагии комёбӣ, моликият ва хушие, ки дигар кас дорад”. Агар ки мо ба даъвати Худо бо чашмони ҷаҳонӣ нигоҳ кунем, он гоҳ ҳасад мешавад. Воизоне буданд, ки ба даъвати Павлус ҳасад мебурданд. Ӯ навишта буд: “Дуруст аст, ки баъзе касон аз рӯи ҳасад ва рақобат, ва баъзеи дигарон аз рӯи хайрхоҳӣ Масеҳро мавъиза менамоянд. Баъзеҳо аз рӯи рақобат, на бо дили соф Масеҳро мавъиза менамоянд, ба гумони он ки гаронии занҷирҳои маро афзун мекунанд; вале дигарон аз рӯи муҳаббат, чун медонанд, ки ман барои муҳофизат кардани башорат дар ин ҷо гузошта шудаам” (Филиппиён 1:15-17).

Ин хизматгузорон бо даъвате, ки Худо ба дили онҳо гузошта буд, қонеъ набуданд, лекин ташнаи муваффақияти Павлус буданд. Ин ҳасад бо такаббур пур шуда буд. Такаббур – ин хоҳиши сахти чизеро ба даст овардан. Агар такаббури ҷисмонӣ бошад, вақте ки диққат ба худамон равона карда шудааст, на ин ки ба фоидаи дигар одамон, чунин ни-

ятҳо танҳо бетартибӣ ва низоъро пайдо мекунанд ва дарро барои ҳама чизҳои бад воз мекунанд. Ҳикмати Худо, баръакс, на такаббурро ғизо медиҳад, балки кӯшишро ба Малакут. Чунин бино кардан ба хоҳишҳои Хӯҷаин мутобиқат мекунад. Дар бораи чунин ҳикмат мо мехонем:

"Валекин ҳикмате ки аз болост, аввалан, пок аст, сонӣ осоишта, боилтифот, фармонбардор, пур аз марҳамат ва самараи нек, беғараз ва бериё мебошад" (Яъқуб 3:17).

Ҳикмати Худо аввалан пок аст. Бо дигар суханон, он дурӯя нест, дар дохил ҳасад ё ангезаҳои худпарастонаро дошта, намуди порсоёна надорад. Нияти он – ба Хӯҷаини худ бовафо будан, супоришҳои Ӯро бо хурсандӣ қабул кардан. Мақсадаш дар он нест, то ки бузург бошад, балки ба даъват бовафо бошад. Он аз комёбиҳои Малакут хурсанд мешавад, ва муҳим нест, ки онҳо ба воситаи мо амалӣ мегарданд ё ба воситаи ягон каси дигар.

Ҳикмати Худо ҳамеша барои манфиати дигарон равон карда шудааст, на ин ки ба манфиати шахсӣ. Он осоишта, боилтифот, пуртоқат ва бетанқид аст. Нияти асосии вай дар он аст, то бубинад, ки чӣ хел дигарон порсоёна зиндагӣ мекунанд ва тақдири худро иҷро менамоянд. Одамоне ҳастанд, ки хизматгузориро дӯст медоранд, аммо одамонро базӯр тоқат мекунанд, чунин одамон низ ҳастанд, ки одамонро дӯст медоранд, ва ба хизматгузорӣ ҳамчун ба олот нигоҳ мекунанд, то ки ба онҳо хизмат кунанд. Охиринҳо бо ҳикмати илоҳӣ барангехта шудаанд.

Дигар тарафи ҳикмати осмонӣ дар итоаткорӣ зоҳир мегардад. Вақте ки мо аз даъвати худ қаноатманд ҳастем, мо ба роҳбарият ва ҳокимияти Худо итоат мекунем. Мо тамоми тасвири бинои хонаи Худоро мебинем, ки дар он танҳо як Меъмор, Ороишгар ва Бинокори Асосӣ ҳаст. Ӯ ҳукм ва қобилияти Худро ба одамони гуногун дар Калисои Худ тақсим мекунад. Дар Доварӣ он касоне саховатмандона мукофото-

нида мешаванд, ки ба ҳокимияти бар онҳо гузошташуда дар итоат монданд. Ёрдамчиёни усқуфон, ки калисоро тақсим мекунанд, заноне, ки дар хона ба ҳокимияти шавҳар муқобилият мекунанд, то ки дар хизматгузории шахсӣ калон шаванд, коргароне, ки кори шахсии худро месозанд дар он вақте, ки аз корфармо маош мегиранд, ва ғайраҳо – ҳамаи онҳо дар Доварӣ зарари калон мебинанд, ба натиҷаҳои бузург нигоҳ накарда, ки онҳо, шояд, дар исён буда, ноил мегарданд.

Ба натиҷаҳо иҷозат надиҳед, ки шуморо ба гумроҳӣ баранд. Имкон дорад, ки дар айни замон натиҷаҳои бузург дошта бошем ва дар исён бар зидди ҳокимияти Худо бошем. Дар бораи Мӯсо фикр кунед. Худованд ба ӯ гуфт, ки ба санг фармон диҳад, то ки аз он ба таври фавқултабиӣ об барояд. Ӯ гӯш накард ва ба ҷои он дар ғазаб ба санг зад. Об бо фаровонӣ ҷорӣ шуд, кофӣ буд, то ки се миллион одамон дар биёбон бинӯшанд. Шояд, обро нӯшида, онҳо ба якдигар гуфтанд: “Ана инро бин, Худо дар асл Мӯсоро мешунавад. Чӣ қуввати бузурге!”

Аммо пас аз он, ки ҳама об нӯшиданд, Худо Мӯсоро ба як тараф бурд ва гуфт, ки ӯ аз барои беитоатӣ ба замини ваъдашуда намедарояд. Мӯсо дар ҳақиқат натиҷаи аҷоиб дошт. Лекин нишондиҳандаҳои комёбӣ на натиҷаҳо мебошанд, балки гапдаройӣ. Ҳикмати Худо оғози худро дар тарси Худованд мегирад, ки он Худоро болотар аз касе ё чизе мегузорад. Касоне, ки тарси Худоро доранд, пурра ба ҳукми Ӯ тобеъ ҳастанд.

Биёед ба рӯъёи зани ман бармегардем. Он саҳар ӯ ба ман гуфт: “Ҷон, ҳамаи аскарон чеҳраҳои якхела доштанд”. Бо дигар суханон, ин артиши бесимо буд, ки ин дар бораи он мегӯяд, ки Худо барои абарситораҳо ҷой надорад. Ин фаҳмиш моро аз хоҳиши ҷои касеро дар калисо гирифтан ё аз исён бар зидди ҳокимият, то ки мавқеи баландтарро ба даст

оварем, нигоҳ медорад. Пешравии мо танҳо дар он ҳолат аз боло меояд, ки агар мо дар калисо бимонем.

## Сатҳҳои гуногун

Дар Инҷил мо ду масали ба ҳам монандро вомехӯрем, дар ҳар яки онҳо ҳақиқатҳои гуногун, ки ба Доварӣ дахл доранд, инъикос ёфтаанд. Масали якум дар бораи талантҳо, задаро дар он мегузорад, ки на ба ҳамаи имондорон як сатҳи даъват ва бахшоишҳо дода шудааст. Исо мегӯяд:

> "Зеро (Ӯ рафтор мекунад) монанди касест, ки ба сафари дур рафтанӣ шуда, ғуломони худро талабид ва молу мулкашро ба онҳо супурд: ба яке панҷ талант, ба дигаре ду, ба сеюмӣ як, яъне ба ҳар кадом алоқадри ҳолаш дода, дарҳол ба сафар рафт" (Матто 25:14,15).

Хӯҷаине, ки ба мамлакати дур рафта истодааст, ин Исо, ва хизматгорон ин мо мебошем. Талант – ин воҳиди пулӣ, аммо дар масал талант як чизи дигар мебошад.

Яке аз вариантҳое, ба он ман шахсан боварӣ дорам, ин сатҳи даъват ва бахшоишҳои мо аст. Ба як миқдор одамон сатҳи хизматгузорие дода шудааст, ки ба халқҳои зиёд дахл дорад, ба дигарон дар сатҳи шаҳрҳо, ба сеюмин дар сатҳи гурӯҳҳои хонагӣ дар калисо. Мисоли он ҳамчунон муаллифон шуда метавонанд, ки онҳо бо мадади китоби худ миллионҳо одамонро дастрас карданд, дар он вақте ки дигарон ҳазорҳо, ва боқимонда садҳоро. Боз як мисол, вақте ки як одам, бахшоиши идоракуниро дорад, ва хизматгузориро то сатҳи калисои калон меорад, дар он вақте ки дигар кас танҳо аз ӯҳдаи калисои миёна ё хурд баромада метавонад. Одамоне ҳастанд, ки бо бизнес машғуланд, ки қобилияти соҳибкориашон ба онҳо иҷозат медиҳад, ки корхонаи худро то ба он сатҳе бардоранд, ки онҳо садҳо ҳазор нафарро

ба Малакути Худо ҷалб менамоянд. Дигарон миллионҳоро сарф мекунанд, сеюмин истеъдоди вусъат додани якчанд ширкатҳоро доранд, ки миллионҳо ва миллиардҳо даромадро ба кори Малакут меоранд.

Ба масал бармегардем. Ба ду лаҳзаи муҳим дар ин масал диққат диҳед. Ба ҳар кадом хизматгор чизе бовар карда шуда буд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки дар калисо ягон одаме нест, ки дар ҳаёташ даъват ва бахшоиш барои иҷрои он надошта бошад. Дуюмаш, ба ҳар кадом хизматгор сатҳи гуногуни масъулият аз рӯи қобилияти ҳар яки онҳо бовар карда шуда буд. Аммо мо бояд дар хотир дошта бошем, ки қобилиятҳои мо аз ҷониби Худо аст. Мо ҳеҷ чизи арзишнок надорем, ки ба мо дода нашуда бошад, барои он ки дар Навиштаҷот гуфта шудааст: “Зеро кист, ки туро бартарӣ додааст? Ва чӣ чизе дорӣ, ки нагирифта бошӣ? Ва агар гирифта, чаро фахр мекунӣ, ки гӯё нагирифта бошӣ?” (1 Қӯринтиён 4:7).

Дар ин масал одаме, ки сатҳи панҷ даъват ва бахшоишҳоро гирифтааст, онро дучанд гардонд. Одаме, ки ду талант гирифта буд, айни ҳамон корро кард. Ба он нигоҳ накарда ки Худо ба мо бахшоишҳо медиҳад, то ки натиҷаҳои дилхоҳи Ӯро ба даст оварем, мо бояд ба кор шурӯъ кунем.

Аммо одаме, ки сатҳи як даъват ва бахшоишро дошт, аниқтараш, ҳис кард, ки онҳо тамоман назарногиранд. Вай хӯҷаини худро беадолат, бемантиқ ва сангдил меҳисобид. Вай метавонист фикр кунад: “Чаро ба ман аз дигарон дида кам бовар карданд? Барои чӣ ба дигарон бовар карда шудааст, ки дар сатҳи шаҳрӣ ё ҳатто миллӣ таъсир расонанд? Чаро қобилияти мавъиза кардан, суруд хондан ё навиштан ба онҳо дода шудааст, на ба ман? Барои чӣ ширкати ман ба он дараҷа вусъат намеёбад, ки ман ҳам мисли дигарон ҳадя оварда тавонам”. Ва ҳоказо. Ӯ истеъдоди худро пинҳон кард ва даъвати худро иҷро накард, бахшоиши худро ё шахсан

ба худ, ё ба соҳаҳои ба Малакут ҳеҷ фоида наоваранда, истифода карда истода.

Баъд аз муддати дурудароз хӯҷаин баргашт, то ки аз ғуломони худ ҳисобот гирад. Ду нафари онҳо, ки талантҳои ба онҳо додашударо дучанд гардонида буданд, бо чунин суханон мукофотонида шуданд: “Офарин, эй ғуломи нек ва мӯътамад! Ту дар чизи андак мӯътамад будӣ, туро бар чизҳои бисёр бигузорам; ба шодии оғои худ шарик шав” (Матто 25:21). Он касе, ки сатҳи панҷро гирифта буд, аз он касе, ки дуто гирифта буд, зиёдтар қадрдонӣ нашуд, барои он ки ҳардуяшон ҳам бовафо ва боғайрат буданд. Ин он фикрро тасдиқ мекунад, ки Худо аз мо танҳо бовафо буданро, ба он чизҳое, ки Ӯ ба мо бовар кардааст, талаб мекунад.

Аз одами як талант дошта бисёр сахт ҳисобот гирифта шуд, ва хӯҷаин фармон дод, ки он чизе ки ба ӯ дода шуда буда, гирифта шуда ва ба дигар кас дода шавад. Ӯ зарари бисёр калон дид, дар он вақте ки хизматгорони бовафо зиёдтар гирифтанд.

Ин ҳикоятро шунида, ман соли 1992-юмро ба ёд меорам, вақте ки Худо ба ман амри навиштанро дод. Ман қариб ки хандидам, бовар накарда ба он чизе ки дар дилам дар вақти дуо шунидам. Ман забони инглисиро бад медидам! Агар касе ба ман гӯяд буд, ки ман китоб менависам, ман ба рӯи ӯ ҳамту механдидам.

Аммо пас аз даҳ моҳ дар давоми ду ҳафта яке пушти дигаре назди ман ду зан бо номаи нубувватии якхела омаданд: “Ҷон, агар ки ту он чизеро, ки Худо бароят медиҳад, нанависӣ, Ӯ ин номаро ба каси дигар медиҳад, ва ту аз барои ин маҳкум мешавӣ”. Ман бо ларза қадами имонро гузоштам, ва боқимондааш аллакай дигар ҳодиса. Агар ман боитоат намебудам, каси дигар ин китобҳоро менавишт, ман бошам таланти ба ман боваркардашударо аз даст медодам.

## Афзун кардани талантҳои ба мо додашуда

Мо батафсил онро муҳокима кардем, ки шумо ба даъват ё бахшоиши худ ҳеҷ чиз илова карда наметавонед. Акнун биёед барои афзун кардани он чизе, ки ба ҳар имондорон дода шудааст, диққат диҳем. Ин ҳақиқат дар дигар масали ба ин монанд кушода дода шудааст:

> "Бинобар ин Ӯ гуфт: шахсе аз ашроф ба кишвари дурдаст мерафт, то ки салтанате ба даст оварда, баргардад; ва даҳ нафар ғуломонашро даъват намуда, ба онҳо даҳ мино дод ва ба онҳо гуфт: бо ин пул то вақти гашта омаданам доду муомила кунед" (Луқо 19:12,13).

Мино, мисли талант, воҳиди пулӣ аст. Аммо дар ин масал ба ҳар нафар маблағи якхела дода шуда буд, ҳар кас як миногӣ гирифт. Мино ин сатҳи даъват ё бахшоишҳоро нишон намедиҳад, мисли талант. Он ростии Каломи Худо, асоси имони мо, муҳаббати Худоро, ки ба дили мо рехта шудааст, ва баракати аҳдро, ки ба ҳар имондор дода шудааст, нишон медиҳад. Ба ҳамаи мо айни ҳамон як чиз дода шудааст, ҳеҷ кас аз дигарон зиёд нагирифт.

Ин масал дар бораи он мегӯяд, ки дар Масеҳ ҳар имондор чиро доро мебошад. Дар Навиштаҷот гуфта шудааст: "Хуллас, ҳеҷ кас ба одамон фахр накунад, зеро ки ҳамааш аз они шумост" (1 Қӯринтиён 3:21), ва боз: "Муборак аст Худо ва Падари Худованди мо Исои Масеҳ, ки моро бо ҳар баракати рӯҳоние, ки дар афлок аст, дар Масеҳ баракат додааст" (Эфсӯсиён 1:3). Ин баракатҳо дар Масеҳ аст, вале танҳо имони мо онҳоро мегирад ва онҳоро дар ин ҷо, дар замин, зоҳир мекунад, ва итоат, дуо ва ҳадяҳои мо онҳоро маҷбур месозанд, ки афзун гарданд. Ана барои чӣ ин одами барӯманд, ки Исоро нишон медиҳад, ба хизматгорони худ, яъне ба мо гуфт: "Бо корҳои худ то баргаштани ман машғул ша-

вед”. Мо бояд он чиро ки ба мо дода шудааст, бигирем ва барои ҷалоли Худо афзун гардонем.

Натиҷаҳоро меомӯзем:

> “Ва ҳангоме ки вай салтанатро ба даст оварда, баргашт, фармуд, ки ҳамон ғуломонро, ки ба онҳо пул дода буд, ҷеғ зананд, то фаҳмад, ки ҳар яке чӣ қадар фоида кардааст. Якумин омада, гуфт: эй оғо! Як минои ту даҳ мино фоида овард. Ба ӯ гуфт: офарин, эй ғуломи нек! Азбаски ба чизи андак мӯътамад будӣ, бар даҳ шаҳр ҳоким шав. Дуюмин омада, гуфт: эй оғо! Як минои ту панҷ мино фоида овард. Ба ӯ низ гуфт: ту ҳам бар панҷ шаҳр ҳоким шав. Сеюмин омада, гуфт: эй оғо! инак як минои ту, ки онро ба рӯймоле печонида, нигоҳ доштам” (Луқо 19:15-20).

Хӯҷаин ғуломи сеюмро сахт ҷанг кард ва минои ӯ ба он касе дода шуд, ки минои худро даҳ маротиба афзун карда буд. Хӯҷаин гуфт: “Ба шумо мегӯям, ки ҳар кӣ дорад, ба вай дода шавад; ва ҳар кӣ надорад, аз вай он чи низ дорад, гирифта шавад” (ояти 26).

Дар ин масал Исо аз даҳ хизматгор танҳо ба се нафараш муроҷиат мекунад. Такрор мекунам, ки фарқи асосии ин масал дар он аст, ки ҳар кас бо маблағи якхела корро сар кард, аммо яке маблағи худро даҳ маротиба зиёд кард, дигараш панҷ маротиба, ва сеюм тамоман ҳеҷ чизро ба даст наовард. Мо мебинем, ки мукофотҳо низ мувофиқи кори ҳар кас фарқ мекарданд. Муваффақияти онҳо бевосита миқдори шаҳрҳоро муайян менамуд, ки онҳо барои идоракунӣ гирифта буданд.

Он чи, ки мо чизи бароямон боваркардашударо чӣ тавр афзун гардонидем, муайян менамояд, ки дар малакути ҳазорсола дар замини нав ва осмони нав чӣ хел ҳукм ба мо дода мешавад. Бовафоён бо Масеҳ ҳукмронӣ мекунанд, лекин на ҳама ҳукми якхела дошта метавонанд. Кӯшишҳои мо дар ин ҷо андозаи идоракунии моро бо Ӯ дар абадият

муайян менамояд. Диққат кунед, ин ба он асос карда шуда-аст, ки ҳар яки мо аз ҳамон як чиз шурӯъ кардем, ҳар кас як мино дошт. Инак, зан ва модари бовафо, ки бо ҷидду ҷаҳд дар калисо хизмат мекунад, айни ҳамон имкониятҳоро до-рад, ки башоратдиҳанда, ки садҳо ҳазор одамонро ба даст овардааст, дорад.

Ин масал дар бораи он мегӯяд, ки ҳар кас иқтидор дорад, ки минои худро якчанд маротиба зиёд гардонад. Оиди ҳаёти шахсии мо бошад, мо қобилият дорем, ки Малакути Худоро бисёр зиёд ё бисёр кам созем, то он андозае, ки мо худамон инро мехоҳем: ин интихоби мо. Дар ҳақиқат, ба маънои муай-ян мо ҳеҷ хел маҳдудият надорем. Шумо метавонед бо ин тас-диқот розӣ нашавед, лекин ба ман иҷозат диҳед, ки инро дар мисол фаҳмонам. Ман метавонам бисёр диҳам, аммо танҳо баъзеҳо дарҳои дили худро барои ин қонуни рӯҳонӣ воз меку-нанд. Биёед аввал суханони ҳаворӣ Петрусро мехонем:

> "Файз... дар шинохтани Худо ва Исои Масеҳи Худованди мо бар шумо фаровон бод. Азбаски қуввати илоҳии Ӯ ҳамаи чизҳои барои ҳаёт ва парҳезгорӣ зарурро ба мо бахшида-аст..." (2 Петрус 1: 2,3).

Файз қобилияти дар ҳаёти мо фаровон гаштанро дорад. Яъқуб мегӯяд: "Лекин файзи бештаре мебахшад" (Яъқуб 4:6). Танҳо ба воситаи файз мо қодир ҳастем, ки чизе кунем, ки он дар Малакут арзиш дорад. Ин қобилият ба воситаи ши-нохтани Худо афзун мегардад. Ана барои чӣ ҳар имондор бояд ки барои муносибат кардан бо Ӯ вақт гузаронад. Мо бояд дуо кунем, Навиштаҷотро хонем, китобҳои бо Рӯҳ рӯҳ-баландшударо хонем ва Рӯҳи Муқаддасро гӯш кунем. Вақте ки мо инро мекунем, дар ҳаёти мо файз афзун мегардад, ки он ба мо қобилият медиҳад, ки боз ҳам зиёдтар кунем.

Ман дарёфтам, ки чи қадаре ки ман Ӯро ва роҳҳои Ӯро наздиктар шиносам, ман ҳамон қадар самаранок мегардам.

Агар ки мо табари кунд дошта бошем, барои дарахтро буридан як рӯзи дароз даркор аст. Аммо, онро тез карда, ман метавонам ҳамон миқдори қувваро сарф карда, панҷ дарахтро бурам. Ана чӣ рӯй медиҳад, ҳангоме ки файз дар ҳаёти мо афзун мегардад. Мо нисбатан самаранок меҳнат мекунем.

Ман як башоратдиҳии кӯчагиро ба ёд меорам дар вақти паради гомосексуалистҳо дар Даллас якчанд сол пеш. Дар давоми ду соат ман ба ин ҷонҳои гумроҳшуда дар бораи Исо гуфтам, ва онҳо бошанд ба ман ба мисли одами аз дигар олам омада нигоҳ мекарданд. Суханон ба ман фавран бармегаштанд, ҳамту ки ман онҳоро мегуфтам, ва ман ҳис кардам, ки суханони ман ба ҳаво рафта истодаанд. Ин ба он монанд буд, мисле ки дар бетон тухм корем.

Баъд Худованд оҳиста ба ман гуфт: “Ба ман нигоҳ кун, ва Ман ба ту нишон медиҳам, ки чӣ кор кунӣ”. Дар сӣ дақиқаи оянда Ӯ маро назди одамон бурд ва суханонеро дод, ки гуфтан лозим буд. Акнун суханони ман ба дилҳо меафтоданд, ва се нафар ҳаётҳои худро ба Исои Масеҳ доданд. Нигоҳ ба Рӯҳи Муқаддас ва бодиққатӣ ба суханони гуфтаи Ӯ дар дили ман натиҷаи кӯшишҳои маро афзун гардониданд.

Ман инро дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёт мушоҳида кардам. Чи кадаре ки дар Каломи Худо калон шудан мегирифтам дар ман қобилияти кори зиёдтарро дар вақти камтар кардан пайдо мешуд. Ман роҳҳои ҳақиқатро ёфтам, ки онҳо ба ман соатҳо, рӯзҳо ва ҳатто моҳҳоро нигоҳ доштанд. Дуоҳои ман боз ҳам боқувваттар, ҳузури Худо боз ҳам аниқтар, таъсир ба ҳаёти одамон боз ҳам маълумтар гардиданд. Навиштаҷот ваъда медиҳад:

> “Ибтидои ҳикмат тарси Худованд аст, ва шинохтани Қуддус хирад аст, чунки ба воситаи ман айёми ту зиёд хоҳад шуд ва солҳои умри ту хоҳад афзуд” (Масалҳо 9:10,11).

Ду чиз ваъда дода шудааст: солҳои зиёд, яъне умри дароз, ва афзоиши рӯзҳо, яъне маънояш қобилияти зиёдтар иҷро кардан дар ҳамон миқдори вақт. Дар дигар ҷой афзоиши рӯзҳо дарозии айём номида шудааст. “Зеро ки дарозии айём ва солҳои ҳаёт ва осоиштагиро барои ту афзун хоҳанд кард” (Масалҳо 3:2). Муаллиф дар бораи итоат ба Каломи Худо мегӯяд. Диққат кунед, ки на танҳо умри дароз дода мешавад, балки дарозии айём низ. Ин рӯзҳои моро зиёд мегардонад.

## Афзоиш ба воситаи ҳадя

Ҳар касе, ки Худоро аз наздик шинохтааст, ҳадякунандаи хушҳол ва сахӣ мегардад ва барои он ки Худо аз ҳама диҳандаи саховатманд аст. Ӯ аз ҳама тӯҳфаи қимат – Писари ягонаи Худро дод. Ҳеҷ чизи қимат аз Исо набуд. Худованд ҳеҷ гоҳ тӯҳфаҳои ночиз ё нодаркориро намедиҳад. Исоро дода, Ӯ мунтазири афзуншавии дарав буд, ки маънои онро дошт, ки бисёрии писарон ва духтарон ба оилаи Ӯ медароянд.

Ҳадя дар имон – ин боз яке аз тарзҳои дурусти зиёд кардани он чизе, ки мо дорем, то ки он таъсири абадӣ ба ҳаёти одамон расонад, ҳамчунон ки Падар Исоро дод. Исо таъкид кард: “Ва Ман ба шумо мегӯям: бо сарвати ноинсофона барои худ дӯстон пайдо кунед, то ки онҳо дар вақти тамом шудани он шуморо ба масканҳои ҷовидонӣ пазирой кунанд” (Луқо 16:9). Пулҳои мо, ки боинсофона истифода мешаванд, метавонанд ба сифати ҳаёт дар осмон ва Ерусалими Нав таъсир расонанд, баъд аз он ки онҳо сарф карда шуданд. “Чунон ки навишта шудааст: (шахси хайрхоҳ) исроф намудааст: ба мискинон тақсим карда додааст; кори хайраш то абад қоим аст” (2 Қӯринтиён 9:9, Тарҷумаи васеъ).

Одами камбағал на фақат он касе аст, ки пул надорад, балки он кас низ, ки рӯҳонӣ камбағал мебошад. Ӯ метавонад миллионҳо дошта бошад ва боз ҳам рӯҳонӣ камбағал

бошад. Яке аз мисолҳо – шахсе бо номи Заккай. Ҳадафи Худро тасвир намуда истода, Исо гуфтааст: “Рӯҳи Худованд бар Ман аст; зеро ки Ӯ Маро тадҳин намудааст, то ки ба мискинон башорат диҳам” (Луқо 4:18). Баъдтар Ӯ ба шаҳр медарояд, аз ҳама одами сарватмандро меёбад ва ба ӯ дар назди анбӯҳи зиёди одамон муроҷиат мекунад, гуфта истода: “Имрӯз маро лозим аст, дар хонаат бимонам”. Гарчанде Заккай аз ҳама шахси сарватманд дар шаҳр буд, ӯ, яқинан, аз ҳама одами камбағал буд. Бо дигар суханон, аз ҳама дида бештар вай медонист, ки чӣ тавр сахт вай ба Худо мӯҳтоҷ аст. Бисёр одамони сарватманд, ки Исо ба онҳо хизмат мекард, ба Каломи Худо мӯҳтоҷ буданд.

Хизматгузорон фиристода шудаанд, то ки корҳои Исоро иҷро кунанд, Каломи Худоро эътироф кунанд ва мискиноноро бо он таълим диҳанд. Пулҳои худро барои кори Худо дода, мо ба камбағалон мекорем, ва корҳои мо то абад боқӣ мемонанд. Муҳим нест, ки шумо чӣ қадар зиёд ё чӣ қадар кам пул доред. Агар ки тухмӣ бошад, ки Худо ба коранда ваъда додааст, шумо метавонед кӯшишҳои худро дар сохтумони Малакути Ӯ афзун гардонед.

Афзоиши бахшоиши шумо чӣ тавр рӯй медиҳад? Тухмии дарахти себро тасаввур кунед. Онро шинонида, шумо аз себ ҳосил мегиред. Лекин аз ҳама асосиаш, дар ин себҳо тухмиҳо бештар зиёд мешаванд. Агар ҳамаи тухмиҳоро корем, онҳо якчанд маротиба зиёд мешаванд, ва чунин то беохирӣ давом доданаш мумкин аст. Айни ҳамин чиз бо пулҳои мо низ рӯй медиҳад. Нигаред, ки Павлус ба қӯринтиён нисбати ҳадя чӣ мегӯяд:

> “Касе ки хасисона мекорад, вай хасисона дарав мекунад, ва касе ки саховатмандона мекорад, вай саховатмандона дарав мекунад. Бигзор ҳар кас ба дилхоҳи худ бидиҳад, на бо ғамгинӣ ва на ба таври маҷбурӣ; зеро Худо он касеро дӯст медорад, ки сахӣ бошад” (2 Қӯринтиён 9:6,7).

Афзоиши дарави мо рост ба он баробар аст, ки чӣ қадар мо мекорем. Мутаваҷҷеҳ шавед, ки ин қарори мо аст, на ин ки қарори Худо. Агар ки мо бо имон ва муҳаббат қарор кардем, ки сахӣ бошем, ҳадяи мо афзун мегардад: “Ва Он ки барои коранда тухм ва барои хӯранда нон муҳайё менамояд, кишти шуморо фаровон ва самари кори хайри шуморо афзун хоҳад кард” (2 Қӯринтиён 9:10).

Худованд чизи коридаамонро афзун мегардонад, ба мисли мисоли тухмии себ. Агар ки мо тухмӣ корем, он гоҳ якчанд карат зиёдтар дарав мекунем. Ҷараён то он даме давом мекунад, то мо набинем, ки бо фаровонӣ коридаамон ба мо қобилияти зиёди баракат додани дигаронро медиҳад.

Ба воситаи ҳадяҳои мо Худо ҳосилҳои одилии моро афзун мегардонад. Маҳз ҳамин чиз бештар ба ваҷд меорад. Дар ин ҷо дар бораи афзунгардонии мукофотҳои абадии мо аз ҳисоби одамоне, ки ба онҳо мо ба воситаи ҳадяҳои худ таъсир расонидем, гуфта мешавад. Дар асл, мо миноҳои худро афзун мегардонем, ба монанди одамони дар масали болоӣ овардашуда.

## Шарикӣ

Ҳадяҳои мо, махсусан ба он одамоне, ки ба мо баргардонида наметавонанд, ҳам дар ин ҳаёт ва ҳам дар Доварӣ, мукофот меоранд. Оиди афзоиши кӯшишҳои мо дар сохтумони Малакут, мо метавонем инро ба тариқи шарикӣ дар башоратдиҳӣ бикунем. Нигаред, ки Павлус ба имондорон дар Филиппин, ки онҳо бо маблағ хизматгузории ӯро дастгирӣ мекарданд, чӣ мегӯяд:

> “Лекин хуб кардед, ки дар андӯҳи ман шарик шудед. Ва шумо, эй филиппиён, медонед, ки дар ибтидои башорат, вақте ки аз Мақдуния баромадам, ҳеҷ як калисо дар кори додану

гирифтан бо ман шарикӣ накард, ба ғайр аз шумо; ҳатто ба Таслӯникӣ шумо як ду карат барои эҳтиёҷоти ман фиристодед" (Филиппиён 4:14-16).

Диққат кунед, Павлус имондорони филиппиёнро шарики хизматгузории худ номидааст. Шарикӣ – ин муносибати байни шахсиятҳо ё гурӯҳи одамон аст, ки дар ҳамкории дуҷониба ва масъулият аз барои дастрасии мақсади мушаххас тавсиф ёфтааст. Шарикии солим, ки аз тарафи Худо дода шудааст, ба тарафҳо, шахсиятҳо, ки ба ин шарикӣ дохил шудаанд, иҷозат медиҳад, ки корҳои бисёреро анҷом диҳанд, нисбат аз он ки онҳо ба танҳоӣ иҷро карда метавонистанд.

Ман аллакай навиштам, ки Исо ба мо фармон додааст, ки ба тамоми олам биравем ва шогирдонро дар ҳамаи халқҳо тайёр кунем. Аммо агар ҳамаи имондорон фармонро амалӣ гардонида, ба майдонҳои миссионерӣ мерафтанд, ба ин кор кӣ пул медод? (Ана боз як сабаб, ки барои чӣ Худо бахшоишҳо ва даъватҳои гуногун медиҳад.) Худованд ҳеҷ гоҳ ба нақша нагирифта буд, то ки пулҳои лозимаро хизматгузорон ба воситаи фариштагон гиранд, ё онҳо аз осмон афтанд. Ӯ ба Тани Худ афзалияти ҳадя карданро додааст, ки он шарикиро меофарад.

Барои ба даст овардани халқҳо Худо даъват намудааст ва бахшоиши хизматгузориро таъин намудааст. Чи тавре ки аллакай гуфта шуд, барои амалӣ гардонидани ин мақсад Ӯ бахшоишҳои махсус, қобилиятҳо ва тадҳин медиҳад. Чунин супоришро дар калисо на ҳама мегиранд, балки танҳо баъзеҳо (ниг. Эфсӯсиён 4:11). Ба боқимонда аъзои калисо Ӯ дигар қисми ҷудонашавандаро бовар кардааст ва супориш додааст. Ба ин қисм кор ва ба даст овардани одамони гирду атрофи худ дохил мешавад. Агар ки шумо рӯзи кории пурра кор кунед, чӣ тавр шумо метавонед куллро дастрас намоед? Ҷавоб дар шарикӣ мебошад.

Агар ки шумо дорои маҳсулоте мебудед, ки он метавонист, ки ҳаётро тағйир диҳад, аммо имконият медоштед, ки онро танҳо ба миқдори ду адад бароред, он гоҳ паҳн кардани маҳсулотатон дар тамоми шаҳр, мамлакат ё ҷаҳон номумкин мебуд. Лекин агар ширкате бошад, ки дастгоҳҳои заруриро барои истеҳсолот ва паҳн кардани ҳазорҳо адад дар як моҳ дорад, шумо бо он ширкат шарик мешудед. Инро карда, шумо бо маҳсулот на танҳо ду нафарро (шаҳодати шахсӣ) таъмин менамоед, балки ҳазорҳоро. Ба василаи ҳамкории оддӣ шумо талантҳои худро самаранок зиёд мегардонед.

Маҳз ҳамин принсипи оддӣ ба ташреҳи Павлус ба филиппиён рост меояд. Ӯ давом медиҳад: "(Инро мегӯям) на ин ки ман талабгори ҳадя мебошам, балки толиби самаре ҳастам, ки ба фоидаи шумо биафзояд" (Филиппиён 4:17).

Ба ибораи "самаре, ки ба фоидаи шумо меафзояд" диққат диҳед. Имондорон аз Филипп бо фиристодани пулҳои худ ба Павлус кӯшишҳои худро барои дастрасӣ ва таълим додани ҷонҳо афзун гардониданд. Аз чизҳои муваққатӣ истифода бурда, онҳо онро ба чизҳои абадӣ табдил доданд ва афзун гардониданд.

Вақте ки шумо ба чунин шарикӣ дохил мешавед, он гоҳ дарави баракатро мегиред, ки онҳо дар ҳисоби шумо ҷамъ мешаванд. Ин ҳисоби осмонии шумо. Дар назди Доваригоҳи Масеҳ истода, шумо на фақат аз барои таъсире, ки шахсан худатон ба ҳаёти одамон дар кор, ба ҳамсояҳо, дар мактаб ва ғайраҳо расонидаед, мукофотонида мешавед, балки аз барои ҳазорҳо ва миллионҳо дигарон, ки онҳоро шумо бо он ба даст овардед, ки хизматгузоронро дастгирӣ намудед. Бо ин сабаб Навиштаҷот ба мо мегӯяд: "Саховатмандона ҳадя кун, барои он ки ҳадяҳои ту ба худат бармегардад. Насибаи худро дар байни бисёр нафарон тақсим намо" (Воиз 11:1,2, тарҷума аз ингл.)

Ба хизматгузориҳои аз ҷониби Худо таъиншуда (аз ҷумла калисои маҳалии шумо) ҳадя дода, шумо барои ба даст овардани одамон ба воситаи онҳо ҳамроҳ мешавед. Дар ҳамаи кори онҳо шумо қисми худро доред, барои он ки шарик мебошед. Хабари хуш ана дар чӣ аст: ҳар чи қадаре ки шумо саҳмгузорӣ кунед, ҳамон қадар мукофоти шумо зиёд мешавад. Донистан зарур аст, ки Худо ҳадяи шуморо на аз рӯи зиёдии маблағ қадр мекунад, балки аз рӯи бовафогие, ки бо он шумо онро медиҳед. Худо Падар ба тӯҳфаҳои содиқонаи дил менигарад. Ӯ маҳз ҳаминро дӯст медорад ва баракат медиҳад, на ин ки маблағро. Масалан, касе бо вафодорӣ ба хизматгузорӣ метавонад ҳар моҳ сӣ доллар ҳадя кунад, бо вуҷуди ин баъзе мушкилоти шахсиро аз сар гузаронида. Худо чунин ҳадяро бисёртар қадр мекунад, нисбати ҳамту пул додан, барои он ки дар он қисми ҳаёти одам ҳаст. Ва дигар кас метавонад ҳар моҳ ҳазор доллар ҳадя намояд, аммо аз фаровонӣ меорад. Дар он қурбонии шахсӣ нест. Ҳар ду ҳадя дар чашмони Худо дилписанд ва қимат аст, аммо ҳадяи сӣ доллараро Ӯ зиёдтар меҳисобад. Ин ростӣ дар ҳикояти бевазан, ки ду тангаи худро ҳадя карда буд, инъикос ёфтааст (ниг. Марқӯс 12: 41-44).

Мо бояд дар бораи он дар ёд дошта бошем, ки Худо ҳадяҳои моро дар ҳаёти заминӣ низ афзун мегардонад. Ин ҷараён ба мо қобилият медиҳад, ки боз ҳам зиёдтар диҳем. Навиштаҷот тасдиқ мекунад: “Яке тақсим карда медиҳад, ва сарвати ӯ боз ҳам зиёд мешавад; вале дигаре аз ҳад зиёд сарфакор аст, ва сарвати ӯ торафт кам мешавад” (Масалҳо 11:24). Фикр кунед: ҳадяҳои шумо на танҳо дар абадият афзоиш меёбанд, балки ин афзоиш дар олами табиӣ низ зоҳир мегардад, ки имконият медиҳад зиёдтар диҳем. Ин гардиш ҳамеша нав мешавад ва зиёд мегардад.

Бисту ду сол пеш як гурӯҳи тоҷирони ба ман шинос якҷоя ҷамъ шуда, ваъда доданд, ки қисми даромадҳои ху-

дро барои паҳн кардани Инҷил медиҳанд. Аз маблағи хурд сар шуд, аммо ҳар сол ин маблағ зиёд мегардид. Онҳо дар ҳадяи худ ва дар шарикии худ собитқадам монданд. Дар дувоздаҳ соли аввал имкониятҳои онҳо то ба андозае васеъ гардид, ки онҳо қодир буданд дар як сол зиёда аз 120 миллион барои Инҷил диҳанд. Минои худро гирифта ва онро барои мақсадҳои Малакут зиёд гардонида, онҳо мукофоти бузург мегиранд.

Дар калисо зиёд мардон ва занон ҳастанд, ки тиҷорати муваффақ доранд, аммо бисёрии аз онҳо ба Малакут аз он чизе, ки ба даст меоваранд, қисми ночизашро ҳадя мекунанд. Ба он нигоҳ накарда ки онҳо дар чашмони ҷамъият комёб мебошанд, нигоҳи Ҳӯҷаин ба он, ки онҳо барои худ нигоҳ доштанд, чӣ тавр мешавад? Ҳатто агар онҳо миллионҳо кор карда бошанд, оё онҳо мисли он касе, ки як мино дошт, доварӣ карда мешаванд? Онҳо он чизеро, ки барояшон аз барои Малакут дода шуда буд, афзун нагардониданд. Касоне, ки чунин рафтор мекунанд, бо абадият ҳаракат намекунанд.

Ба қарибӣ ман бо як бизнесмене, ки вақт аз вақт ба хизматгузории мо ҳадя мекард, голфбозӣ кардам. Пас аз бозӣ ӯ маро ба меҳмонхона бурд. Дар роҳ ӯ гуфт: “Ҷон, ман қариб панҷоҳсола ҳастам. Ман бо тамоми қувваи худ кор кардам ва ширкатеро, ки дорои активи нӯҳ миллион доллара аст, бунёд кардам. Ҳамааш хуб аст, бизнес худ ба худ кор мекунад, ҳаёти оилаи ман хуб ба роҳ монда шудааст. Барои чӣ ман бояд худро азоб диҳам ва даҳ солиояндаи ҳаёти худро ба кор масраф кунам, то ки активи ширкати худро то сӣ ё чил миллион доллар бардорам?”

Ман фаҳмидам, ки вай худро қисми муҳими сохтумони хонаи Худо намедид. Ӯ маро ҳамчун одаме, ки дар Малакут роли муҳим мебозад, медид, аммо ҳамчун бизнесмен ӯ арзиши худро намедид.

Ман зуд ба савол бо савол ҷавоб додам: “Ба худ тасаввур кун, агар ман ба ту мегуфтам: “Ман бо тамоми қувва кор кардам, ҳабдаҳ китоб навиштам, ҳафт миллион милро тай кардам, ҳазорҳо мавъизаро гуфтам. Корҳо рафта истодаанд, хизматгузорӣ худ ба худ рафта истодааст, мо бо зану фарзандонам ҳаёти хубро ба пеш мебарем. Барои чӣ ман худро азоб диҳам ва китобҳои нав бинависам, сафар кунам ва зиёдтар мавъиза намоям?” Ту чӣ фикр мекунӣ ба ин Исо чӣ ҷавоб медод?”

Ӯ ханда кард ва гуфт: “Ман намехостам дар вақти вохӯрӣ бо Ӯ ба ҷои ту бошам”.

Ман дарҳол ҷавоб додам: “Маҳз ҳамин тавр, чи хеле ки ту мегӯӣ!”

Ман ба ӯ вақт додам, ки фикр кунад, ва пасон давом додам: “Исо ба ман бахшоишҳо барои сохтумони Малакути Ӯ додааст – мавъиза кунам ва китобҳо нависам. Исо ба ту бахшоиш додааст барои сохтумони Малакути Ӯ – барои маблағгузории Малакут пул кор кардан. Ту тамоми тасвирро намебинӣ. Ман дар корҳои худ барои Худованд бо итоаткорӣ ё норасоии итоаткории ту баста шудаам, айни ҳамон хеле ки даҳони ман маҳдуд мебуд ва ман ба одамон мавъиза карда наметавонистам, агар ки пойҳои ман қарор мекарданд, ки дигар ҳаракат намекунанд ва маро назди одамон, ки барояшон ман бояд мавъиза кунам, намебаранд”. Ҳамсӯҳбати ман дар ҳайрат монда буд.

Баъд аз ним сол ман ба ӯ занг задам, дар бораи корҳояш пурсон шудам Вай ҷавоб дод: “Ҷон, ҳар рӯз суханони ту, ки ним сол пеш ба ман гуфта шуда буданд, маро дар маънои хубаш таъқиб мекарданд. Ва ҳамаи ин вақт ман бо тамоми қувва кор мекардам, то ки бештар кор кунам ва бештар бидиҳам”. Ба ман фурӯтании вай маъқул аст.

Аз дигар тараф, мо бо занам бо одаме аз калисои маҳаллии худ шинос ҳастем, ки ӯ фаъолона ба ҳар ҷое, ки зарур бошад,

хизмат мекунад. Ӯ медонад, ки даъвати ӯ на ба хизматгузории вақти пурра, балки дар тиҷорат аст. Ӯ дар назди худ мақсад гузошт, ки дар даҳ фоизи даромадаш зиндагӣ мекунад, ва навад фоизашро ба Худо медиҳад. Шиноси мо ба мақсади худ расид. Ҳамагӣ дар даҳ фоиз зиндагӣ карда истода, ӯ мошини қимат ва хонаи боҳашамат дорад. Шарикӣ ба гулгулшукуфии тиҷорати ӯ овард, ки дар натиҷа даҳ фоизи боқимонда бисёр хуб афзуданд. Ӯ принсипи Исоро татбиқ кард: касе ки дар чизи хурд бовафо аст, дар чизи калон ҳам бовафо мешавад.

Боз як сабаби шарик шудан – мо имконият мегирем, ки хизматгузорони ба мо хизматмекардаро баракат диҳем. Павлус тасдиқ мекунад: “Модоме ки мо дар миёни шумо чизҳои рӯҳониро коштаем, оё ин як кори бузург аст, ки агар назди шумо чизҳои ҷисмониро дарав кунем” (1 Қӯринтиён 9:11,12).

Ин ба чизҳои табиӣ низ дахл дорад. Аз дӯсти худ тӯҳфаро гирифта, шумо открыткаи миннатдориро ба дигараш намефиристонед. Шумо ба он шахс миннатдорӣ мекунед, ки шуморо баракат додааст, бо ин муносибати худро қавӣ гардонида истода. Худо ҳама чизро бо як мақсади муайян чунин офаридааст. Чи қадаре ки миқдори зиёди одамон бо хизматгузорӣ ба даст оварда шуда ва таъсир расонида шаванд, ҳамон қадар эҳтиёҷоти пулӣ ба миён меояд. Инак, агар ҳар касе, ки ба хизматгузорӣ ҷалб карда шуда буд, пул диҳад (ҳатто агар ин ду танга бошад ҳам), ҳамаи хароҷот барои давом додан ва васеъ кардани хизматгузорӣ рӯйпӯш карда мешаванд.

Он суханони ба филиппиён гуфташударо ҷамъбаст карда, Павлус менависад:

> “Ман ҳамаашро гирифтам ва ба қадри барзиёд дорам; ва ман аз ҳар чиз пур гаштам, вақте ки ҳадияи фиристодаи шуморо, ҳамчун бӯи муаттар, ҳамчун қурбонии хуши писандидаи Худо, аз дасти Эпафрӯдитус гирифтам. Ва Худои ман ҳар эҳтиёҷоти шуморо ба ҳасби сарвати ҷалоли Худ дар Исои Масеҳ пур хоҳад кард” (Филиппиён 4:18,19).

Ваъдаи Худо оиди иҷро кардани тамоми мӯҳтоҷиҳо ба ҳасби сарвати Ӯ ба он касоне дода шудааст, ки онҳо шарики хизматгузорӣ мебошанд. Агар ки шумо даҳяк медиҳед ва шарики хизматгузорӣ мебошед, он гоҳ шумо ба ин ваъдаи Худо сахт истода метавонед. Шумо ҳеҷ гоҳ норасоӣ нахоҳед дошт.

## Афзоиш ба воситаи дуо

Боз як роҳи афзоиш ин дуо аст. Ба мисли ҳадя, ба василаи дуо барои одамони алоҳида, оилаҳо, калисоҳо, шаҳрҳо ва халқҳо мо метавонем абадан ба ҳаёти одамон таъсир кунем, ки онҳоро танҳо дар осмон вомехӯрем. Аз барои хизматгузорон дуо карда, мо ҳам метавонем ба ҳаёти одамон таъсир расонем. Дар хизматгузории мо ҳам шарикони маблағдиҳанда ва ҳам дуокунанда ҳастанд. Шарики дуокунанда худро ба дуоҳои ҳаррӯза барои хизматгузории “Фиристодаи байналхалқӣ” мебахшад.

Ба назди ман зиёд вақт одамон меоянд ва мегӯянд: “Ман барои шумо ҳар рӯз дуо мекунам”. Ман ҳамеша аниқ гуфта метавонам, ки онҳо инро дар асл мекунанд ё ҳамту мегӯянд. Ба онҳое, ки аз таҳти дил дуо мекунанд, ман ҷавоб медиҳам: “Ин аз ҳама ёрдами калон ба хизматгузории мо!” Ин рост аст! Вақте ки касе дуо мекунад, ҳаёти бисёр зиёд одамон тағйир ёфта метавонад. Аз рӯи дуо Худо дилҳоро водор мекунад ва моил мекунад, ки маблағ барои кори Ӯ диҳанд, бинобар ин агар ба ман лозим мешуд, ки байни шарикони дуокунанда ва маблағдиҳанда интихоб намоям, ман аввал шарики дуокунандаро интихоб менамудам. Аммо зарурат ҳам ба ин ва ҳам ба он ҳаст.

## Афзоиш ба воситаи хизмати мададрасонӣ

Тарзи дигари зиёд кардани миноҳои худ ин хизмати мададрасонӣ мебошад. Мо бо Лиза ҳамеша дар бораи бисёр

ёрдамчиёни ташкилотамон мисли он касоне ба ёд меоварем, ки барои ҳар як ҳаёте, ки ба воситаи хизматгузории мо тағйир ёфта буд, мукофоти калон мегиранд.

Ман инро аз суханони Довуд медонам, ки онро ӯ ба он одамони аз майдони ҷанг баргашта гуфт. Дар Китоби якуми Подшоҳон, дар боби 30-юм, мо дар бораи он мехонем, ки чӣ тавр Довуд амоликитиёнро таъқиб мекард, то ки асиршудагонро ва ҳама чизи аз лагери ӯ гумшударо баргардонад. Ҳамроҳи Довуд ба лагер баргашта, баъзе аз онҳое, ки дар задухӯрд иштирок карда буданд, нахостанд, ки бо касоне, ки дар лагер барои муҳофизат кардани он монда буданд, шикори худро тақсим кунанд. Аммо ҷавоби Довудро гӯш кунед:

> “Зеро ҳиссаи касе ки назди ашё мемонад, мисли ҳиссаи касе ки ба ҷанг меравад, хоҳад буд; бояд ба ҳама баробар тақсим карда шавад; ва он рӯз эътиборан ҳамин тавр шуд, ва инро ӯ ҳамчун қонун барои Исроил то имрӯз қарор додааст” (1 Подшоҳон 30:24,25).

Довуд симои Исо аст. Бинобар ин ибораи “Ва он рӯз эътиборан ҳамин тавр шуд, ва инро ӯ ҳамчун қонун барои Исроил то имрӯз қарор додааст” ба ман дар бораи он мегӯяд, ки ин имрӯз ҳам барои Исо ва калисои Ӯ ҳақиқӣ аст. Ҳама он чизе, ки ба воситаи хизматгузорӣ карда шудааст, хизмати на танҳо пешво, балки ҳамаи он касоне, ки бовафоёна хизмат кардаанд, ҳадя додаанд ва дуо кардаанд, ба ҳисоб меравад, ба он нигоҳ накарда ки онҳоро дар майдони ҷанг дида намешуд.

## Муносибат муҳим аст

Муносибат ба хизматгузорӣ, ки дар борааш мо пештар гуфта будем, қисми муҳимест, ки мукофоти моро муайян менамояд. На фақат корҳои мо ҳисоб карда мешаванд, балки ангезаҳо, ки бо он онҳо амалӣ карда шуданд, ва муно-

сибатҳое, ки ба ангезаҳои мо таъсир карданд. Худо мегӯяд: “Агар орзуманд бошед ва бишнавед, неъматҳои заминро хоҳед хӯрд” (Ишаъё 1:19).

Ман як замонеро ба ёд меорам, вақте ки давраи хушксолиро дар муносибат бо Худо аз сар мегузаронидам. Ба назар чунин менамуд, ки ман аз хизматгузориҳо дар калисо ҳеҷ чизро намегирам, махсусан аз мавъизаи усқуфи худ. Яқинан ман пешравӣ надоштам.

Дар штати калисои ҳаштҳазорнафара дар зери роҳбарии бевоситаи усқуф кор карда, ман нисбати ӯ бештару бештар танқидчӣ мешудам. Боре саҳарӣ дар дуо Худо ба ман гап зад: “Мушкилӣ дар усқуф нест, мушкилӣ дар ту аст”. Ман шах шуда мондам: “Мушкилии ман дар чӣ аст?”

Худованд аз ман пурсид, ки дар Китоби Ишаъёи набӣ (1:19) чӣ навишта шудааст. Ман ин оятро такрор намудам, барои он ки онро аз ёд медонистам. Баъд Ӯ гуфт: “Дар ин аст мушкилии ту. Ту ҳамеша мегӯӣ, ки ғизо намегирӣ, ва ин рост аст, барои он ки ту неъмати заминро намехӯрӣ”.

Ман ҳамон лаҳза эътироз кардам: “Ман гапдаро ҳастам, ман ҳар он кореро, ки усқуф аз ман хоҳиш мекунад, иҷро менамоям!”

Худованд ҷавоб дод: “Ман нагуфтам, ки агар ки ту гапдаро бошӣ неъмати заминро хоҳӣ хӯрд. Ман гуфтам: “Агар ки орзуманд бошӣ ва бишнавӣ...”

Ӯ боз гуфт: “Гапдароӣ бо рафтори ту вобаста аст, ва хоҳиш бошад бо муносибати ту, ва аз муносибати ту бӯи бад мебарояд!”

Худованд ошкор карданро давом дод, ки гапдароии ман ва фурӯтании бардурӯғи ман чӣ хел буд, дар ҳамон вақте ки муносибат танқидомез ва маҳкумкунанда монда буд, ва ин ба ангезаҳои хизматгузории ман таъсир расонида буд.

Ман ҳамон лаҳза тавба кардам, ва дар хизматгузории оянда осмон барои ман воз шуд, ман боз аз осмон гириф-

танро сар кардам. Ҳамон вақте ки усқуф мавъиза мекард, ман аз ашк пур шудам, дар бораи он фикр карда, ки чӣ қадар зиёд чизро аз барои муносибати худ ман аз даст додам. Ба зудӣ баъд аз ин суханони Павлус, ки бо Рӯҳи Муқаддас рӯҳбаланд шуда буданд, ба ман фаҳмо гардиданд: “Зеро маҳз барои ҳамин ҳам навишта будам, то дар амал бидонам, ки оё шумо дар ҳар бобат фармонбардор ҳастед” (2 Қӯринтиён 2:9).

Ман дарк кардам, ки Худо муносибати моро дар фармонбардорӣ ба иродаи Ӯ барои мо месанҷад. Ман ҳоло дар бораи пуртоқатӣ, ки онро шайтон кӯшиш менамояд, ки ба мо бор кунад, намегӯям. Барои озод шудан аз чунин муносибат Исо нарх супоридааст. Мо бояд ба шайтон бо воситаи дуо, имон ва эътирофи Каломи Худо сахт муқобил истем. Ман дар бораи муносибат ба роҳе гап мезанам, ки Худо мехоҳад, ки мо бо он равем. Павлус мегӯяд: “Зеро дар шумо низ бояд айни ҳамон ҳиссиёт бошад, ки дар Исои Масеҳ буд” (Филиппиён 2:5). Исо на фақат аз он косае, ки Падараш барояш тайёр карда буд, нӯшид, балки Ӯ инро бо омодагӣ кард. Бинобар ин Павлус ба мо мегӯяд “доимо бо ақли рӯҳ тоза шавед (муносибати тозашудаи ақл ва рӯҳро дошта)” (Эфсӯсиён 4:23, Тарҷумаи васеъ).

Барои чӣ? Барои он ки муносибат ба ангезаҳо таъсир мерасонад, ва дар доварӣ бошад мо на танҳо аз рӯи корҳои худ, балки аз рӯи ангезаҳое, ки дар паси онҳо истода буданд, мукофот мегирем. Биёед боз суханони Павлусро мехонем:

> “... Зеро ҳамаи мо бояд пеши курсии доварии Масеҳ ҳозир шавем, то ки ҳар яке ба бадали (мутобиқи) амале ки дар ҳаёти ҷисми худ кардааст, хоҳ нек бошад ва хоҳ бад, бигирад (мақсад, ангезаҳо ва комёбиҳоро ба ҳисоб гирифта истода, ва инчунин корҳои ӯро, диққат ва тақдисиро ба он мақсадҳо, ки ӯ ноил шуд)” (2 Қӯринтиён 5:10, Тарҷумаи васеъ).

Ман ғамгин мешавам, вақте мебинам, ки чӣ тавр одамон ба Худо хизмат карда, бо андӯҳ пур мешаванд. Дар ин ҳолати беҳолӣ меҳнат карданро давом дода, онҳо аз назар манзараи абадиятро гум мекунанд, ва ангезаи хизматгузории онҳо ҳасад ва манфиати шахсӣ мешавад. Ба фикри ман, ин аз ҳамаи чизҳои боқимонда дида сабаб мебошад, ки барои чӣ одамони аз аввал бо кӯшиши самимӣ ба Худо пурбуда оқибати корашон хуб намешавад. Ана барои чӣ ба мо огоҳӣ дода шудааст: “Ва бохабар бошед, ки мабодо касе аз файзи Худо маҳрум шавад; мабодо решаи талхе ба вуҷуд омада, осеб расонад, ва бисёр касон аз он палид шаванд” (Ибриён 12:15).

Диққат диҳед, ки гуфта шудааст “бисёриҳо” метавонанд палид шаванд. Дар давоми бист соли хизматгузорӣ ман боз ва боз шоҳиди он гаштам, ки чӣ хел ин решаи талх паҳн гардид, ки он ҳамеша дили маро мешикаст. Дар Тарҷумаи васеи Китоби Муқаддас рӯҳбаландӣ ҳаст: “Дар пешбинӣ кардан машқ кунед ва мушоҳида кунед (яке дигареро)”. Мо бояд ба якдигар чунин суханонро гӯем, то ки ҳолатҳоеро дур кунем, вақте ки шахсони маҳбубамон меафтанд ё мағлуб мешаванд, танҳо аз барои решаи талх, ки он саривақт канда нашуда буд.

Мо бо занам махсусан бодиққат фарзандони худ ва ҳамкорони худро ғамхорӣ мекунем. Аз барои он ки мо даъват шудаем, ки ҳама вақт дар сафар бошем, дар ҳаёти фарзандони мо файз ҳаст, ки ба ин тоб оваранд. Лекин мо намехоҳем, ки онҳо чунин файзро гум кунанд. Мо ба онҳо суханони рӯҳбаландкунанда мегӯем, муносибати онҳоро муҳофизат менамоем ва онҳоро боқувват калон мекунем.

Ман дар хотир дорам, чӣ хел боре ба ҳар чор писаронам гуфтам: “Бачаҳо, шумо худатон хуб медонед, ки ҳар моҳ ман ба якчанд рӯз меравам, ва модаратон низ якчанд рӯзҳо намебошад. Мо меравем, барои он ки ин даъвати Худо барои мо аст. Маҳз ҳамин тавр Ӯ хост, ки ба ҳаёти бисёр одамон

ба воситаи мо барои ҷалоли Худ ва сохтани Малакути Худ таъсир расонад".

Дар давомаш ман гуфтам: "Ба ин даъват ҳар хел муносибат кардан мумкин аст. Шумо ба ин чунин нигоҳ карда метавонед, ки гӯё аз шумо падару модаратонро кашида мегиранд ва шумо аз ҳаёти мӯътадил дар оила маҳрум ҳастед. Ё ин ки шумо метавонед ба ин ҳамчун ба даъвати шахсии худ нигоҳ кунед, на ин ки фақат ҳамчун ба даъвати волидайни худ. Ин метавонад хизматгузории шумо шавад, вақте ки шумо падару модари худро "мекоред", онҳоро ба ҳаёти ҳазорҳо одамон барои афзоиши мақсадҳои Худо фиристода истода. Агар шумо чунин муносибат дошта бошед, он гоҳ барои ҳар як ҷон, ки ба он мо таъсир расонида тавонистем, шумо дар Доварӣ мукофот мегиред. Агар ки шумо инро мисле ки падару модаратонро аз шумо гирифтанд, муносибат кунед, он гоҳ барои ин одамон мукофот намегиред. Инак, писарчаҳо, ҳамааш аз як калима: "муносибат" вобаста аст.

Онҳо он чизеро, ки ман гуфтам, маҳкам гирифтанд, ки дар натиҷа дигар ҳеҷ гоҳ аз барои сафарҳои мо шикоят накарданд. Дар асл, онҳо бисёр вақт моро рӯҳбаланд карданд, ки даъвати ягон касро қабул намоем, дар он вақте ки мо бо Лиза фикр мекардем. Мо муносибатҳои бисёр хуб бо ҳар яки писаронамон дорем, ва ҳамаи онҳо Худоро дӯст медоранд, ва ҳамаашон ҳамроҳи мо ба Ӯ хизмат мекунанд. Ҷалол ба Худо бод барои файзи аҷоиби Ӯ. Аллакай ҳозир, дар синну соли бисёр ҷавон, онҳо миноҳои худро зиёд мегардонанд.

Айни ҳамин гапро ман ба коргаронам гуфтам: "Шумо метавонед кори ин ҷоро ҳамчун як кори оддӣ дида бароед ва дар охири охир монда мешавед, ва бо андӯҳ пур мешавед ва дар доварӣ мукофот намегиред. Ё шумо ин корро ҳамчун имконияти ба миллионҳо ҳаёт таъсир расонидан дида баромада метавонед. Ҳар як китоби фиристодаи шумо, ҳар

як мактуб, ки шумо ба мо ёрдам додед, ки ба он ҷавоб нависем, ҳар як одаме, ки шумо ба воситаи шабакаҳои иҷтимоӣ ба даст овардед, ҳар як ҷамъомаде, ки шумо ташкил кардед, ҳамаи ин имкониятҳое ҳастанд, ки дар он шумо қисми муҳими он чиз мебошед, ки Худо мекунад. Шумо, ҳамчун ҷанговарони Довуд ҳастед, ки лагерро муҳофизат намуда буданд". Муносибати онҳо бисёр хуб аст, барои он ки онҳо суханони маро қабул карданд. Кори ман ҳамчун пешвои рӯҳонӣ – гуфтани каломи ҳаёт, ки кӯмак мекунад, ки муносибатҳои дурустро нигоҳ дорем, гарчанде масъулияти амалигардонии ин дар амал пурра дар дӯши онҳост.

Муносибатҳои дурустро нигоҳ дошта, мо метавонем миноҳои худро зиёд гардонем ва натиҷаи охирини аълоро гирем. Худо хонаи Худро месозад ва мо афзалият дорем, ки ҳамкорони Ӯ бошем. Инак, муҳим нест, ки чӣ қадар қисми кори шумо ночиз ба назар мерасад, дар бораи он дар ёд дошта бошед, ки ҳар як қисм муҳим аст, ва самаранок будан ё набуданро шумо худатон интихоб менамоед. Ман умеди худро дар бобати шумо бо суханони ҳавворӣ Юҳанно ифода менамоям: "Аз худ бохабар бошед, ки мабодо он чиро, ки мо барояш меҳнат кардаем, барбод диҳед, балки мукофоти комил бигиред" (2 Юҳанно 8).

БОБИ 14

# Нуфузи Шахсӣ

*Лекин ту таълим, тарзи ҳаёт,*
*рафтор, имон, ҳиммат, муҳаббат ва*
*тоқати маро медонӣ.*
— 2 Тимотиюс 3:10

Дар абадият мо мукофот мегирем ё зарар мебинем, ки ба таъсиру нуфузи мо, ки ба ҳаёти одамон расонидаем, дахл дорад. Ин на танҳо аз хизматгузорон вобаста аст, лекин, ки ин ҳам бисёр муҳим аст, аз муносибати шахсии мо, аз тарзи ҳаёт ва муносибат бо одамон низ.

Муносибати мо бо одамон, ё онҳоро ободкунанда, ё вайронкунанда, аз он вобаста аст, ки мо одамонро чӣ тавр қабул мекунем. Агар ки мо ба онҳо аз боло назар кунем, он гоҳ мувофиқи ҳамин муносибат мекунем, бо суханони худ онҳоро паст зада ва мӯҳтоҷиҳои онҳоро қабул накарда. Агар ки мо шахсиятро қадр намоем, он гоҳ аз таҳти дил бо муҳаббат ва раҳмдилӣ имкониятро меҷӯем, ки ҳаёти шахсеро пурзӯр ва обод кунем.

Ба одамон ҳамчун ба захираҳо муносибат карда, мо онҳоро барои мақсадҳои худ истифода менамоем, вақте ки хоҳишҳои шахсӣ ва мӯҳтоҷиҳои мо аз худи одамон боло меистанд. Агар ки мо ба одамон ҳамчун ба шахсиятҳое нигоҳ кунем, ба монанди Худо офарида шудаанд, ки арзиши аҷоиб доранд, ангезаҳои мо ин баракат додани онҳо мешавад, ҳатто агар баъзе вақт инро бар зарари худ кунем ҳам. Ин рафтори масеҳиёна аст.

## Қалъаҳои худпарастӣ

То он замоне ки ман Исоро қабул кардам, ман шахси бисёр ба худ диққат медода будам. Баъд аз рӯ оварданам ба Рӯҳи Муқаддас соли 1979-ум ба ман лозим омад, ки қалъаҳои худпарастиро дар рафтори одатиам ҳуҷум кунам. Ҳеҷ зарурат нест, ки ман дар бораи даҳсолаи аввали худ дар Масеҳ, ки давраи тақобули сахт буд, бигӯям.

Яке аз чунин қалъаҳо дар ҳаёти ман ин ҳаваси шаҳвонӣ буд. Бо порнография озмуда шуда, ман чунин меҳисобидам, ки ба ин озмоиш муқобил истодан бисёр кори мушкил аст. Баъд аз шаш соли мубориза дар рӯзи чоруми рӯза соли 1985-ум ман озод шудам. Аз лаҳзаи озодшавӣ дар ман ҷараёни тозашавии рӯҳи ақл оғоз шуд.

Дар муддати якчанд соли оянда ман решаи ҳавасро дарёфтам. Муҳаббати Худо дар дили ман калон шуданро давом дод, ва арзиши шахсият, ки Худо офаридааст, барои ман бештар намоён гашт. Ман дарк кардам, ки сабаби вобастагии шаҳвонӣ ин худпарастии ниҳоӣ мебошад. Ба зан бо назари шаҳвонӣ нигоҳ кардан ин маънои ӯро то ба андозаи як бурида гӯшт беарзиш кардан аст, ки дар дили ман бештару бештар нафратангез мегашт.

Дар ман ошкоршавӣ пурзӯр мегашт, ки зан ба монанди Худо офарида шуда буд, ки ӯ бо ҷалол ва шараф сарфароз карда шуда буд. Ман дер боз дар бораи ин медонистам, аммо дониш танҳо дар сатҳи ақл буд ва қисми мавҷудияти ман набуд. Баъди якчанд муддат ман ҳаққонияти ҷараёни дигаргуншавандаи Худоро дарёфтам. Вақте ки пеши чашмонам тасвири порнографӣ дар эълон, дар муқоваи маҷалла ё экрани телевизор пайдо мегардид, дар ман нафрат пайдо мешуд ва андӯҳ дар бораи он ки шахсияте, ки Исо барояш хуни Худро резонидааст, аз буридаи гӯшт болотар қадр карда намешавад. Чунин буд аксуламали ман бо афзуншавии ошкоршавӣ дар бораи арзиши зан.

Ман ба он ҳайрон мешавам, ки баъзе мардон бо занон чӣ тавр муносибат мекунанд ҳатто дар калисо. Ба онҳо аз боло то поён нигоҳ мекунанд, онҳоро камарзиштар ё ҳатто одам ҳисоб накарда. Ин тамоман нодуруст аст. Мардон ва занон – меросхӯрони баробарҳуқуқи Малакути Худо. Мардон, зарфҳои нисбатан боқувват ҳастанд (дар назар дошта шудааст, ки ҷисмонан боқувват ҳастанд, на ин ки бо ҷон ва дил), ки бояд занонро аз худ боло бигзоранд. Мардон бояд занонро эҳтиром, қадр, муҳофизат кунанд ва ҳамеша имконият пайдо намоянд, ки занро обод кунанд. Шавҳарон – шумо сардори иттифоқ ҳастед, вале сардор будан дар Малакут маънои онро дорад, ки шумо бояд ҳаёти худро барои оила диҳед, хизмат кунед, бар зан ва фарзандони худ хӯҷаинӣ накарда. Агар ки шумо худро дар нақши роҳбарикунанда бар зани худ бинед, шумо бо ӯ чунин рафтор мекунед, ки муносибати шумо ӯро маҷрӯҳ мекунед ва барбод медиҳед, ва дар Доварӣ шумо барои ин ҳисобот медиҳед.

## Ташнаи қабулшуда будан

Худо ба ман боз як сарҳади худпарастиро нишон дод, ки он бештар фиребдиҳанда ба назар мерасад. Дар байни солҳои ҳаштодум ман дар калисо хизмат мекардам, ки он тақрибан чорсад нафар коргар дошт. Дар калисои мо бештар аз ҳашт ҳазор нафар буд, ва кори мо ба ҳазорҳо калисоҳои дигар дар мамлакат таъсир мерасонид.

Дар он вақт ман аз ҳар низоъ нафрат доштам, ва бо ҳар роҳ аз он мегурехтам. Ман бо одамон аз ҳад зиёд меҳрубон ва боодоб будам. Дар ҳар фурсат ман ба одамон гапҳои хуб мезадам, ҳатто агар онҳо рост набошанд ҳам. Ман номи одами аз ҳама дилписандро, ки дар идора кор мекард, ба даст овардам. То гӯши ман овозаҳои форам мерасиданд, ки онҳо ба ман хурсандӣ мебахшиданд.

Боре дар вақти дуо Худо аз ман пурсид:

“Дар куҷо дар номаи 1 Қӯринтиён, боби 13, Ман гуфтаам, ки “муҳаббат форам аст?”

Ман андармон шуда мондам, ва баъд ҷавоб додам: “Дар ҳеҷ ҷой”.

Баъд Ӯ гуфт: “Писарам, оё ту сабаби ҳақиқиро медонӣ, ки барои чӣ ту ба одамон суханони форам мегӯӣ, ҳатто вақте ки ин рост набошад?

Ман ҷавоб додам: “Барои чӣ? Ман ҳеҷ гоҳ дар ин бора фикр накардаам”.

Ӯ фавран ҷавоб дод: “Ту метарсӣ, ки радкарда нашавӣ. Ба кӣ ту диққататро менигаронӣ – ба худ ё ба одамон? Агар ки ту дар ҳақиқат онҳоро дӯст медоштӣ, он гоҳ ба онҳо ҳақиқатро мегуфтӣ, агарчи ба онҳо маъқул бошад ё не. Ту дар бораи муваффақияти одамон бештар фикр мекардӣ, нисбати он ки онҳо метавонанд туро рад кунанд”.

Ман дар зери ниқоби меҳрубонӣ худпарастии зишти худро дидам ва аз ин ҳақиқати дардовар дар ҳайрат монда будам. Ман одамонро барои қонеъ гардонидани хоҳиши қабулшуда будани худ истифода бурдам. Афзалияти ман ёрдам ба одамон набуд, ман ташнаи эътироф будам, ки он нобоварии маро хомӯш месохт. Ман танҳо мехостам, ки аз тарафи одамон қабул шуда бошам.

Маҳз аз ҳамин сабаб ҳам миқдори зиёди воизон танҳо дар бораи ҷиҳатҳои “мусбии” Каломи Худо гап мезананд, аз обод кардан, ислоҳ кардан ва фош гардонидан канораҷӯӣ намуда. Онҳо бисёртар дар бораи он хавотир мешаванд, ки аъзои калисои худро наранҷонанд ва миқдорро аз даст надиҳанд, ба ҷои он ки дар асл одамонро дӯст доранд.

Кӣ маркази муҳаббати ту мебошад: ту ё одамон? Одамеро дида, ки ӯ беақлона ба самти ҷарӣ рафта истодааст, наход ки шумо фарёд намезанед, то ки ӯ самти ҳаракати худро тағйир диҳад? Ман якчанд чунин “хизматгузорони меҳру-

бон"-ро дар ҳолатҳои ҷудогона дидаам. Он тавре ки онҳо бо одамон гап мезананд, хавотир мекунад. Барои он ки онҳо бо пешхизматон, коргарони меҳмонхонаҳо ё дигар шахсони хизматрасон мисли одамони табақаи поён муносибат мекунанд. Ин имондорон ба ҳаёти шахсии ин одамон кадом таъсирро мерасонанд? Ба онҳо лозим мешавад, ки барои таъсири расонидаашон барои ҳар як одами мушаххасе, ки дар роҳашон вохӯрда буд, ҳисобот диҳанд.

## Аз дилкаш то дағал

Ҳангоме ки ин ошкоршавӣ ба ман омад, раққосак ба тарафи дигар алвонҷ хӯрд. Ман воизи дағал шудам. Дар дили ман ҳанӯз муҳаббат ба одамон оташ нагирифта буд. Ман бештар ба он диққат медодам, ки ботартиб бошам, ба ивази он ки дар бораи некӯаҳволии абадии одамон ғамхорӣ кунам. Баъзан вақт ман тамоми ҷамъомадро ҳамту безор мекардам. Фикрам ҳанӯз ҳам тарафи худам буд, фақат акнун худпарастии ман бо дигар тариқ зоҳир мегардид. Рафтори ман мисоли классикиро барои ин ҷои Навиштаҷот нишон медод: "Ту меҳисобӣ, ки ҳама бояд бо дониши комили ту розӣ бошанд. Дар он вақте ки дониш моро маҷбур месозад, ки худро муҳим эҳсос кунем, муҳаббат ба ростӣ калисоро обод мекунад" (1 Қӯринтиён 8:1,2).

Ба ақиб ба рӯзҳои аввали хизматгузориамон нигоҳ карда, ман аз барои он ки баъд аз рафтани ман баъзе усқуфон маҷбур шудаанд, ки дар калисо "тартиботро ҷорӣ намоянд", шарм медорам. Агар ки дар он вақтҳо ман худам усқуф мебудам, албатта, Ҷон Биверро ба калисои худ даъват намекардам. Ман аз он усқуфон миннатдор ҳастам, ки онҳо ба он нигоҳ накарда ки ман бояд дар бисёр чизҳо калонтар шавам, дар ман хоҳиши самимии ба Худо ва халқи Ӯ хизмат карданро диданд.

Барои ба даст овардани хайрхоҳӣ ё аз радшавӣ гурехтан ман дигар ба одамон хушомад намекардам, акнун ман ростиро дағалона мегуфтам, бо ангезаҳои худпарастонаи пинҳонӣ, ки аз онҳо Худо маро тоза карда буд, ҳаракат карда.

Баъд аз сипарӣ шудани якчанд сол як усқуфи машҳур маро дар назди хизматгузорони бисёр бонуфуз, аз се қитъаҳои гуногун, танқид кард, ман дар бораи он шунидам, ки ӯ дар бораи ман мегуфт. Аввал ман бисёр дар ғазаб шудам ва афтодарӯҳ шудам, аммо ман медонистам, ки хафагӣ маро танҳо аз Худо дур мекунад. Дар охир ҳамлаҳои ин одам маро маҷбур сохтанд, ки ба Худо барои муҳаббати Ӯ чунон нидо кунам, ки инро ман пештар ҳеҷ гоҳ накарда будам. Бо эътироз аз Худо тавалло карда, то ки раҳмдилиро дар ҳаётам зиёд гардонад, ман худ пай набурдам, ки чӣ тавр бо мурури замон Худо дар дили ман муҳаббатро ба одамони қиматбаҳои Ӯ ба воя расонид.

Дар вақти ин ҷараён Худованд ба ман ваҳӣ дод, ки он тамоми хизматгузории маро тағйир дод. Фикр мекунед, ки ҳозир ягон чизи амиқ ё махфиро мешунавед? Дар асл бошад ҳама чиз бисёр оддӣ аст. Ин метавонад ҳатто камтар аҳмақона бошад, то он даме ки шумо ба суханони ман пурра сарфаҳм наравед. Ваҳӣ ана дар чӣ буд: “Як қошуқ шакар доруро вайрон намекунад”. Ман фаҳмидам, ки таъсироти дору кам намешавад, агар ки онро бо ягон чизи ширин бидиҳем. Онро фурӯ бурдан осон мешавад, ва дар бисёр ҳолатҳо ҳатто маззааш форам мешавад.

Ҳоло бисёр хизматгузорон ба ман мегӯянд: “Ҷон, ман ҳайрон шудам, ки чӣ хел ту моро маҷбур кардӣ, ки бихандем, дар он вақте ки мо бо Каломи Худо пок гашта будем. Ту тавонистӣ, ки мавзӯи ҷиддиро пур аз ҳаёт гардонӣ”. Ман фаҳмидам, ки бо файзи Худо ман бештар калон шудаам. Миннатдорӣ ба Ӯ!

Ба он нигоҳ накарда ки он усқуф бо танқиди худ тамоман нияти баракат додани маро надошт, дар асл ин барака-

ти бузург дар ҳаёти ман шуд. Шумо бояд дар ёд дошта бошед, ки баъзан вақт Худо рафтори одамонро, ки ба шумо бо бадӣ карда шуда буд, барои он равона мекунад, то ки иродаи Ӯ дар ҳаёти шумо иҷро гардад. Ӯ хиёнати Яҳудоро истифода кард, то ки Исо он чиро ки ба Ӯ таъин шуда буд, иҷро кунад – ба салиб рафт. Ӯ ниятҳои бади бародарони Юсуфро истифода кард, то ки хоби ба ӯ аз тарафи Худо додашуда иҷро гардад. Боз дигар мисолҳои зиёдро овардан мумкин.

## Мақсад — муҳаббати Худо

Ҳама чиз аз муносибати мо ба одамон сар мешавад. Агар ки мо ба муҳаббат ва шафқати Худо иҷозат диҳем, ки дар мо калон шавад, мо ба онҳо аз боло нигоҳ намекунем. Чунин нигоҳ ба одамон назарбаландӣ, муносибати маҳкумкунанда, дағалиро дар рафтор ва ғайраҳоро ба вуҷуд меоварад. Таваҷҷӯҳ кунед, ки Павлус ба имондорони Рум чӣ менависад:

> “Пас чаро ту бародаратро маҳкум мекунӣ? Ё ту низ чаро бародаратро хор мешуморӣ? Охир, ҳамаи мо пеши курсии доварии Худо ҳозир хоҳем шуд. Пас, ҳар яке аз мо дар бораи худ ба Худо ҳисобот хоҳад дод” (Румиён 14:10,12).

Агар мо, имондорон, аҳкоми асоситарини дуюм – дӯст доштани ёри худро фаромӯш кунем, он гоҳ ба доме меафтем, ки дар борааш Павлус мегӯяд. Мо ба атрофиён бо назарбаландӣ муносибат мекунем. Чунин муносибат махсусан дар он ҷое мешукуфад, ки донишҳои Китоби Муқаддас ҳаст, вале асосҳои самараҳои рӯҳонӣ мавҷуд намебошанд.

Навиштаҷот мегӯяд, ки Худо муҳаббат аст. Қайд кардан муҳим аст, ки муҳаббат Худо нест. Фарқият бисёр калон аст. Хислати Худо, роҳҳо ва мақсадҳои Ӯ ба таърифи муҳаббати мо мутобиқ нест, барои он ки ҳеҷ кас намедонад, ки муҳаббат чист, то он даме ки Исоро нашиносад.

Дар Китоби Муқаддас ягон маротиба ҳам тасдиқот вонамехӯрад, ки Худо муҳаббат дорад. Ӯ қувват дорад, Ӯ бахшоишҳо дорад, Ӯ ҳукм дорад ва ғайраҳо. Лекин Исо моҳияти муҳаббат аст. Агар ин чунин бошад, мо бояд ба Ӯ монанд бошем, барои он ки аз нав аз табиати Ӯ таваллуд шуда будем. Ана барои чӣ Павлус мегӯяд:

> "Агар бо забонҳои одамон ва фариштагон сухан ронам, лекин муҳаббат надошта бошам, ман миси ҷарангосзанандае ё санҷи садодиҳандае гардидаам. Агар бахшоиши нубувват кардан дошта бошам, ва тамоми асрорро донам, ва дорои ҳар гуна дониш ва тамоми имон бошам, ба тавре ки кӯҳҳоро кӯчонида тавонам, лекин муҳаббат надошта бошам, ман ҳеҷ ҳастам. Ва агар тамоми дороии худро тақсим кунам ва ҷисми худро ба сӯхтан диҳам, лекин муҳаббат надошта бошам, ҳеҷ манфиате намебинам" (1 Қӯринтиён 13:1-3).

Муҳаббат на дар сухан аст, барои он ки гуфтан мумкин аст, ки касеро дӯст медорӣ, вале корҳо бошанд метавонанд тамоман дар бораи баръаксаш шаҳодат диҳанд. Муҳаббат аз рафтори мо низ сар намешавад. Павлус дар ояти дар боло овардашуда мегӯяд, ки корҳоеро анҷом додан мумкин аст, ки он намуди муҳаббати бузургро дорад,– ҳама чизро ба камбағалон тақсим кардан ё ҳаёти худро қурбонӣ кардан, аммо ҳамаи онҳоро бе муҳаббат анҷом додан мумкин аст. Муҳаббати ҳақиқӣ дар дил оғоз меёбад.

Агар мо дӯст дорем, он гоҳ нисбати одамон пуртоқат ва меҳрубон мешавем. Мо ба муваффақияти шахси дигар ҳасад намебарем, барои он ки аз таҳти дил мехоҳем, ки пирӯзии дигаронро бинем. Мо аз худ намеболем, вале аз ҳар намуд назарбаландӣ ва мағрурӣ дур мешавем. Ба фикри шахсии худ сахт намеистем, дар ғазаб намешавем, бетоқат намешавем. Мо хафагиҳои худро шумурда намешинем, лекин бахшиданро интихоб менамоем, ба беадолатӣ хурсанд намешавем, кӯшиши мо бошад марҳамат ва ростӣ мешавад.

Одамон наметавонанд моро ноумед кунанд, ва мо бошад ба онҳо бовариро гум намекунем, барои он ки ҳамеша ба чизи беҳтар умед мебандем. Мо шахсро то он даме, ки гуноҳаш исбот нашавад, гунаҳкор намеҳисобем, ва ҳатто баъд аз ин ба тавба кардан ва барқароршавии ӯ умед мекунем. Мо аз умед пур мешавем ва метавонем душвориҳоро аз барои манфиати Малакут ё хушии наздиконамон таҳаммул кунем. Хулоса мекунем: мо барои он зиндагӣ мекунем, то ки ҳаёти порсоёнаи одамонро обод кунем, ки он танҳо дар Масеҳ ба воситаи иҷро кардани иродаи Ӯ имкон дорад.

## Пешвое, ки ҳаёти ӯ шахсан ба бисёриҳо таъсир расонидааст

Якчанд сол пеш ман дар маросими дафни дӯсти наздики худ Ҷек Уоллес иштирок кардам, асосгузори миссияи Умумиҷаҳонии Детройт, дар Детройт, иоллоти Мичиган. Дар муддати даҳ сол калисои бисёрмиллатаи ӯ то чор ҳазор аъзо расида буд. Дӯсти ман барои иштирок дар конфаронс ба Зимбаба рафта буд, лекин дарҳол баъд аз он ки ӯ аз ҳавопаймо фаромад, ӯ сактаи дил шуд.

Дар маросими дафн ҳазорҳо одамон ҷамъ омада буданд – пешвоёни хизматгузориҳо аз тамоми Иоллоти Муттаҳида, пешвоёни ҷамоатҳо, раисони ширкатҳои калонтарин, намояндагони коргарони оддӣ, оворагардони кӯча ва занони хонашин. Аз ин одамон калисои ӯ иборат буд. Ба маросими дафн бисёр одамони дигаре омаданд, ки бо Исо шахсан шинос набуданд, мисол, коргарони меҳмонхонаҳо ва тарабхонаҳо – одамоне, ки ба онҳо дӯстам таъсири калон расонида буд.

Ҳузур доштани одамони берун аз калисо маро ҳеҷ ҳайрон насохт, азбаски мо бо Ҷек вақти зиёдеро берун аз калисо гузаронида будем, ва ман баракат ёфта будам, бо дидани он ки ӯ бо одамони дар роҳаш вомехӯрда чӣ тавр рафтор мекард. Ба

ҳар яке аз онҳо ӯ ҳамчун ба шахсияти пурарзиш муносибат мекард. Ба пешхизматон ва коргарони меҳмонхона Ҷек ҳамеша саховатмандона чойпулӣ медод. Ман баъзан вақт аз ин худдорӣ мекардам, инро як бачагии нодаркорӣ ҳисоб карда, вале чунин фикрронии ахмақона боре ислоҳ карда шуд, вақте ӯ ба ман нақл кард, ки то чӣ андоза ин одамон дар чашмони Худо қимат ҳастанд. Дар паҳлӯи худ Ҷек на фақат маҷбур месохт эҳсос кунӣ, ки ту аз ҳама одами муҳим дар ҷаҳон ҳастӣ, аммо ту аз ҳама одами муҳим барои ӯ дар асл будӣ.

Маросими дафн чору ним соат давом кард. Бисёр пешвоёнро, ки бо ӯ шахсан шинос буданд, хоҳиш карданд, ки боло биёянд ва якчанд сухан гӯянд. Суханони чор ё панҷ нафар баромадкунандагонро дар бораи он ки то чӣ андоза онҳо бо Ҷек наздик буданд, ва дар бораи он ки ӯ ба онҳо чӣ қадар қадр дошт, як хизматгузори бисёр машҳур гуфт: “Ман фикр карда будам, ки ин ман аз ҳама дӯсти наздиктарини ӯ будам!” Ҳама хандиданд.

Мо медонистем, ки Ҷек бо ҳар яки мо мисли дӯсти беҳтарини худ муносибат мекард. Ин пешвои бузург на фақат ба тамоми халқҳо ба василаи корҳои башоратдиҳӣ ва барномаҳои телевизионӣ таъсир расонида буд, балки ба ҳар касе ки дар роҳи ӯ вомехӯрд. Барои Ҷек ҳеҷ аҳамият надошт, ки оё ин одам роҳбари ширкати калон буд ё бо кӯмакпулии иҷтимоӣ зиндагӣ мекард, ӯ медонист, ки бо ҳар як кас чӣ тавр муомила кунад ва шахсияти ҳар одамро дӯст дорад ва қадр кунад. Ҷек на танҳо ба даъват ва бахшоишҳои худ бовафо буд, лекин тавонист чунин кунад, ки миноҳои вай дар ҳар соҳаи ҳаёт афзоиш ёбанд.

## Посбоне, ки ба ҳаёти ҳазорҳо таъсир расонидааст

Баъзе аз одамон, ки ба ҳаёти ман таъсири сахт расонидаанд, ҳеҷ гоҳ дар саҳна наистодаанд. Яке аз онҳо корманди молиявӣ дар ширкати “Роквелл Интернэшнл” буд. Номи ӯ

Майк. Ман бо ӯ танҳо баъд аз ду соли масеҳӣ шуданам шинос шудам. Ҷойҳои кории мо наздик буданд, ва дар вақти танаффус мо одатан дар бораи Худо гап мезадем. Дертар мо он қадар дӯст шудем, ки соатҳо вақти худро якҷоя дар меҳмонии якдигар ва дар калисо мегузаронидем. Холисии Майк ва ҳикмати амалиявие, ки аз Навиштаҷот гирифта буд, ана ин чиз ба ман таъсири калон расонид. Маро он чиз ба ҳайрат меовард, ки чӣ тавр ӯ зани худ, фарзандони худ ва ҳар касеро, ки дар роҳи зиндагии ӯ вомехӯрд, дӯст медошт ва эҳтиром мекард.

Дертар ман аз "Роквелл" рафтам ва хизматгузор шудам. Дере нагузашта ӯ ҳам аз ширкат рафт ва ширкати молиявии шахсиашро кушод, ки он ҳоло ҳам ҳаст. Тиҷорати ӯ аз ҳад зиёд муваффақ шуд. Майк ба бештар аз дувоздаҳ ҳазор муштариён дар масъалаҳои андоз кӯмак расонид, ва панҷ ҳазори онҳо муштарии доимии ширкати ӯ гардиданд. Онҳо дар тӯли солҳои зиёд ба шарофати ростқавлӣ ва нағзии Майк ҳамкорӣ карданд.

Ба наздикӣ ман ӯро пурсидам, ки ба чӣ қадар мизоҷон ӯ дар бораи Каломи Худо гуфтааст: "Ҷон, ба ҳисоби тақрибӣ, ин навад фоизи мизоҷон мешавад". Ин яъне зиёдтар аз даҳ ҳазор нафар.

Ман дар ҳайрат монда будам. Пас аз он ман пурсидам, чӣ қадар одамонро ӯ ба наҷот овардааст. Ӯ ҷавоб дод: "Садҳо. Ҳафтаи гузашта ман як нафар кубагиро ба Худованд овардам ва барои шифо ёфтани ӯ аз касалии саратон дуо кардам".

Ва боз вай ба бисёр хизматгузорон ёрдам кардааст, ки муҳосиботи худро ба тартиб дароранд. Муҳосиботи мо низ дар давраҳои аввали хизматгузорӣ ба ин қатор даромада буд. Майк фаҳмида буд, ки даъвати ман аз чӣ иборат аст, ва солҳо ба мо бепул дар масъалаи ҳисоботҳои андоз ёрдам медод. Ҳаёти ӯ ба ҳаёти бисёр одамон бо тарзҳои гуногун таъсир расонида буд.

Сӯҳбати дурударозамонро бо Майк дар бораи як посбон, ки ба ҳаёти Майк сахт таъсир расонида буд, ба ёд оварда, ман ба қарибӣ ба ӯ занг задам ва боз дар бораи ин одам пурсидам. Ӯ дар гӯшаки телефон гиря кард.

Ӯ гуфт: "Ҷон, аз нӯҳ шаш нафари холаву тағоҳои ман ҳаёти худро дар паноҳгоҳи бемориҳои рӯҳӣ ба охир расонидаанд. Модари ман ҳам дар он ҷо буд. Ҳар ду бобои ман парронда шуда буданд. Дар оилаи ман бесарусомонии пурра ҳукмфармо буд, чунин тақдир маро ҳам интизор буд. Аммо аз барои нарасидани пул модарам маро ба оилаи дигар дод, то ки онҳо дар бораи ман ғамхорӣ намоянд. Бо онҳо ман ҳафт сол зиндагӣ кардам. Сардори оила дар як фабрикаи хурд посбон шуда кор мекард. Номи ӯ Чарли буд. Покии ӯ, ба Исо бахшида шудани ӯ ва муҳаббат ба одамон лаънатро дар ҳаёти ман шикастанд. Ҳар ҳафта ӯ маро ба калисо ҳамроҳи худ мебурд ва бо роҳҳои Худо таълим медод. Нуфузи Чарли аз ман он касеро кард, ки имрӯз ман ҳастам. Боре духтари ман расмеро кашид ва дар зери он навишт: "Ба Одами Бузург, ки ман ӯро ҳеҷ вақт намешинохтам", ин суханон дар бораи Чарли буданд".

Дар ин ҷо, дар замин, шумо, аниқтараш, дар бораи Чарли ҳеҷ чиз намешунавед. Аммо таъсири ӯ ба ҳаёти ҳазорҳо одамоне низ, ки ба онҳо Майк хизмат кардааст, паҳн гардидааст. Ин нуфуз маро ҳам таъсир расид. Барои ҳамин миллионҳо одамон, ки ба онҳо ман афзалияти хизмат карданро доштам, ҳамчунин ғайримустақим нуфузи Чарлиро аз сар гузаронидаанд. Шумо мебинед, чӣ тавр як посбон миноҳои худро афзун гардонид ва боре мукофоти бузург мегирад?

## Таъсир ба авлод

Ман шаҳодати ҳақиқиро дар бораи як атеист Макс Ҷукс ва як шахси порсо Ҷонатан Эдвардс ба хотир меорам, ки ба наздикӣ аз тарафи яке аз ҳамкоронам ба ман хонда дода шуд. Ана ин ҳодиса:

> Макс Ҷукс, атеист, ҳаёти ноодилонаро ба сар бурдааст. Ӯ бо як духтари беимон издивоҷ кардааст. 310 насл аз ин ду нафар дар даҳлези калисо мурданд, 150 нафар ҷинояткор, 7 нафар одамкуш, 100 нафар шаробхӯр, ва аз нисф зиёди занон фоҳиша буданд. 540 насли ӯ ба иоллот яксаду бисту панҷ миллион доллар зарар расониданд.
>
> Аммо, ҷалол ба Худо, шаҳодат дар бораи як амрикоии аҷоиб Ҷонатан Эдвардс ҳам ҳаст. Ӯ дар як вақт бо Макс Ҷукс зиндагӣ кардааст ва бо духтари худотарс издивоҷ кардааст. Тадқиқот нишон дод, ки аз 1394 насли машҳури Ҷонатан Эдвардс 13 нафар президентҳои коллеҷ, 65 нафар профессорони коллеҷ, 3 нафар сенаторони ИМА, 30 нафар судяҳо, 100 нафар адвокатҳо, 60 нафар духтурон, 75 нафар офитсерон, 100 нафар воизон ва 60 нафар муаллифони машҳур, як нафар муовини президенти ИМА, 80 нафар кормандони ҷамъиятӣ, 295 нафар хатмкунандагони коллеҷ, ки дар байни онҳо губернаторҳои иоллотҳо ва сафирони хориҷӣ буданд, баромаданд. Авлоди ӯ ба Иоллот як сент ҳам зарар нарасонидааст.

Боз як тарзи афзунгардонии миноҳои худ. Чарли, Майк ва Ҷонатан Эдвардс ба ҳаёти бисёр зиёд одамон таъсир расонидаанд. Нуфузи онҳо мероси бузург додааст, ки на ба воситаи хизматгузории оммавӣ омадааст, балки ба воситаи мисоли ҳаёти шахсӣ.

Чунин афзалиятро Худо ба ҳар яки мо медиҳад. Он чуноне ки шумо ба нозири полис ҷавоб медиҳед, дар бораи усқуфи худ чӣ мегӯед, корҳои молиявии худро чӣ тавр пеш мебаред, суханоне, ки шумо ба одамон мегӯед, ҳамаи ин ба ҳаёти одамон дар гирду атрофи шумо таъсир мерасонад. Шумо бинокор мешавед ё санги пешпо?

> "Пас, ҳар яке аз мо дар бораи худ ба Худо ҳисобот хоҳад дод. Пас, якдигарро маҳкум намекунем; балки беҳтар аст дар он хусус муҳокима кунед, ки касе дар сари роҳи бародараш пешпое ё васвасае нагузорад... Пас, дар роҳи сулҳу осоиштагӣ ва тақвияти якдигар саъю кӯшиш кунем" (Румиён 14:12,13,19).

Павлус рӯйрост дар бораи Доварии Худо мегӯяд, ки дар он ҳар як лаҳзаи таъсири мо ба одамони моро иҳотакарда батафсил тадқиқ карда мешавад. Ана барои чӣ муҳим аст, ки ҳамеша инро дар хотир дошта бошем. Он гоҳ мо ҳавасманд мешавем, ки одамонро ба назди Худо биёрем, ба ҷои он ки ҳамеша фақат бо худамон машғул бошем.

Ребекка Ратер Спринҷер, ки дар садсолаи нуздаҳум зиндагонӣ карда буд, ӯ якчанд маротиба ба осмон ташриф оварда буд, пеш аз он ки ӯ абадан барои мукофоти худ рафт. Баъд аз ташрифҳои осмонии худ ӯ асари классикиро бо номи “Аз паси дарвозаҳои осмонӣ” навишт. Дар он вай суханони хешованди худро, ки бо ӯ вақти бисёрро дар осмон гузаронида буд, навишта буд. Аз рӯи суханони ӯ, ин хешованд, бародари шавҳараш, ба Худованд наздик буд. Ана чиро ӯ ба вай гуфт:

> “Агар ки мо фақат мефаҳмидем, ҳанӯз дар замин буда, ки рӯз аз рӯз мо барои абадият месозем, ҳаёти мо то чӣ андоза дар бисёр муносибатҳо дигар мешуд! Ҳар як сухани нек, ҳар як фикри сахӣ, ҳар рафтори беғараз сутуни зебогии абадӣ дар ҳаёти оянда мешавад”.

## Одамонро назди Исо овардан

Аз ҳама таъсири бузурге, ки мо метавонем ба одам бирасонем, ин овардани вай ба Масеҳ аст. Агар шумо фаҳмиши дурустро оиди довариҳои абадӣ дошта бошед, шумо ба одамони шинос дар бораи нақшаи наҷот нақл кардан мехоҳед. Мо мехонем: “Хирадманд ҷонҳоро (барои Худо, мисли моҳигир, ӯ онҳоро барои абадият ҷамъ мекунад) ҷалб менамояд (дастгир мекунад)” (Масалҳо 11:30, Тарҷумаи васеъ).

Дар гузашта ман масеҳии ҷавон буда, ман тахмин мекардам, ки ман бояд ба ҳар касе, ки дар роҳи ман вомехӯрад, Инҷилро мавъиза намоям. Аммо дертар ман ёд гирифтам,

ки Рӯҳи Муқаддасро шунавам, чиро ва кай бигӯям. Ман дарк кардам, ки ҳатто Исо танҳо он кореро мекард, ки Падар мекунад. Вақте ки мо бо Худо зиндагӣ мекунем, ҷараён ҳаст, на ин ки маҷбурият, ки одамонро дур месозад.

Аммо хоҳиши овардани одамон ба ҳаёти абадӣ дар шумо ҳама вақт мешавад, то он даме ки мо ба хона гирифта нашавем. Муҳаббати Худо ҳамеша ин хоҳишро ғизо медиҳад. Қабул кардани Масеҳ аз тарафи ягон шахс шодии ифоданашавандаи фариштагон ва Худи Худоро ба вуҷуд меорад. Ин мукофоти муайянро меорад. Исо мегӯяд: “Даравгар музди худро мегирад ва маҳсулеро барои ҳаёти ҷовидонӣ ҷамъ мекунад, то ки коранда ва даравгар бо ҳам шодӣ кунанд” (Юҳанно 4:36).

Ман афзалият доштам, ки зани худро дар мулоқоти аввалинамон ба Худованд биёрам. Дере нагузашта баъд аз наҷотам ман ваъда додам, ки бо духтарон, то он даме ки Худо ба ман зани худамро наорад, мулоқот намекунам. Ман фикр кардам, ки агар Худо ба Одам Ҳавворо оварда бошад, Ӯ метавонад инро барои ман ҳам кунад.

То масеҳӣ шуданам, ман бо якчанд духтарон мулоқот мекардам, ва баъд бо якчанд духтарони масеҳӣ мулоқот мекардам, аммо мушоҳида кардам, ки ин муносибатҳо ба муносибати ман бо Худо халал мерасонанд. Ҳар дафъа баъд аз ҷудоӣ дар дилҳои мо захмҳо ва ашкҳо боқӣ мемонданд. Ба ман камтар вақт зарур шуд, то бифаҳмам, ки ин бефоида аст. Инак, ман ваъда додам, ки пеш аз он ки бо касе мулоқот карданро сар мекунам, аввал дуо мекунам.

Дар он вақт зани ман духтари бисёр серҳаракат буд. Як бача аз шаҳраки донишҷӯён гуфт, ки ӯ аз ҳама ҳардамхаёл буд. Ман намедонистам, ки то чӣ андоза суханони ӯ рост буданд, аммо гумон мебурдам, ки ин чунин аст. Дар он вақт ман аллакай дар муддати якуним сол бо духтарон вонамехӯрдам, барои он ки ҳар дафъа вақте ки ман мехостам ка-

серо ба мулоқот даъват кунам, Худованд дар дуо ба ман мегуфт, ки ин корро накунам. Аммо ман ҳис кардам, ки Рӯҳи Муқаддас маро водор мекунад, ки ӯро ба вохӯрии худамон оиди омӯзиши Китоби Муқаддас даъват намоям. Ӯ даъватро қабул намуд.

Баъд аз вохӯрӣ мо сӯҳбати худро аллакай дар шаҳраки донишҷӯён давом додем, ва соати 1.30-и шаб ман бо ӯ дар бораи Инҷил гап задам. Гапи маро бурида, ӯ фавран хост, ки наҷотро қабул кунад. Дере нагузашта баъд аз ин ҳардуи мо медонистем, ки иродаи Худо барои мо аз он иборат буд, то ки мо зану шавҳар шавем. Агар росташро гӯям, ман бисёр бурди калон кардам. Ман он касе намешудам, ки имрӯз ҳастам, агар ки ӯ намебуд.

Лиза ба ҳаёти садҳо ҳазор занон таъсир расонидааст. Ӯ муаллифи забардасти китобҳо ва муҳофизатгари қурбониҳои беадолатӣ, вай дар конфаронсҳо дар тамоми дунё мавъиза мекунад. Чӣ мешуд, агар ки ман имконияти ба ӯ дар бораи Худо гуфтанро истифода намекардам? Чӣ мешуд, агар ки ман метарсидам, ки масхара нашавам ва дар бораи Исо намегуфтам? Ман бовар дорам, Худо ба ӯ дигар касро мефиристод, ва ман бошам интихоби беҳтарини Худо, зани худро аз даст медодам ва дар наҷоти ҳамаи он одамоне, ки ба онҳо ӯ барои абадият хизмат кардааст, ҳиссаи худро намедоштам. Ҷалол ба Худо барои бахшоишҳои Ӯ!

Дар хотир доред, тухмӣ афзун мегардад, вале худ ба худаш он нонамоён ба назар мерасад. Ҳеҷ гоҳ роҳбарии Рӯҳи Муқаддасро мисли як чизи худ аз худ маълум қабул накунед, ва аз он ҳам бештар Ӯро рад накунед. Аз ҳама чизҳои нонамоён, ки Ӯ маро водор карда буд, ки бикунам, ба омилҳои аз ҳама муҳими афзоиш дар ҳаёти ман табдил ёфтанд. Худо афзоиши шуморо мехоҳад. Худо ҳамчунон мехоҳад ба шумо барои афзоишатон мукофот диҳад.

## Насиҳати хотимавӣ

Бо бисёр чиз таваккал карда шудааст. Мо наметавонем бо вақте, ки ба мо дар ин ҷо, дар замин, бовар карда шудааст, сабукфикрона муносибат кунем. Тақдири абадии одамон аз итоати мо ба нақшаи Худо вобаста аст. Иродаи Ӯ дар он аст, то ки ҳама наҷот ёбанд ва ба шабоҳати Исо монанд шаванд. Ӯ намехоҳад, ки касе гузошта шавад.

Тамоми насле, ки аз Миср баромада буд, дар биёбон нобуд шуд. Онҳо аз ҳама пешвои бузургтарини тамоми замонро доштанд, лекин онҳо ба ҳар ҳол мағлуб шуданд. Мо ҳам метавонем пешвоёни машҳур дошта бошем, аммо мо фикрҳо ва нақшаҳои Бинокори Асосиро иҷро мекунем ё не, танҳо аз худамон вобаста аст. Ӯ гуфтааст: “Ва ин Инҷили Малакут дар тамоми олам мавъиза хоҳад шуд, то ки барои ҳамаи халқҳо шаҳодате шавад; ва он гоҳ интиҳо фаро хоҳад расид” (Матто 24:14). Биёед вазифаи худро партофта намеравем! Вақт омадааст, ва Ӯ дар назди дар истодааст! Агар мо тақдири худро иҷро накунем, Худо насли дигарро мебардорад, мисле ки Ӯ бо насли Еҳушаъ ибни Нун кард, барои он ки Ӯ аллакай эътироф кардааст, ки хонаи Ӯ пур мешавад.

Мо қисми худро дар нақшаи Худо иҷро мекунем, чизи ба мо боваркардашударо афзун гардонида истода. Озурдахотир нашавед. Қисми худро беаҳамият ҳисоб накунед. Кӯшиши худро гум накунед. Аз назар рӯъёи осмониро гум накунед, ки он дар Аҳди Қадим равшан навишта шуда буд, ки дар бораи он, умуман, дар ин китоб гуфта мешуд. Ба шумо на фақат одамони насли худатон умед мебанданд, онҳое, ки дар мӯҳтоҷии маъюсӣ мебошанд, то ки шумо ба онҳо дар бораи Исо гӯед, балки онҳое низ, ки эҳтиёҷ доранд ба воситаи шумо қувва ва рӯҳбаландкунии Ӯро гиранд. Тақдири абадии шумо шуморо интизор аст! Шумо метавонед пурра ба файзи Ӯ такя карда, муваффақ бошед. Ӯ Худои бовафо аст!

Ман ба шумо ҳамчун ба шаҳрвандони Малакут муроҷиат мекунам. Даъвати худро иҷро кунед ва интихоби худро мустаҳкам гардонед, бо бовафоӣ давиши худро то ба охир расонед. Ба қафо ба ин вақт баъд аз даҳ миллион сол нигоҳ карда, шумо хуш мешавед, ки инро кардед. Ба иродаи Худо аз ҳад зиёд бахшидашуда будан номумкин аст. Барои ҳамин ҳам бидавед, то ки ғалаба кунед!

Ба сифати насиҳати хотимавӣ шуморо бо дуои Павлус барои ҳамаи муқаддасон мегузорам:

> "Ва Худованд муҳаббати шуморо ба якдигар ва ба ҳар кас афзун ва фаровон гардонад, чунон ки мо низ ба шумо муҳаббат дорем, ва дилҳои шуморо устувор гардонад, то ки дар вақти омадани Худованди мо Исои Масеҳ бо ҳамаи муқаддасони Ӯ дар қудсият ба ҳузури Худо ва Падари мо беайб бошед. Омин" (1 Таслӯникиён 3:12,13).

*Дар Навиштаҷот бисёр оятҳо дар бораи мукофотҳои абадӣ дар бар гирифта шудаанд, бисёр зиёдтар, нисбат ба он ки ин китоб дар худ ҷой карда метавонад.*
*Дар сайти DrivenByEternity/EnternalRewards шумо рӯйхати ҷойҳои Навиштаҷотро оиди мавзӯи доварии абадӣ ва мукофот пайдо карда метавонед.*

# Саволҳо Барои Муҳокима

## ҚИСМИ 6: БОБҲОИ 13,14

1. Оё шумо саволҳо доред, ки ба назари шумо номуҳим ва камаҳамият менамоянд? Дар бораи онҳо аз назари осмон фикр карда бароед. Барои чӣ боварии шумо дар ин, чунонки ба назар расиданаш мумкин аст, саволҳои камаҳамият, метавонад барои Худо муҳим бошад?

2. Бисёри аз мо ба рақобат ва муқоиса кардани худ бо дигарон майл доранд. Дар нигоҳи мо ба Малакути Худо чӣ тағйир меёбад, вақте ки мо дар манзари дигарон андоза кардани худро бас мекунем?

3. Оё ҳаёти шумо бо афзоиш бой аст? Чӣ тавр шумо метавонистед вақт, дуо, истеъдодҳо ва захираҳои худро беҳтар идора кунед?

4. Дар аввали ин китоб мо як ҷойро аз Номаи якуми Юҳанно 4:17 муҳокима намудем, ки дар он гуфта шудааст, ки мо метавонем боварии том дар назди тахти Доварии Масеҳ дошта бошем. Акнун донишҳои навро дошта истода, фаҳмонида диҳед, ки чаро ин чунин аст.

5. Шумо чӣ тавр ҳаётеро бино карда метавонед, ки таъсири он ба абадият боқӣ мемонад?

# ЗАМИМА

# Чӣ Тавр Наҷотро Қабул Кунем

Зеро агар ту бо даҳони худ эътироф кунӣ*, ки Исо Худованд аст, ва бо дили худ имон оварӣ, ки Худо* Ӯро аз мурдагон эҳё кард, наҷот хоҳӣ ёфт, чунки одам бо дили худ имон меоварад, ки ин барои адолати ӯст, ва бо даҳони худ эътироф мекунад, ки ин барои наҷоти ӯст.
— Румиён 10:9,10

Худо мехоҳад дар ҳаёти мо комёбии абадиро бинад. Ӯ шуморо аз ҳад зиёд дӯст медорад ва дар ҳаёти шумо нақша дорад. Лекин фақат як роҳи интихоби тақдири худ ҳаст – қабули наҷот ба воситаи Исои Масеҳ, Писари Худо.

Ба василаи марг ва эҳёи Исо Худо роҳро ба Малакути Ӯ барои шумо, ба писари маҳбуби Худ ва ба духтари Худ, тайёр намудааст. Ба шарофати қурбонии Масеҳ дар салиб ба шумо ҳаёти абадии фаровон дастрас аст. Наҷот – ин тӯҳфаи Худо барои шумо, онро кор карда намешавад.

Барои гирифтани ин тӯҳфаи қиматбаҳо, зарур аст ки ба гуноҳи худ иқрор шавем, ки шумо новобаста аз Офаридгори ҳаёти худ зиндагӣ кардед (барои он ки ин решаи ҳамаи гуноҳҳои содиркардаи шумост). Тавба – ин қисми муҳимтарин дар қабули наҷот. Петрус дар бораи ин равшан дар рӯзе, ки дар китоби Аъмол тасвир карда шудааст, панҷ ҳазор нафар наҷот ёфта буданд, гуфт: “Пас, тавба кунед ва руҷӯъ намоед, то ки гуноҳҳои шумо маҳв гардад” (Аъмол 3:19). Навиштаҷот мегӯяд, ки ҳар яке аз мо ғуломи гуноҳ та-

валлуд ёфтааст. Ин ғуломӣ бо решааш ба гуноҳи Одам меравад, ки ба худихтиёрӣ ва беитоатӣ асос гузоштааст. Тавба – ин интихоб, ки маънои онро дорад, ки шумо ба худ ва ба шайтон, падари дурӯғ итоат карданро бас мекунед, ва минбаъд ба Хӯҷаини нави худ, Исои Масеҳ,– ба Ҳамоне ки ҳаёти Худро барои шумо додааст, итоат мекунед.

Шумо бояд худро ба Масеҳ тобеъ кунед, Ӯро Хӯҷаини худ гардонед, ба Ӯ ҳукмро аз болои ҳаёти худ диҳед (ба Ӯ рӯҳ,ҷон ва тани худро тобеъ кунед), пурра худро ва ҳама чизеро, ки шумо доред. Ҳукми Ӯ дар ҳаёти шумо мутлақ мешавад. Дар он лаҳзае, ки шумо инро мекунед, Худо шуморо аз торикӣ озод мекунад ва шуморо ба рӯшноӣ ва ба ҷалоли Малакути Худ меорад. Шумо аз марг ба ҳаёт мегузаред ва фарзанди Вай мегардед!

Агар шумо наҷотро ба василаи Исо қабул кардан хоҳед, чунин дуоро бигӯед:

*Худои осмон, ман эътироф мекунам, ки гунаҳкор ҳастам ва наметавонам мувофиқи стандартҳои одилии Ту зиндагӣ кунам. Барои гуноҳҳои худ ман сазовори ҷазои абадӣ ҳастам. Раҳмат, ки Ту маро дар чунин ҳолат намегузорӣ, барои он ки ман бовар мекунам, ки Ту Исои Масеҳ, Писари Ягонаи Худро, ки аз Бокира Марям таваллуд шуда буд, фиристодӣ, то ки барои ман ҷон диҳад ва ҷазои маро ба салиб барад. Бовар мекунам, ки дар рӯзи сеюм Ӯ эҳё шуд ва акнун дар дасти рости Ту нишастааст. Ӯ Худованд ва Наҷотдиҳандаи ман. Дар ин рӯз ман дар новобастагии худ аз Ту тавба мекунам ва ҳаёти худро пурра ба Худованд Исо медиҳам.*

*Исо, ман Туро ҳамчун Худованд ва Наҷотдиҳандаи худ эътироф мекунам. Ба ҳаёти ман бо Рӯҳи Худ даро ва маро, фарзанди Худо намуда, тағйир бидеҳ. Ман аз торикие, ки то ин лаҳза дар он будам, рӯй мегардонам, ва аз ҳамин рӯз барои худ зиндагӣ намекунам, балки бо файзи ту барои Ту зиндагӣ мекунам, барои он ки Ту Худро барои ман додӣ, то ки ман то абад зиндагӣ карда тавонам.*

*Раҳмат ба Ту, Худованд. Акнун ҳаёти ман дар дастони Туст, ва, чи тавре ки дар Каломи Ту гуфта шудааст, ман хиҷил нахоҳам шуд.*

Хуш омадед ба оилаатон! Шуморо даъват мекунам, ки ба дигар имондорон дар бораи он ки худи ҳозир бо шумо рӯй дод, нақл кунед. Муҳим аст, ки ба ягон калисои маҳаллӣ, ки дар он ҷо ба Китоби Муқаддас имон доранд, рафтанро сар кунед, ва бо имондорон, ки шуморо дар имон рӯҳбаланд мекунанд, муносибат кунед.

Шумо аз ҳама сайёҳати аҷоибро сар кардед. Бигзор Худо шуморо баракат диҳад, то ки ҳар рӯз шумо дар дониш, файз ва дӯстӣ бо Ӯ ба камол расед.



"Мессенҷер Интренэшнл" ба хотири кӯмак кардан ба одамон, оилаҳо, калисоҳо ва миллатҳо ва зиндагонӣ кардани онҳо бо қуввати тағйирдиҳандаи Каломи Худо  фаъолият мекунад.

Ин тағйиротҳо ба он меовард, ки ҳаёти одамон бо қувват пур мешавад, ҷамъият дигаргун мегардад ва ба беадолатии ин ҷаҳон ҷавоби пурсадо дода мешавад.

---

Cloud Library – ин онлайн-платформа, ки дар ин ҷо хизматгузорон аз тамоми ҷаҳон ба маводҳои электронии рақамии ройгон ба забони модарии худ дастрасӣ пайдо карда метавонанд.

Дар саҳифаи **CloudLibrary.org** шумо маводҳои Ҷон ва Лиза Биверро ба зиёда аз 80 забони дунё озодона дастрас карда метавонед.

Китобҳои электронӣ, омӯзишҳои тасвирӣ (видео) ва сабтӣ (аудио), китобҳои сабтӣ, Китобҳои Муқаддас...

CLOUD LIBRARY

**Бисёртар мехоҳед? Дар инҷо скан кунед:**

# “НЕКӢ *Ё* ХУДО?”

## БАРОИ ЧӢ ЧИЗҲОИ ХУБ, АГАР БА ОН ДАСТИ ХУДО НАБОШАД, КОФӢ НЕСТ?




Агар ин хуб бошад, ин аз ҷониби Худост, дуруст аст?

Дар замони мо калимаи некӣ ва Худо калимаҳои ҳаммаъно шудаанд. Мо фикр мекунем, ки агар ягон чизро ҷамъият хуб шуморад, Худо низ ҳатман тарафдори он мебошад. Саховатмандӣ, фурӯтанӣ ва адолат ин некӣ аст. Худпарастӣ, ғурур ва сахтдилӣ ин бадӣ аст. Фарқият бисёр возеҳ ва равшан аст.

Оё ин ҳама чиз аст? Агар некӣ ҳамин қадар аён бошад, пас барои чӣ дар Китоби Муқаддас навишта шудааст, ки мо некиро аз бадӣ фарқ карда тавонем?

“Некӣ ё Худо?”– ин дастурамали нав барои ёрдам додан намебошад. Ин китоб аз шумо талаб мекунад, ки рафторатонро тағйир диҳед. Он ба шумо барои бо Худо дар ҳамон сатҳ пайваст шудан қувват мебахшад, ки ҳар як соҳаи ҳаёти шумо тағйир меёбад.

Маводҳои дигари Ҷон ва Лиза Бивер ба забони тоҷикӣ
барои шумо дар ин сайт дастрас мебошанд:

CloudLibrary.org

# ЧӢ ГУНА АБАДИЯТ ШУМОРО ИНТИЗОР АСТ?

Чӣ мешуд агар шумо қисми таҷрибае мешудед, ки дар он 24 соати дарпешистода  зиндагии боқимондаи шуморо муайян мекард? Ҳама чиз аз кор то маҳаллу хонае, ки шумо зиндагӣ мекунед, аз он вобаста мешавад, ки шумо он як рӯзро чӣ гуна мегузаронед ? Бо ин 24 соат шумо чӣ мекунед? Оё шумо бо тамоми қувва саъю кӯшиш мекунед ё ин ки ба умеди беҳбудӣ ҳеҷ кор накарда мунтазир мемонед?

Шояд, ин фикр аз ҳақиқат бисёр дур намоён гардад, лекин ин тавр нест. Дар асл он таъсири қарорҳои имрӯзаамонро ба тақдири мо дар абадият нишон медиҳад.

Дар китоби *“Бо абадият ҳаракаткунандагон”* муаллифи он Ҷон Бивер бо воситаи шабоҳат ва матнҳо аз Китоби Муқаддас ба мо тасвири аҷоиберо меоварад, ки чӣ гуна ҳаёти заминии мо абадияти моро муайян мекунад.

Ҳаёт аз нафаси аввал то нафаси охир бисёр муҳим аст. Мунтазир набошед, то дер нашавад. Аз ҳамин лаҳза зиндагии худро  барои ҳамин вақт ва абадият пурарзиш созед.



Ҷон Бивер ва ҳамсари вай Лиза – асосгузорони хизматгузории Messenger International . Ҷон муаллифи китобҳои машҳур ва хизматгузоре, ки бо далерӣ ва оташ Каломи Худо ва ҳақиқатро мавъиза мекунад. Хоҳиши дили вай ин дастгирӣ кардани калисоҳои маҳаллӣ буда, ин маводҳоро ба пешвоёни калисо новобаста аз маҳал, забон ва ҳолати иқтисодии онҳо дастрас карданӣ аст. То ин дам китобҳо ва таълимотҳои сабтии вай  ба зиёда аз 90 забони ҷаҳон тарҷума гашта, миллионҳо нусха дар байни усқуфон ва пешвоёни калисо сар то сари дунё паҳн гардидаанд.

Ин ва дигар маводҳоро дар сайти зерин сабт кунед:
**CloudLibrary.org**

MESSENGER INTERNATIONAL
MessengerInternational.org

Ин китоб аз ҷониби муаллиф тӯҳфа аст.
Барои фурӯш пешбинӣ нашудааст.

CLOUD LIBRARY

Бештар мехоҳед?
Скановат кунед